ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научный журнал**

**№ 3 (39)**
**2025**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ**

**№ 3 (39)**
**2025**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 372/МҶ-97 аз 12 августи соли 2024 ба қайд гирифта шудааст.**
**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**
**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир:** | **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Муовини сармуҳаррир:** | **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Котиби масъул:** | **Мирализода И.Қ. – д. и. ҳ., профессор** |

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **д. и. ҳ., профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Сафарзода А.И.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ғаюрзода Ш.К.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Искандаров З.Ҳ.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Мирзозода П.З.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Камолзода И.И.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Маҳмудов И.Т.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Сулаймонзода М.С.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Қодиров Н.А.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Азимзода С.Ш., Бобозода У.Э.**

**ISSN 2414 9217**

**ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА**
**Научный журнал**

**№ 3 (39)**
**2025**

**Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 372/МЧ-97 от 12 августа 2024 года.**
**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал учреждён в 2016 года, публикуется 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***

| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Мирализода И.К. – д. ю. н., профессор** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Махмудзода М.А.** | **д. ю. н., профессор, академик Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Сафарзода А.И.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Гаюрзода Ш.К.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Искандаров З.Х.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Мирзозода П.З.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Камолзода И.И.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Махмудов И.Т.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Сулаймонзода М.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Кодиров Н.А.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Азимзода С.Ш., Бобозода У.Э.**

**ISSN 2414 9217**

## МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

### НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Холиқзода А.Ғ.** | Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқи инсон: дидгоҳи фалсафӣ ва антропологӣ ба ҳуқуқ | **7** |
| **Азиззода У.А., Дадабоева З.А.** | Правонарушения в частном праве | **27** |
| **Мирализода И.Қ., Бобоев Ф.А.** | Актуальные вопросы кодификации законодательства об информации | **42** |
| **Камолзода И.И.** | Судебная практика и нормотивные правовые акты как взаимодополняюшие элементы реализации общественных отношений | **49** |
| **Қодиров Н.А., Қурбонзода М.С.** | Масоили таъмини амнияти озуқаворӣ дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | **59** |
| **Холиқов И.А.** | Асосҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва мантиқии ташаккули идораи дунявӣ дар давлатдории халқи тоҷик | **72** |
| **Азимзода С.Ш.** | Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рақамикунонии ҷомеа | **81** |
| **Нажмиддинов М.М.** | Масъалаи муайян кардан ва пешгирии хатогии тиббӣ дар амалияи ҳуқуқии муосир | **89** |


### ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)


| | | |
|---|---|---|
| **Диноршоҳ А.А., Ҳалимзода К.Ҳ.** | Озодии мусофират ва бақайдгирии шаҳрвандон дар ҷойи истиқомат: ҳуқуқи конститутсионӣ ва уҳдадории маъмурӣ | **98** |
| **Сулаймонзода М.С.** | Соҳибихтиёрии халқ ва давлат ҳамчун пояи асосии Истиқлоли давлатӣ | **108** |


### ҲУҚУҚИ МАДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)


| | | |
|---|---|---|
| **Давлатмандзода Э.Д.** | К вопросу о формах и видах торгов | **119** |
| **Абдураҳмони Б.** | Баъзе аз масъалаҳои суғуртаи пасандозу амонат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | **132** |
| **Тагайназарзода Р.Д.** | Правоспособность как основа возникновения прав на средства индивидуализации | **142** |

**ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ (ИХТИСОС: 12.00.04) – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.04)**


| | | |
|---|---|---|
| **Асоева Г.А.** | Таърихии пайдоиш ва ташаккулёбии институти сирри бонкӣ | **149** |


**ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ АГРАРӢ (ИХТИСОС: 12.00.06) – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.06)**


| | | |
|---|---|---|
| **Тоҷиддинов М.А.** | Ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқии асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар давраи шуравӣ | **172** |


**ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)**


| | | |
|---|---|---|
| **Назаров А.Қ., Каримзода А.А.** | Таҳлили криминологии хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор ва ангезаҳои дуздӣ дар байни ноболиғон | **191** |
| **Рахмонзода М.Дж. Холикзода Ш.Л.** | Уголовная ответственность за умышленного причинения тяжкого вреда здоровью по уголовному законодательству Республики Таджикистан | **202** |
| **Қурбонзода Б.Ш.** | Мубрамияти пешгирии хатарҳои терроризм ва экстремизм ба ҳаёти ҷомеа | **214** |
| **Рахмонзода М.Ҷ. Мирзозода Қ.Х.** | Пешгирии ғоратгарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **221** |
| **Каримзода Д.** | Мафҳум ва аломатҳои сершуморагии ҷиноятҳо | **233** |


**КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОСИ ИЛМӢ: 12.00.12) — КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (НАУЧНАЯ СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)**


| | | |
|---|---|---|
| **Назаров А.Қ.** | Мафҳум ва моҳияти ташкили тафтиши ҷиноят | **244** |
| **Қодирзода Д.С., Давлатзода Д.Д.** | Баъзе аз хусусиятҳои тактикаи криминалистикии пурсиш дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт | **255** |
| **Саидзода Р.Ҳ.** | Тактикаи пурсиши айбдоршаванда дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт | **262** |

## ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ

| | | |
|---|---|---|
| **Абдухалилзода К.А., Шоев З.Ҷ., Шоев Ф.М.** | Тақриз ба асари илмии тозанашри доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим Ғафор: «Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ». Китоби 1. Нашри дуюм бо тағйиру илова ва таҳрирҳо. – Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – 428 с. | **269** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | Таҷассумёбии арзишҳои миллии ҳуқуқӣ дар баъзе аз принсипҳои асосии қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (бардоште аз китоби тозанашри доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода А.Ғ. «Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ». Дар 2 китоб. – Душанбе: «Эр-граф», 2025) | **275** |

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд** **280**

**Требования, предъявляемые к статьям для опубликования в журнале «Государствоведение и права человека»** **281**

## НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

# ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ВА ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИ ИНСОН: ДИДГОҲИ ФАЛСАФӢ ВА АНТРОПОЛОГӢ БА ҲУҚУҚ

**Холиқзода Абдураҳим Ғафор,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**E-mail:** halim2006@yandex.ru
**Тел.:** (+992) 93-802-05-68

**Муқарриз:** Зоир Ҷ.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқи инсон аз дидгоҳи фалсафӣ ва антропологӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар мақола моҳияти тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз омилҳои калидии ташаккули шахсияти мутамаддин шарҳ дода шуда, робитаи байни ҳуқуқ, ахлоқ, фалсафа ва фарҳанг дар раванди таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон бозтоб ёфтааст. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои нодири таърихӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ кушиш намудааст, ки таъсири ин раванди омӯзишро ба шаклгирии мафкураи солим, тарбияи инсони солеҳ ва рушду такомули фарҳанги ҳуқуқи инсон аз назари умум таҳлил намояд.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқи инсон, фалсафа, антропология, дидгоҳи фалсафӣ, дидгоҳи антропологӣ.

# ПРАВОВОЕ ВОСПИТАНИЕ И ПРАВОВАЯ КУЛЬТУРА ЧЕЛОВЕКА: ФИЛОСОФСКИЙ И АНТРОПОЛОГИЧЕСКИЙ ВЗГЛЯД НА ПРАВО

**Холиkзода Абдурахим Гафор,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения, доктор юридических наук
**E-mail:** halim2006@yandex.ru
**Тел.:** (+992) 93-802-05-68

**Рецензент:** Зоир Дж.М., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В данной статье всесторонне анализируются и исследуются правовое воспитание и правовая культура человека с философской и антропологической точек зрения. Раскрывается сущность правового воспитания как одного из ключевых факторов формирования цивилизованной личности, а также отражается взаимосвязь между правом, моралью, философией и культурой в процессе укрепления прав и свобод человека. Опираясь на редкие исторические источники и юридическую литературу, автор стремится проанализировать влияние данного образовательного процесса на формирование здорового мировоззрения, воспитание нравственной личности и общее развитие и совершенствование правовой культуры человека.

**Ключевые слова:** Право, правовая система, правовое воспитание, правовая культура, правовая культура человека, философия, антропология, философский подход, антропологический подход.

## LEGAL EDUCATION AND HUMAN LEGAL CULTURE: A PHILOSOPHICAL AND ANTHROPOLOGICAL PERSPECTIVE ON LAW

**Kholiqzoda Abdurahim Ghaffor,**
Tajik National University, Faculty of Law, Professor at the Department of Human Rights and Comparative Law, Doctor of Law
**E-mail:** halim2006@yandex.ru
**Phone.:** (+992) 93-802-05-68

**Reviewer:** Zoir J.M., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** In this article, legal education and human legal culture are comprehensively analyzed and examined from philosophical and anthropological perspectives. The article explains the essence of legal education as one of the key factors in the formation of a civilized personality and reflects the interconnection between law, morality, philosophy, and culture in the process of strengthening human rights and freedoms. Drawing upon rare historical sources and legal literature, the author strives to analyze the influence of this educational process on the formation of a healthy worldview, the moral upbringing of an individual, and the overall development and advancement of human legal culture.

**Keywords:** Law, legal system, legal education, legal culture, human legal culture, philosophy, anthropology, philosophical perspective, anthropological perspective.

Дониши инсонӣ аслан аз се сарчашма ва манбаи то имрӯз собитгардида ғизо мегирад ва ҷиҳати тарбияи дурусту ташкили зиндагии арзандаи инсон андеша ва ғояҳои созандаю некбинонаро бо ҳадафҳои мухталиф рӯи кор оварда, бо ин васила ба таърихи зиндагии фардӣ ва

иҷтимоӣ мазмун мебахшад. Мо мехоҳем дар ин навишта таъсири ин раванди омӯзишро ба шаклгирии мафкураи солим, тарбияи инсони солеҳ ва рушду такомули фарҳанги ҳуқуқи инсон аз назари умум таҳлил намоем.

**Сарчашмаҳои гносеологӣ ва онтологии тарбияи ҳуқуқӣ дар қаъри таърих.**

Нахуст, зарур аст хотирнишон намоем, ки ба сифати манбаъҳои устувори дониши инсонӣ – сараввал ақли инсонӣ, сониян таҷрибаи зиндагӣ ва сеюм, эҳсосоти қалбӣ-интуитсия маҳсуб мегарданд.

Ақли инсонӣ ҳамчун воситаи муҳими дарки олами атроф ва баҳогузории рафтори инсонӣ дар муносибат бо табиат, инсонҳо ва олами атроф таърихан нақши ҳалкунанда бозида, дар масири таърих зиёд аз марҳалаҳои бузурги тамаддуну фарҳангҳоро ба манфиати худ ҳал карда, муддатҳо ҳамчун ҳокими яккатози майдони қудрати амалӣ баромад кардааст. Ақл ҳамчун истилоҳи арабӣ ва хирад дар ибтидо ба фаҳмиши вожаи форсӣ[1] ҳамчун сарчашмаи дарк ва таҳлили ҳодисот ва воқеият ҳанӯз аз даврони паҳлавонӣ, ҷаҳонбинии асотирӣ, баъдан динӣ ва дунявӣ на танҳо дар батни ин дидгоҳҳо нақши таҳлилӣ ва марказиро иҷро кардааст, инчунин вай ҳамчун воситаи тамиз ва ҳидоятгари рафтори инсонӣ, ҷамоатҳо ва давлатҳо ба самти расидан ба мақсадҳо ва ҳимояи манфиатҳо рӯҳияи ҳидоятгарро мебозид.

Дуруст аст, ки нақши марказиро дар марҳалаҳои муайяни таърихӣ неруи инсонӣ, асотир, эътиқод иҷро мекарданд, аммо ҷо-ҷо ҳиллаю найрангҳо ва рафторҳои айёронаи инсонӣ дар ҷамоаҳои авлодию қабилавӣ ва баъдан дар зинаи тодавлатию давлатӣ, нақши худро рӯшантар намудаанд.

Ақли инсонӣ такягоҳи аслии худро бо кашфи илмҳо, омӯзиши таҷриба ва рушди илмҳои динӣ тадриҷан афзун намуд. Ақл дар фалсафаи Ҳинд бо омезишҳои ҳикмати буддоӣ, дар Чин бо шохаи макотиби устодони чинӣ – Конфутсий ва Лаотси, дар тамаддуни эллинӣ тавассути фалсафаи Юнон ва ҳуқуқи Римӣ мавқеи худро устувор кард.

Ҳикмат ва сароби ахлоқии фарҳанги ориёӣ дар саргаҳи шохаи бузургӣ тамаддуни ҳиндуориёии Осиё камингоҳи беназири сабзиши ақлро дар паҳнои ҷаҳонбинии заруштия пайдо намуд. Авасто, «Вандидод», «Бундаҳишн», «Шояст нашояст», «Хвешкери редагон», «Дарахти Ассурик», Эъломияи Куруши Кабир ва қаҳрамониҳои беназирии шоҳони Пешдодӣ, Каёнӣ, Модӣ ва Ҳахоманишӣ пойгоҳи устувори сабзиши ақли созанда бо ахлоқ ва рафтори шоистаи инсонӣ гашт.

Ақл нахустин маротиба ногузирии гузариши худро аз колбади устувори тарбияи «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» дар замони зардуштия эҳсос карда, ба маҳдудиятҳои хирадмандона ва назорати бовиҷдонона рӯ ба рӯ гашт. Ақл устоди назорати худро дар арзишҳои болотари некӣ, инсоф, адолат, эътиқод пайдо намуд. Дар он замоне, ки

[1] Дар миёни мутафаккирон роиҷ аст, ки ақлро ҳамчун истилоҳи арабӣ ва хирадро ҳамчун вожаи форсӣ синоними ё муттаъодили ҳамдигар донанд. Ҳарчанд, ки ин фаҳмиш ҷараёни таърихӣ ва воқеӣ дорад, вале рушди оиндаи ин истилоҳот ва фаҳми маъноии он ба назари мо тобишҳои дигарро касб кардааст. Ниг.: Алис С. Ҳонсбергер. Носири Хусрав – Лаъли Бадахшон / Тарҷумаи доктор Фаридун Бадрӣ. Таҳияи матни тоҷикӣ аз Ноёбшои Зӯробек. – Душанбе: «Нодир», 2003. – С. 202-206.

фалсафаи эллинӣ лаҷоми ақлро думболи манфиат аз назорати хирад озод карданӣ мешуданд ва нафароне чанд чун Фалес, Суқрот ҷиҳати ҳимояти он мубориза мебурданд, ҳикмати зардуштия сабзиши онро дар колбади ахлоқ ва назорати некӯпиндорию некӯгуфторию некӯкирдорӣ гузошта буд.

Аммо ин ҳама то даврони дарки навбатии ғолибияти нафсонии ақл буд, ки бо созиши зӯрию ғоратгарӣ, ваҳшонияту ноадлӣ ба ин сарзаминҳои фарҳангӣ ворид гашт. Латмаи нахустинро ба вайронию лобудии он ҳокимияти ақл аз ҷониби тамаддуни Эллинӣ бо ҳидоятҳои илмии фалсафаи юнонӣ ва дастандаркорони он заданд (Искандар ва Арасту). Сиёсати Устоди нахустин китоби рӯи мизии ғоратгар Искандар буд ва худ пири маънавии ин фарҳангсӯз.

Замони Асрҳои Миёна аз беадолатиҳои ақлӣ[2] ва моҷароҳои инсонии дар заминаи он пайдошуда дар муддати муайян дониши динӣ ҳамчун унсури фароинсонӣ дар такя бо арзишҳои ахлоқӣ ва эътимодӣ рӯи кор омад. Насрония, Ислом намунаи олии ин навъи манбаи донишомӯзӣ буданд, ба тафаккури инсон ҳамчун манбаъи дониши динӣ ғизои илмӣ ва ахлоқӣ медоданд. Вале дар Замони Эҳё боз донишу маърифати ратсионалӣ бо иртибот ба дониши эмпирикӣ дар рушди тамаддун нақши бузург бозиданд. Франсуа Бекон дар асри XVI ба рушди эмпиризм такони бузурги илмӣ бахшид.

Ақлгароӣ бо эмпиризм дар асри XX ҳоли дигар навъҳои тафаккур ва манбаъҳои донишро маҳдуд карда, вазъиятро дар кашфи ҳақиқат ба маротиб мушкил гардонида, дар заминаи худбоварӣ ва мустақилиятҳо ба иштибоҳҳои азим роҳ дод. Ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳонӣ дар заминаи дастовардҳои боло ва ғалабаи комили ақлгароӣ дар доираи манфиатҳо рӯи кор омадаанд.

Дар заминаи ислоҳи тундравии ақлгароӣ, ақгароии танқидӣ ҳамчун ҷараёни нави илмҳои иҷтимоӣ рӯи кор омад. Ақлгароии танқидӣ ба таҳлили манбаъҳои дониши ақлӣ дар заминаи дастовардҳои устодони ин роҳ Кант, Гегел, Нисше ва дигарон дар паҳнои илм пардохт. То як дараҷа мувозинати манобеи дониш тавассути назорати ақл таъмин гардид. Аммо, замони модерн ва баъд аз модернӣ бо талаботи навини худ самти рушди илмҳои ҷамиятиро боз дар доираи манфиатҳо тобишҳои нав доданд. Технологияи иттилоотӣ ва компютерӣ ба тарзи худ ба ин раванд навиду набзҳои ҷадидро ворид сохт. Инсон ба тори сеҳру васваса ва афсуни ҳодисаи виртуалӣ, бо кайфияту хостаҳояш гирифтор шуд. Интернет бо саҳифаҳои озоду беназорати худ майдони мубоҳисаи афкори ҷамъиятӣ гашта, «fakenews»-фейкнюс вориди сомонаҳои интернетии фейсбук, твитер, тик-ток, телеграм, инстаграм ва аксуламали бехирадонаи онҳо шуда, озодии матбуотро иллатманд намуда, роҳи кашфи ҳақиқатро ба маротиб мушкилу печида гардонданд. Дар олами ба таҳоҷуми иттилоотӣ гирифторшуда, «дарк ва ҳазми иттилои ҳақиқат, ба қавли муҳаққиқи

[2] Мо беадолатиҳои ақлиро барои он истифода мебарем, ки ақли инсонӣ дар ботини худ ҳам омили суботбахшу созанда ва ҳам фасодкунанда дорад. Барои ҳамин чун ақл бо омилҳо ва обзорҳои манфӣ созиш менамояд унсури ғайриахлоқии он афзун гашта, вай ба беадолатӣ роҳ менамояд.

таҳлилгари таърихи Донишгоҳи Аврупоӣ дар Исроил Ювал Ной Харари, ин неру аст»[3].

Бале, мафкурае, ки дар ин дарёи азими иттилоот ҳақро аз ботил ҷудо карда метавонад, вай неруи фарогир, қудратманд ва ғолиби муборизаҳо мегардад. Раванди рушди иттилоот ва истифодаи мақсадноки он гувоҳӣ аз он дорад, ки оянда ба қудратҳое муталлиқ хоҳад буд, ки иттилои бештар дар даст доранд. Яъне иттилоот ин қудрат аст. Пас агар иттилоъ ин қудрат бошад, табиати ҳуқуқии озодии сухан ва воситаҳои таъминкунандаи он аз назари илми ҳуқуқ бояд чи гуна роҳандозӣ гарданд, ки ба манфиати касею муқобили нафаре роҳандозӣ нашавад. Имрӯз таҷрибаи муносибати мардуми шарқӣ гувоҳи он аст, ки мо ба ин мавҷи пурталотуми иттилооти бепоёни интернетию моҳвораӣ, танҳо думболи иттилои иғвою фитна, таассубу хурофот, роҳати муваққатию оромии тан гирифтор шуда, аз асолати ҳақиқатҳои он, ҳадафҳои он ва дурнамои он берун шудаем. Ин ҳолат ҳикмат ва озодии суханро ҳамчун ҳуқуқ ба хатари бемисл табдил додааст.

Ин ҳолат дар аксари мавридҳо аз нақшаҳои тарҳрезишудаи дастандаркорони техногенӣ берун ҷаста, аҳёнан соҳибон ва манфиатбарони инқилобҳои техногенӣ ва иттилоотиро низ ба ҳайрат мекашад. Ба назари ҳақиқатнигоронаи академик Ф. Раҳимӣ «дар воқеъ, акнун ҳамагон худашон мебинанду мешунаванд, ки селоби бузурги иттилоот рӯи заминро зер кардаву буғаш фазои сайёраамонро печонида гирифта, ҷо-ҷо, ҳатто офтоби ҳақиқатро аз сокинони кунҷковаш панаҳ мекунад. Оре, ҳамин тавр аст асли ҳол, ин воҳима нест. Дар таърих басе омада, ки нияти нек оқибати бадро бор оварда»[4].

Ҳамин тавр, сарчашмаҳоои асосии тарбияи маънавӣ ва ҳукуқии башар дар масири таърих бинобар авомили мухталиф тобишу чолишхои зиёдро дидааст.

**Зарурати такмили тарбияи ҳуқуқӣ ва фаҳми дурусти ғояи онтологии зуҳури хуқуқ**

**Сайри таърихӣ ба масъалаҳои бунёдӣ ва онтологии фаҳми ҳуқуқ**

«Хомо Сапиенс дар даврони таърихии беш аз чилҳазорсолаи худ дар роҳи инсоншавӣ ва иҷтимоъгардӣ мушкилию музаффариятҳои муайянро паси сар кард. Моҳияти табиии ӯ баробари талаботаш рушд карда, савқи табиӣ, рефлексҳояш пайваста такмил ёфт. Шуури инсонҳои бостонӣ дар рӯ ба рӯи табиати беохир дарвозаи функсионалии худро боз намуда, тадриҷан ба инъикоси мутаносиби олами атроф ва акноф шурӯъ кард. Шурӯи инъикоси одӣ не, балки тадриҷан бо таҳлили содагароёна ва маънибандии олами тасвиршаванда.

Равандҳои инсоншавӣ ва иҷтимоъшавии фардҳои нахустин, ки бо қавонини талабот, эҳтиёҷот, заруриёт, ногузирии идомаи ҳаёт, муҳофизати насл ва ғ. вобаста буданд, нахустинсонҳоро водор ба он карданд, ки воситаҳои такмили роҳҳои мухталифи қонеъгардонии талаботи худ ва

[3] Харари Ю.Н. 21 урок для XXI века / Пер.с англ. Ю. Гольдберга. – М.: Синдбад, 2020. – С. 9.
[4] Раҳимӣ Ф. Даъвати созандаю дурандешонаи Пешвои муаззами миллат: рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ асоси пешрафти ҷомеа // Мероси ниёгон. – № 22. – 2020. – С. 102-103.

ҷомеаи сохтаашонро пайдо намоянд. Дар ин раванди тӯлонии ҷустуҷӯ, воситаҳои гуногуни ҳимояю такмили роҳҳои қонеъгардонии талаботи рӯзафзуни инсон ва ҷомеа, чи ақлӣ ва чи ғайриақлӣ, фароҳам оварда шуданд, ки барои рушди минбаъдаи ҷамъияти инсонӣ дар мизони тавозуни муносибот ва баҳогузории ҳодисоти даркшаванда ва даркнашаванда мушкилиҳои нав эҷод кард.

Шаклҳои муносибати инсонҳо бо олами атроф, амалҳои дар заминаи савқи табиӣ пайдошудаи он бо мурури замон талаботи афзояндаи нахустинсонро қонеъ накарда, ӯро маҷбур мекунад, ки аз воситаҳои ғайриақлонии истифодаи табиат ба воситаҳои ақлонӣ ногузир гузарад. Дар ин равиш на танҳо ҳаракатҳои ҷудогонаи стихиявию берабтонаи вай, инчунин низоми муносибатҳои дастаҷамъона ва амалҳои такрорёбандаи муҳимми сатҳи оилавиаш низ рӯ ба таснифбандӣ ва мазмунгирии ақлонӣ овард. Дар ин даврон, тибқи андешаи сотсиологи маъруфи олмонӣ М. Вебер, падидаи иҷтимоӣ фарҳангӣ аз принсипҳои ғайриақлонӣ ва ғайришаклии қабули олами атроф ва танзими муносибатҳо ба принсипҳои ақлонӣ ва шаклҳои расмии қабули олами атроф ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, тадриҷан рӯ меорад.

Одамони нахустин аз зинаи худсудкунӣ ба зинаи додгоҳии нисбатан одилонаи ақлонӣ бо муҳокимаи судӣ гузашта, дарвозаи қаосгирии хунини дастаҷамъиро баста, ба ҷавобгарии фардӣ гузашта, истифодаи принсипҳои ғайриақлонии «важи гарм» ва «важи сард» (ордалия), талион ва мунoқишаҳои дастаҷамъонаи дар заминаи баҳси ҳуқуқӣ пайдошударо нисбатан маҳдуд карданд. Ҷойи ин ҳамаро факту рақам, далелу бурҳонҳо ва қарорҳои аз тариқи созиш бо усулҳои ақлонӣ қабулшудаи ҳакамҳои нахустин ва додгоҳҳои ибтидоӣ иваз карданд. Одамон ҳамчун мавҷуди сотсиобиологӣ тадриҷан бо тавсеаи шуур ва барқарории ҳокимияти судӣ ҷавобгарии бегуноҳӣ, беадолатиҳои ибтидоии савқи табииро, ки аз ҷамоаҳои тодавлатӣ мерос гирифта буданд, аз муносибати иҷтимоӣ дур карда, дар мурофиаҳои судӣ аз ақл, падидаҳои далеловарӣ, исботкунӣ, асосноккунӣ ва дигар воситаҳои ақлонӣ ба таври васеъ истифода бурда мешуд. Ин ҳама ба пайдоиш ва рушди адолати судӣ ва инсоншавии махлуқи дорои шуур хизмати арзанда кард.

Некӯкирдорӣ, Адолат ва Ҳақиқат, ҳамчун ормонҳои ибтидоии зиндагисози инсонӣ дар шаклҳои содаи худ ба бенизомӣ, бадӣ, беадолатӣ, кушторҳо ва дурӯғҳо муқовимат карданд. Савқи табиӣ ва ақлгароии ибтидоӣ зери фишори талабот инсонҳои аввалинро ба ҳаёти мураккаби иҷтимоӣ ворид кард. Асотир, дин, одатҳо, ахлоқ ва ҳуқуқ ҳамчун шаклҳои омехтаи зуҳури эҳсосот ва дарки унсурҳои табиӣ ва ақлонӣ ба «тани» мураккабшудаистодаи муносибатҳои иҷтимоӣ ба сони риштаву пайвандҳои нав шаклу намоҳои тоза бофтанд. Дар ин замина шаклҳои ҳамзистии то таърихии одамони нахустин дар шакли оилаҳои ғайрииқтисодӣ, иқтисодӣ, эндогамӣ ва экзогамӣ бо шакли ташкили зиндагии матрилокалӣ ва патрилокалӣ рӯӣ кор омаданд. Олами инсонӣ тадриҷан мураккаб мешуд.

**Барои мулоҳиза:** Хомо сапиенс ҳамчун навъи хосаи табиӣ ва биологӣ бо тамоми ихтирооти худ, ки аз қалби шуури руҳи фикркунанда мавҷ мезад, дар қолаби дин, ҳуқуқ, ахлоқ ҳамчун маҳсули меҳнати мусбат мубориза беамонро бо неруҳои бадӣ, зулм ва беадолатӣ назаран оғоз кард. Аҷиб он буд, ки ҳамин неруи инкоршавандаи зишт низ маҳсули ихтирооти ҳамон махлуқи табиӣ ва биологӣ буд. Инсон бо вуҷуди мураккабшавӣ ва ҷустуҷӯи роҳи ҳамвори рушди ояндааш муқовимати шадидро бо офаридаҳои манфиии худ оғоз менамояд. Таҳлили таҷрибаи таърихӣ ва рушди тафаккури ақлонӣ гувоҳи он аст, ки ин муқовимат бо вуҷуди ҳама дастовардҳо ва муваффақиятҳояш то ба ҳанӯз аз рӯзномаи зиндагии инсонияти муосир дур нашудааст. Танҳо шаклҳо ва усулҳо дигар шудаанду мазмун ҳамон аст, ки ҳамон. Ин ҳолат ва равиш дар роҳи рушди ҷомеаи инсонӣ ва шуури ҷамъиятӣ масъалаҳои зиёди ҳалталабу тиракунандаи қутби рушди иҷтимоиро тавлид сохтааст. Некӣ ва бадӣ, адолат ва беадлӣ, баробарӣ ва нобаробарӣ, назм ва бетартибӣ, озодӣ ва истибдод, низом ва анархия ҳамчун ду қутби ҳастӣ ва талаботи инсонӣ аз ботин ба ҳар фарди ҷудогона ва ҷомеа таҳдидҳо ирсол менамоянд. Ҳадди эътидол дар миёнаи ифроту тафрит дар шоҳроҳи рушди антропологии инсон азият мекашад. Ин тазоду муқовиматҳои иҷтимоӣ, ки хосияти динамикӣ, диалектикӣ ва дар айни замон дар баъзе аз нуктаҳо муддатҳо хислати устувориро доранд, иллати зотии тафаккур ва хиради инсонӣ мебошанд.

**Истгоҳи фикр ва ё кашфи мушкилӣ**

Агар одамон дар муддати беш аз даҳ ҳазор соли зиндагии тамаддунияшон натавониста бошанд, ки бадиро нест ва ҷангҳоро хомӯш кунанд, беҳуқуқиро хотима дода зулмро нобуд созанд, пас саволҳои зиёде назди инсонияти муосир ва ихтирооти дар самти ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ эҷодкардаи вай пайдо мешавад. Аввал ин, ки чаро инсонҳо, махсусан, нухбагони илму хирад, ба сони беҳтарин офаридаи Коинот ва табиат рисолати оромию ободӣ ва рушди давлату ҷомеаҳоро ба дӯш гирифта, то ба ҳанӯз башариятро аз ин ҷурму иллатҳои манфур халос карда натавонистаанд. Саволи асосӣ ба назди хирад ва ҳуқуқ ҳамчун ду унсури муҳимми танзимгару даъвогари адлу инсоф ва некӯкирдорию баробарӣ гузошта мешавад, ин аст, ки чаро то ба ҳанӯз зулму зӯрию беаодалатӣ ва қатлу кушторҳо на танҳо нест нашуд, балки ҳамчун воситаи ниҳоии дағал ва номатлуби ҳалли масъалаҳои муҳим ҳамоно нақши бориз доранд ва аз ҷониби давлатҳо васеъ истифода мегарданд?

Агар то ба ҳанӯз аришҳои олии инсонӣ, ки ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтаанд, зери таъсири ҳамон як навъ омилҳои субъективӣ маҳв мегарданд; агар ҳанӯз ҳам аксари давлатҳои бузурги олам ва тамаддунҳо дар масири таърих бинобар авомили ҳаммонанди иҷтимоию сиёсӣ нобуд мешаванд[5];

[5] «Аз замоне, ки  дар сатҳи мавҷудияти ибтидоии инсонӣ тамаддунҳои аввалин қомат афрохтанд, яъне тақрибан панҷ ё шаш ҳазор сол мешавад, ки моро Ҷангҳо ва Синфҳо ҳамроҳӣ мекунанд ва аз ҳамон замон то имрӯз ин ду категория мушкилоти ҷиддиро ифода мекарданд.  Аз бист тамаддуне, ки ба муаррихони муосири Ғарб маълуманд, ба ҷуз аз тамаддуни мо, ҳамаашон мурдаанд ё дар ҳолати мурдананд ва вақте ки мо яке аз онҳоро дар охири мавҷудияташ ё пас аз мурданаш ташхис мекунем, мо ногузир мебинем, ки сабаби марги он ё ҷанг будааст, ё муборизаи синфӣ, ё ҷамъи ҳардуи ин сабабҳо. То

агар одамон асрҳо инҷониб зери ҳамон як навъ ангезаҳо ҷиноят содир мекунанд; агар принсипу роҳномаҳои зиндагии якҷояи мо дар ҳалқаи оила, корхона ва ҷомеа мавзун бо адами нобуди арзишҳои монанду эътирофшуда, ба такрор фурӯ мерезанд, пас ин маънои онро дорад, ки хиради мо, аксуламалу васоити таъсиррасонии мо ба ҳаёти воқеӣ, ҳамчун мояи инъикосу тарбиятгари равишҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар сатҳи шуур ва коркарди мафкураи иҷтимоӣ мушкилию ноқисиҳои худро дорад. Мо ҳамчун инсон ва махлуқи намуна механизмҳои дурусту бенуқсро дар даст надорем.

**Мушкилиҳои рисолати тарбияи ҳуқуқӣ дар қаъри ҳуқуқ**

Агар ҳазорсолаҳо инҷониб зери таҳдиди ҷазо, мо мегӯем, ки дуздӣ накун, накуш, зӯроварӣ накун, таҷовуз макун, вале боз, ки ҳамвора ин амалҳоро бо донистани пасманзари ҷазоҳояш содир мекунем, пас ин ҳолат гувоҳи он аст, ки воситаҳои тарбиявию пешгирикунанда ва таъсиррасонии ҳуқуқии мо ба талаботи тарбияи одамӣ ба таври зарурӣ дар сатҳи тамаддун ҷавобгӯ нестанд. Ин ҳолат боиси нигаронии ҷиддии ҳамаи илмҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқшиносӣ аст. Ҳуқуқ бузургтарин ва асоситарин рисолати иҷтимоии худ - тарбияи ҳуқуқиашро ба таври шоиста ва муҳимтарин бори амонати маънавӣ - аксиологияашро ба таври боист иҷро намекунад. **Ҳуқуқ дар умум худро на ҳамчун воситаи тарбияи маънавӣ ва ҳуқуқӣ, балки бештар чун яроқи тарсонидан, воситаи нигоҳдошти низом ва таҳкими қудрати сиёсӣ муаррифӣ менамояд. Мо ҳанӯз аксаран ҳуқуқро аз рӯи тарс иҷро мекунем, на аз рӯи манфиату саодату эҳтироми озодиҳо, Худоро аз тарси дӯзах ибодат мекунем, на аз рӯи муҳаббат. Магар бо чунин тарсӯӣ мо имкон дорем тарбияи ҳуқуқиро дуруст роҳандозӣ намоему имону эътиқодро шоистаи оромии рӯҳамон гардонем. Албатта, не. Чунки дар аввалӣ мо шахси тарсончаку беиродаю ҳиллагарою дар охирӣ тундраву шаклпрасту зоҳирбинро ташаккул медиҳем.**

Дуруст аст, ки дар ин ҳама ҳолатҳои гулугиру печидаи ақлонӣ моро ислоҳоти ба тадриҷу даврии насли инсонӣ наҷот медиҳад. Гӯё мо оҳиста оҳиста дигар мешавем, рушд мекунем ва ислоҳ мешавем. Бале, мо аз даврони Бобои Одам аст, ки ислоҳ шуда истодаем, вале ҳеҷ ба нуктаи ниҳоӣ ва зарурӣ, ки дигар хато накунем, намерасем. Чунки инсон ҳанӯз бо гуноҳу тавба зиндагонӣ мекунад. Гуноҳ мекунем тавба мекунем, боз гуноҳ мекунем тавбаи сахттар мекунем, ҷамъи гуноҳҳоямонро дида ҳаҷ ва роҳҳои дигари хариди гуноҳро ҷустуҷӯ мекунем. Мо дар умум ислоҳ не, балки дар ҳалқаи қонунияти ахлоқиии «гуноҳ-тавба+авф=муъмин-гуноҳ-тавба+авф=мусулмон-гуноҳ-ҳаҷ=ҳоҷӣ…» саргардонем. Шояд ба ин усули зиндагӣ расидан ба маънои инсони комили бехато барои ин махлуқи

---

имрӯз ин ду бало ба андозае марговар буданд, ки аз бист навъи маълуми тамаддун, ин сохти начандон куҳани ҷамъияти инсонӣ, нуздаҳ навъи онро аз байн бурдаанд. Аммо то ба имрӯз як навъ маҳдудияти наҷотбахши ин балоҳо вуҷуд дошт: дар ҳоле ки ин ду бало намунаҳои алоҳидаи тамаддуни башариро нобуд карданд, аммо кулли тамаддуни башариро аз байн бурда натавонистанд. Тамаддунҳо меомаданду мерафтанд, аммо Тамаддун, ба маънои аслии он, ҳар дафъа дар шаклҳои нав ва тоза аз нав тавлид мешуд, зеро новобаста аз он ки таъсири харобиовари Ҷанг ва Муборизаи синфӣ то чӣ андоза бузург буд, он ҳанӯз ҳама чизро фаро нагирифтааст». Ниг.: Тойнби А.Дж. Цивилизация перед судом истории / Пер. с англ.; под ред. д.и.н. В.И.Уколовой и к.и.н. Д.Э. Харитоновича. – М.: «АЙРИС-ПРЕСС», 2003. – С. 280-281.

биологӣ маънӣ надошта бошад. Зеро хатову иштибоҳ бо тавбаву надомат дар чунин қонунияти ахлоқӣ сифати зотии ӯ шудааст. Вале бо вучуди ин, раванди инсонсозии одам аз ҷониби худи хиради инсонӣ гӯё идома дорад. Дар ин ҷараёни инсонсозӣ тарбияи ҳуқуқӣ мақоми авлавиятро ҳамеша барои худ талаб менамояд. Зеро вай бо маҷбуркунии қудрати сиёсӣ ва мақомоти давлатӣ тавассути аксиологияю низоммуқарраркунияш дар доираи манфиати омма бартарию ногузириҳои худро дорад. Ва ҳукуқ ин рисолатҳои дигарашро дар ҳамоҳангӣ дар давараҳои муайяни таърихӣ дар масири навъҳо ва шаклҳои ҷудогонаи давлатдорӣ хубтар иҷро кардааст. Ҳоло зери шиори давлатҳои демократӣ бо «хаёлоти нави оламгири худ»[6] – ҳуқуқи инсон дардҳои моро сабуку фикрҳои парокандаи моро ором менамояд. Ин ба мо гӯё умед мебахшад. Магар чунин худоромкунӣ бар зарари рушди тамаддун ва дарки дурусти хатти инкишофи башарӣ нест.

Ин дар ҳолате аст, ки бузургони мо кӯшиш кардаанд, инсонро ҳамчун бузургтарин махлуқи олам бо ду аломати муҳимму марказияш: яке худшиносӣ ва фаҳми табиати амалҳои неку бадаш ва дуюм, бо дарки табиати амали содиркардааш, ки ният, феъл ва натиҷаи феъли иҷрокардааш ба ӯ мунфаил будааст, тарбия намоянд. Носири Хисрав дар боби маснуоти олам шарифтарин навъи он банни башарро мегуморад. Ин аст, ки номи боби асари «Зод-ул-мусофирин»-ро ин навъ номгузорӣ кардааст: «Аз маснуоти олам шарифтар аз мардум нест, ки зоти ӯ ба феъли ӯ мунфаил аст, ки аломати тамомтарии феъл аст»[7]. Дар ин қавл ӯ инсонро андар олами ҷисм олитарин ва шарифтарин махлуқ ҳисобида, феълҳои ӯро баландтар аз ҳама феълҳо медонад ва далели ин ҳамаро дар ақлонияти инсонӣ, ҳидоят бар амалҳои нек ва пешгирӣ аз амалҳои зишт дар сатҳи тафаккури инсонӣ меҳисобад.

Вале ин хиради башарӣ ва ин маснуоти шариф, алорағми ин гуфторҳои бузургони мо, дар ҳаёти воқеӣ аз аҳди бостон то ба имрӯз қурбониҳои зиёд карда, хатоҳои бешумор содир намуда ва намуда истодааст. Ҳеҷ кас дақиқ гуфта наметавонад, ки дар масири таърих аз рӯзгори нахустин инсонҳо давра ба давра то замони мо теъдоди кушташудагон чи миқдор кам ва ё зиёд шудааст. Вале абзори умум гӯёи он аст, ки теъдоди ҷангу ҷидолҳо ва шумораи умумии қурбоншудагон зери таҳоҷуми ақлгароӣ, худбоварӣ ва дастовардҳои инсонӣ дар замони ақлгароӣ, модерн ва постмодерн назар ба даврони ҳукмронии савқи табиӣ ва ғайриақлонияти наслҳои то таърих ба маротиб афзоиш ёфтааст. Барои мисол, танҳо дар Аврупо, ки қитъаи намунатарини башарӣ маҳсуб мегардад дар ҷангҳои мухталифу мунокишаҳои гуногун дар асри XVII тақрибан 3 млн., дар асри XVIII 5 млн. ва дар асри XIX тақрибан 10 млн. ва дар асри XX в. бештар аз 100 млн. одам кушта шудааст. Дар беш аз ду даҳсолаи асри XXI вазъият ба маротиб ҳузнангез аст.

Давлатҳои зиёде месӯзанд: Ироқ, Сурия, Либия, Яман, Фаластин, Украина, Афғонистон ва дигарон. Дар ҳоли ҳозир беш аз 80 давлати дунё

---

[6] Ниг. муф.: Сэмюэл Мойн. Последняя утопия: права человека в истории / Пер. с англ. А. Захарова. – М.: Новое литературное обзорение, 2024. – 432 с.
[7] Носири Хусрав. Зод-ул-мусофирин. – Душанбе, 2010. – С. 174-181.

ба ҷангҳо бевосита ва ё бавосита ҳамроҳ шудаанд, дар бештар аз 100 давлати дунё актҳои террористӣ тайи чанд соли охир рӯх додааст. Аз рӯи замин шоҳкориҳои дасти инсон, ки ҳазорсолаҳо аз санъату ҳунари он гувоҳӣ медод, бебозгашт нест мешаванд. Арзишҳои моддӣ ба яғмо ба дасти ғоратгарон меравандy арзишҳои маънавию фарҳангӣ аҳамияти худро гум карда беқурб мешаванд. Башар ҳолоти вазнини буҳронии маънавию ҳуқуқии худро паси сар менамояд. Мардумони зиёд ба хотири оромии зисту тани сиҳати худ ва фарзандонашон макони зисти худ, хонаву дар ва ватанашонро иҷборӣ тарк мекунанд. Танҳо дар соли 2017 тибқи иттилои СММ шумораи гурезагон дар олам ба 68,5 миллион одам расидааст[8]. Қисмати аксари онҳо ноболиғонанд.

Таассуфовар ва мушкилии асл он аст, ки ин ҳама бадбахтию нооромиҳоро ба сари фарзандони одам касе аз берун ва ё аз саёраи дигар бор намекунад, балки ҳама аз дасту амалкардҳои худи насли инсонӣ аст. Пас мушкилии асли мо ва бунбасту нооромиҳоямон аз худи мост на аз хориҷ. Душмани башар худи башар шудааст, на каси дигар.

Тибқи хулосаи амиқи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «…моро пасманзари нохуби ҷанги сард дар шароити нав бо авҷи қудратҳои нави иштиҳои оламгирона пайдонамуда, ки ба такмили гушношуниди ярокҳои қатли ом даст задаанд, интизор аст. Танҳо дар чанд соли охир беш аз сад давлати дунё бо ҳуҷуми террористии аз хориҷ идорашаванда рӯ ба шуданд. Воқеият чунин аст, ки ҷуғрофиёи ноороми ба тариқи ғайричашмдошт тавсеа меёбад. Таҳдидҳои бузурги фаромиллӣ ба асосҳои бунёдии низому тартиботи ҷаҳонӣ фишор меоранд. Принсипҳо ва қоидаҳои умумии эътирофшудаи низоми байналмилалӣ ба фоидаи кишварҳои ҷудогона беқурб мегарданд. Идомаи ин тамоюл ба нооромии минтақаҳои мухталифи олам мусоидат карда, ногузир ба таркишҳои амиқи иктисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳарбӣ анҷом пазируфта, амнияти оламро халалдор хоҳанд сохт»[9].

Саволе ба миён меояд, ки инсон, ин махлуқи даъвои доштани ақлу шуур ва тафаккур намуда, ба кадом самт ҳаракат дорад. Ба самти ободӣ ва ё худкушӣ дар заминаи нафс. Натиҷаҳо дар умум гӯёи он аст, ки ба самти охирӣ. Чӣ бояд кард?

Ҳанӯз дар интиҳои асри XX нависандаи машҳур ва дорои руҳи бузурги эҳсоскунандаи набзи башарӣ, дӯст ва бародари Мирзо Турсунзодаи мо, Чингиз Туракулович Айматов дар сухани ифтитоҳии худ дар ҳамоиши Форуми ҷаҳонии намояндагони фарҳанг дар Иссиқ-Кӯл (соли 1986) бо эҳсосоти дурбинона ва дарки ояндаи фарҳанги башарӣ гуфта буд: «Дар муқобили таҳдидҳои бесобиқаи ҳаёт мо одатан ба хирад такя мекунем. Дар воқеъ мо ба хирад ба нуктаи волои фароҷаҳонии он ҳамчун ҷавҳар ва масъули олии рушди маънавии башар, ки моро аз таҳдидҳо, хатарҳо ва шикастҳо ҳимоя мекунад, такя мекунем. Дар асл гирем, хирад

---

[8] Ниг.: Сайти интернет: http://docplayer.ru/76691124-Doklad-verhovnogo-komissara-organizacii-obedinennyh-naciy-po-delam-bezhencev.html

[9] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017.

ин худи мо ҳастем. Шукронаи ҳастӣ мекунем, ки хиради мо қудрат ба худтараққии бесобиқа ва беинтиҳоро дар шакли таҳаввулоти абадӣ доро аст. Ин таҳаввулоти интеллекуталӣ бо суръати баланд дар шароити имрӯзи тазоду мунокишаҳои фарҳангӣ, мақомҳои баландтареро касб намуда, эҳсос мешавад, ки ба зинаи нави рушд кӯшиши ҷаҳидан дорад. Имкон дорад ин ҷаҳиши ақлонӣ, ин кӯшиши ҷиддӣ дар самти худҳимоятӣ бошад. Кӯшише, ки дар мубориза барои ҳастӣ инсони хирадмандро ба инсони ҳаким ногузир табдил медиҳад»[10]. Аз назари фикрӣ ва аз назари мантиқи дискурсивӣ ин назар дуруст менамояд. Чингиз Туракулович нахустин аломатҳои ифлосии экологии саёраи моро дарк мекунанд, вале ба он бевосита ишора накарда роҳи халосӣ аз онро дар кудрати хирад ва гузариши он ба зинаи ҳикмат ва ҳакимӣ мебинанд. Албатта, фаҳми худи инсони хирадманд аз инсони ҳаким то ҷое муаммо аст. Вале масъалагузорӣ дар ин паҳно диққатҷалбкунанда ва ҳакимона аст. Мо ҳуқуқшиносон дар қиёс бо файласуфон дар ҳар амал ва зуҳури падидае омил ва сабабҳоро ҷӯё шуда ба иртиботи он ба ақли инсонӣ таваҷҷуҳ мекунем. Зеро маҳз ҳамин иртибот масъулияти ҳуқуқиро барои мо тавлид месозад. Вале устоди шодравон дар бораи таҳдиди мушкилии абтрактие ҳарф мезанад ва роҷеъ ба неруе ишора мекунад, ки имкон дорад бо ин бадӣ муқовимат намояд. Вале сарчашмаи он бадӣ номаълум аст. Шояд барои шахсияте чун Чингиз Айтматов вай фаҳмост, вале барои хонанда на то ба охир. Агар ба масъалагузории устод аз дигар тараф нигарем, ки «худи хирад мо ҳастем», пас ҳамаи мушкилиҳо, ҷангҳо, бетартибиҳо дар ҳаёти мо на аз берун, балки то дараҷае маҳсули заҳмати ҳамин хиради мо низ ҳаст. Яъне хирад ва инсони хирадманд ба талаботи нави ҷамоаи инсонӣ ҷавоб дода наметавонад, барои ин даврон на инсони дорои ақл ва ақлгаро (ба назари мо Чингиз Турақулович ҳамин ақлгароии тундравонаи тафохуромезро мадди назар дорад, зеро хирад дар ин масъала баландтар аз ақл аст), балки инсони ҳакиму хирадманд зарур аст, ки бо фалсафаи ахлоқу хираду ҳикмат мусаллаҳ бошад. Маҳз ба ҳамин хотир хирадманди дигар Акбар Турсунов ишора мекунад: «аспи тезпои аз назари касбият маҳдудшудаи ақл, ки аз лаҷоми ахлоқ озод шудааст, тозандаи манфиатдори иҷтимоиро ба зинаи таҳаввулоти сарбаста овардааст…»[11].

Банда низ ҳамчун ҳуқуқшинос решаи ин буҳрони фарогири муосирро дар худкомагиҳои ақли инсонӣ, аз ин бузургтарин неъмат ва қудрати инсонӣ мебинам, ки хатоӣ ва иштибоҳашро нодида мегирад. Худкомагӣ ва тафохур ба ӯ имкон надодааст, ки иштибоҳи худро эътироф кунад ва ислоҳ намояд, зеро вай лаҷоми хиради ахлоқӣ ва эътиқодиро раҳо кардааст. Ин ҳолати ақл таъсири манфии худро ба шаклҳои ҷаҳонбинӣ аз ҷумла ба ҳуқуқ низ расонидааст. Ин аст, ки ҳуқуқи як тамаддун бидуни ба инобат гирифтани ҳуқуқи халқу миллатҳои муайян домони худро то ҳарими ҳарами манфиатҳои давлатҳои дигар густурда карда, зери шиори арзишҳои башарӣ манфиатҳои минтақавӣ ва гуруҳии миллату халқиятҳои

[10] Ниг.: Турсон А. Всемирно известный писатель с всемерно отзывчивой душой // Народная газета. – 2018. – 12 дек. – С. 6.

[11] Турсон А. Всемирно известный писатель с всемерно отзывчивой душой // Народная газета. – 2018. – 12 дек. – С. 6.

ҷудогонаро ҳукмрон кардааст. Мафкураи мустамликадорӣ бо либоси нави «арзишшиносӣ ва раҳмхорагӣ» манфиатҳои давлатҳои миллиро дар фазои давлатҳои демократӣ ва ҷомеаҳои шаҳрвандӣ осон ба харобӣ кашидааст. Ягона восиати муасири ҳимоя аз ин балои ҳукмронии ҳуқуқӣ дар фазои давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвнадӣ киштани тухми ҳуқуқи миллӣ бо ахлоқу маънавиёти миллӣ аст, ки ҳакимона аслияти миллату давлатҳоро дифоъ созад. Зеро туҳфаи иҷтимоӣ ба асптозе, ки аспаш аз лаҷоми хираду манфиатҳои миллӣ хато хӯрдааст, дар ин самти озодии ҳаракат дар шакли принсипҳои хоми ҷомеаи сармоядорӣ мусоидат намудааст. Лаҷоми ахлоқию эътиқодии замоне Форобию Берунию Синою Ғаззолӣ ва ақлонии Гегелу Канту Руссою Монтескё, ки ба гардани ин ақли саркаш зада буданд, инак, аз сари ин аспи ақли тезком раҳо шудааст. Ин аст, ки оядаи истгоҳи вай барои зиёиёни башар тира намудор мегардад.

Маҳз ана дар ҳамин ҳолати буҳронӣ ақли мо мехоҳад, материяи ҳуқуқро ягона бо сифати том барои ҳамаи башар якгуна шиносаду як консепсияи умумии шинохти ҳуқукро барои ҳамаи давру замон коркард карда, модели намунаи беиштибоҳи онро барои тарбияи инсоният пешкаш намояд.

Магар ҷавҳаре, ки худ дар ҳолати иллату нуқсҳо қарор дорад, имкон дорад падидаи бенуқсеро рӯи кор оварад. Раванди ақлгароӣ ва шаклгароии ҳуқуқ бо ҷанбаҳои мухталифи таззодмонанди худ гӯёи он аст, ки бо чунин ҳолати мунокишаи манфиатҳо ба гумон аст, ки хиради дар лаззати манфиат ва сармоя мадхушшудаи мо бароямон ба танҳоӣ ҳуқуқи намунаро пешниҳод намояд. Қабл аз дарёфти ҳуқуқи намуна, ки қудрати тарбияи инсони намунаро доро аст, моро зарур аст, ки сарчашмаи он, яъне хиради худро аз ин кашишҳои нафсонӣ ва зарари манфиатҷӯӣ табобат намоем ва онро аз иллатҳои дигари зотӣ ва пайвандӣ халос созем. Яъне сухан дар бораи фалсафаи сирф назарӣ не, балки роҷеъ ба васли таълимоти назарии ҳуқуқ ба амалияи ҳуқуқӣ ва гирифтани ҳосили амиқ дар шакли тарбияи инсони солеҳ, худшиносу ватандӯст меравад. Ҳуқуқ ҳамчун маҳсули хиради иллатпазир худ нуқсдор шудааст. Масъалаҳои озодии бесарҳад, ҷинсивазнамоӣ, ҳамҷинсгароӣ, тазоди худмуайянкунӣ бо ҳуқуқи якпорчагии давлат, тазоди манфиатҳои шахсӣ ва гуруҳӣ аз зумраи монеаҳои ин роҳи ташаккули ҳуқуқ аст. Вале бо вуҷуди ин, ҳуқуқ то ба ҳанӯз ягона воситаи асосии таъсиррасонии мусбати давлат ба равандҳои иҷтимоӣ боқӣ мемонад. Давлат бе ҳуқуқ рисолати худро иҷро карда наметавонад. Маҳз ҳуқуқ ба одамон озодӣ, оромӣ ва саодати созиширо дар ҷомеаи гуногуннамо ваъда медиҳад ва то сатҳе таъмин мекунад.

Дуруст аст, ки мо дар воқеъ ҳанӯз дар масофаи дур аз он ҳолате ҳастем, ки хоҳиши оромии руҳии мо ва ҳуқуқ баробар зуҳур намоянд. Мо шояд ба ҳуқуқ бо усули априорӣ тимсоли Кант назар менамоем, ва он чизеро ба сифати ҳуқуқ шинохтанӣ мешавем, ки ҳанӯз ба мо дастрас нест. Аз ин хотир, моро зарур аст, мақулаҳои «ҳуқуқ он тавре, ки вай ҳаст» ва «он тавре, ки вай бояд бошад»-ро нахуст бояд дуруст ва мантиқӣ тамиз

намоем[12]. Ва ҳамчунин муайян намоем, ки ба дӯши кадоме аз онҳо дар асл мо рисолати тарбияи ҳуқуқро комилан гузоштанием. Яъне масъала сари шинохти асли ҳуқуқ меравад, ки вай оё ба табиати инсон дар ҳама шароит якхел ҷавобгӯ буда метавонад ва ё не. Гуногунии гилеми тамаддуну фарҳангҳо ба мо намоиш медиҳад, ки саодату оромии халқу миллатҳо на танҳо вобаста аз таърих, балки бештар аз он аз симмати тобеияти фарҳангӣ ва эътиқодӣ имкон дорад, умумият пайдо нанамояд, вале дар як маврид бо нотакрорию озодиҳои рушдашон саодати умумро тавлид созад. Дар чунин сурат ҳатто дар мубрамтарин масоили ҳуқуқӣ, ки бевосита ба инсон сару кор дорад, яъне ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон мо ба шинохти параметрҳои ягонаи он расида наметавонем. Релятивизм ҷанбаи фарҳангии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҳама сурат вобаста ба шароити замону макон ва урфу одатҳо аз худ дарак медиҳад.

Ҳамин тавр, хиради мо дар шинохти ҳуқуқ ҳамчун маҳсули заҳмати худ ба мушкилие рӯ ба рӯ мешавад, ки вай дар батни ин ҷавҳар ҳалли худро пайдо карда наметавонад. Мушкилӣ сари он аст, ки маҳсули заҳмати хиради инсонӣ танҳо дар доираи озу ниёзи худи он, яъне инсон ҳалли худро намеёбад, вай объективан тобеи шароит ва замону макон мегардад. Ба ин ҳолат манфиатҳои табдилшаванда таъсири худро мегузорад.

**Барои ин, ки ин тамоюлро дуруст дар самти тарбияи инсони солеҳ ва муосир мақсаднок истифода намояд, қабл аз ҳама илми хуқуқро зарур аст, ки зиёд аз назару қоидаҳои шинохту фаҳми худро дар саргаҳи таносуби ақл, озодӣ, манфиат ва боварҳои ботинӣ таҷдиди назар намояд.** Муҳим он аст, ки илми хуқуқ барои дарёфти саодати асли инсон кӯшишҳо намояд, саодате, ки лаҷоми ҳама кашишу озҳо ва талабу тамоюлҳои маънавӣ ва биологии инсонро аз дуриҳои дури ғояи идеалӣ бо қонунҳои мантиқӣ ва илмӣ қудрати идора ва назорат карданро дорад. Барои ин моро зарур аст, ки ба метафизикаи зоиши некию бадӣ, ки дар ниҳоди инсон нуҳуфта шудааст, ҷиддитар назар намоем, то ин ки шохроҳи тарбияи ҳуқуқиро аз ботин ҳамвору мусоид гардонем.

**Назаре ба таҷрибаи ислоҳи маънавӣ ва тарбияи ҳуқуқии ниёгон**

Ба назар чунин мерасад, ки аз назари антропологӣ ва фалсафӣ мушкилиҳои тарбияи ҳуқуқии инсон ҳамчун ҷузъи тарбияи маънавӣ, иҷтимоӣ ва рукни ташаккули сифатҳои антропологии одам дар тамоми таърихи равоншиносию худшиносии ӯ аз ӯ дар асл ҷудо набудааст. Инсонҳои равшанфикри гузашта, ба вижа тоҷикон низ дар кори ислоҳу таъбиру тадбири маънавӣ ва ҳуқуқии он корҳои зиёд намудаанд.

**Бузургони мо на танҳо бо табобати ҷисму тан машҳури олам шудаанд, навиштаҳои онҳо дар тарбияи рӯҳ, нафс ва рафтори инсонӣ низ шоистаи таҳсин аст. Танҳо зарур аст, ки дар силсилаи тарбияи маънавӣ ва ҳуқуқӣ ин анъанаи неки ниёгонро дуруст ҳазм намоем. Намунаи олии ин тамоюли маърифатӣ ва тарбиявӣ «Китоби Шифо»-и Ибни Синост.**

Китоби бузурги «Шифо»-и бобоямон Абӯалӣ ибни Сино, ки ба масъалаҳои мантиқ, табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт бахшида шуда, дар

[12] Дар матни масъалаи мавриди баҳси миёни Г.Л.А. Харт ва Оливер У Холмс. Ниг.: Харт Г.Л.А. Философия и язык права. – М.: Канон, 2017. – С. 20.

қисмати илоҳиёти он масоили суннати танзими хонаводагӣ ва одоби riяoи қонунияти давлатӣ дар алоҳидагӣ ба онҳо васл карда шудаанд, худ гӯёи равшани тарбияи маънавӣ ва маърифатии инсон аст, ки зери тамоюли фаҳми органикии ҳуқуқ ва давлат сурат гирифтааст. Ногуфта намонад, ки роҷеъ ба номгузории аҷиби Абуалӣ ибни Сино, ки равиши худро дар адабиёти илмии Мовароуннаҳру Хуросон надошт, олимони ҷудогона низ фикрҳои мухталифи ночаспон гуфтаанд. Махсусан, доктор Иброҳим Мадкур дар «Муқаддима»-и ба китоби «Шифо» навиштааш зиёд нуктасанҷона ба номгузории ду асари бузурги Ибни Сино эътибор дода, дар он ихтилофи маъноӣ дидааст[13]. Вале ба назари мо дар таснифоти илмӣ ва номгузории асарҳои бузурги «Қонуни тиб» «Шифо» -и Ибни Сино хеҷ ихтилофу таззоди маъногӣ нест. Баръакс, Ибни Сино илмро дар ҳамбастагӣ бо амал таҳлил ва тасниф намуда, роҳи дастрасии илмҳои назариро то тарбияю, тадбири инсони худогоҳу худшинос, манзилдори хирадманд ва шаҳрдору давлатдори одилу оқил тавсеа додааст. Китоби «Шифо» ин дармонбахши тафаккур, воситахои илмии шинохти олам ва усули муносибат бо акнофу атроф аст.

Нахуст дар китоби «Шифо» бо баррасии масоили мантиқ Ибни Сино тафаккури инсонро аз омезишҳои беҷо ва равишҳои нодуурсти илмӣ халос намуда, ба наслҳои оянда тамизи дурусти некию бадиро омӯхт. Бо баррасии табииёт олами зинда ва акнофу атрофро ба инсон илман шинос намуда, сарчашмаи онҳоро ҳамчун офаридаи Ақли кулл бо мақосиди муайян масъалагузорӣ карда, ба насли инсонӣ муносибати дуруст намуданро бо он ҳама таълим дод. Риёзиётро дар он баррасӣ намуда нақши илми ҳисобу китоб ва дигар илмҳои дақиқро дар муайян намудани мақоми инсон дар кайҳон муайян кард. Илоҳиётро таълим дода на танҳо шинохти Офаридгорро илмӣ матраҳ намуд, балки ба табобати рӯҳи инсон пардохт. Тадбири манзилро масъалагузорӣ намуда оромии хонадонро дар кори тарбияи инсон муҳим муқаррар кард ва ниҳоят риояи қонуну қонуният ва эҳтироми низоми давлатро баррасӣ намуда, оромии ватанро асли муҳимми ислоҳ ва тарбияи инсони солеҳ шумурд. Ҳамин тавр Ибни Сино на танҳо дар табобати ҷисми инсон, балки дар табобату тарбияи ақли инсонӣ, ташаккули илмӣ ва маънавӣ, беҳдошти ҳолати рӯҳи башарӣ ва расму оини манзилдорию давлатдорӣ ҳамчун рукнҳои муҳимми тарбияи солими инсон махсусан таваҷҷуҳ кардааст, ки ҳамагӣ ба тарбияи ҳуқуқии инсон дар консепсияи шарқии фаҳми ҳуқуқ таъсир доранд.

Яъне, гуфтан мумкин аст, ки дар «Шифо» Ибни Сино ба табобати бузургтарин қисмати олами ҳастӣ нафс, ақлу хиради инсонӣ бахшида шудааст, ки онҳо дар навбати худ омили аслу устувории тарбияии ҳуқуқии шаҳрвандон аст. Инсони муосирро бе ба инобат гирифтани ин ҳолатҳо ба гумон аст, ки дар роҳи дурусти фаҳми ҳуқуқ тарбияи мувофиқ намуд. Ибни Сино ҳануз дар ҳамон замони асрҳои миёна дар заминаи омӯзиши фалсафаи Юнон эҳсос мекунад, ки донишҳои замонааш ва оламшиносии давронаш то ҷое аз назари илмӣ ва маънавӣ бемор аст, шубҳаю

---

[13] Ниг.: Иброҳим Мадкур. Муқаддимаи «Шифо». Ниг.: Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди панҷум. – Душанбе: «Дониш», 2009. – С. 21.

**Аннотация:** В современное время в связи с усилением процессов глобализации и возникновением ее негативных последствий, а также изменением климата, в частности, нехваткой воды и чередой засух во многих странах мира, ростом цен на продовольствие на первый план выдвинулся аграрный сектор, продовольственная безопасность которого неразрывно связана с развитием и совершенствованием этой отрасли. Особенно для Республики Таджикистан становится все более важным принятие и реализация различных мер по обеспечению продовольственной безопасности страны. В данной статье анализируются и делаются выводы из посланий Президента Республики Таджикистан относительно обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** Президент Республики Таджикистан, послание, продовольственная безопасность, Маджлиси Оли, сельское хозяйство, мясные продукты, зерно, земля, безопасные продукты.

## ISSUES OF ENSURING FOOD SECURITY IN THE MESSAGES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Qodirov Nekruz Abdulmajidovich**,
Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of International Law, Candidate of Legal Sciences, docent
**Phone.:** (+992) 905-80-86-86
**Email:** master.nek@mail.ru

**Qurbonzoda Muhammad Saimahmud,**
Tajik National University, Faculty of Law, 2-year PhD student at the Department of International Law
**Pone.:** (+992) 986-76-98-98
**Email:** qurbonzoda1111@gmail.com

**Reviewer:** Qodirqulov Kh.R., Candidate of Legal Sciences, docent

**Annotation:** In modern times, due to the intensification of globalization processes and its negative consequences, as well as climate change, in particular, water shortages and a series of droughts in many countries of the world, rising food prices have brought to the fore the agricultural sector, whose food security is inextricably linked to the development and improvement of this industry. Especially for the Republic of Tajikistan, it is becoming increasingly important to adopt and implement various measures to ensure the country's food security. This article analyzes and draws conclusions from the messages of the President of the Republic of Tajikistan on ensuring food security in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** President of the Republic of Tajikistan, message, food security, independence, food, Majlisi Oli, agriculture, meat products, grain, land, safe products.

Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои афзалиятноки стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз солҳои аввали соҳибистиқлол гардидани мамлакат масъалаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти сифатан баланди ғизоӣ ва бехатарии озуқавориро вазифаи муҳимми Ҳукумати ҷумҳурӣ муқаррар намуда буданд.

Конститутсияи соли 1994 бо ислоҳоти конститутсионӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон намуда, ҳамчун давлати иҷтимоӣ таъмини шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар инсон ва шароити инкишофи озодонаро ҳадафи марказии худ интихоб намуд.

Ислоҳоти конститутсионӣ ва рушди низоми ҳуқуқӣ таҳти роҳбарии бунёдгузори давлати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низоми ҳуқуқии кишварро ба низоми ҳуқуқии давлати комилан мустақили миллӣ табдил дод[68].

Тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 1999 воридгардида, ба ташаккул ва инкишофи институти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуданд. Конститутсияи мамлакат тибқи моддаи 55[69] ҳуқуқи бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» баромад намуданро дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муносиб донист.

Аввалин олиме, ки дар мамлакат дар робита ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом додааст номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ф.С. Сайнозимзода мебошад. Ба андешаи мавсуф Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии

---

[68] Ниг.: Хушвахтзода Қ.Х. Пешвои миллат ва ташаккули истиқлоли давлатӣ // Пешвои миллат ва рушди давлатдории миллӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: «Сомон-Принт», 2023. – С. 50.
[69] Ниг.: Моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/ (санаи мурочиат: 29.06.2025).

сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки ҳамасола дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегардад, ҳамчун санади муҳимму умдаи сарвари давлат дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии мамлакат ҷойгоҳи хоссу намоёнро ишғол менамояд[70].

Ҳамзамон Ф.С. Сайнозизода, дар рисолаи худ қайд менамояд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ тибқи қисми сеюми моддаи 55 ва банди якуми моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин маротиба 27 апрели соли 2000 бо Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад карданд ва дар он роҷеъ ба вазъи ҳаёти сиёсии ҷомеа, масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, волояти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, сиёсати хориҷӣ ва дар маҷмуъ, ҳадафҳои стратегӣ ва пешомадҳои чанд соли наздики мамлакат дидгоҳу назари хешро изҳор намуданд[71].

Инчунин доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи АМИТ С.С. Ятимов Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, онро ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ, ҳуҷҷати барҷастаи таърихӣ, ҳуҷҷати стратегӣ ва санадиояндасоз меноманд[72].

Ба андешаи номзади илмҳои сиёсӣ П.Р. Нуриддин, дар Паёми Президент ба Маҷлиси Олӣ масъалаҳо оид ба вазъи умумии давлат баррасӣ мешаванд, мавқеи расмӣ нисбат ба масъалҳои мубрами ҳаёти имрӯза муайян карда мешавад, дарки президентӣ аз воқеияти сиёсӣ, усули ҳалли масъалаҳо пешниҳод мешаванд, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат муайян карда мешаванд ва аз корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ мешавад. Дар Паём масоили мубрами сиёсӣ (дохилӣ ва байналмилалӣ), масъалаҳои сохти сиёсӣ ва иқтисодӣ инъикос меёбанд, ба сиёсати иҷтимоӣ, масъалаҳои демографӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад[73].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ соли 2004 қайд намуда буданд, ки ҳадафу вазифаҳои дар асоси Паёми Президент муайяншуда моҳиятан барнома ва дурнамо барои даҳсолаҳо мебошанд.

Бинобар ин, ба андешаи мо Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати муҳими барномавӣ, ки дорои хусусияти ҳуқуқӣ ва сиёсӣдошта мебошад, чунки дар Паём масъалаҳои гуногун вобаста ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор дода мешавад ва аксаран Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз зимни ироаи Паём аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории

---

[70] Ниг.: Сайнозимзода Ф.С. Аҳамияти сиёсӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – С. 7.

[71] Ниг.: Сайнозимзода Ф.С. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 9.

[72] Ниг.: Ятимов С.С. Паёми пешвои миллат ва масъалаҳои рушди давлат // Ҷумҳурият. №21-22, 29.01.2019 с.

[73] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун шакли ифодаи рушди давлат (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mo.tnu.tj/tj/pajomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-chun-shakli-ifodai-rushdi-davlat/. (санаи муроҷиат: 23.06.2025).

хеш истифода менамоянд ва дар ин робита ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру супоришҳои дахлдор медиҳанд. Ғайр аз ин, дар Паём ҳатман ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, таъмини амнияти озуқавории мамлакат, таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Аз таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол маълум аст, ки бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ давоми солҳои 1991-1997 таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои пешбарандаи иқтисодиёти мамлакат имконнопазир буд. Аз ин ҷост, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ин давра ду маротиба коҳиш ёфта буд. Дар ин марҳилаи таърихӣ ба Тоҷикистон ва мардуми он қаҳтиву гуруснагӣ, нооромӣ ва парокандагӣ таҳдид менамуд[74].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 30 апрели соли 2001 соҳаи кишоварзиро яке аз соҳаҳои афзалиятноки мамлакат арзёбӣ карда, таъкид намуда буданд, ки Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги об, шароити мусоиди иқлим барои зироаткорӣ ва чорводорӣ мебошад, ҳамчунин, мо қувваи барзиёд ва арзони корӣ дорем. Аз ин рӯ, ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор рафта, рушду тараққиёти онро дар деҳот, ки аксари аҳолӣ он ҷо зиндагӣ мекунанд, дуруст ва самаранок бояд ба роҳ монд. Ҳамчунин, дастрасии кишоварзон ба қарзҳои хурд махсусан дар деҳот муҳим шуморида мешавад[75].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2002 аз хатарҳои замони муосир пешгирии хатарҳои экологӣ, сарфаҷӯиии захираҳои оби нӯшокӣ, рафъи гуруснагӣ ва дигар проблемаҳои дорои хусусиятҳои умумибашарӣ ёдовар шуда, роҳи ҳаллӣ ин мушкилот ва манбаи асосии болоравии иқтисодиёти ҳар як давлатро пеш аз ҳама ба афзудани ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ рабт доданд[76].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2003 боз ҳам аз вазъи ҳассосу таҳавуллотҳои нигаронкунандаи асри 21 ёдоварӣ намуда ҷиҳати паст намудани дараҷаи факр ва гуруснагӣ аз давлатҳои мутарракии ғарб даъват ба амал оварданд, ки ба давлатҳои ақибмонда кумакҳои хешро дареғ надоранд. Дар идомаи суханронии хеш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳ намуда қайд намуданд, ки дар натиҷаи татбиқи сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон дар бахши ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла дигаргунсозиҳои сохторӣ дар истифодаи замин ва таъмини устувори бехатарии озуқаворӣи кишвар соли 2002 ҳаҷми умумии маҳсулот 15 фоиз афзуд. Бо мақсади расидан ба натиҷаҳои минбаъдаи мусбӣ дар соҳаи кишоварзӣ тезонидани ҷараёни ислоҳот аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин аст. Яке аз проблемаҳои асосие, ки имрӯз дар соҳаи кишоварзӣ вуҷуд дорад, ин тақсими одилонаи замин

[74] Ниг.: Ҳакимзода Қ. Нақши Пешвои миллат дар таъмини амнияти озуқаворӣ // Пешвои миллат ва рушди давлатдории миллӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: «Сомон-Принт». 2023. – С. 299.

[75] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 30.04.2001 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 01.06.2025).

[76] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22.04.2002 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 02.06.2025).

мебошад ва замин бояд пеш аз ҳама ба шахсоне дода шавад, ки истифодаи мақсаднок ва самараноки онро таъмин карда тавонанд[77]. Тақсимоти ғайриодилонаи замин дар мамлакат сабаби ба миён омадани камбудиҳои зиёд дар соҳҳаи кишоварзӣ гардида, инчунин, боиси ташвиши ҷиддии кишоварзон гардидааст[78]. Дар соли 2004 инчунин, бо мақсади рушди соҳаи кишоварзӣ қарзи хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки 134 миллион сомониро ташкил медод, аз ҳисоб бароварда шуданд. Дар ин замина бо ибтикори Пешвои миллат дар Тоҷикистони тозаистиқлол ҳадафи стратегӣ, «Таъмини амнияти озуқаворӣ қабул гардид».

Таъмини истиқлолияти озуқаворӣ вазифаи умумимиллӣ ва омили муҳими пешрафти кишвар аст. Бо вуҷуди камзаминии кишвар дар марҳилаи аввали истиқлоли кишвар тақсим намудани 75 ҳазор гектар замин ба мардум аз ҷумлаи тадбирҳои тақдирсозе буд, ки аҳолиро аз хатари гуруснагӣ раҳоӣ бахшид. Аммо барои ноил гардидан ба истиқлолияти озуқавории мамлакат боз заҳмати зиёде кашидан лозим. Аз ҷумла, тараққӣ додани боғдорӣ ва асалпарварӣ, ки яке аз самтҳои сердаромад ба ҳисоб меравад ва дар шароити Тоҷикистон рушди ин соҳаҳо имконпазир аст[79]. Инчунин, аз ҷониби бонкҳо пешниҳод намудани қарзҳо бо фоизҳои паст ба кишоварзон барои ворид намудани техникаи кишоварзӣ, технологияи муосири коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати рушди соҳа такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Дар шароити имрӯза фарсуда ва корношоям гардидани техникаи кишоварзӣ кормандони комплекси агросаноатиро дучори мушкилоти зиёд намудааст[80]. Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар хусуси таъмини истифодаи оқилонаи замин, механизми нави маблағгузории истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин андешидани чораҳо барои истифодаи мақсадноки маблағҳо пешбинӣ гардад[81].

Пешвои миллат зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2008 нисбат ба солҳои қаблӣ ба самти таъмини амнияти озуқавории кишвар бештар таваҷҷуҳ намуданд, ки ҳатто дар давоми суханронии хеш мафҳуми «озуқаворӣ»-ро 13 маротиба ба забон оварданд. Аз ҷумла, қайд намуданд, ки дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир болоравии нархи маводи ғизоӣ ва ҳодисаҳои экологию техногенӣ ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишварамон таъсири манфӣ расонида, моро водор месозанд, ки дар хусуси ҳарчи зудтар амалӣ гардонидани ҳадафҳои стратегии худ –

[77] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 04.04.2003 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 04.06.2025).

[78] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 30.04.2004 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 05.06.2025).

[79] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16.04.2005 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 06.06.2025).

[80] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 20.04.2006 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 06.06.2025).

[81] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 30.04.2007 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 07.06.2025).

бахусус таъмини амнияти озуқаворӣи кишварамон тадбирҳои иловагии фаврӣ андешем. Инчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз беборишӣ ва паҳн шудани ҳашароти зараррасон, болоравии бесобиқаи нархҳо ибрози нигаронӣ намуда, зикр намуданд, ки бозори истеъмолии мо ҳанӯз аз маҳсулотҳои воридотӣ махсусан, аз воридоти ғалла вобастагии зиёд дорад.

Яке аз роҳҳои нигаҳ доштани болоравии нархи маводи озуқавориро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз дар иҷрои бечунучарои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо», унвон намуда, пеша намудани сарфакориро таъкид намуда, қайд намуданд, ки имрӯзҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ беш аз 100 миллион аҳолии дунё на ин, ки камбизоат аст, балки ба онҳо гуруснагӣ таҳдид мекунад. Тамоми ташкилотҳои байналмилалӣ дар фикри онанд, ки чӣ гуна онҳоро бо маводи ғизоӣ таъмин намоянд. Бинобар ин, афзун намудани ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат мебошад. Бо чунин иқлими мусоид ва обу замини худододе, ки барои парвариши тамоми навъҳои зироат ва меваю сабзавот дорем, мо набояд дар таъминоти ғалла ва дигар намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ танқисӣ кашем[82].

Зимни ироаи Паёми хеш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 низ аз сатҳи нокифоягии таъмини амнияти озуқаворӣ дар мамлакат, ёдовар шуда, иброз доштанд, ки бо вуҷуди аз 25 фоиз то 13 фоиз поён овардани меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва муқаррар намудани имтиёзҳои гумрукиву андозӣ ҷиҳати воридоти таҷҳизоту технологияҳои муосири истеҳсолӣ ва техникаи кишоварзӣ, аз ҷумла дар бахши пахтакорӣ, ҳанӯз ҳам сатҳи вобастагии бозори истеъмолии мамлакат аз воридоти маводи асосии ғизоӣ баланд аст. Зарӯр шуморида шуд, ки бо назардошти оқибатҳои хушксоливу камобӣ ва таъсири тағйирёбии иқлим ба манбаи асосии захираҳои обии Осиёи Марказӣ – пиряххҳои Бадахшон, ба истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои оби кишвар диққати махсус дода шавад ва ҳамасола майдони кишти такрории зироатҳо дар кишвар ба 200 ҳазор гектар расонида шавад[83]. Чунки, ҳоло дар ҷаҳон 17 фоизи аҳолӣ бо гуруснагӣ умр ба сар мебарад ва тибқи пешгӯии олимон дар даҳсолаҳои наздик ин шумора чоряки сокинони сайёраро дар бар хоҳад гирифт. Бинобар ин, бахши кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ буда, таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат асосан аз сатҳи рушди он вобаста мебошад[84].

Соли 2011 дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маротибаи аввал аз вазъи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ дар кишвар изҳорӣ нигаронӣ намуда, иброз

---

[82] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 25.04.2008 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 08.06.2025).
[83] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 15.04.2009 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 09.06.2025).
[84] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 24.04.2010 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 10.06.2025).

доштанд, ки таъмини амнияти санитарию эпидемиологӣ яке аз проблемаҳои муҳими соҳаи тандурустӣ мебошад, ки масъалаҳои беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ ва муассисаҳои тиббӣ бо оби нӯшокии босифат, таъмири шабакаҳои обу корези шаҳру ноҳияҳо, назорати сифати маводи ғизоӣ ва молҳои мавриди истифодаи ҳамагонии воридшавандаро фаро мегирад[85].

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз он вобастагӣ дорад, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо ва азхудкунии заминҳои нав мебошад. Бо ин мақсад дар давоми 10 соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб як миллиард сомонӣ маблағҳо азхуд шуда, дар натиҷа ҳолати мелиоративии 83 ҳазор гектар замин беҳтар гардидааст ва 7 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ шудаанд. Мушкилоти дигари дар ин самт ҷой дошта, ки бояд роҳи ҳалӣ онро пайдо намоем ин коркард нагардидани маҳсулотҳои кишоварзӣ дар дохилӣ ҷумҳурӣ мебошад[86].

Яке аз роҳҳои самараноки таъмини фаровонии бозори истеъмолии мамлакат, ин истифодаи технологияҳои ҳозиразамони кишоварзӣ ва инкишофи соҳаи тухмипарварию зотпарварӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2012 дар бозори истеъмолии мамлакат фаровонии молҳои озуқаворӣ таъмин гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин сол тавассути истеҳсолоти дохилии мамлакат талаботи воқеии аҳолӣ бо молҳои асосии хӯрокворӣ, аз ҷумла гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 80 фоиз, тухм 75, ғалладона ва орд 50, биринҷ 80, картошка, сабзавоту полезиҳо ва меваҷот беш аз 100 фоиз таъмин карда шудааст[87].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ислоҳот ба соҳаи кишоварзӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисоди кишвар эътибори аввалиндараҷа дода мешавад, зеро ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат аз сатҳи рушди ин соҳа вобастагии мустақим дорад[88].

Соли 2014 нисбат ба соли 2012 дар истеҳсоли бисёр намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла ғалладонагиҳо, картошка ва пахта ба пастравӣ роҳ дода шудааст. Бинобар ин, рушди инфрасохтори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла сохтмони сардхонаҳои ҳозиразамони нигаҳдории меваю сабзавот, ҷойгиркунии корхонаҳои хурди коркарди маҳсулот ва банду басти он ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор дошта, боиси талафи зиёди маҳсулоти истеҳсолшуда мегардад[89].

---

[85] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 20.04.2011 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 11.06.2025).
[86] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 20.04.2012 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 12.06.2025).
[87] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.04.2013 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 13.06.2025).
[88] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.04.2014 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 14.06.2025).
[89] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.01.2015 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 15.06.2025).

Бо қабул гардидани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз соли 2016 инҷониб ҳадафи стртегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқаворӣ сифати нав касб карда, асоси онро аз таъмин намудани амнияти озуқаворӣ гузаштан ба дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ташкил медиҳад[90]. Таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат, ки шарти асосии солимии мардум мебошад, яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Вале ҳолатҳои аз ҷониби соҳибкорону тоҷирон бо ҳар роҳу васила ба бозори истеъмолии кишвар ворид намудани маҳсулоти пастсифат ба назар мерасанд, ки ба саломатии шаҳрвандон зараровар аст. Вобаста ба ин, дар асоси қарори Ҳукумати мамлакат аз 27 майи соли 2017 бояд аз ҳисоби чор сохтору хадамоти Вазорати кишоварзӣ – Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи се хадамоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – Хадамоти давлатии ҳифзи тандурустии аҳолӣ таъсис дода шавад[91].

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи пурзур намудани назорат ба сифати молҳои воридотӣ ва дар амал ҷорӣ намудани тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ доир ба ташкили истеҳсолоти ивазкунандаи воридот имкон фароҳам омад, ки аҳолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ бо молҳои асосии хӯрокворӣ, таъмин гардида, ҳаҷми воридоти маводи ғизоӣ аз хориҷи кишвар дар давоми се соли охир қариб се миллиард сомонӣ ё 31 фоиз коҳиш дода шуд[92] ба ин нигоҳ накарда, моро зарур аст, ки маданияти баланди заминдориро риоя намуда, ҷиҳати истифодаи самараноку сарфакоронаи об барои обёрии заминҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи захираҳои об тадбирҳои доимӣ андешем[93]. Тадбирҳои андешидашуда дар соҳаи кишоварзӣ имкон дод, ки дар ин самт тамоюли рушд дар солҳои баъди низ ба мушоҳида расид, чунончӣ истеҳсоли маҳсулоти озуқа дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 28,3 фоиз афзоиш ёфт, ки ба беҳтар таъмин гардидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ мусоидат намуд.

Имтиёзҳои барои рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ ва моҳипарварӣ пешниҳодшуда ба рушди соҳаҳои зикршуда такони ҷиддӣ бахшиданд. Масалан, соли 2020 шумораи корхонаҳои парандапарварӣ ба 181 расида, Шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ соли 2020-ум нисбат ба соли 2017-ум 35 фоиз зиёд шуда, истеҳсоли моҳӣ дар давраи муқоисашаванда 2,3 баробар афзудааст. Воридоти гӯшт ба кишвар аз 10700 тоннаи соли 2014 то 180 тонна дар соли 2020 коҳиш ёфтааст, яъне қариб 60 баробар кам

---

[90] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 20.01.2016 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 16.06.2025).

[91] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22.12.2017 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 17.06.2025).

[92] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.12.2018 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 18.06.2025).

[93] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.12.2019 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 19.06.2025).

шудааст. Соли 2020 нисбат ба соли 1991 истеҳсоли ғалладонагиҳо қариб 5 баробар, картошка 7,7, сабзавоту зироатҳои полезӣ 4 ва мева 3 баробар зиёд шудааст. Бо мақсади дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2020 пешниҳод намуданд, ки тамоми кишоварзони мамлакат барои як сол, яъне соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд[94].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии кишвар дар солҳои 2021, 2022, 2023 ва 2024 аз паёмадҳои нохуби раванди ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии иқлим, хусусан, камобӣ ва хушксолиҳои пайиҳам дар бисёр кишварҳои дунё ва болоравии нархи маводи ғизоӣ дар ҷаҳон изҳори нигаронӣ намуданд ва ҷиҳати андешидани тадбирҳои мушаххас оиди пешгирии таъсири манфии омилҳои зикршуда ба бозори истеъмолии мамлакат, ба сохторҳои дахлдори ҷумҳурӣ супоришҳои мушаххас доданд.

Бояд қайд кард, ки рӯз то рӯз таъминоти бозори истеъмолии мамлакат аз ҳисоби маҳсулоти озуқаворие дар дохили кишвар истеҳсолгардида, беҳтар шудаистодааст масалан, ҳоло талаботи бозори истеъмолии мамлакат аз ҳисоби равғани истеҳсоли ватанӣ ҳамагӣ 22 фоиз таъмин гардида, бо ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои равғанбарории шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Конибодом талаботи аҳолии мамлакат бо равғани истеҳсоли худӣ беш аз 70 фоиз таъмин мегардад[95]. Воридоти гӯшт низ аз хориҷи кишвар сол ба сол кам гардида, аз 10,7 ҳазор тонна дар соли 2014 ба 144 тонна дар соли 2023 коҳиш ёфтааст[96]. Нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 39 миллиард сомонии соли 2019 ба 73 миллиард сомонӣ дар соли 2024 расидааст[97].

Аз таҳлилу баррасии Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ маълум мегардад, ки аз замони соҳибистиқлол гардидани кишварамон дар самти кишоварзӣ, ки таъмини амнияти озуқаворие мамлакат аз рушди ин соҳа вобастагии зиёд дорад то кунун Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои зиёде ноил гардидааст. Дар баробари ин, дар соҳа то ҳол як қатор мушкилоте вуҷуд доранд, ки андешидан ва роҳандозии тадбирҳои гуногунро талаб менамоянд. Мушкилоти асосии соҳа иборатанд аз:

- ба таври одилона тақсим нашудани замин.
- ворид намудани техникаи кишоварзӣ, технологияи муосири коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонӣ.

---

[94] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳур» аз 26.01.2021 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 20.06.2025).

[95] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 28.06.2025).

[96] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 30.06.2025).

[97] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2024. – Душанбе: «Шарқи озод», 2025. – С. 18.

- аз ҷониби бонкҳо пешниҳод намудани қарзҳо бо фоизҳои паст ба кишоварзон барои ворид намудани технологияи муосири коркарди маҳсулоти кишоварзи.

- паҳн шудани ҳашароти зараррасон ба киштзорҳо.

- болоравии бесобиқаи нархҳо.

- то ҳол вобаста будани бозори истеъмолии мо аз маҳсулотҳои воридотӣ махсусан, аз воридоти ғалла.

- кам будани майдони кишти такрории зироатҳо.

- коркард нагардидани маҳсулотҳои кишоварзӣ дар дохилӣ ҷумҳурӣ.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хулосаҳои зерин омадем:

Зимни таҳлил ба мо маълум гардид, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми Паёмҳои хеш ба ҳадафи стратегии мамлакат – таъмини амнияти озуқаворӣ ба таври ҳатмӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Инчунин омӯзиши Паёмҳо нишон дод, ки Президент то имрӯз 24 маротиба, яъне аз соли 2000-ум инҷониб бо Паём дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон баромад намуда, дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, маълумот додааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олӣ дар баробари истифодаи мафҳуми «амнияти озуқаворӣ» инчунин, мафҳумҳои «бехатарии озуқаворӣ» ва «истиқлолияти озуқаворӣ»-ро бо мазмуни умумиэътирофшаванда пешниҳод намудааст.

Вобаста ба омӯзиши паҳлуҳои Паём ва натиҷаи таҳлилҳо ба хулосае омадем, ки пешниҳодҳои зеринро манзур намоем:

1. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар соли 2025, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ эълон намудани солҳои 2026-2027.

2. Баланд бардоштани маданияти заминистифодабарии аҳолӣ.

3. Бо дарназардошти афзоиши аҳолии мамлакат, таҳия ва татбиқ намудани барномаи барқарорсозии заминҳои нави кишоварзӣ дар мамлакат.

4. Ҷиҳати пешгирии талафоти зиёди маҳсулоти истеҳсолшуда сохтмони сардхонаҳои ҳозиразамони нигаҳдории меваю сабзавот.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 29.06.2025).

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 30.04.2001 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 01.06.2025).

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22.04.2002 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 02.06.2025).

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 04.04.2003 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 04.06.2025).

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 30.04.2004 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 05.06.2025).
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16.04.2005 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 06.06.2025).
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 20.04.2006 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 06.06.2025).
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 30.04.2007 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 07.06.2025).
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 25.04.2008 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 08.06.2025).
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 15.04.2009 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 09.06.2025).
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 24.04.2010 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 10.06.2025).
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 20.04.2011 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 11.06.2025).
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 20.04.2012 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 12.06.2025).
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.04.2013 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 13.06.2025).
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.04.2014 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 14.06.2025).
16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.01.2015 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. // (санаи муроҷиат: 15.06.2025).
17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 20.01.2016 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 16.06.2025).
18. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22.12.2017 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 17.06.2025).
19. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.12.2018 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 18.06.2025).

20. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.12.2019 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 19.06.2025).
21. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳур» аз 26.01.2021 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 20.06.2025).
22. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 28.06.2025).
23. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/. (санаи муроҷиат: 30.06.2025).
24. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2024. – Душанбе: «Шарқи озод», 2025. – С. 18.
25. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун шакли ифодаи рушди давлат (Захираи электронӣ) // Манбаи дастрасӣ: https://mo.tnu.tj/tj/pajomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-chun-shakli-ifodai-rushdi-davlat/. (санаи муроҷиат: 23.06.2025).
26. Сайнозимзода Ф.С. Аҳамияти сиёсӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 216 с.
27. Сайнозимзода Ф.С. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 212 с.
28. Хушвахтзода Қ.Х. Пешвои миллат ва ташаккули истиқлоли давлатӣ // Пешвои миллат ва рушди давлатдории миллӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: «Сомон-Принт», 2023. – С. 50.
29. Ҳакимзода Қ. Нақши Пешвои миллат дар таъмини амнияти озуқаворӣ // Пешвои миллат ва рушди давлатдории миллӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: «Сомон-Принт». 2023. – С. 299.
30. Ятимов С.С. Паёми пешвои миллат ва масъалаҳои рушди давлат // Ҷумҳурият. №21-22, 29.01.2019 с.

# АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ, ҲУҚУҚӢ ВА МАНТИҚИИ ТАШАККУЛИ ИДОРАИ ДУНЯВӢ ДАР ДАВЛАТДОРИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**Холиқов Исломбой Абдумаҷитович,**
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
**Тел.:** (+992) 777020277
**E-mail:** blade.1995.95@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Кенҷазода Ш.Ю., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Шоев Ф.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Асосҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва мантиқии ташаккули идораи дунявӣ дар давлатдории халқи тоҷик яке аз қисматҳои омӯзиши мавзуи «Заминаҳои ҳуқуқии ташаккули давлати дунявӣ дар Тоҷикистони муосир: мушкилӣ, дастовард ва дурнамо» мебошад. Дар он таълимоти иҷтимоии зардуштия оид ба таснифи шаклҳои идораи ҷомеа, табиати идораи Ҳахоманишҳо ва тамоюли он ба самти дунявият, пайдоиши ҳокимияти давлатӣ, шахсият ва сифати ҳокимон дар ташкили идораи давлат мавриди омӯзишу тадқиқот ва барассии илмӣ қарор гирифтаанд.

**Калидвожаҳо:** Авасто, Зардушт, таълимоти зардуштия, идораи ҷомеа, давлат, дунявият, Ҳахоманишҳо.

# СОЦИАЛЬНЫЕ, ПРАВОВЫЕ И ЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ СВЕТСКОГО УПРАВЛЕНИЯ В ГОСУДАРСТВЕННОСТИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

**Холиков Исламбой Абдумаджитович,**
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, юридический факультет, старший преподаватель кафедры теории и истории государства и права
**Тел.:** (+992) 777020277
**E-mail:** blade.1995.95@gmail.com

**Научный руководитель:** Кенжазода Ш.Ю., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Шоев Ф.М., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Социальные, правовые и логические основы формирования светского управления в государственности таджикского народа являются частью исследования темы «Правовые основы

формирования светского государства в современном Таджикистане: проблемы, достижения и перспективы». В работе рассматриваются социальные учения зороастризма о классификации форм управления обществом, характер власти Ахеменидов и её стремление к светскому направлению, происхождение государственной власти, а также личность и качества правителей в организации государственного управления.
**Ключевые слова:** Авеста, Заратустра, учение зороастризма, управление обществом, государство, светскость, Ахемениды.

## SOCIAL, LEGAL AND LOGICAL FOUNDATIONS OF THE FORMATION OF SECULAR GOVERNANCE IN THE STATEHOOD OF THE TAJIK PEOPLE

**Kholikov Islamboy Abdumajitovich**
Tajik State University of Law, Business and Politics, Faculty of Law, Senior Lecturer at the Department of Theory and History of State and Law
**Phone.:** (+992) 777020277
**E-mail:** blade.1995.95@gmail.com

**Scientific Advisor:** Kenjazoda Sh.Yu., Candidate of Legal Sciences, Associate Professor
**Reviewer:** Shoev F.M., Candidate of Legal Sciences, Associate Professor

**Annotation:** The social, legal, and logical foundations of the formation of secular governance in the statehood of the Tajik people represent a part of the study entitled «The Legal Foundations of the Formation of a Secular State in Modern Tajikistan: Problems, Achievements, and Prospects». The paper examines the social teachings of Zoroastrianism concerning the classification of forms of social governance, the nature of Achaemenid rule and its tendency toward secularism, the emergence of state power, as well as the personality and qualities of rulers in organizing state administration.
**Keywords:** Avesta, Zarathustra, Zoroastrian teachings, social governance, state, secularism, Achaemenids.

**Таълимоти иҷтимоии зардуштия оид ба таснифи шаклҳои идораи ҷомеа.**

Сазовор ба ёдоварист, ки дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик аз даврони қадим таълимоти зардуштия ногузирии ҷудоии унсурҳои идораи шаклҳои ҳамзистиро зери дидгоҳи ҷаҳонбиниҳои мухталиф, ҳанӯз то пайдоиши давлат, масъалагузорӣ кардааст. Таълимоти зардуштия масъалаи ҷудоии қудрати дуняviro аз динӣ танҳо дар паҳнои давлат дар шакли ҷудоии ҳокимияти дунявӣ аз динӣ дар паҳнои сиёсати давлатӣ масъалагузорӣ накардааст, балки ин таснифнамоии таъсиррасонро ҳанӯз аз лаҳзаи эътирофи ҳукумати иҷтимоӣ дар паҳнои оила, авлод ва қабила ҳамчун

шаклҳои ҳамзистии то давлатӣ ногузир донистааст. Пойдорӣ ва ба мақсад мувофиқ будани ин навъи таснифнамоии низоми идоракунии давлатро аз васати дигар шаклҳои ҳамзистӣ тӯли тарбияи маънавии пайравонаш таълим ва омӯзиш додааст. Аз назари таърихӣ шояд ин танҳо як таълими шаклҳои намунаи ҳамзистии унсурҳои иҷтимоии тодавлатӣ набуда, балки инъикоси воқеияти таърихии рушди ҳаёти иҷтимоии мардуми ориёӣ дар дарознои таърихии ҳаёти тодавлатӣ будааст.

Мутобиқи меъёрҳои муқарраркардаи Авасто шаклҳои ҳамзистии то давлатӣ миёни мардуми ориёнажоди Ховари Миёна дар шакли оила, авлод ва қабила бо номҳои муайяни авастоӣ номбар шудааст.

Тибқи иттилои аллома Бобоҷон Ғафуров мутобиқ ба таълимоти Авасто (дар қисмати Яшти X) муқаррар шудааст, ки оила «нмана», сарвари динии он «нманйа» ва сарвари чунин оилаи патриархалӣ-«нманапати», зани калонӣ дар оила «нманапатни» кадбону номида мешуд. Авлод бо истилоҳи «вис» шинохта мешуд, сарвари динии онро «висйа», сарвари дунявии онро «виспати» мегуфтанд. Сарвари қабиларо «зантум», сарвари динии онро «зантума», роҳбари дунявияшро «зантумапати» мегуфтанд. Ватан ва мамлакатро «дахю», сарвари динии онро «дахюма», сарвари дунявӣ «дахюмапатиё» номида мешуд[98]. Шояд аз таъсири ташаккули забонӣ ва ё таъсири унсурҳои мавҷудаи низоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ буд, ки аллакай дар аҳди Ҳахоманишҳо роҳбарони мулкҳоро сатрапияҳоро – хштатрапаван[99] меномиданд.

Авасто ҳамчун ёдгории таърихӣ дар баробари меъёрҳои динӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ муқарраროти зиёди забоние дорад, ки дар бораи вожаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замони нузул ва амалаш иттилоъ медиҳад. Мисол, Авасто ҳокимонро бо вожаи «састар» ёдрас мешавад. Иттифоқи мулкҳоро конфедератсияи давлатҳоро «дахюсасти», сардории онро «дахюпатии тамоми дахюҳо». Ваколати вайро, яъне даҳюпатии тамоми мулкҳоро шурои бузургони ахюсастиҳо бо номи «дахюнам фратемадато» маҳдуд мекунад. Яъне худи вожаи «Дахюма фратемадато» ҳамчун шурои бузурге шояд даҳгона бошад хотиррасон мегардад. Шурои умумиро, ки назорат аз болои фаъолияти қабила дар шахсияти зантумапатӣ ва дар ҳолати иттиҳоди қабилаҳо аз болои «Дахюма фратемадато» мебурд, онро одатан «Ҳанҷамана», бо забони имрӯзаи тағйирёфтаи тоҷикӣ «анҷуман» меномиданд[100].

Авасто ҳамчунин узвҳои нокомилҳуқуқи ҷомеаро, аз қабили: вира, вайса ва парийатарро низ муқаррар мекунад. Мувофиқи Авасто «вира» мақоми ғуломро доштааст ва «вайса» ва «парийатар» чун аъзоёни хурди оила ёдрас шудаанд. Қобилияти амалкунии пурраи шахс ҳузури гуруҳи бизоатмандон бо пӯшонидан ва бахшидани камарбанд ва пироҳани муқаддас иҷро мешуд.

---

[98] Ниг.: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 702 с.; Гафуров Б.Г. История таджикского народа. Т. 1. 2-е изд., испр. и доп. – М.: Госполитиздат, 1952. – 501 с.
[99] Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 56-57.
[100] Ниг.: Холиқзода А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 83.

Танҳо баъд аз ба 15 солагӣ расидан шахс ҳуқуқи зиндагии мустақилона ва бастани ақди никоҳро дошт.

Тарзе равшан мешавад, сарчашмаи таърихии Авасто ба мо дар бораи сохтори иҷтимоии ҷомеа ва унсурҳои сохтори авлодӣ-қабилавӣ то ташаккули давлат маълумоти фарох медиҳад. Ҳақ ба ҷониби устод Пури Довуд аст, ки дар ҳаққи ин сарчашмаи нодир гуфтааст: «Дар Готҳо (яке аз бахшҳои Авасто – Х.И.) дин, таърих ва забон ҳар се марбут ба ҳаманд. Қисмате аз воқеаҳои таърихии қавмеро дини ӯ сабаб аст. Басо аз воқеаҳои таърихиро ба василаи қонуни мазҳабӣ бояд ҳал намуд. Ҳамчунин, агар хоста бошем, ки ба арзиши луғатии забони қавме бархӯрем ва ба маънии аслии тадбироти ӯ, истилоҳоти он пай барем, донистани таъриху дини он қавм ногузир аст»[101]. Дар ҳамин гуфтори авастошиноси машҳури қарни гузашта се ҳикмати бебаҳс ҷой дорад, ки ба мавзуи тадқиқотии мо рӯшноии амиқи таърихӣ дар доираи сарчашмаи истифодашаванда меафканад. Якум, Авасто дар муносибат ба таърихи фарҳанги мо иртиботи таърихӣ, забонӣ ва динӣ дорад. Мо акнун илова мекунем, ки иртиботи сиёсӣ ва ҳуқуқиро низ доро аст. Дуюм, ҳодисаҳои таърихии халқ қисман бо дини ӯ вобаста аст, воқеан асари тасаввуроти динӣ ва аҳкоми он дар таърихи минбаъдаи халқ равшан ва бебаҳс аст. Аз кунгураи фаҳми ҳамин ҳикмат таъсири муқарраротӣ Авасто дар масъалаи таснифи ҳукумати дунявӣ аз динӣ дар паҳнои муносибатҳои хонаводагӣ ва баъдан давлат ба ташаккули тафаккури ниёгони миллати мо ва давлатдории он бениҳоят амиқ ва устувор аст. Ва ниҳоят сеюм, омӯзиши Авасто ба сифати сарчашмаи таърихӣ бебаҳс аст.

Ҳамин тавр, номгузориҳо ва вожаҳои истифоданамудаи Авасто, ки субеъктҳои сохтори иҷтимоиро равшан мекунанд, ҳамагӣ гӯёи он аст, ки ҷамоаи қадимаи форсу тоҷик дар аҳди Авасто аллакай аз назари унсури иҷтимоӣ ба дараҷае мураккаб шуда буд, ки дар таркиби он мо аломати тақсимшавии ҷомеаро ба сарватмандону камбағалон, ба мансабдорон ва мардуми авом бо намояндагӣ аз оилаву авлоду қабилаҳо сахт эҳсос мекунем. Дар ҳамин асрои таснифшавии ибтидоӣ тавре равшан аст, мо ҷудоии унсури идораи диниро аз дунявият сахт эҳсос мекунем. Аҷиб он аст, ки ин ҷудошавӣ дар шакли ҷудошавии сардори ҷинсии оила бо аломатҳои боқимондаи модаршоҳӣ ва падаршоҳиро доро буда, дар идомаи он ҷудошавии қудрату нуфӯзи диниву дунявиро низ равшан мушоҳида мекунем.

Дар ҷомеаи авастоӣ сардорони динӣ аз дунявӣ дар ҳудуди оила, авлод ва қабила амиқ тақсимшуда будаанд. Онҳо дар шакли сардорони динии оила «намнйа», «висйа» ва «зантума» дар муқобили сарварони дунявии онҳо «нманапатӣ», «виспатӣ» ва «зантумапатӣ» эътироф мешудаанд. Ин ҳолат бешубҳа гувоҳи он аст, ки қудрати низоми идораи динӣ аз дунявӣ ҳанӯз аз аҳди бостон дар сатҳи оила ва муносибатҳои оилавӣ то сатҳи авлоду қабила сахт ва устувор ҷудо шуда будааст. Ин ҷудошавии воқеии фазои динӣ аз дунявӣ дар шакли мақомдорони сохтори авлодӣ дар фазаи гузариши ҷомеа аз ҳокимияти ҷамоавӣ ба ҳокимияти

[101] Пури Довуд. Яштҳо. Муқаддима. Ҷилди 1. – Теҳрон, 1999. – С. 6-7.

сиёсӣ бидуни истиҳола ин аломати худро ба фазои сиёсии мардуми ориёнажод кӯчонд. Ин буд, ки мо дар худи Авасто чунин ҷудошавии қудратро ба динию ғайридинӣ дар фазаи ибтидоии давлатдории Пешдодиён аз забони Аҳура Маздо шунидем.

**Бардошти аввал.**

Хулосаи якум ва ибтидоии мо дар бораи ташаккули ҳаёти иҷтимоии мардуми ориёнажод ниёгони мардуми тоҷику форс ин аст, ки гузаштагони мо ҳанӯз аз аҳди қадим дар остонаи тамаддун ва ташаккули ҳокимияти иҷтимоӣ ва баъдан сиёсӣ амиқан ҷудоии ҳокимияти диниро аз дунявӣ дарк ва ҳазм карда будаанд. Муҳимтарин ҳикмати ин дастовард он буд, ки ин тарзи ҷудоии ҳукумат ва ташкили низоми идора аз зинаи оила, авлод то қабилаву давлат рушд намуда, ба таснифоти функсионалии шаклҳои ҳамзистӣ ва ҷаҳонбиниҳои динию сиёсӣ асос гузошт. Мардуми минтақа ботинан тавассути меъёрҳои динӣ ва зоҳиран тавассути ҳаёти ташаккулёфтаи иҷтимоии худ дарк ва ҳазм намуданд, ки идораи соҳаҳои иҷтимоӣ дар шакли идораи сиёсӣ ва динӣ бояд ҳатман аз ҳам ҷудо бошанд. Ин ҳолат таъсири минбаъдаи худро аввал ба таснифоти паҳнои идораи сиёсию ҳарбӣ дар аҳди Ҳахоманишҳо расонида, сипас то давлатдориҳои ҳавзаи тамаддуни исломии Мовароуннаҳру Хуросон доман афрохт.

**Оид ба табиати идораи Ҳахоманишҳо ва тамоюли он ба самти дунявият.**

Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳи онанд, ки дар аҳди Ҳахоманишҳо нахустин сулолаи давлатдории қадимаи дар сатҳи ҷаҳонӣ сабтшудаю эътирофгардидаи ниёгони мардуми тоҷику форс низоми идораи давлатӣ алорағми зиёд аз нахустдавлатҳои салтанатии олам, амиқан ҷудоии ҳокимияти дунявиро аз ҳокимияти ҳарбӣ медонистааст. Сарчашмаҳои таърихӣ аснои ишорат ба мансабҳо ва сохтори низоми идораи Ҳахоманишҳо ишораи асосиро ба миёнаи салтанати ин дудмон, оғоз аз давраи ислоҳоти Дориюш замони расман ҷудо шудани қудрати ҳокимони ҳарбӣ аз дунявӣ кардаанд. Ин ҳолат аз назари таҷрибаи анъанавии давлатдории бостон, ки дар Мисру Бобулистон ва Чину Ҳинд[102] намунаи омехтаи худро дар шакли ҳокимияти истибдодӣ доимӣ доро будаанд, аз бисёр ҷиҳат ибратомӯз ва намуна арзёбӣ мегардад. Тибқи сарчашмаҳои дақиқи таърихӣ дар аҳди Ҳахоманишҳо роҳбарии кишварҳои маъмурии сатрапияро сатрапиҳо, ки пештар хшатрапаванд «ҳомии шоҳигарӣ» ном доштанд, ваколатдор буданд, ки онҳо аз ҳисоби маъмурон ва ҳокимони маҳаллӣ интихоб ва таъин мешуданд. Аммо, шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ Куруш ва Доро вазъи иҷтимоию сиёсиро ба инобат гирифта, хшатрапавандро қатъиян аз ҳисоби мардуми форсҳо таъин менамуданд.

Дар аҳди Куруш ва Комбиз ҳокимияти шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ то ҷое тибқи баъзе аз иттилоотҳо омехта буд. Ба андешаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Куруши бузург ва Дорои 1 хуб эҳсос мекарданд, ки дар чунин як салтанати бузург (беш аз 20 сатрапияҳо дошт – Х.И.) дар сатрапияҳо дар дасти як шахс мондани қудрати сиёсӣ ва ҳарбӣ омили афзоиш ёфтани

102 Ниг.: Графский В.Г. Всеобщая история права и государства. Учебник для вузов. – М.: НОРМА ИНФРА-М, 2002. – С. 53-111.

ҳаракатҳои сепаративӣ буда, таҳдид ба амнияти империяро дорад. Маҳз ба ҳамин хотир Дорои 1 ислоҳоти идоракунии давлатиро ҷорӣ карда, низоми идоракунии дунявиро аз ҳарбӣ тақсим намуд»[103]. Доро дар ислоҳоти худ ин ду қудратро аз ҳам ҷудо намуда, ваколатҳои дунявиро аз ҳарбии қумандонон ҷудо намуд. Дар натиҷа хшатрапавандҳо чун сардорони сиёсӣ чунин ваколатҳоро доштанд: ҳокими дунявӣ ҳамчун сарвари ҳукумати кишвар ваколатҳои судиро иҷро менамуд. Фаъолияти хоҷагӣ ва қабули андозро дар мулк назорат менамуд, таъмини бехатарии мулк, ҳокимони маҳаллиро назорат мекард. Ҳуқуқи сикка задани тангаҳои миссин ва нуқрагиро доштанд, дар ҳолатҳои оромӣ хшатрапаванд шумораи муайянкунандаи ҳимоякунандагони худро соҳиб буд.

Армия пурра тобеи сарлашкарон буда, тамоми ваколатҳои ҳарбиро бар души онҳо вогузошта буд. Қумандонҳои ҳарбии сатрапияҳо танҳо тобеи шоҳони Ҳахоманишиҳо буданд. Баъд аз Дорои I ислоҳоти ӯ дар соҳаи идоракунии давлатӣ чун тақсими ваколатҳои ҳарбӣ ва дунявӣ тибқи иттилои баъзе аз сарчашмаҳо то сатҳе вайрон мешавад. Як қатор хшатрапавандҳо тобеи қумандонҳо ва ё дар баъзе аз мулкҳо ҳарду вазифаро як сатрап иҷро мекард. Яъне дар шароити нооромӣ афзоиши нуфузи ҳарбиён дар мамлакат эҳсос мегардад. Чун шароити таснифоти комили ваколатҳо дар давлатҳои дунявии бостон вуҷуд надошт, вазъият ва ҳудуди васеи салтанат ҷиҳати ҳалли оҷилии масъалаҳои амниятӣ ва ҳарбӣ нуфузи командирони ҳарбиро, ки дар итоаташон лашкар доштанд бо мурури замон васеъ ва ҳалкунанда кард. Мо як равиши гузариши ҳокимияти дунявиро ба итоати ҳокимияти ҳарбӣ мушоҳида мекунем, ки ба ташаккули ибтидоии монархияи ҳарбӣ минтақавӣ дар шакли феодализми бармаҳали ҳарбӣ мушоҳида шудааст.

Албатта, ин дур рафтанҳо аз принсипҳои идораи давлати Ҳахоманишҳо дар ниҳояти кор ба заъфи давлатдории онҳо оварда расонд.

Ин равиши табдилёбии табиати қудрат бо омезиши функсионалӣ дар аҳди Ҳахоманишҳо дар вобастагӣ ба мавзуи тахқиқотии мо гӯёи он аст, ки ҷудоии устувори шаклҳои идораи ҷомеа дар кадом шакле набошад танҳо дар сурати таснифоти дурусти ҳуқуқу ваколатҳо ва мувофиқ омадани таъиноти онҳо ба шароити замону макон ва мафкураи ҷомеа имкон дорад натиҷаҳои мусбат ба бор орад. Бинобар он, бо вуҷуди он ки дар самти ташаккули мафкураи ҷомеа сарчашмаҳои динӣ ва таърихӣ роҷеъ ба тақсимоти амиқи шаклҳои ҷаҳонбинӣ ва таснифоти қудрати он зиёд гуфтаанд, вале рафти такмили он дар паҳнои қудрати сиёсӣ аз ҳарбӣ дар шакли дунявӣ аз идораи ҳарбӣ дар масири таърих ба мушкилиҳои муайян дучор гардид. Баъдан мо мебинем, ки ин навъи ҷудоии қудратро дар самти идораи дунявӣ ва ҳарбӣ нахустдавлати мутаммаркази тоҷикон Сомониён низ кӯшиши амалӣ кардан мекунад. Вале, бинобар адами дигар авомилҳои дохилию хориҷӣ ва шиддат гирифтани ноорохмиҳои аз дудмони қабоили кӯчманчии минтақа сарзананда ҳукумати ҳарбии кӯчиёнро соҳибқудрати низоми дунявӣ намуда, ба сарнагун сохтани давлатдории тоҷикон мусоидат кард. Вале ин оқибатҳои нобоби даврони муайяни таърихӣ низ

[103] Рахмон Э. Таджики в зеркрале истории. От арийцев до Саманидов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – С. 142.

ҳикмат ва нуктаҳои мусбати ин кӯшиш таснифнамоии қудрати дунявиро аз қудрати ҳарбӣ ва ё динӣ дар масири таърих кам намекунад. Зеро принсипи ҷудо будани ҳокимияти давлатӣ аз фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва таснифи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ки дар Констиутсияи мо дар моддаи 8 ва 9 омадааст, гӯёи он аст, ки ин иқдомҳои таърихии ниёгони миллати мо дар остонаи таърих қадами сиёсие ба пеш ба муҳлати ҳазорсолаҳо партофтан буд.

Ҳамин тавр, гузариши босуръат аз таҷрибаи давлатдории ниёгонамон то давраи тамаддуни исломӣ гӯёи он аст, ки ниёгони мо назаран ва амалан дар паҳнои рушди мафкураи ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷудо будани ҳокимияти дунявиро аз ҳокимияти динӣ сахт эҳсос карда буданд. Ин роҳи ҷудошавиро ҳамчун оини дурусти ҷомеасозӣ ва давлатсозӣ қабул намуда, барои наслҳои оянда ба мерос дода буданд.

**Оид ба пайдоиши ҳокимияти давлатӣ.**

Аз лиҳози назариявӣ, пайдоиши ҳокимият, тибқи дастуроти авастоӣ, вобаста ба баромади қудрати сиёсӣ масъалаи сирф динӣ аст[104]. Чунон ки аз мазмуни готҳо ва яштҳои қадим – фарвардҳои Замёд, Меҳр ва гимни Аҳура Маздо бармеояд, сарчашмаи азалии қудрат ва ҳокимият худи Аҳура Маздо аст. Ба саволи Зардушт – кӣ ҳокими тавонои ин ҷаҳон аст? Ҷавоб дода мешавад, ки – Аҳура Маздо чунин посух медиҳад:

Манам, Сарпараст, Офаридгор,
Нигаҳбону Доно…
Номи ман Аҳура аст,
Маздо низ ман ном дорам.
Одил ҳам номи ман аст,
Номи дигарам Қодир аст...
Нозир низ номи ман аст,
Таъқибкунанда Офаридгор.
Ва Муҳофиз низ номи ман аст[105].

Тарзе мушоҳида мешавад, дар ҳамин номҳо сифатҳои зотии Аҳура Маздо ишорат мешаванд, ки ифодагари бахшандаи қудрати ибтидоӣ ҳастанд.

Ҳамин тавр, ҳокимият дар авлод, ҷомеа ва давлат аз қудрати илоҳии Аҳура Маздо маншаъ мегирад ва маҳз ҳамин қудрати илоҳӣ хусусияти номаҳдуд, мутлақ ва ҳамафарогиранда дорад. Қудрати Аҳура Маздо дар замин тавассути паёмбар Зардушт ва шоҳҳо густариш меёбад. Аниқтараш, то Зардушт қудрати Аҳура Маздо тавассути шоҳҳо густариш меёфт. Нахустин шоҳ, ки ҳокимияти дунявиро мутобиқи усулҳо ва муқаррароти зардуштия татбиқ намуд ва ҳокимияти ӯро Аҳура Маздо қонунӣ гардонид, тавре ишора гардид шоҳ Йима (Ҷамшед) аз дудмони Пешдодиён буд.

Бояд гуфт, ки дар асоси ҳикояти мазкури Авасто дар бораи Аҳура Маздо ва Йима метавон ба чунин хулоса омад, ки дар рӯи замин ҳокимияти дунявӣ – ҳокимияти шоҳон нисбат ба ҳокимияти динӣ хеле

---

[104] Ниг.: Избранные наставления первых учителей // Изведать дороги и пути праведных: Пехлевийские назидательные тексты. Памятники письменности Востока. XC1V. Введение, транскрипция текстов, пер. коммен., глоссарий О.М. Чунаковой. – М.: Наука, 1991. – С. 15, 69-77.

[105] Ниг.: Авеста. Избранные гимны. Стеблин-Каменский И.М. – С. 15-16.

пештар паҳн шудааст. Ин вижагӣ таълимоти зардуштиро аз таълимоти дигар низомҳои ҳуқуқии динӣ дар бораи давлат фарқ мекунонад. Чунин назарияи пайдоиши хокимият ва давлат аз назарияҳои пайдоиши ҳокимияти давлатҳои бузурги Шарқи қадим – Миср, Бобул ва Чин, ки пайдоиши давлат ва ҳокимият дар онҳо хусусияти динӣ дорад[106], ба таври куллӣ фарқ мекунад. Новобаста аз он, ки Авасто замони салтанати Йимаро аз ҷиҳати назариявӣ бо таълимоти динии Аҳура Маздо мепайвандад, аммо ин далел мусаллам боқӣ мемонад: Йима нақши мубаллиғи диниро намепазирад, шакли давлати дунявии шоҳӣ нисбат ба ҳокимияти динӣ таърихи хеле дарозтар ва мутаносибан, анъанаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дошт, ки баъдан бо принсипҳои зардуштӣ ғанӣ гардонида шуданд.

**Шахсият ва сифати ҳокимон дар ташкили идораи давлат.**

Тавре зикр гардид, Авасто ба шахсияти ҳокимон, бахусус шоҳон ҳамчун ҳокимони дунявӣ таваҷҷуҳи кофӣ додааст, ки дар заминаи он баъдтар дар замони Сосониён дар ҳуқуқ – салоҳият ва вазифаҳои ҳокимон ташаккул ёфтааст. Тибқи ин принсипҳо, подшоҳон бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Ақли солим.
2. Қобилияти бахшидан ва худдорӣ аз ҳар гуна таҳқир.
3. Рафтори нек.
4. Муҳаббат ба мардум.
5. Шодмонӣ.
6. Саховатмандӣ.
7. Дур будан ва парҳез кардан аз ҳасад.
8. Такрор кардани он, ки дунё гузаранда аст ... (ба таври доимӣ).

Ҳоким инчунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зеринро дошт:

1. Иҷрои вазифаҳои шоҳӣ дар доираи дини зардуштӣ.
2. Фароҳам овардани шароит барои ҳаёти муътадили одамон.
3. Ҳавасмандгардонии доимии қобилону лаёқатмандон.
4. Ҷазо додани ноқобилон ва вайронкунандагони талабот.
5. Муносибати нек ба раҳбарони кишвар.
6. Дастурҳои одилона содир кардан.
7. Нигоҳ доштани анъанаҳои мақбули умум.
8. Ҳифз, оромӣ ва фазои иҷтимоии холӣ аз тарсу ҳарос.
9. Машғулият бо илмҳои дунявӣ.
10. Назорат аз болои таъйинот ба мансабҳои давлатӣ. Итоат ба Худои тавоно[107].

Авасто таҷрибаи зиёда аз 2500-солаи инкишофи ҳуқуқӣ-давлатии халқҳои Осиёи Миёна ва Эронро маҳфуз доштааст. Он аз ҳазораи II пеш аз милод оғоз меёбад, то замони Сосониён ва баъдтар – то пайдоиши давлатҳои Бохтар, Хоразм, Суғд, Тахористон идома меёбад, ки дар ин ҷо пайдоиши тадриҷии ниҳодҳои давлатӣ аз ниҳодҳои ҷамъиятии сохти қабилавӣ ба таври равшану возеҳ мушоҳида мешавад. Қудрати ҳокимият

---

[106] Ниг.: История Востока. Т. 1. Восток в древности.– М.: Вост. лит., 2000. – С. 178-179.
[107] Ниг.: Масӣ Х. Тамаддуни Эрон. – Теҳрон, 1337 ҳ. – С. 186.

аз худои Аҳура Маздо зуҳур мекунад ва тадриҷан дар зинаҳои поёнӣ – ба сарони хонадон, авлод, қабила ва давлат мегузарад.

Нуктаи муҳимтарине, ки дар талабот нисбат ва соҳибони фармон омадааст, ин талаботи банди 9 аст, ки ҳар ҳокимро вазифадор кардааст, ки ба корҳои илмии дунявӣ машғул шавад. Яъне ҳоким аслан бояд ба масъалахои дунявӣ таваҷҷуҳ намояд. Зеро вай ҳокими дунявии давлат аст.

**Бардошти сонӣ.**

Ҳамин тавр, ин навъ фаҳмиши ташкили қудрат, ки афзалияту бартарии сиёсии шакли идораи дунявиро тавассути ташкили хосаи қудрати сиёсӣ, таснифоти дурусту мантиқии ҳокимияти давлатӣ, интихоби дурусти роҳбар ва мансабдори давлатӣ тадриҷан паҳлу ва асосҳои ҳуқуқии таъсиси ҳукумати дунявиро дар масири таърих қувват бахшидааст. Ин ҳолат таъсири мусбати худро ба мафкураи аҳли илм ва оммаи мардум гузошта, хотираи ҳуқуқӣ ва маданияти идоракунии халқро таърихан ба самти тамоюли низоми идораи дунявӣ афзун намудааст.

**Адабиёт:**


1. Авеста. Избранные гимны. Стеблин-Каменский И.М. – С. 15-16.
2. Гафуров Б.Г. История таджикского народа. Т. 1. 2-е изд., испр. и доп. – М.: Госполитиздат, 1952. – 501 с.
3. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1983.– 702 с.
4. Графский В.Г. Всеобщая история права и государства. Учебник для вузов. – М.: НОРМА ИНФРА-М, 2002. – С. 53-111.
5. Избранные наставления первых учителей // Изведать дороги и пути праведных: Пехлевийские назидательные тексты. Памятники письменности Востока. XC1V. Введение, транскрипция текстов, пер. коммен., глоссарий О.М. Чунаковой. – М.: Наука, 1991. – С. 15, 69-77.
6. История Востока. Т. 1. Восток в древности. – М.: Вост. лит., 2000. – С. 178-179.
7. Масӣ Х. Тамаддуни Эрон. – Теҳрон, 1337 ҳ. – С. 186.
8. Пури Довуд. Яштҳо. Ҷилди 1. – Теҳрон, 1999. Муқаддима. – С. 6-7.
9. Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. От арийцев до Саманидов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – С. 142.
10. Холиқзода А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 380 с.

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ РАҚАМИКУНОНИИ ҶОМЕА

**Азимзода Сунатулло Шераҳмадхон**,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Муқарриз:** Мирализода И.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави инкишофи давлатдории миллӣ ворид гардид, ки ҳадафи асосии он бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягона мебошад. Дар ин раванд таҳкими пояҳои низоми ҳуқуқӣ ва мукаммалсозии механизмҳои идоракунии давлатӣ аз муҳимтарин ҷанбаҳои рушди устувори кишвар ба шумор меравад. Пешрафти низоми сиёсӣ, рушди иқтисодиёт, устувории иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа ба сатҳи татбиқ ва устувории сиёсати ҳуқуқӣ алоқамандии зич дорад. Ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ бо талаботи замони муосир ва таъмин намудани волоияти қонун ба рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва идоракунии самарабахш мусоидат менамояд. Ин раванд на танҳо барои мустаҳкамсозии сохтори давлатӣ аҳаммияти калон дорад, балки барои таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ замина фароҳам меорад.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, сиёсати ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, низоми ҳуқуқӣ, рақамикунонӣ, технологияҳои рақамӣ, ҷомеа, давлат, Истиқлолият, Истиқлолияти давлатӣ, ҷаҳонишавӣ.

# ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЛАСТИ ЦИФРОВИЗАЦИИ ОБЩЕСТВА

**Азимзода Сунатулло Шераҳмадхон**,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведение
**Тел.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Рецензент:** Мирализода И.К., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** После приобретения государственной независимости Республика Таджикистан вступила в новый этап развития национальной государственности, основной целью которого является построение

правового, демократического, светского и единого государства. В этом процессе укрепление основ правовой системы и совершенствование механизмов государственного управления являются одними из важнейших аспектов устойчивого развития страны. Прогресс политической системы, экономическое развитие, социальная и культурная стабильность общества тесно связаны с уровнем реализации и устойчивости правовой политики. Гармонизация законодательства с требованиями современности и обеспечение верховенства закона способствуют развитию правового общества и эффективного управления. Этот процесс имеет большое значение не только для укрепления государственной структуры, но и создает основу для обеспечения социальной справедливости и защиты прав и свобод человека и гражданина.

**Ключевые слова:** Право, правовая политика, законодательство, правовая система, цифровизация, цифровые технологии, общество, государство, независимость, государственная независимость, глобализация.

## THE LEGAL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF DIGITALIZATION OF SOCIETY

**Azimzoda Sunatullo Sherahmadkhon**,
Tajik National University, Faculty of Law, assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law
**Phone.:** (+992) 985000226
**E-mail:** azimov.rt@gmail.com

**Reviewer:** Miralizoda I.Q., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** After gaining state independence, the Republic of Tajikistan entered a new stage in the development of national statehood, with the main goal of building a legal, democratic, secular, and unified state. In this process, strengthening the foundations of the legal system and improving the mechanisms of state governance are among the most important aspects of the country’s sustainable development. The progress of the political system, economic growth, and the social and cultural stability of society are closely linked to the level of implementation and stability of legal policy. Harmonizing legislation with the requirements of modern times and ensuring the rule of law contribute to the development of a legal society and effective governance. This process is significant not only for strengthening the structure of the state but also for ensuring social justice and protecting the rights and freedoms of individuals and citizens.

**Keywords:** Law, legal policy, legislation, legal system, digitalization, digital technologies, society, state, independence, state independence, globalization.

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави инкишофи давлатдории миллӣ ворид гардид, ки ҳадафи асосии он бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягона мебошад. Дар ин раванд, таҳкими пояҳои низоми ҳуқуқӣ ва мукаммалсозии механизмҳои идоракунии давлатӣ аз муҳимтарин ҷанбаҳои рушди устувори кишвар ба шумор меравандд. Пешрафти низоми сиёсӣ, рушди иқтисодиёт, устувории иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа ба сатҳи татбиқ ва устувории сиёсати ҳуқуқӣ алоқамандии зич дорад. Ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ бо талаботи замони муосир ва таъмин намудани волоияти қонун, ба рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва идоракунии самарабахш мусоидат менамояд. Ин раванд на танҳо барои мустаҳкамсозии сохтори давлатӣ аҳаммияти калон дорад, балки барои таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ замина фароҳам меорад.

Омӯзиш ва таҳлили афзалиятҳо, принсипҳо ва дурнамои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рақамикунонӣ зарурати бозбинӣ ва мутобиқсозии низоми ҳуқуқиро дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ ба миён меорад. Пеш аз таҳлили равандҳои мазкур зарур аст, ки ба назария ва равишҳои мавҷудаи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва хориҷӣ дар таърифи мафҳуми **«сиёсати ҳуқуқӣ»** диққати хос зоҳир намоем. Таҳлили мазкур имкон медиҳад, заминаҳои назариявӣ ва амалии падидаи мазкур равшантар гардида, роҳҳои татбиқи он дар шароити рақамикунонии идоракунии давлатӣ дақиқ муайян карда шавад. Чи тавре, ки Ҳ.С. Тағойбеков қайд менамояд, зери мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ – фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятиву сиёсӣ дар самти таъсири ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо ҳадафи навсозӣ, ислоҳот ва рушди устувори онҳо фаҳмида мешавад. Ин раванд бо истифода аз маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкиливу идеологӣ ва дигар воситаҳои танзим амалӣ карда мешавад. Субъектҳои сиёсати ҳуқуқӣ давлат, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ва шаҳрвандон мебошанд. Ин ба он вобаста аст, ки сиёсати ҳуқуқӣ дар муқоиса бо сиёсатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар самтҳои идоракунӣ бештар ба ҳуқуқ, танзими ҳуқуқӣ ва тартиботи ҳуқуқии тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, ҷомеа ва давлат робитаи мустақим дорад[108]. Э.С. Насриддинзода бар он андеша аст, ки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо роҳандозӣ мешавад[109].

Ба ақидаи А.В. Малко бошад сиёсати ҳуқуқӣ як низоми илман асоснокшуда, пайдарпай ва мураттаби фаъолияти мақомоти давлатӣ ва

[108] Ниг.: Тагойбеков Х.С. Правовая политика в Республике Таджикистан: общетеоретический аспект: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова. – Душанбе, 2014. – С. 11.

[109] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Саҳми Пешвои миллат дар густариши сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба истиқболи 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ. – Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2022/08/sa-mi-peshvoi-millat-dar-gustarishi-siyosati-u-u-ii-um-urii-to-ikiston-ba-isti-boli-31-so-lagii- isti-loliyati-davlat/ (Санаи муроҷиат: 01.03.2025).

институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки барои ташаккули механизми самараноки танзими ҳуқуқӣ равона карда шудааст. Он истифодаи оқилонаи воситаҳои ҳуқуқиро барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими пояҳои давлати ҳуқуқбунёд, инчунин боло бурдани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва давлатро дарбар мегирад[110]. Н.И. Матузов бар он назар аст, ки сиёсати ҳуқуқӣ на танҳо ҷузъи сиёсати давлатӣ, балки шакли махсуси ифодаи он мебошад. Ин маънои онро дорад, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла иқтисодиёт, маориф, тандурустӣ ва ғ. наметавонанд бе танзими ҳуқуқӣ амалӣ карда шаванд. Аз ин рӯ, сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун механизми асосии татбиқи стратегияи давлат нақши муҳим мебозад[111].

Дар ҳақиқат сиёсати ҳуқуқӣ ин воситаи муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ба таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва рушди устувори кишвар мусоидат мекунад[112]. Бо рушди технологияҳои рақамӣ зарурати мутобиқсозии низоми ҳуқуқӣ ба миён омадааст, ки таҳқиқи назариявӣ ва амалии он барои муайянсозии механизмҳои муассири татбиқ аҳаммияти муҳим дорад. Дар ин замина, сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун механизми асосии татбиқи стратегияи давлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ нақши калидӣ мебозад.

Омӯзиши самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҳар як давлат бо шиносоӣ ва таҳлили санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқии он сурат мегирад. Аз ҷумла, олимони ватанӣ Э.С. Насриддинзода[113] ва Р.Ш. Шарофзода ҳангоми таҳлили сиёсати ҳуқуқӣ бисёртар ба стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, барномаҳои миллии банақшагирии стратегӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ такя намудаанд.

Санадҳои банақшагирии стратегӣ нақши калидӣ дар ташаккул ва рушди тамоюлҳои ҳуқуқӣ-фановарӣ доранд. Онҳо на танҳо самтҳои асосии танзими ҳуқуқиро муайян мекунанд, балки инчунин заминаи боэътимод барои таҳлили таъсири дарозмуддати технологияҳои рақамӣ ба низоми ҳуқуқиро фароҳам меоранд. Қонунгузорӣ бояд бо тағйироти эҳтимолии технологӣ омода бошад ва ҳамзамон оқибатҳои дарозмуддати онро ба низоми ҳуқуқӣ арзёбӣ намояд. Санадҳои банақшагирии стратегӣ воситаи муҳим барои таъмини устувории низоми ҳуқуқӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ мебошад.

Дар марҳилаи кунунии рушди давлат технологияҳои рақамӣ дар ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши калидӣ дорад. Онҳо ҳамчун омили асосии дигаргуншавии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ амал менамоянд. Имрӯз равшан аст, ки тиҷорат, идоракунии давлатӣ, илм,

---

[110] Ниг.: Малько А.В. Правовая политика: дискуссионные аспекты понимания // Правоведение. – 2012. – № 2. – С. 58.

[111] Ниг.: Теория государства и права: курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. 2 е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2001. – С. 356.

[112] Муфассал ниг.: Миралиев И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 205 с.

[113] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Саҳми Пешвои миллат дар густариши сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба истиқболи 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ. – Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2022/08/sa-mi-peshvoi-millat-dar-gustarishi-siyosati-u-u-ii-um-urii-to-ikiston-ba-isti-boli-31-so-lagii-istiloliyati-davlat/ (Санаи муроҷиат: 01.03.2025).

маориф, иқтисодиёт ва сиёсат бидуни хизматрасониҳои рақамии босуръат рушдёбанда, абзорҳои инноватсионӣ ва имкониятҳои иттилоотӣ, ки дар маҷмуъ зери мафҳуми «рақамикунонӣ» шинохта мешаванд, наметавонанд самаранок фаъолият намоянд.

Таъсири технологияҳои рақамӣ ба тамоми паҳлуҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ бузург аст ва онро наметавон нодида гирифт, зеро истифодаи васеи захираҳои муосири рақамӣ заминаи асосии рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ин раванд зарурати муайянсозии вазифаҳо ва нақши давлатро дар танзими муносибатҳои рақамӣ ба миён меорад. Барои муайян кардани ҳадафҳо, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ, инчунин таъйини вазифҳои мушаххас ва низоми ҳамкории онҳо бо ҷомеа дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии рақамӣ, таҳияи ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ дар ин самт ногузир мебошад. Ҳуҷҷатҳои мазкур имкон медиҳад, ки низоми ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд, ки рушди устувор ва самараноки муносибатҳои ҳуқуқии рақамиро танзим ва таъмин менамояд.

Технологияҳои рақамӣ на танҳо муносибатҳои ҷамъиятиро тағйир медиҳанд, балки худи механизмҳои танзими ҳуқуқиро низ дигаргун месозанд. Бо рушди технологияҳои рақамӣ сохторҳои классикии ҳуқуқ бо чолишҳои нав рӯ ба рӯ мешаванд, ки зарурияти бознигарии категорияҳои асосии назарияи ҳуқукро ба миён меорад[114]. Т.Я. Хабриева қайд менамояд, ки технологияҳои рақамӣ на танҳо таҳти танзими ҳуқуқ қарор мегирад, балки моҳияти ҳуқукро низ дигаргун менамояд. Ҳуқуқ танҳо воситаи танзими муҳити технологӣ набуда, балки ба объекти рақамикунонӣ табдил меёбад ва дар натиҷа, мазмун, шакл ва механизми амалишавии он низ тағйир меёбад[115].

Бояд қайд намуд, ки барои расидан ба натиҷаҳои муваффақ дар раванди рақамикунонии ҳуқуқ, ташаккули сиёсати ҳуқуқии дақиқ ва пайгирона ниҳоят муҳим мебошад. Тавре маълум аст, таҳияи консепсияҳо яке аз шаклҳои муҳимми татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Онҳо заминаи устувор барои ислоҳоти минбаъда дар низоми ҳуқуқӣ фароҳам оварда, самти минбаъдаи рушди онро муайян менамояд.

Ҳуҷҷатҳои муҳимтарини банақшагирии стратегӣ дар самти рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ барои давраи то соли 2040 ва Барномаи савдои электронӣ барои солҳои 2025-2029 мебошанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки аҳаммияти пешрафти илму техника ҳамчун нерӯи асосии рушди иқтисоди миллӣ тасмим гирифтааст, ки давлати мутобиқ ба талаботи замони муосир бунёд намояд.

---

[114] Ниг.: Анисимова А.С. Правовая политика в сфере цифровизации права // Правовая политика и правовая жизнь. – 2019. – № 3. – С. 173-175.

[115] Ниг.: Хабриева Т.Я. Право перед вызовами цифровой реальности // Журнал российского права. – 2018. – С. 5.

Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019[116] таъсири худро ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025 гузоштааст. Дар доираи Барномаи мазкур, дар давоми панҷ сол воридсозии дастовардҳои илмӣ ва таҳаввулоти пешрафтаи технологӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронидани ислоҳоти илмӣ-техникӣ дар бахшҳои калидӣ ва рушди ҳамаҷонибаи иқтидори инноватсионии кишвар пешбинӣ карда шудааст. Ин тадбирҳо на танҳо ба афзоиши рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд, балки заминаи устувор барои пешрафти минбаъдаи иқтисоди рақамӣ ва технологиҳои пешрафта фароҳам меоранд.

Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули ҷомеаи рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ дорад. Дар қисмати аввали Консепсия махсусан қайд карда мешавад, ки «ҷорикунии ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла технологияҳои пешқадам бояд асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди рақобатнокии байналмилалии кишвар гардад»[117].

Идомаи мантиқии сиёсати инноватсионӣ ва рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Стратегия рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040[118] ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон намудани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия»[119] гардид, ки ҳадафҳои асосии давлат дар самти рақамикунонӣ муайян шудаанд. Ба ин ҳадафҳо дохил мешаванд: таъмини соҳаҳо бо технологияҳои рақамии иттилоотию коммуникатсионии пешрафта; истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои иҷтимою иқтисодӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, меҳнат, саноат, кишоварзӣ, ҷалби сармоя ва хизматрасонӣ; таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ; рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъат бахшидани раванди амалӣ намудани иқтисоди рақамӣ; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар бахши молиявӣ ва тиҷоратӣ; ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ барои беҳтарсозии идоракунии захираҳои табиӣ ва энергетика; амалӣ намудани барномаҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ ва таҳкими амнияти киберӣ; рушди платформаҳои электронии давлатӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва бахши хусусӣ ва ғ.

Бо дарназардошти он, ки рақамикунонӣ ҳамчун як бахши мустақил дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

---

[116] Ниг.: Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2025).

[117] Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2025).

[118] Ниг.: Стратегия рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, № 483 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2025).

[119] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намудани солҳои 2025-2030 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://president.tj/event/news/49419 (санаи муроҷиат: 20.02.2025).

2021-2025[120] пешбинӣ шудааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақамикунонӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун унсури калидӣ ва рушди устувори кишвар ба ҳисоб меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими идоракунии давлатӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва татбиқи технологияҳои рақамӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад.

Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд, ки ба онҳо дохил мешаванд: таъмини низоми мутамаркази хизматрасониҳои электронии давлатӣ бо унсурҳои технологияҳои рақамӣ; баланд бардоштани саводнокии рақамӣ, сатҳи огоҳӣ ва сифати зиндагии шаҳрвандон; ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори зарурӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ; ташкили маркази ягонаи мониторинг ва арзёбии амалисозии ҳуҷҷатҳои стратегӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва ғ.[121].

Пас аз таҳлили вазъи рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон қайд намуд, ки амалисозии хизматрасониҳои рақамӣ бо истифода аз технологияҳои зеҳни сунъӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Гузариш ба муносибатҳои рақамӣ, ки ҳамчун «рақамикунонии фарогир» тавсиф мешавад, масъалаи таъмини амнияти шахс ва давлатро рӯи кор меорад. Рушди истифодаи зеҳни сунъӣ ва истифодаи нейротехнологияҳо равандҳои нави ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда, талаб мекунад, ки қоидаҳои ягонаи рафтор барои тамоми иштирокчиёни раванди мазкур муқаррар карда шавад. Инчунин, муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокичён ва самти рушди танзими ҳуқуқии равандҳои мазкур яке аз вазифаҳои асосии илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Дар ин замина, пешорӯи ҳуқуқшиносони ватанӣ як қатор масъалаҳо ва саволҳои муҳимме қарор мегиранд, ки бояд аз лиҳози назариявӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шаванд. Дар натиҷа, зарурати таҳияи пешниҳодҳои ҳуқуқӣ барои такмили соҳаҳои иқтисоди рақамӣ, рушди танзими ҳуқуқии муносибатҳои рақамӣ ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба воқеияти рақамӣ ба миён меояд.

**Адабиёт**


1. Анисимова А.С. Правовая политика в сфере цифровизации права // Правовая политика и правовая жизнь. – 2019. – № 3. – С. 173-175.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, № 268 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://ombudsman.tj/files/barnoma2021-2025-tj.pdf (санаи муроҷиат: 20.02.2025).


[120] Ниг.: Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, № 268 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://ombudsman.tj/files/barnoma2021-2025-tj.pdf (санаи муроҷиат: 20.02.2025).

[121] Ниг.: Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2025).

3. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2025).
4. Малько А.В. Правовая политика: дискуссионные аспекты понимания // Правоведение. – СПб.: Изд-во С.-Петербург. ун-та. – 2012. – № 2. – С. 52-63.
5. Миралиев И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве. – Душанбе, 2014. – 205 с.
6. Насриддинзода Э.С. Саҳми Пешвои миллат дар густариши сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба истиқболи 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ. – Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2022/08/sa-mi-peshvoi-millat-dar-gustarishi-siyosati-u-u-ii-um-urii-to-ikiston-ba-isti-boli-31-solagii-istiloliyati-davlat/ (Санаи муроҷиат: 01.03.2025).
7. Стратегия рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, № 483 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2025).
8. Тагойбеков Х.С. Правовая политика в Республике Таджикистан: общетеоретический аспект: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова. – Душанбе, 2014. – 190 с.
9. Теория государства и права: курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2001. – 776 с.
10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намудани солҳои 2025-2030 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://president.tj/event/news/49419 (санаи муроҷиат: 20.02.2025).
11. Хабриева, Т.Я. Право перед вызовами цифровой реальности / Т. Я. Хабриева // Журнал российского права. – 2018. – № 9(261). – С. 5-16.

# МАСЪАЛАИ МУАЙЯН КАРДАН ВА ПЕШГИРИИ ХАТОГИИ ТИББӢ ДАР АМАЛИЯИ ҲУҚУҚИИ МУОСИР

**Нажмидинов Муслиҳиддин Маҳмарачабович,**
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, факултети сиёсат ва идора, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ
**Тел:** (+992) 93-723-17-17
**Email:** 1717-mm@mail.ru

**Муқарриз:** Назаров А.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Масъалаи муайян кардани мафҳуми хатогии тиббӣ дар амалияи ҳуқуқии муосир яке аз масъалаҳои муҳим ва ҷиддии ҷомеа мебошад. Дар шароити ташаккули ғояҳои демократӣ ва эҳтироми ҳуқуқҳои инсон хатогиҳои кормандони соҳаи тандурустӣ метавонанд ба озодӣ, саломатӣ ва ҳуқуқҳои қонунии шаҳрвандон зарари ҷиддӣ расонанд. Мафҳуми хатогии тиббӣ ҳоло аз лиҳози ҳуқуқӣ пурра муқаррар нашуда аст, ки ин ба мушкилоти татбиқи қонун ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба хизматрасонии тиббӣ меоварад. Набудани таърифҳои мушаххас ва фарқгузории дақиқ байни хатогиҳои тиббӣ ва дигар навъҳои иштибоҳот боиси паст шудани эътимоди шаҳрвандон ба низоми тандурустӣ мегардад. Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки хатогии тиббӣ дар натиҷаи омезиши сабабҳои объективӣ ва субъективӣ, яъне нопуррагии илмӣ, шароити номусоиди корӣ ва беэътиноӣ ба меъёрҳои касбӣ ба вуҷуд меоянд.

**Калидвожаҳо:** Хатогии тиббӣ, пешгирии хатогӣ, ҳуқуқ, хизматрасонии тиббӣ, масъулияти кормандони тиб, ҳуқуқи инсон, амалияи ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ, таҳлили ҳуқуқӣ.

# ПРОБЛЕМА ВЫЯВЛЕНИЯ И ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ МЕДИЦИНСКИХ ОШИБОК В СОВРЕМЕННОЙ ЮРИДИЧЕСКОЙ ПРАКТИКЕ

**Нажмиддинов Муслихиддин Махмараджабович,**
Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава, факультет политики и управления, ассистент кафедры права и государственного управления
**Тел.:** (+992) 93-723-17-17
**Email:** 1717-mm@mail.ru

**Рецензент:** Назаров А.К., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Вопрос определения понятия врачебной ошибки в современной юридической практике является одним из важнейших и серьёзных вопросов общества. В условиях становления демократических идей и соблюдения прав человека ошибки медицинских работников могут

нанести серьёзный вред свободе, здоровью и законным правам граждан. Понятие врачебной ошибки ещё не полностью устоновилось в юридическом плане, что создаёт проблемы в реализации права и предотвращении правонарушений, связанных с оказанием медицинских услуг. Отсутствие конкретных определений и чёткого разграничения врачебных ошибок и других видов ошибок приводит к снижению доверия граждан к системе здравоохранения. Научный анализ показывает, что врачебные ошибки возникают в результате совокупности объективных и субъективных причин, а именно: научной неполноты, неблагоприятных условий труда и несоблюдения профессиональных стандартов.

**Ключевые слова:** Врачебная ошибка, предотвращение ошибок, право, медицинские услуги, ответственность медицинских работников, права человека, юридическая практика, правовое регулирование, правовой анализ.

## THE ISSUE OF IDENTIFYING AND PREVENTING MEDICAL ERRORS IN MODERN LEGAL PRACTICE

**Najmiddinov Muslihiddin Mahmarajabovich,**
Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, Faculty of Politics and Administration, Assistant at the Department of Law and Public Administration
**Phone:** (+992) 93-723-17-17
**Email:** 1717-mm@mail.ru

**Reviewer:** Nazarov A.Q., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** The definition of medical error in modern legal practice is one of the most important and serious issues facing society. In the context of the emergence of democratic ideas and respect for human rights, errors by medical workers can seriously harm the freedom, health, and legal rights of citizens. The concept of medical error has not yet been fully established in legal terms, which creates problems in enforcing the law and preventing violations related to the provision of medical services. The lack of specific definitions and a clear distinction between medical errors and other types of errors leads to a decrease in public trust in the healthcare system. Scientific analysis shows that medical errors arise from a combination of objective and subjective factors, namely: scientific incompleteness, unfavorable working conditions, and failure to comply with professional standards.

**Keywords:** Medical error, error prevention, law, medical services, medical worker liability, human rights, legal practice, legal regulation, legal analysis.

Дар шароити муосир, ки ғояҳои демократӣ фаъолона ташаккул ёфта мавқеи устувор пайдо менамоянд, ҳар гуна вайрон гардидани ҳуқуқҳои табиӣ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсият боиси вокуниши манфии

густардаи иҷтимоӣ мегардад. Ташаккули устувор ва муваффақи демократия танҳо дар он давлат имконпазир аст, ки дорои маҷмуи тадбирҳои самараноки ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ бошад, ки ба пешгирии зуҳуроте равона гардидаанд, ки бевосита ба фаъолияти муътадил ва ҳаётан муҳими шаҳрвандон халал мерасонанд.

Яке аз мушкилоти ҷиддии ҳуқуқӣ дар шароити муосир масъалаи пешгирии хатарҳои пинҳонӣ ба шахсият аст. Қисми зиёди чунин хатарҳо аз рафтори нодурусти намояндагони сохторҳо ва муассисаҳои иҷтимоӣ бармеоянд. Шаҳрвандоне, ки ба салоҳияти шубҳаноки мутахассисон такя мекунанд, бисёр вақт арзишҳои шахсии худро дар зери таҳдиди воқеӣ қарор медиҳанд.

Хусусан, хатогиҳои кормандони соҳаи тандурустӣ имкониятҳои татбиқи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсонро, ки аҳаммияти ҳаётан муҳим доранд, ба таври манфӣ зоҳир месозанд. Ихтилофҳое, ки вобаста ба сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба миён меоянд, нишон медиҳанд, ки шахсоне, ки ба ёрии тиббӣ эҳтиёҷ доранд, аксар вақт гаравгони ақидаи шаклгирифта оид ба ногузирии объективии хатогиҳои тиббӣ мешаванд. Кормандони тиб, ки ба беморон зарар мерасонанд, бо мақсади канорагирӣ аз ҷавобгарии ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, кӯшиш мекунанд, ки хатои худро ҳамчун яке аз самтҳои қонунии рушди вазъияти мураккаби касбӣ нишон диҳанд. Далелҳо дар бораи қобили қабул будани натиҷаҳои иловагии фаъолияти кормандони муассисаҳои тандурустӣ асосан аз он вобаста аст, ки то имрӯз қонунгузории амалкунанда, илм, таҷрибаи тиббӣ ва ҳуқуқӣ оид ба хусусиятҳои мазмуни категорияи хатогии тиббӣ мавқеи ягонаро коркард накардаанд.

Набудани асосҳо барои фарқгузории дақиқи ҳолатҳои хавфноки иҷтимоӣ ва ғайримаъмулӣ, ки дар соҳаи амалияи тиббӣ ба миён меоянд, боис мегардад, ки муносибати манфии шаҳрвандон нисбат ба фаъолияти тиббӣ шиддат ёбад[122].

Хусусияти шадиди иҷтимоии мушкилоти хатогии тиббӣ бо беэътиноии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд нисбат ба фаъолияти зараровари кормандони бесалоҳияти тиббӣ мураккаб мегардад. Дар шароити ихтилофи ҷиддии назарҳо байни табибон ва ҳуқуқшиносон оид ба мафҳум ва аҳамияти ҳуқуқии хатогии тиббӣ, мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда хеле кам ҳолатҳои дахолати тиббиро бо натиҷаҳои номусоид ҳамчун ҷиноят бандубаст мекунанд. Арзёбии объективии сатҳ ва динамикаи ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда дар соҳаи хизматрасонии тиббӣ душвор аст, зеро омори расмӣ оид ба зарар расонидан ба манфиатҳои беморон вуҷуд надорад. Тамоюли мушоҳидашаванда таҳдиди ҷиддии иҷтимоиро ба миён меорад. Эҳсоси бетафовутӣ ва ҷавобгарии пасти кормандони бесалоҳияти тиб барои иштибоҳоти содиршуда боиси зиёд гардидани ҳолатҳои беэътиноӣ ба меъёрҳои муқарраргардидаи ташхис ва муолиҷа мегардад, ки амнияти ҳаёт ва саломатии инсонро таъмин менамоянд. Ҳамаи гуфтаҳои боло зарурати таҳияи мафҳуми хатогии тиббӣ ва такмили механизми пешгирии ҳуқуқӣ-ҷиноятии онро тасдиқ мекунад.

---

[122] Ниг.: Врачи не видят себя в зеркале // Новая газета. – 2009. – 21 октября.

Мафҳуми расмӣ ва аз лиҳози ҳуқуқӣ муқарраргардидаи хатогии тиббӣ вуҷуд надорад. Хатогии тиббӣ бевосита бо камбудиҳо ҳангоми расонидани ёрии тиббӣ омезиш карда мешавад. Хулосабарории назарияҳои ироашуда имкон медиҳад, ки танҳо як натиҷа гирифта шавад: низоми ҳуқуқии миллӣ ба ишораҳои сатҳӣ оид ба мавҷудияти хатогиҳои эҳтимолӣ ва ғайри қобили қабул дар амалияи тиббӣ маҳдуд мегардад.

Набудани таърифи қонунгузории хатогии тиббӣ боиси мушкилоти зиёд ҳангоми арзёбии ҳаракатҳои зараровари кормандони соҳаи тандурустӣ дар сатҳи ҳуқуқтатбиққунӣ мегардад. Вақте ки дар хулосаи экспертизаи судӣ-тиббии комиссиявӣ категорияи «хатогии тиббӣ» зикр мегардад, намояндаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аксар вақт бидуни далелҳои иловагӣ таъқиби ҷиноятии корманди тиббиро, ки ҳамчун гумонбар ё айбдоршаванда шинохта шудааст, бо асосҳои сафедкунӣ қатъ менамояд[123].

Ба андешаи кормандони прокуратура қисми асосии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба хатогии тиббӣ маҳз бо сабаби набудани фарқгузории дақиқ байни ҳаракаҳои ҷиноятӣ ва қонунии корманди тиббӣ то суд расида намешаванд[124]. Ин гуна муносибат гумон аст, ки дар ҳуқуқтатбиққунанда мавҷуд будани фаҳмиши дақиқи моҳияти ҳақиқӣ ва аҳаммияти ҳуқуқии хатогии тиббӣ шаҳодат диҳад. Илм низ тафсири ягонаи аломатҳои тавсифдиҳандаи моҳияти хатогии тиббиро пешниҳод намекунад. Хусусан, дар мавриди мафҳуми хатогии тиббӣ назари муаллифоне, ки соҳаи тиб ва ҳуқуқшиносиро намояндагӣ мекунанд, ба таври ҷиддӣ ихтилоф доранд. Дар илми тиб маъмул аст, ки таърифҳои хатогии тиббӣ дифоъ карда мешаванд, ки гӯё ҳуқуқи ба хатогӣ роҳ додани кормандони низоми тандурустиро эътироф мекунанд.

Муқоисаи хатогии тиббӣ бо иштибоҳи софдилонаи духтур, ки бори аввал онро патологоанатоми машҳури давраи шӯравӣ И.В. Давидовский[125] ба миён гузошта буд, то имрӯз аз ҷониби намояндагони тибби муосир фаъолона дастгирӣ мешавад[126]. Олимони ҳуқуқшинос дар хусуси тавсифи иҷтимоию ҳуқуқии хатогии тиббӣ бештар ба мавқеи муқобил майл доранд. Ба гуфтаи А.Г. Блинов, хатогӣ дар фаъолияти касбии тиббӣ натиҷаи объективонаи ғайриқонунӣ ва номусоидро дар бар мегирад. Дар ин замина таъкид кардан муҳим аст, ки аксарияти шаҳрвандоне, ки мо пурсиш гузаронидем, низ зидди қонунигардонии ҳуқуқ ба хатогии тиббӣ баромад мекунанд. Аз ин рӯ, барои фаҳмиши ягонаи моҳияти ин категория мавриди баррасӣ зарур аст, ки маъмултарин ва бештар баҳсшавандаи таърифҳои хатогии тиббӣ дар адабиёти тиббӣ ва ҳуқуқӣ муфассал таҳлил карда шаванд.

Бар асоси таҳқиқоти И.В. Давидовский, хатогии тиббӣ бояд ҳамчун иштибоҳи бовиҷдононаи духтур фаҳмида шавад, ки он ба нопуррагии сатҳи муосири дониш ва усулҳои таҳқиқоти илми тиб асос ёфтааст, ё бар асари ҷараёни ғайримаъмулӣ доштани беморӣ ба вуҷуд меояд, ё бо

---

[123] Ниг.: Сергеев Ю. Ошибка или преступление? // Медицинская газета. – 1994. – 20 апреля.

[124] Ниг.: Червонных Е.В. Криминализация врачебных ошибок // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2010. – № 12. – С. 40.

[125] Ниг.: Давыдовский И.В. Врачебные ошибки // Советская медицина. – 1941. – № 3. – С. 3-10.

[126] Ниг.: Блинов А.Г. Уголовно-правовая охрана прав пациента. – Саратов, 2004. – С. 83.

норасоии дониш ва таҷрибаи духтур шарҳ дода мешавад. Тибқи ин таъриф, хатогии тиббӣ ба интихоби нодурусти самти рафтори корманди тиб дар вазъияти касбии баамаломада вобаста ба омилҳои объективӣ ё субъективӣ баробар мегардад.

Бояд эътироф кард, ки таърифи пешниҳоднамудаи И.В. Давидовский асоснок мебошад. А.П. Громов чунин илова мекунад: «меъёри асосии хатогии тиббӣ ин иштибоҳи бовиҷдононаи духтур аст, ки аз шароити муайяни объективӣ бармеояд ва унсурҳои беэҳтиётӣ, саҳлангорӣ ё саводнокии пасти касбиро дар бар намегирад»[127]. Дар миёни муҳаққиқони муосир дар ин замина бо А.П. Громов ҳамназар аст А.А. Андреев, ки зикр кардааст: «Хатогии тиббӣ на танҳо ва на ҳамеша иштибоҳи клиникӣ, балки воқеияти иҷтимоӣ мебошад, ки бисёр вақт бо омилҳои равонӣ, иқтисодӣ, эргономикӣ ва дигар омилҳо муайян карда мешавад»[128]. Бо ин робита, муаллифони зикршуда ҳангоми тафсири хатогии тиббӣ таваҷҷуҳро бештар ба сабабҳои объективии иштибоҳи намояндаи тибби амалӣ равона месозанд.

Мафҳуми хатогии тиббиро И.Ф. Огарков низ наздик ба андешаҳои муаллифони дар боло зикршуда тавзеҳ медиҳад. Ба назари ӯ, ҷузъи асосии хатогии тиббӣ иштибоҳи бовиҷдононаи субъективии мутахассиси соҳаи тиб мебошад, ки аз нопуррагии донишҳои касбӣ, усулҳои ташхис ва муолиҷа, инчунин шароити душвори фаъолияти тиббӣ бармеояд[129]. Тақрибан чунин андешаро А.А. Матишев ва А.Р. Денковский низ пайравӣ мекунанд[130].

Андешаронииҳои назариявӣ оид ба имконияти ҷудо кардани хатогиҳои объективӣ ва субъективии тиббӣ аз ҷониби намояндагони доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аксар вақт дар асоси тавсияҳо оид ба бандубасти амалҳои носаҳеҳи кормандони тиб истифода мешаванд. Масалан, ҳангоми арзёбии ҳуқуқии хатогиҳои тиббӣ А.Г. Кибалник ва Я.В. Старостина аз категорияҳои «хатогиҳои тиббии релевантӣ» ва «хатогиҳои тиббии нерелевантӣ» истифода мекунанд. Муаллифон хатогии тиббии релевантиро ҳамчун иштибоҳи корманди тиббии дорои ихтисос ва сатҳи касбии мувофиқ нисбат ба хусусият, намуд ва андозаи ёрии тиббӣ муайян мекунанд, ки бар асари беэҳтиётӣ боиси расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии бемор гардидааст. Мафҳумҳои воридшудаи хатогиҳои тиббии релевантӣ ва нерелевантӣ бевосита ба назария вобастаанд, ки мавҷудияти заминаҳои объективӣ ва субъективии расонидани зарар аз ҷониби корманди тиб ба беморро асоснок мекунад.

Мантиқан савол ба миён меояд: оё дуруст аст, ки категорияи хатогии тиббӣ танҳо дар доираи омилҳои объективӣ ё субъективӣ баррасӣ гардад? Ҷавоб ба ин савол бояд манфӣ бошад. Вобаста ба мазмуни худ, ҳар гуна хатогӣ аз афзалияти объективӣ ё субъективӣ маҳрум аст. Хусусияти асосии

[127] Громов А.П. Права, обязанности и ответственность медицинских работников. – М., 1976. – С. 75.
[128] Андреев А.А. Отношение к врачебным ошибкам и социальные пути их предупреждения: Автореф. дисс. ... канд. мед. наук. – Волгоград, 2006. – С. 7.
[129] Ниг.: Огарков И.Ф. Врачебные правонарушения и уголовная ответственность за них. – Л., 1966. – С. 133.
[130] Ниг.: Судебная медицина: руководство для врачей / Под ред. А.А. Матышева и А.Р. Деньковского. – Л., 1985. – С. 480.

хатогӣ дар он аст, ки он ихтилоф миёни талаботи объективии фаъолияти ҳаётиро бо рафтори субъективии инсон ифода мекунад. А.Б. Лисюткин, ки ин категорияро муфассал таҳқиқ кардааст, ба таври дуруст изҳор менамояд, ки хатогӣ «ихтилоф миёни ҷанбаҳои объективӣ ва субъективии рушди ҷомеаро ифода мекунад ва ягонагии онҳоро тавсиф менамояд. Аз ин рӯй, хусусияти иҷтимо хатогӣ зарурати муайян кардани аҳаммияти ҳуқуқии ин падидаро талаб месозад»[131].

Нишондиҳандаи ибтидоии хатогии тиббӣ ин аз ҷониби корманди тиб нодуруст интихоб намудани усулҳо ва воситаҳои ташхису муолиҷаи бемор ба ҳисоб меравад. Бесамара будани самти рафтори духтур дар вазъияти касбии баамаломада танҳо дар он ҳолат муайян карда мешавад, ки интихоби усулҳо ва воситаҳои ташхисӣ ва табобатӣ шакли объективӣ касб кардааст. Дар бораи хатогиҳо дар амалҳои корманди тиб бевосита метавон аз пуррагии ҷамъоварии ташхису таҳлил, ташхиси гузошташуда, стратегия ва тактикаи татбиқшавандаи табобат, мувофиқати тадбирҳои табобатӣ, саривақтии бистари намудан дар беморхона ва расонидани ёрии тиббӣ хулоса баровард. Амалҳои объективона ифодаёфтаи духтур сатҳи мутобиқати онҳоро ба тартиботи муқарраргардидаи расонидани ёрии тиббӣ ба таври равшан ошкор месозанд.

Меъёрҳои сифати ташхис ва муолиҷа дар талаботи махсуси аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ҷой дода мешаванд, ки ба рафтори касбии духтур дар ҳар ҳолати муайян пешниҳод мегарданд. Ҳуҷҷатҳои махсуси сатҳҳои гуногун мавҷуданд, ки тартиби расонидани ёрии тиббиро танзим мекунанд.

Аломати навбатии хатогии тиббӣ бо ба миён омадани натиҷаи манфии интихоби нодурусти усулҳо ва воситаҳои ташхису муолиҷа аз ҷониби корманди тиб иртибот мегирад. Дар илми ҳуқуқ ва тиб қабул шудааст, ки натиҷаи манфии хатогии тиббӣ ифодаи объективии худро дар зарари мушаххас ба бемор пайдо мекунад[132].

Мавқеи иброзшуда, ки натиҷаи хатогии тиббиро танҳо бо зарари бевосита ба ҳаёт ё саломатии бемор пайваст мекунад, ба пуррагӣ асоснок нест. Ин бо он вобаста аст, ки ҳолати расонидани зарар ба инсон гарчанде оқибати номатлубтарини рафтори нодурусти корманди тиб бошад ҳам, аммо натиҷаи ягонаи хатогии ӯ нест. Дахолати касбии саривақтӣ ба вазъияте, ки бо расонидани ёрии тиббии носаҳеҳ ба миён омадааст, мумкин аст расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии беморро истисно намояд.

Бо назардошти самт ва хусусияти фаъолияти тиббӣ, гумон кардан душвор нест, ки интихоби ниҳоии самти нодурусти рафтор аз ҷониби духтур дар раванди расонидани ёрии касбӣ ба шакли хатари воқеӣ ба ҳаёт ё саломатии бемор ифода меёбад.

---

[131] Лисюткин А.Б. Ошибка как категория правоведения: Теоретико-методологический аспект: автореф. дисс. … д-ра. юрид. наук. – Саратов, 2002.

[132] Ниг.: Артюхов И.П., Виноградов К.А., Зайцев Н.Г. Правовое обеспечение профессиональной и служебной деятельности медицинских работников и их юридическая ответственность: учебно-методическое пособие для системы послевузовской подготовки врачей. – Красноярск, 2002; Сергеев В.В. Профессиональные ошибки медицинских работников: проблемы правового обоснования // Медицинское право. – 2004. – № 4. – С. 45-50.

Аломати охирони хатогии тиббӣ мавҷудияти заминаи субъективиро дар интихоби усулҳо ва воситаҳои нодурусти ташхис ва муолиҷа дар назар дорад, ки бо надонистан ё бо худбоварона нодида гирифтани талаботи махсуси ба рафтори касбӣ пешниҳодшуда аз ҷониби корманди тиб тавсиф мегардад. Надонистан ё бо худбоварӣ сарфи назар кардани меъёрҳои ташхис ва муолиҷа тарафи субъективии хатогии тиббиро инъикос мекунад. Тавре ки натиҷаҳои омӯзиши 32 парвандаи ҷиноятӣ нишон доданд, корманди тиб, ки хатогиро содир кардааст, дар сатҳи шуурии худ пурра ё ба андозаи лозима аҳаммияти меъёрҳои расмии рафтори касбиро дарк намекунад.

Донистан ва зарурати риояи ҳатмии дастурҳое, ки дар соҳаи тиб муқаррар карда мешаванд, ҷузъи ҷудонопазири касбияти духтурро ташкил медиҳад. Аммо масъала дар бораи сатҳи огоҳии духтур аз қоидаҳои расонидани ёрии тиббӣ, бахусус вобаста ба усулҳо ва воситаҳои нави ташхису муолиҷа, хеле баҳснок боқӣ мемонад. Дар адабиёт чунин андеша баён шудааст, ки барои духтури амалкунанда доштани танҳо ҳадди ақали муайяни донишҳои махсус аз тамоми маҷмуи муқаррарот ва тавсияҳое, ки аз ҷониби илми тиб ва амалияи расонидани ёрии табобатӣ таҳия шуда ва тасдиқи расмӣ пайдо кардаанд, кофӣ мебошад[133]. Бо чунин мавқеъ А.Г. Блинов ба таври асоснок розӣ намешавад. Ӯ таъкид менамояд: «Захираи донишҳое, ки корманди касбии тиб бояд доро бошад, на танҳо ҳаҷми муайяни донишҳои назариявиро, ки дар муассисаи таълимии тиббӣ ва дар давраи таҳсили баъди диплом гирифта шудаанд, балки ҳамчунин сатҳи илми муосири тибро, ки дар амал татбиқ мешавад, дар бар мегирад»[134].

Меъёрҳои сифати хизматрасониҳои тиббӣ хусусияти равшан ва пайваста пешрафткунанда доранд, ки мустақиман бо дастовардҳои илми тиб ва амалияи он вобаста мебошад. Ин андеша асоси ҳуқуқии байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ низ дорад. Дар сатҳи байналмилалӣ Конвенсияи Шурои Аврупо «Дар бораи ҳуқуқи инсон ва биотиб» аз соли 1996 қабул шудааст, ки моддаҳои 3 ва 4-и он зарурати мутобиқати ёрии тиббиро ба стандартҳо дар партави пешрафти илмӣ таъкид мекунанд.

Маҷмуи аломатҳои иброзгардида ва мухтасар тавсифшудаи хатогии тиббӣ имкон медиҳад, ки чунин таърифи он пешниҳод шавад: хатогии тиббӣ – ин аз ҷониби корманди тиб интихоби усулҳо ва воситаҳои ташхису муолиҷаест, ки барои ҳаёт ё саломатии бемор хавфнок буда, бар асари надонистан ё бо худбоварӣ сарфи назар кардани талаботи махсуси аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим, ки ба рафтори касбӣ дар вазъияти баамаломада пешниҳод шудаанд, содир мегардад.

Мувофиқи мантиқии таҳқиқот дар идома ба баррасии сабабҳои хатогии тиббӣ рӯ меоварем. Ошкор намудани сабабҳои хатогии тиббӣ заминаи ҷиддиро барои муайян кардани механизми иҷтимоӣ-ҳуқуқии

---

[133] Ниг.: Бердичевский Ф.Ю. Уголовная ответственность медицинского персонала за нарушение профессиональных обязанностей. – М., 1970. – С. 38-41; Майданик Л. Ответственность медицинских учреждений за ненадлежащее лечение // Советская юстиция. – 1967. – № 16. – С. 13; Самщенко С.С. Судебная медицина: Учебник для вузов. – М., 1996. – С. 317-318.

[134] Блинов А.Г. Уголовно-правовая охрана прав пациента. – Саратов, 2004. – С. 83.

пешгирии амалҳои носаҳеҳ ва хавфноки иҷтимоии кормандони тиб фароҳам меорад.

Мафҳуми «сабаб» ҳамчун «ҳодисае, ки ба вуҷуд омадани ҳодисаи дигарро ба вуҷуд меорад ё муайян мекунад»[135] маънидод карда мешавад. Дар бораи зуҳуротҳое, ки боиси пайдоиши хатогии тиббӣ мешаванд, назарҳо қариб яксонанд. Аксарияти муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки сабабҳои хатогии тиббӣ метавонанд пайдоиши объективӣ ё субъективӣ дошта бошанд. Ба сабабҳои объективии хатогии тиббӣ нопуррагии сатҳи илми тиб, сурат гирифтани ҳолатҳои ғайримаъмулӣ дар клиника, пинҳон доштани нишонаҳои муайян аз ҷониби бемор, мавҷудияти нишонаҳои бемориҳое, ки дар ҳолатҳои нодир вомехӯранд, набудани шароити зарурӣ барои расонидани ёрии тиббӣ ва монанди инҳо шомил мешаванд. Ба сабабҳои субъективии хатогии тиббӣ бошад, одатан нокифоягии дониши касбии духтур, аз ҳад зиёд ба сатҳи тахассуси худ баҳогузорӣ намудани корманди тиб, роҳ додан ба таваккали беасос, нодуруст баҳо додан ба маълумоти таҳқиқоти лабораторӣ ва дигар ҳолатҳо дохил карда мешаванд.

Бо эътирофи мавҷуд будани омилҳои субъективии ҳаракатҳои носаҳеҳи барои ҷамъият хавфноки корманди тиб метавон доир ба мавҷудияти сабабҳои объективии хатогии тиббӣ баҳс намуд. Хатогии тиббӣ ҳамчун ихтилофи муайяни усулҳои интихобнамудаи духтур барои ташхис ва муолиҷа бо талаботи ба фаъолияти тиббӣ пешниҳодшуда, худ аз худ заминаи объективиро истисно мекунад. Амалҳои тиббии тибқи қоидаҳои махсус анҷомёфта, ки бо сабабҳои аз духтур вобаста набуда ба натиҷаи манфӣ барои бемор оварда мерасонанд, наметавонанд хатогӣ арзёбӣ шаванд. Ҳар гуна хатогии тиббӣ аввалан дар сатҳи шуур ва иродаи корманди тиб, ки дар бораи хусусият ва андозаи эҳтимолии дахолати касбии тиббӣ қарор қабул менамояд, оғоз мегардад.

Баррасии мафҳум ва сабабҳои хатогии тиббӣ имкон медиҳанд, ки хулосаҳои асосии зерин пешниҳод карда шаванд.

1. Хатогии тиббӣ – ин аз ҷониби корманди тиб интихоби усулҳо ва воситаҳои ташхису муолиҷаест, ки барои ҳаёт ё саломатии бемор хавфнок мебошанд ва бо надонистан ё худбоварона сарфи назар кардани талаботи махсуси аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим, ки ба рафтори касбӣ дар вазъияти баамаломада пешниҳод мегарданд, ба вуҷуд меоянд. Таърифи пешниҳодшудаи хатогии тиббӣ аз аломатҳои зерин иборат аст. Аломати аввалини хатогии тиббӣ амалҳои тиббии объективона ифодаёфтаи корманди тиб мебошанд, ки аз талаботи муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои махсус оид ба сифати хизматрасониҳои тиббию биологӣ берун меравнд. Аломати навбатии хатогии тиббӣ ба натиҷаи манфии интихоби усулҳо ва воситаҳои нодурусти ташхису муолиҷа вобаста мебошад, ки дар шакли хавфи воқеӣ барои ҳаёт ё саломатии бемор ифода меёбад. Аломати охирони хатогии тиббӣ надонистан ё худбоварона сарфи назар кардани талаботеро дар бар мегирад, ки ба сифати хизматрасониҳои тиббӣ, аз ҷумла қоидаҳои наве, ки аз ҷониби илм эътироф шуда ва дар амалияи касбӣ фаъолона истифода мешаванд, дахл доранд.

---

[135] Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М., 1990. – С. 601.

2. Хатогии тиббӣ сабаби ибтидоии субъективӣ дорад, ки дар сатҳи шуур ва иродаи духтур ифода ёфта, ҳангоми вазъияти касбии мушаххас боиси номувофиқии усулҳои ташхису муолиҷа бо талаботи амалияи тиб мешавад. Хатогии тиббӣ ҳамчун натиҷаи ихтилофи муайян миёни усулҳои интихобнамудаи духтур барои ташхису муолиҷа ва талаботи муқарраршудаи фаъолияти тиббӣ заминаи объективиро истисно мекунад. Амалҳои тиббии тибқи қоидаҳои махсус анҷомёфта, ки бинобар ҳолатҳои аз духтур вобаста набуда ба натиҷаи номусоид барои бемор оварда мерасонанд, наметавонанд хатогӣ ҳисобида шаванд.

**Адабиёт:**


1. Андреев А.А. Отношение к врачебным ошибкам и социальные пути их предупреждения: Автореф. дисс. ... канд. мед. наук. – Волгоград, 2006. – С. 7.
2. Артюхов И.П., Виноградов К.А., Зайцев Н.Г. Правовое обеспечение профессиональной и служебной деятельности медицинских работников и их юридическая ответственность: учебно-методическое пособие для системы послевузовской подготовки врачей. – Красноярск, 2002.
3. Бердичевский Ф.Ю. Уголовная ответственность медицинского персонала за нарушение профессиональных обязанностей. – М., 1970. – С. 38-41.
4. Блинов А.Г. Уголовно-правовая охрана прав пациента. – Саратов, 2004. – С. 83.
5. Врачи не видят себя в зеркале // Новая газета. – 2009. – 21 октября.
6. Громов А.П. Права, обязанности и ответственность медицинских работников. – М., 1976. – С. 75.
7. Давыдовский И.В. Врачебные ошибки // Советская медицина. – 1941. – № 3. – С. 3-10.
8. Лисюткин А.Б. Ошибка как категория правоведения: Теоретико-методологический аспект: автореф. дисс. … д-ра. юрид. наук. – Саратов, 2002.
9. Майданик Л. Ответственность медицинских учреждений за ненадлежащее лечение // Советская юстиция. – 1967. – № 16. – С. 13.
10. Огарков И.Ф. Врачебные правонарушения и уголовная ответственность за них. – Л., 1966. – С. 133.
11. Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М., 1990. – С. 601.
12. Самшценко С.С. Судебная медицина: Учебник для вузов. – М., 1996. – С. 317-318.
13. Сергеев В.В. Профессиональные ошибки медицинских работников: проблемы правового обоснования // Медицинское право. – 2004. – № 4. – С. 45-50.
14. Сергеев Ю. Ошибка или преступление? // Медицинская газета. – 1994. – 20 апреля.
15. Судебная медицина: руководство для врачей / Под ред. А.А. Матышева и А.Р. Деньковского. – Л., 1985. – С. 480.
16. Червонных Е.В. Криминализация врачебных ошибок // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2010. – № 12. – С. 40.

# ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)

## ОЗОДИИ МУСОФИРАТ ВА БАҚАЙДГИРИИ ШАҲРВАНДОН ДАР ҶОЙИ ИСТИҚОМАТ: ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ ВА УҲДАДОРИИ МАЪМУРӢ

**Диноршоҳ Азиз Мусо,**
Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**E-mail:** dinorshoev@gmail.com
**Тел.:** (+992) 935890207

**Ҳалимзода Карим Ҳалим,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел.:** (+992) 907373744
**E-mail:** halimzoda94@mail.ru

**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Мақолаи мазкур вобаста ба бақайдгирии шаҳрвандон дар ҷойи истиқомат ва ҷойи будубош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ, инчунин унсури муҳимми ташаккули сиёсати муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Объекти мавзуи тадқиқшаванда муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар инкишофи ҳуқуқи мусофират, интихоби озоди маҳалли зист ва ҷойи будубош равона шудаанд. Муносибати байни ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодии ҳаракат ва уҳдадории ба қайд гирифтан дар ҷойи истиқомат ва будубоши онҳо таҳлил карда мешавад. Сарфи назар аз бекор кардани низоми бақайдгирӣ (прописка), бақайдгирии шаҳрвандон дар ҷои истиқомат ва будубоши онҳо иҷозат дода мешавад, на хусусияти огоҳӣ дорад.

**Калидвожаҳо:** Бақайдгирӣ, ҳуқуқи мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, ҷойи истиқомат, ҷойи будубош, азқайдбарорӣ, шаҳрванд, барӯйхатгирии аҳолӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ.

# СВОБОДА ПЕРЕДВИЖЕНИЯ И РЕГИСТРАЦИЯ ГРАЖДАН ПО МЕСТУ ЖИТЕЛЬСТВА: КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО И АДМИНИСТРАТИВНАЯ ОБЯЗАННОСТЬ

**Диноршох Азиз Мусо,**
Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, доктор юридических наук, профессор
**E-mail:** dinorshoev@gmail.com
**Тел.:** (+992) 935890207

**Халимзода Карим Халим,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения
**Тел.:** (+992) 907373744
**E-mail:** halimzoda94@mail.ru

**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье рассматривается регистрация граждан по месту жительства и месту пребывания в Республике Таджикистан как институт конституционного и административного права, а также важный элемент формирования иммиграционной политики в Республике Таджикистан. Объектом исследуемой темы являются общественные отношения, направленные на развитие права на передвижение, свободный выбор места жительства и места пребывания. Анализируется соотношение права граждан на свободу передвижения и обязанности регистрироваться по месту жительства и месту пребывания. Несмотря на отмену прописки, регистрация граждан по месту жительства и месту пребывания допускается, а не носит уведомительный характер.

**Ключевые слова:** Регистрация, право пассажира, свободный выбор места жительства, место жительства, место пребывания, регистрация, гражданин, перепись населения, административное правонарушение.

# FREEDOM OF MOVEMENT AND REGISTRATION OF CITIZENS AT THE PLACE OF RESIDENCE: CONSTITUTIONAL RIGHT AND ADMINISTRATIVE RESPONSIBILITY

**Dinorshoh Aziz Muso,**
Branch of the Moscow State University named after M.V. Lomonosov in Dushanbe, Doctor of Law, Professor
**Phone:** (+992) 935890207
**E-mail:** dinorshoev@gmail.com

**Halimzoda Karim Halim,**
Tajik National University, Faculty of Law, PhD Candidate at the Department of Human Rights and Comparative Law
**Phone:** (+992) 907373744
**E-mail:** halimzoda94@mail.ru

**Reviewer:** Sadizoda J., Candidate of Legal Sciences, docent

**Annotation:** This article deals with the registration of citizens at the place of residence and place of stay in the Republic of Tajikistan as an institution of constitutional and administrative law, as well as an important element of the formation of immigration policy in the Republic of Tajikistan. The object of the researched topic is public relations aimed at the development of the right of travel, free choice of place of residence and place of stay. The relationship between citizens' right to freedom of movement and the obligation to register at their place of residence and stay is analyzed. Despite the abolition of the registration system, registration of citizens at their place of residence and stay is permitted, not a notification feature.
**Keywords:** registration, right of passenger, free choice of place of residence, place of residence, place of stay, registration, citizen, population census, administrative offense.

Ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист яке аз ҷузъҳои асосии мақоми конститутсионии шахс ба шумор меравад. Ин ҳуқуқ дар моддаи 24 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки озодона сафар намояд, маҳалли зисти худро интихоб кунад, Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намояд ва ба он бидуни монеа баргардад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро эътироф ва кафолат медиҳад, бо зикри ин меъёр ҳуқуқи шаҳрвандонро ба озодии мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист расман муқаррар намудааст. Дар натиҷа, ин ҳуқуқ ба унсури ҷудонопазири мақоми ҳуқуқии шахс дар низоми конститутсионии кишвар табдил ёфтааст. Мустаҳкам гардидани ҳуқуқ ба мусофиратро метавон ҳамчун марҳилаи муҳим дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии равандҳои муҳоҷират арзёбӣ кард.

Дар айни ҳол, яке аз масъалаҳои мубрам дар амалӣ намудани ҳуқуқи мазкур фаъолияти низоми бақайдгирии шаҳрвандон дар маҳалли истиқомат ва ҷойи муваққатии зист мебошад. Бақайдгирӣ ҳамчун як навъ хизмати давлатӣ амал карда, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар маҳалли истиқомат ва будубош ба таври расмӣ сабт менамояд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, метавон ба хулоса омад, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ на танҳо маълумот дар бораи омадану рафтани шаҳрвандонро ҷамъоварӣ ва ба сабтҳои дахлдор ворид месозанд, балки барои татбиқи

ҳуқуқҳои шахсӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон, ҳимояи манфиатҳои қонунии онҳо ва истифодаи имтиёзҳои расмӣ замина фароҳам меоранд.

Бақайдгирии расмӣ дар навбати худ кафолати қонунии будубоши шахс дар қаламрави муайянро таъмин намуда, бо имконияти шуғл, гирифтани нафақа, ҳимояи иҷтимоӣ, ёрии тиббӣ ва дигар хизматрасониҳои зарурии давлатӣ иртиботи мустақим дорад[136].

Бақайдгирӣ дар ҳуқуқ амал (санад)-и мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ё шахси масъули мансабдорест, ки ҳолати расмии шахсият ё ҳуҷҷати муайянеро ба расмият медарорад. Дар ҳолатҳои гуногун вобаста ба тарзу тариқаи масъалагузорӣ, ба чанд маъно истифода мешавад[137].

Бақайдгирӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар бисёр соҳаҳои идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор дорад. Масалан, ашёи амволи ғайриманқул, бақайдгирии ҳарбии шаҳрвандон[138], аслиҳа, воситаҳои нақлиёт, бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ[139], бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ[140]. Шаҳрванд метавонад якбора якчанд намуд ба қайд гирифта шавад: изи ангушт (вобаста ба рафтори гузашта), дар ҷойи истиқомат ва ҷойи будубош. Ду намуди охирон махсусан муҳим аст, зеро ки онҳо ба ҳар як сокини мамлакат дахл доранд.

Қобили қайд аст, ки худи бақайдгирӣ дар ҷойи истиқомат ҳамчун хизмати давлатӣ барои бақайдгирии шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд муайян карда шудааст. Бақайдгирӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо мақсаде, ки давлат ва дигар иштирокчиёни муомилоти маданӣ, шахсро дар куҷо пайдо карда метавонанд (дар кадом суроғаи истиқомат), агар ин шахс ба сабабҳои зарурӣ лозим бошад, фаҳмида мешавад.

Ба андешаи А.Н. Добров «Бақайдгирӣ аз нуқтаи назари танзими маъмурию ҳуқуқӣ шакли фаъолияти иҷроия мебошад, ки дар ваколатномаҳо ифода карда шуда, эътирофи расмии ҳуқуқ ё вазъи ҳуқуқии субъектҳои алоҳида ифода ёфта, дар ҳолатҳои зарурӣ аз ҷониби давлат танзими мушаххаси муносибатҳои иҷтимоӣ, инчунин назорат аз болои тадбирҳои дар ҳақиқат иҷрошуда мебошад»[141].

Дар кори илмии худ О.В. Панкова вобаста ба масъалаи бақайдгирӣ чунин қайд менамояд, ки «бақайдгирӣ ин бақайдгирии махсуси шаҳрвандон дар ҷойи истиқомат ва ҷойи будубош мебошад, ки дорои хусусияти огоҳонӣ дошта, бо тартиби муқаррар намудаи қонун аз ҷониби

---

[136] Ниг.: Авакьян С.А. Конституционный лексикон. Государственно-правовой терминологический словарь. – М.: Юстицинформ, 2015. – С. 556.

[137] Ниг.: Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 2. АСОС-БОЗ. – Душанбе. – С. 289.

[138] Ниг.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи бақайдгирии ҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 августи соли 2022, № 416 // Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷаллаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ. – № 8 (170), қисми 1. – 2022.

[139] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29 апрели соли 2006, № 188 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 05.01.2022).

[140] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, № 508 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 05.01.2022).

[141] Добров А.Н. Институт регистрации в административном праве. Дисс. ... канд. юрид. наук / Добров Алексей Николаевич. – М., 2005. – С. 19.

мақомоти бақайдгирии давлатӣ анҷом дода мешавад, бо далели тасдиқи дар ҷойи муайян қарор доштани шахсро, ки истиқомат мекунад ё будубош ва ба таъмини шароити зарурӣ барои амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, иҷрои уҳдадориҳо дар назди дигар шаҳрвандон, давлат ва ҷомеа нигаронида шудааст»[142].

Тартиби бақайдгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи меъёрҳои амалкунандаи қонунгузорӣ ба воситаи Фармоиши якҷояи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2021, № 746 б/з ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2021, № 1022 «Дар бораи дастурамали муштараки тартиби татбиқи Қоидаҳои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда мешавад. Ин тартиб ба ҳайси яке аз унсурҳои муҳимми фаъолияти идоракунии давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират ва бақайдгирии аҳолӣ мавқеи хосса дошта, ба ҳадафи таъмин намудани назорати муназзами ҳуқуқӣ ва маъмурӣ бар ҳаракат ва иқомати шахсони воқеӣ дар қаламрави кишвар хизмат мекунад.

Мувофиқи қоидаҳои мавҷуда, тартиби маъмурии бақайдгирӣ дорои ду самти асосӣ мебошад: аввал, бақайдгирӣ дар ҷойи истиқомат ва маҳалли будубош, ки ба воситаи он шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҷумҳурӣ ба таври доимӣ ё муваққатӣ иқомат доранд, расман сабти ҳуқуқӣ мегарданд; дуввум, аз қайд баровардан аз ҷойи истиқомат ва маҳалли будубош, ки тартиби қатъи бақайдгирии қаблан расмиятёфтаи шахсро дар бар мегирад. Дар ин замина, шахсоне, ки ҷойи истиқомат ё маҳалли будубоши худро тағйир додаанд ва аз қайди қаблӣ хориҷ шудаанд ё мӯҳлати қайди муваққатии онҳо ба анҷом расидааст, уҳдадоранд, ки дар мӯҳлати на дертар аз понздаҳ рӯз ба мақомоти дахлдор муроҷиат намуда, худро дар ҷойи нави истиқомат ё маҳалли будубош сабт намоянд.

Бақайдгирии шаҳрвандон дар ҷойи истиқомат тибқи муқаррароти қонун ба онҳое татбиқ мегардад, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ ба таври доимӣ зиндагӣ доранд ё аз хориҷи кишвар барои истиқомати доимӣ ба ватан баргаштаанд. Ҳамзамон, шахсоне, ки ба таври доимӣ дар хориҷ иқомат доранд, вале барои муддати зиёда аз шаш моҳ, вале на бештар аз панҷ сол, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд, низ ба қайд гирифта мешаванд. Ба ин тартиб ҳамчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои қонунӣ ҳуқуқи истиқомати доимӣ дар ҷумҳурӣ доранд, дохил мешаванд (қ. 224 қоида).

Дар баробари ин, бақайдгирӣ аз рӯйи маҳалли будубоши муваққатӣ низ мавриди амал қарор дорад. Ба ин гурӯҳ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд, ки барои истиқомати муваққатӣ ба мӯҳлати беш аз се моҳ аз як маҳал ба маҳалли дигар кӯчида, дар ҷойи нави иқомат, ки хонаи доимии онҳо ҳисоб намешавад, қарор доранд. Дар чунин ҳолат аз қайди ҷойи истиқомати доимӣ хориҷ шудан ҳатмӣ нест. Ба ҳамин тартиб, шаҳрвандоне, ки ҷойи истиқоматашонро тағйир дода, аз қайди пешина

[142] Панкова О.В. Административно-правовое регулирование регистрации граждан Российской Федерации по месту пребывания и месту жительства в пределах РФ. Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 72.

хориҷ шудаанд ва дар манзили муваққатӣ ҷой гирифтаанд, низ уҳдадоранд ба қайд гирифта шаванд. Илова бар ин, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хориҷи кишвар доимӣ зиндагӣ доранд ва барои зиёда аз шаш моҳ, вале на бештар аз ду сол, ба кишвар омадаанд, низ ба қайди муваққатӣ шомил мегарданд. Дар ҳолатҳои дигар, шахсоне, ки ҷойи истиқомати муайян надоранд, барои муддати будубош дар қабулгоҳ-таҳвилгоҳҳои муваққатӣ сабти расмӣ мегарданд (қ. 272 қоида).

Аз қайд баровардани шаҳрвандон низ мутобиқи қоидаҳои ҳуқуқӣ ва тартиботи муқарраршуда амалӣ мешавад. Ин амал дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки ҷойи истиқомати шахс тағйир ёбад ва ӯ дар асоси аризаи шахсӣ ё дархости маъмурияти фонди манзил аз қайд хориҷ гардад; ё дар ҳолате, ки шахс барои истиқомати доимӣ ба хориҷи кишвар меравад; ё шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қатъ менамояд, ки ин ҳолат бояд бо ҳуҷҷатҳои расмӣ тасдиқ шавад. Ғайр аз ин, қарорҳои судӣ оид ба маҳрум кардани шахс аз ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ, бедарак эътироф гардидани шахс ё эълон шудани вафоти ӯ низ асоси хориҷ кардан аз қайд мебошад. Ҳамчунин, ошкор гардидани маълумоти бардурӯғ ё ҳуҷҷатҳои ғайриқонунӣ, ки барои бақайдгирӣ пешниҳод шудаанд, низ боиси аз қайд хориҷ шудани шахс мегардад (қ. 300 қоида).

Бо дарназардошти зикри боло, метавон ба хулоса омад, ки мақомоти ваколатдор на танҳо вазифаи сабти расмии воридот ва хориҷшавии шаҳрвандонро иҷро менамоянд ва маълумоти дахлдорро ба низоми бақайдгирӣ ворид месозанд, балки аз номи давлат ба шаҳрвандон имтиёзҳо ва шароити ҳуқуқиро фароҳам меоранд, то ки онҳо битавонанд ҳуқуқҳои шахсӣ ва ҷамъиятии худро татбиқ намоянд ва манфиатҳои қонуниашонро ҳимоя кунанд. Мазмуни асосии муносибатҳои мазкур дар иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилотҳо, инчунин дар амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои қонунии онҳо ифода меёбад. Дар маҷмуъ, бақайдгирӣ ҳамчун абзори ҳуқуқӣ ва маъмурӣ нақши муҳим дар ташаккули тартиботи ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад[143].

Бақайдгирӣ дар ин ҳолат қонуни будани будубоши шахс дар ҳудуди муайян, инчунин аксар вақт имконияти ба кор таъмин намудани ӯ, додани нафақа, гирифтани ҳифзи иҷтимоӣ, ёрии тиббӣ ва ғайраро дорад[144].

Воқеан тибқи қоидаҳои мавҷудаи бақайдгирӣ, дар навбати аввал, мавҷудияти бақайдгирӣ барои худи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид мебошад. Масалан, барои ба нафақа баромадан, имтиёзҳои иҷтимоӣ, бақайдгирии воситаи нақлиёт ва дигар амалиётҳо қайди ҷойи истиқомат ва маҳалли будубош дар маҳалли аҳолинишини мушаххас талаб карда мешавад. Пушида нест, ки ҳангоми ба кор муроҷиат намудан, дохил шудан ба муассисаҳои таълимӣ ба шаҳрвандоне, ки дар ҷойҳои зикршуда дар қайди доимӣ ё муваққатӣ мебошанд, афзалият дода мешавад.

[143] Ниг.: Нестеренко И.А. Административные процедуры государственной регистрации актов, документов, прав, объектов. Дисс. … канд. юрид. наук. – Киров, 2014.

[144] Ниг.: Авакьян С.А. Конституционный лексикон. Государственно-правовой терминологический словарь. – М.: Юстицинформ. 2015. – С. 556.

Ҳодисаҳои сершумори вобаста ба ҳар сол ба мактаб қабул намудани кӯдакон, ки борҳо дар матбуотҳо зикр шудаанд, далели иловагии ин мебошанд.

Ҳамин тариқ, худи шаҳрвандон кӯшиш менамоянд, ки дар ҷойи истиқомат ва ҷойи будубош ба қайд гирифта шаванд, аммо яке аз мушкилот дар он аст, ки сӯроғаи ҳамчун ҷойи бақайдгирӣ нишондодашуда аз ҷойи истиқомати воқеии шаҳрванд дур аст. Бисёре аз шаҳрвандоне, ки манзили шахсии худро надоранд, дар манзилҳои истиқомати волидон ва хешовандони наздики худ дар асоси кадом як мушкили ба қайд гирифта мешаванд, масалан, дар ҳудуди маҳаллаҳои хизматрасонидашаванда барои ба мактаб фаро гирифтани кӯдак ва ё гирифтани ёрии тиббӣ. Он чизе, ки ин категорияи шаҳрвандонро муттаҳид менамояд, ин аст, ки ҳар дуи онҳо дар ҷойи истиқомат ё ҷойи будубоше, ки ба қайд гирифта шудаанд, дар суроғаи зикршуда зиндагӣ наменамоянд. Дар натиҷа мақомоти бақайдгирӣ наметавонад дар бораи ҷойи истиқомати воқеии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомотҳои андоз[145], суд, комиссариатҳои ҳарбӣ ва дигар мақомотҳои манфиатдор маълумоти муфассал пешниҳод намояд.

Дар баробари ин ба қайд гирифтан вазифаи дугонаро иҷро менамояд. Аз як тараф, чунон ки аллакай зикр гардид он бо мақсади фароҳам овардани шароити зарурӣ барои амали намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин уҳдадориҳои худ дар назди ҷомеа ва давлат таъсис дода шудааст. Аммо муҳимтар аз он ин аст, ки бақайдгирӣ як роҳи сифатан ва миқдори баланди бақайдгирии шаҳрвандон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва бо ҳамин иҷрои муҳимтарин вазифаи давлатиро таъмин менамояд.

Албатта дар давлати мо анъанаи баргузории чорабинии барӯйхатгирии аҳолӣ, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ» аз 19 майи соли 2009, № 523[146] танзим карда мешавад вуҷуд дорад, ба ақидаи мо маҳз сабти бақайдгирӣ дар бораи миқдор ва хусусияти демографии аҳолии дар як ҳудуди муайян зиндагикӯнанда маълумоти пурра ва дақиқро медиҳад. Дар робита бо гуфтаҳои боло, бояд қайд кард, ки вазифаи асосии таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон дар системаи бақайдгирӣ айни замон ба зиммаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

Фаъолияти бақайдгирӣ бо тамоми гуногунии худ як самти мақсаднок дорад, барои амали намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон шароит фароҳам оварда, иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо таъмин менамояд. Фаъолияти бақайдгириро умуман ва алалхусус фаъолияти бақайдгирии мақомоти корҳои дохилиро дар ин раванди ҷаҳонишавӣ яке аз воситаҳои таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат ҳисоб кардан айни мудаост. Низоми бақайдгирие, ки то имрӯз ташкил карда шудааст яке аз унсурҳои муҳимми механизми муайян ва ҷустуҷӯи шахсоне, ки дар содир намудани

---

[145] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, № 41 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj/index.php/tj/2012-02-27-10-22-52/79-2011-04-14-17-34-16.html (санаи муроҷиат: 29.01.2021).

[146] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ» аз 19 майи соли 2009, № 523 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj // (санаи муроҷиат: 05.01.2021).

ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гумонбар мешаванд, аз мақомоти тафтишотӣ ва судӣ пинҳон мешаванд, инчунин аз иҷрои ҷазои ҷиноятӣ саркаши менамоянд, баъзе сабабу шароитҳое, ки ба содир намудани кирдорҳои гуногуни ғайриқонунӣ мусоидат мекунад, бартарафсозии ҷиноятҳои содиршударо таъмин менамояд.

Бо вуҷуди ин ҳама айён аст, ки барои ба даст овардани маълумоти боэътимодтар оид ба хусусиятҳои миқдорӣ ва дигар хусусиятҳои аҳолии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, бо нигоҳ доштани мақсади функсионалии худ ба ислоҳот ниёз дорад.

Дар баробари ин яке аз даъвоҳо нисбат ба низоми мавҷудаи бақайдгирӣ он аст, ки мувофиқи санадҳои меъёри ҳуқуқии амалкунанда шумораи зиёди аризаҳо, варақаҳои статистикӣ ва ғайра бояд пур карда шаванд. «Аммо инро бояд донист, ки бо тамоми хароҷот ва норасоиҳои ба корҳои канселярӣ ва бюрократизм вобастаанд, маҳз «қоғазҳо» ва «ҳарфҳо»-и ифодакунанда, ҳалкунандаи шаъну шарафи қонунии ҳуқуқу уҳдадориҳо мебашанд, ки дар ҳаёт барои ҳалли масъалаҳои зиндагӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд»[147].

Ба ибораи дигар, маълумот дар бораи бақайдгирии ҳар як шахсе, ки дар ҳудуди мамлакати мо истиқомат ва ё будубош доранд ба таври бояду шояд коркард шуда пурра ва дар муҳлати муқаррар намудаи қонун чӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандони алоҳида ва чӣ барои ба таври эътимодӣ ба ҳисоб гирифтани аҳолии ба қайд гирифта шуда дастрас карда шавад.

Фароҳам овардани чунин шароитҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ муҳим аст, ки тибқи он тартиби бақайдгирӣ дар ҷойи истиқомат ва ҷойи будубош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аҳолӣ то ҳадди имкон қулай ва инчунин барои мақомоти ҳокимияти иҷроия самаранок бошад. Ба андешаи мо ин масъала дар робита бо афзоиши муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар солҳои охир ба вижа муҳим аст.

Албатта, ба маънои васеъ барои ҳалли мушкилот дар соҳаи ба ҳисобгирии бақайдгирӣ, барои ҳамкории давлат ва ҷомеа чунин шароит фароҳам овардан лозим аст, ки дар доираи он шаҳрванд на танҳо барои худи бақайдгирӣ, барои аз ҷавобгарии маъмурӣ халос шудан ва ё дигар масъалаҳо, балки хоҳиш дошт худро ба қайд гирад ва фарзандони ноболиғашро маҳз дар ҳамон ҷойе, ки дар ҳақиқат дар айни замон (доимӣ ва ё дар муҳлати муайян) зиндагӣ мекунад, сарфи назар аз шакли моликият дар манзили истиқоматӣ ба қайд гирад. Яке аз вазифаҳои ҳуқуқи маъмурӣ дарёфт намудани роҳҳои беҳтарини такмил додани низоми бақайдгирии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар як шаҳрвандро ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист кафолат медиҳад. Бо вуҷуди ин санадҳои меъёри ҳуқуқии амалкунанда шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро баробари шаҳрвандони хориҷию шахсони бешаҳрванд вазифадор менамояд, ки вобаста ба ҷойи истиқомат ва будубош

[147] Алексеев С.С. Право: Азбука. Теория. Философия. Опыт комплексного исследования. – М.: Статут, 2012. – С. 12.

мақомотҳои дахлдорро огоҳ намояд. Дар ҳолати сарфи назар намудани қоидаҳои мазкур шаҳрвандон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки ба низоми бақайдгирӣ ва шиноснома таҷовуз мекунанд, дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2008, № 560[148] ба таври зерин ифода карда шудааст: маскуният бе шиноснома ё бидуни қайд (м. 469 КҲМ ҶТ); аз тарафи шахсони мансабдор ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя накардани тартиби муқарраргардидаи вуруди шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд (м. 470 КҲМ ҶТ); гум кардани шиноснома ё корношоям гардонидани он (м. 493 КҲМ ҶТ); иҷозат додан барои истиқомат бе шиноснома ё қайди зист (м. 494 КҲМ ҶТ); бе шиноснома ё қайди зист қабул кардан ба кор (м. 495 КҲМ ҶТ); ғайриқонунӣ гирифтани шиноснома ва ҳамчун гарав қабул кардани он (м. 496 КҲМ ҶТ); риоя накардани қоидаҳои воридшавӣ ба минтақаи сарҳадӣ ё истиқомат дар он (м. 497 КҲМ ҶТ); риоя накардани низоми Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 498 КҲМ ҶТ); риоя накардани қоидаҳои будубоши шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба таври транзитӣ убур кардан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 499 КҲМ ҶТ); ғайриқонунӣ гузаронидани шахс тавассути Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 500 КҲМ ҶТ).

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба низоми бақайдгирии шаҳрвандон (зиндагӣ кардан бо шиносномаи муҳлаташ гузашташуда ё ин ки шиносномаи беэътибор, дар қайди ҷойи истиқомат нагузоштан ва ғ.) ниятҳои устувор яъне дидаву дониста вайрон кардани қоидаҳои мазкур дида мешавад.

Дар баробари таъмини бақайдгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баҳисобгирии ҳарбӣ ва оморӣ, таркиб ва шумораи аҳолии дар қаламрави муайян истиқоматкунанда, бақайдгирӣ бояд дар ниҳоят ба танзими равандҳои муҳоҷират, яъне тақсимоти оқилонаи аҳолӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд ва аз ҷониби он вазифаи муҳимтарини давлатро таъмин намояд.

Дар хотима бояд қайд кард, ки эътирофи қонунии ҳуқуқи шаҳрванди Тоҷикистон ба озодии ҳаракат, интихоби ҷойи истиқомат ва будубош дар дохили давлат нуқтаи ибтидоии рушди минбаъдаи танзими ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқии ин ниҳоди ҳуқуқӣ гардид. Падидаи ҳуқуқии бақайдгирии шаҳрвандон дар ҷойи истиқомат ва будубоши онҳо, ки решаҳои таърихӣ дошта, татбиқи амалии васеъ пайдо карда, инкишоф меёбад, ки шароити объективии ҳаёти имрузаро инъикос менамояд.

**Адабиёт:**

1. Авакьян С.А. Конституционный лексикон. Государственно-правовой терминологический словарь. – М.: Юстицинформ, 2015. – С. 556.
2. Алексеев С.С. Право: Азбука. Теория. Философия. Опыт комплексного исследования. – М.: Статут, 2012. – С. 12.

[148] Ниг.: Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри 2008, № 560 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 28.04.2023).

3. Добров А.Н. Институт регистрации в административном праве. Дисс. ... канд. юрид. наук / Добров Алексей Николаевич. – М., 2005. – С. 19.
4. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри 2008, № 560 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 28.04.2023).
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи бақайдгирии ҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 августи соли 2022, № 416 // Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷаллаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ. – № 8 (170), қисми 1. – 2022.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29 апрели соли 2006, № 188 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 05.01.2022).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, № 508 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 05.01.2022).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ» аз 19 майи соли 2009, № 523 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj // (санаи муроҷиат: 05.01.2021).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, № 41 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj/index.php/tj/2012-02-27-10-22-52/79-2011-04-14-17-34-16.html (санаи муроҷиат: 29.01.2021).
10. Нестеренко И.А. Административные процедуры государственной регистрации актов, документов, прав, объектов. Дисс. … канд. юрид. наук. – Киров, 2014.
11. Панкова О.В. Административно-правовое регулирование регистрации граждан Российской Федерации по месту пребывания и месту жительства в пределах РФ. Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 72.
12. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 2. АСОС-БОЗ. – Душанбе. – С. 289.

# СОҲИБИХТИЁРИИ ХАЛҚ ВА ДАВЛАТ ҲАМЧУН ПОЯИ АСОСИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

**Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Тел.:** (+992) 904-23-88-88
**E-mail:** sulaymonzoda.m@gmail.com

**Мушовири илмӣ:** Диноршоҳ А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Гадоев Б.С, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақола робитаи мутақобила ва ҳамбастагии соҳибихтиёрии халқ ва давлат ба таври возеҳ шарҳ дода шудааст. Соҳибихтиёрии халқ ҳамчун манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ, ки тибқи моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, заминаи легитимӣ ва қонунии фаъолияти тамоми сохторҳои ҳокимияти давлатӣ арзёбӣ мегардад. Соҳибихтиёрии давлат бошад, ҳамчун ифодаи институтсионалӣ ва конститутсионии соҳибихтиёрии халқ маънидод шуда, дар сатҳи байналмилалӣ истиқлолияти воқеӣ ва мақоми ҳуқуқии давлатро муайян менамояд.

Муаллиф тавассути таҳлили санадҳои асосии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эъломияи истиқлолият ва Конститутсия (1994), инчунин бо истинод ба меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи соли 1970 оид ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966), нишон медиҳад, ки таъмин ва татбиқи соҳибихтиёрӣ танҳо дар заминаи мутобиқати меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ имконпазир мебошад.

Дар баробари ин, масъалаи заминаҳои иқтисодии соҳибихтиёрӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки бе устувории иқтисодӣ ва молиявии давлат, соҳибихтиёрии ҳуқуқӣ танҳо хусусияти эъломиявӣ дошта метавонад. Ба сифати намуна, сиёсати иқтисодии мустақилонаи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият, аз ҷумла ҷорӣ намудани асъори миллӣ – сомонӣ, рушди бахши энергетика ва татбиқи лоиҳаҳои стратегии миллӣ ҳамчун пояҳои воқеии соҳибихтиёрии давлатӣ арзёбӣ шудаанд.

Дар натиҷа, муаллиф ба хулосае меояд, ки соҳибихтиёрии халқ ва давлат ҳамчун ду мафҳуми ҳамбастаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пояи асосии истиқлолияти миллӣ мебошанд. Танҳо дар ҳолати мутавозин будани пояҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ соҳибихтиёрӣ метавонад на танҳо ба сатҳи расмӣ ва назариявӣ маҳдуд шавад, балки ҳамчун воқеият дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар таҷассум ёбад.

**Калидвожаҳо:** Соҳибихтиёрӣ, халқ, давлат, истиқлол, ҳокимият, Конститутсия, ҳуқуқи конститутсионӣ, демократия, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи инсон, волояти қонун, миллат, ҳуқуқи интихоботӣ, легитимият, давлатдории миллӣ, суботи сиёсӣ, истиқлолияти иқтисодӣ, амнияти миллӣ, давлатдории ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ.

## НАРОДНЫЙ И ГОСУДАРСТВЕННЫЙ СУВЕРЕНИТЕТ КАК ОСНОВА ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

**Сулаймонзода Манучехр Субҳонали**,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведущий кафедрой конституционного и административного права, кандидат юридических наук, доцент
**Тел.:** (+992) 904-23-88-88
**E-mail:** sulaymonzoda.m@gmail.com

**Научный консультант:** Диноршоҳ А.М., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Гадоев Б.С, доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В статье подробно раскрывается взаимосвязь и взаимозависимость народного и государственного суверенитета. Народный суверенитет рассматривается как единственный источник государственной власти, закреплённый в статье 6 Конституции Республики Таджикистан, и оценивается как легитимная и правовая основа деятельности всех государственных органов. Государственный суверенитет, в свою очередь, трактуется как институциональное и конституционное выражение народного суверенитета, которое на международном уровне определяет реальную независимость и правовой статус государства.

Автор, анализируя основные правовые акты Республики Таджикистан – Декларацию о независимости и Конституцию (1994 г.), а также опираясь на нормы международного права, включая Декларацию 1970 г. о принципах международного права и Международный пакт о гражданских и политических правах 1966 г., показывает, что обеспечение и реализация суверенитета возможны лишь при условии гармонизации национальных и международных норм.

Особое внимание уделяется экономическим основам суверенитета. Подчёркивается, что без экономической и финансовой устойчивости государственный суверенитет носит лишь декларативный характер. В качестве примера приводится независимая экономическая политика Таджикистана в годы независимости, включая введение национальной валюты – сомони, развитие энергетического сектора и реализацию стратегических национальных проектов, которые стали реальными основами государственного суверенитета.

В заключение автор приходит к выводу, что народный и государственный суверенитет как взаимосвязанные правовые и политические категории составляют фундамент национальной независимости. Только при сбалансированности правовых, политических и экономических основ суверенитет может выйти за рамки формального и декларативного уровня и воплотиться в качестве реальности в политико-правовой жизни страны.

**Ключевые слова:** Суверенитет, народ, государство, независимость, власть, Конституция, конституционное право, демократия, международное право, права человека, верховенство закона, нация, избирательное право, легитимность, национальное государство, политическая стабильность, экономическая независимость, национальная безопасность, правовое государство, гражданское общество.

## POPULAR AND STATE SOVEREIGNTY AS THE BASIS OF NATIONAL INDEPENDENCE

**Sulaimonzoda Manuchehr Subhonali,**
Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of Constitutional and Administrative Law, Candidate of Legal Sciences, docent
**Phone:** (+992) 904-23-88-88
**E-mail:** sulaymonzoda.m@gmail.com

**Scientific consultant:** Dinorshoh A.M., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Gadoev B.S., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** The article provides a detailed analysis of the interrelation and interdependence between popular and state sovereignty. Popular sovereignty is regarded as the sole source of state power, enshrined in Article 6 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, and is assessed as the legitimate and legal foundation for the functioning of all state institutions. State sovereignty, in turn, is interpreted as the institutional and constitutional expression of popular sovereignty, which at the international level determines the actual independence and legal status of the state.

The author, analyzing the fundamental legal acts of the Republic of Tajikistan – the Declaration of Independence and the Constitution (1994) – as well as referring to the norms of international law, including the 1970 Declaration on Principles of International Law and the 1966 International Covenant on Civil and Political Rights, demonstrates that the guarantee and realization of sovereignty are possible only under the condition of harmonization between national and international norms.

Special attention is paid to the economic foundations of sovereignty. It is emphasized that without economic and financial stability, state sovereignty remains merely declarative in nature. As an example, the article highlights

Tajikistan’s independent economic policy in the years of independence, including the introduction of the national currency – the somoni, the development of the energy sector, and the implementation of strategic national projects, which have become tangible foundations of state sovereignty.

In conclusion, the author argues that popular and state sovereignty, as interrelated legal and political categories, constitute the foundation of national independence. Only with a balance of legal, political, and economic foundations can sovereignty transcend the level of formality and declaration and manifest itself as a practical reality in the political and legal life of the country.

**Keywords:** Sovereignty, people, state, independence, authority, Constitution, constitutional law, democracy, international law, human rights, rule of law, nation, electoral law, legitimacy, nation-state, political stability, economic independence, national security, rule of law state, civil society.

Соҳибихтиёрӣ ҳамчун ниҳоди мураккаби ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар шароити муосири рушди давлатдорӣ ва густариши равобити байналмилалӣ, ба яке аз масъалаҳои калидӣ дар таҳқиқоти ҳуқуқи конститутсионӣ табдил ёфтааст. Дар заминаи равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ, хосатан дар ҳудуди кишварҳои пасошӯравӣ, масъалаи таносуб ва робитаи соҳибихтиёрии халқ ва давлат дар низоми давлатдории миллӣ аҳаммияти назаррас пайдо кардааст. Ба вижа, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ роҳи таҳкими пояҳои давлатдории ҳуқуқбунёд ва мустақили сиёсиро тай менамояд, мавзуи мазкур дорои аҳаммияти амалӣ ва назариявии бузург мебошад.

Соҳибихтиёрӣ (аз вожаи олмонии Souveränität ва фаронсавии souverainеté) – мафҳуми калидии илми сиёсӣ ва ҳуқуқ буда, ҳамчун сифат ё хусусияти муҳимми ҳокимият фаҳмида мешавад, ки истиқлолият, волоият ва болоии онро нисбат ба ҳама гуна манбаъ ва ниҳоди дигар ифода менамояд. Мафҳум, дар таърихи афкори сиёсии Аврупо, бо андешаҳои Жан Боден ва Томас Ҳоббс шакл гирифта, дар заминаи таҷрибаи давлатҳои миллӣ густариш ёфт[149].

Имрӯз, ин мафҳум на танҳо ба давлат, балки ба халқ ва миллат низ нисбат дода мешавад. Соҳибихтиёрӣ дар ин зимн ҳамчун унсури ҳуқуқии ташаккули ҳокимияти давлат ва ташаккули миллат тавассути давлатдорӣ маънидод мешавад[150].

Дар илм назарияҳои гуногуни соҳибихтиёрӣ вуҷуд доранд: соҳибихтиёрии давлатӣ, миллӣ ва халқӣ. Ин се навъ дар амал ҳамчун заминаи ташаккули низоми давлатдорӣ ва муносибатҳои муосири сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Масалан, дар кишварҳои демократӣ, соҳибихтиёрии халқ ҳамчун асоси аслии ташаккули ҳокимият баромад мекунад. Дар давлатҳои миллӣ бошад, соҳибихтиёрии миллат дар мадди аввал қарор мегирад. Тоҷикистон дар Конститутсияаш ин се унсурро дар якҷоягӣ инъикос

[149] Ж. Боден. Шаш китоб дар бораи ҷумҳурӣ (Six Livres de la République). – Париж, 1576. Китоби I, Фасл VIII. Дар он соҳибихтиёрӣ ҳамчун «ҳокимияти мутлақ ва доимии давлат, ки танҳо қудрати қонунгузорӣ дорад ва аз талафоти дигар қудратҳо боло меистад» маънидод шудааст.

[150] Ниг.: Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024. – С. 11.

намуда, онро ҳамчун давлате «соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона» муайян кардааст.

Соҳибихтиёрӣ дар сатҳи байналмилалӣ низ маънои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дорад. Он ҳамчун меъёри асосии ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф гардида, дар санадҳои муҳимми байналмилалӣ, ба монанди Эъломия оид ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз соли 1970 ва Паймонҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон (1966) ҳамчун ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ зикр ёфтааст. Тоҷикистон тавассути эътирофи ҳуқуқҳои мазкур ва узвият дар созмонҳои байналмилалӣ соҳибихтиёрии худро дар арсаи байналмилалӣ татбиқ менамояд.

Танҳо эълон ва таҳкурсии ҳуқуқии соҳибихтиёрӣ барои устувории ҳокимият басанда нест. Барои давлати соҳибихтиёр, ҳокимият бояд на танҳо легалӣ (яъне мувофиқи қонун) бошад, балки легитимӣ низ бошад – яъне мавриди қабул ва эътимоди халқ қарор гирад. Ин эътимод тавассути иштироки шаҳрвандон дар интихобот, раъйпурсӣ ва механизмҳои демократӣ таъмин мегардад. Ҳамин тавр, соҳибихтиёрии халқ ва давлат бояд ба таври баробар ва мутақобила тақвият ёбанд.

Соҳибихтиёрии давлат яке аз падидаҳои калидии ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ ба шумор рафта, бо мафҳуми соҳибихтиёрии халқ робитаи зич ва мустақим дорад. Дар сатҳи назариявӣ ва амалии ташаккули давлатдории миллӣ, соҳибихтиёрии давлатӣ маҳз дар заминаи татбиқи воқеии соҳибихтиёрии миллӣ ва халқӣ ташаккул ёфта, дар сохтори сиёсии мустақили давлат ифода меёбад.

Таҳлили мафҳуми соҳибихтиёрии давлат нишон медиҳад, ки дар адабиёти илмии ҳуқуқ ва сиёсат аксаран ин мафҳум бо хусусияти хосси ҳокимияти давлатӣ баробар дониста шуда, ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири он маънидод гардидааст. Бисёре аз назарияҳо соҳибихтиёриро сифати олӣ ва мустақили ҳокимият меҳисобанд. Вале чунин муносибат на дар ҳама ҳолат дуруст мебошад ва ниёз ба баррасии амиқ дорад.

Ба андешаи донишманди маъруфи рус И.Н. Палиенко, соҳибихтиёрӣ на худи ҳокимият, балки хусусияти муайяни он аст, ки ҳокимиятро соҳибулқудрат, мустақил ва воло мегардонад. Ӯ таъкид мекунад: «Соҳибихтиёрӣ на худи ҳокимият, балки хусусияти муайяни он мебошад»[151]. Аммо чунин тафсир саволҳои назариявии ҷиддиро ба миён меорад. Агар соҳибихтиёрӣ танҳо як хусусият бошад, пас он чӣ гуна метавонад заминаи ҳуқуқии истиқлолият ё асоси ташаккули давлат гардад?

Таҷрибаи таърихии давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ далели барҷастаи ин масъала аст. Новобаста аз он, ки дар сатҳи ҳуқуқӣ онҳо дорои ҳокимияти давлатӣ буданд, аммо амалиёт ва иродаи сиёсӣ пурра аз марказ – шаҳри Москва – вобаста буд. Дар чунин шароит, соҳибихтиёрӣ наметавонад танҳо хосияти ҳокимият бошад, балки унсури ҷудонопазири давлатдорӣ ва мустақилияти воқеии сиёсии он аст.

Дигар ҷиҳати масъалаи соҳибихтиёрии давлатӣ, ки дар ҷараёни баррасии мафҳуми соҳибихтиёрии давлатӣ пайдо мегардад, зарур аст, ки

---

[151] Палиенко Н.И. Суверенитет. Историческое развитие идеи суверенитета и её правовое значение. – Ярославль, 1903. – С. 438.

он аз соҳибихтиёрии мақомоти маъмурии ҳудудӣ, ки дар доираи як давлати мустақил фаъолият менамоянд, ҷудо ва фарқ карда шавад. Соҳибихтиёрии давлат, пеш аз ҳама, ба ниҳоди сиёсии мустақиле ишора мекунад, ки дорои ҳудуди муайян, шаҳрвандии ягонаи олӣ ва ҳокимияти комили сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва маъмурӣ мебошад.

Дар муқоиса бо ин, воҳидҳои маъмурии ҳудудӣ, ҳарчанд дорои нишонаҳое бошанд, ки ба сохтори давлати мустақил шабоҳат доранд, вале аз ҷиҳати ҳуқуқӣ соҳибихтиёр ҳисобида намешаванд. Соҳибихтиёрии онҳо наметавонад ифодаи соҳибихтиёрии давлатиро дошта бошад, зеро ҳудуде, ки онҳо дар он ҷойгиранд, ба сохтори давлати дигар тааллуқ дошта, фаъолияти онҳо дар доираи салоҳият ва тобеияти он давлат амалӣ мешавад.

Бо назардошти он, ки чунин воҳидҳо ҳудуди мустақили худро надошта, дар тобеияти сохтори марказии давлатӣ қарор доранд, онҳо аз имконияти амалисозии соҳибихтиёрии воқеӣ маҳруманд. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрӣ танҳо ба давлате нисбат дода мешавад, ки мустақилияти комили сиёсӣ, ҳудудии муайян ва ҳокимияти олии ҳуқуқиро доро бошад.

Соҳибихтиёрии давлат танҳо дар ҳолате амалӣ ва устувор арзёбӣ мешавад, ки пояҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии он бо ҳам дар ҳамоҳангӣ қарор дошта бошанд. Аз дидгоҳи ҳуқуқӣ, эъломияи истиқлолият ҳамчун санади муаррифигари қонунияти давлатдорӣ, принсипҳои асосии ташкили ҳокимият ва танзими муносибатҳои марказу маҳалро муайян менамояд. Ин ҳуҷҷат хосияти ҳуқуқии конститутсиониро касб карда, сароғози равандҳои қонунӣ ва сиёсати мустақили давлат мегардад. Дар навбати худ, Конститутсия, ки мақоми олии меъёрии ҳуқуқӣ дорад, танҳо дар шароити қабули легитимӣ ва татбиқи муассир метавонад ҳамчун заминаи воқеии таҷассум ва таҳкими соҳибихтиёрӣ баромад намояд. Ҳангоми набудани эътимоди иҷтимоӣ ва иродаи сиёсӣ барои иҷрои принсипҳои он, Конститутсия ба санади асосӣ табдил меёбад, ки наметавонад вазифаҳои худ дар самти ҳимояи истиқлолият ва ташкили сохтори ҳуқуқии давлатро иҷро кунад.

Бо вуҷуди аҳаммияти баланди пояҳои ҳуқуқӣ, омили иқтисодӣ низ нақши калидӣ ва тақдирсоз дар пойдории соҳибихтиёрии давлат мебозад. Давлате, ки танҳо соҳибихтиёрии худро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ эътироф намудааст, вале мустақилияти иқтисодии воқеиро таъмин накардааст, дар амал дар зери таъсир ва вобастагиҳои сохторҳои хориҷӣ қарор мегирад. Ин ҳолат метавонад ба суст шудани иқтидори сиёсӣ ва коҳиши амнияти миллӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, амалӣ шудани соҳибихтиёрии давлатӣ бояд на танҳо дар шакли эълони расмӣ, балки дар ташаккули низоми муназзами идоракунии иқтисодӣ, истиқлоли молиявӣ ва худкифоии захиравӣ таҷассум ёбад.

Соҳибихтиёрии иқтисодӣ яке аз рукнҳои калидии истиқлолияти давлатӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули ин соҳибихтиёрӣ дар заминаи равандҳои муназзами сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, марҳила ба марҳила амалӣ гардид. Дар заминаи ин сиёсати хирадмандона, як қатор иқдомҳои

стратегии давлатӣ амалӣ шуданд, ки заминаи устувори истиқлоли иқтисодиро фароҳам оварданд.

Аз ҷумла, қабули Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991, ки ҳамчун пояи аввалини соҳибихтиёрии давлатӣ эътироф мегардад, роҳи ташаккули сиёсати мустақили иқтисодиро ҳамвор намуд. Бо барҳам хӯрдани иқтисоди фармонбардори шӯравӣ, Тоҷикистон имкони қабули қарорҳои мустақил дар соҳаи иқтисодро ба даст овард.

Дигар, қабули Конститутсия ҳамчун санади сарнавиштсоз, асосҳои ҳуқуқии соҳибихтиёрии иқтисодиро тавассути эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, кафолати соҳибкорӣ ва иқтисоди бозорӣ (моддаҳои 12, 13, 14) ба расмият даровард. Пешвои миллат таъкид намуданд, ки Конститутсия бояд «дастури стратегӣ барои рушди устувори ҷомеа» бошад, ки сиёсати иқтисодии давлатро самт диҳад[152].

Татбиқи сиёсати иқтисодии мустақили Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият, зина ба зина таҳти роҳбарии Пешвои миллат амалӣ гардида, ба ташаккули пояҳои воқеии соҳибихтиёрии иқтисодӣ мусоидат намуд. Яке аз иқдомҳои калидӣ дар ин раванд, таъсиси низоми пулию қарзии миллӣ ва ҷорӣ намудани асъори миллӣ – сомонӣ – ба ҳисоб меравад, ки имкони амалӣ намудани сиёсати мустақили молиявиро фароҳам овард. Ин иқдом ҳамчун рамзи эҳёи иқтисодии давлат арзёбӣ шуда, дар ташаккули соҳибихтиёрии молиявӣ нақши калидӣ бозид.

Ҳамзамон, таваҷҷуҳи хосса ба милликунонии захираҳои табиӣ ва захираҳои стратегӣ, махсусан дар бахши энергетика, ба он нигаронида шуд, ки Тоҷикистон ба истиқлоли энергетикӣ ноил гардад. Сохтмони неругоҳҳои бузург, аз ҷумла НБО «Роғун» ҳамчун иқдоми дорои аҳаммияти таърихӣ ва сарнавиштсоз шинохта шуда, пояҳои муҳимми таъмини эҳтиёҷоти дохилӣ ва мустақилшавии энергетикии давлатро гузошт.

Дар баробари ин, такмили қонунгузории соҳаи иқтисод, аз қабили қонунҳо дар бораи сармоягузорӣ, соҳибкорӣ ва моликият, ба ташкили фазои ҳуқуқии муносиб барои рушди иқтисоди бозорӣ мусоидат намуд. Қабули чунин қонунҳо фазои сармоягузориро устувор гардонда, роҳро барои рушди бахши хусусӣ ва иштирокчиёни хориҷӣ боз кард.

Татбиқи сиёсати «дарҳои кушод» ба ҷалби сармоя ва технологияҳои муосир мусоидат намуда, дар ин замина минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис ёфтанд. Ин иқдом ба вусъати истеҳсолоти дохилӣ, содирот ва рақобатпазирии иқтисод мусоидат кард ва вобастагии молиявии кишварро коҳиш дод.

Дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди кишоварзӣ низислоҳоти амиқ амалӣ шуданд. Аз ҷумла, тақсимоти замин ва дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ ба коҳиши вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти хӯрока ва тақвияти иқтидори истеҳсоли дохилӣ мусоидат намуданд.

Мувофиқи сархати сездаҳуми м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» низоми суғуртаи амонату пасандозҳо – ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, ки аз ҷониби хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ равона шудааст[174].

Ба андешаи О.А. Юсупова суғуртаи бонкӣ низоми суғуртаи пасандозҳои бонкӣ мебошад, ки барои ҳолатҳои муфлисшавии ташкилоти қарзӣ ва напардохтани пасандозҳо пешбинӣ шудааст. Афзалияти низомҳои суғуртаи пасандозҳои бонкӣ ҳифзи манфиатҳои пасандозгузорон мебошад. Суғурта метавонад шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро аз талафи маблағҳои пасандозшуда эмин нигоҳ дорад.

Яке аз иштирокчиёни низоми суғуртаи пасандозҳо бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор меравад, ки дар тақсимоти дубораи воситаҳои пулӣ миёни соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт нақши асосӣ доранд. Аз ин рӯ, вазифаи калидии бонкҳои тиҷоратӣ ҷалб намудани воситаҳои муваққатан озоди аҳолӣ мебошад, зеро маҳз ин гуна воситаҳо ба бонк имконият медиҳанд, ки эҳтиёҷоти иқтисодиётро ба сармоя қонеъ намуда, фаъолияти қарздиҳиро ба роҳ монад. Ҳамзамон бо ҷалби воситаҳои аҳолӣ, масъулияти ҳифзи манфиатҳои пасандозгузорон ҷиҳати таъмин намудани амнияти пасандозҳо бар дӯши бонк меафтад[175].

Иқтисодшиносон ду роҳи асосии ҳимояи пасандозҳои шахсони воқеиро муайян менамоянд: 1) тавассути низоми кафолатдиҳии пасандозҳо; 2) бо роҳи суғуртакунии пасандозҳо аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ[176].

Суғуртаи пасандозҳо аз бастани шартномаи суғурта байни шахси воқеӣ – пасандозгузори бонк ва ширкати суғуртавӣ иборат мебошад. Шартҳои шартнома метавонанд вобаста ба ширкати суғуртавӣ ва бонке, ки дар он ҳисоби пасандозӣ кушода мешавад ё аллакай мавҷуд аст, фарқ дошта бошанд.

Ҳам шахсоне, ки аллакай дорои пасандози бонкӣ мебошанд ва ҳам онҳое, ки тасмим доранд суратҳисоби пасандозӣ кушоянд, метавонанд

---

[173] Ниг.: Алина Г.Б., Джумабекова А.Т. Особенности развития моделей страхования вкладов в зарубежной практике // Вестник университета туран. – 2016. – № 1 (69). – С. 131.

[174] Ниг.: Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» аз 2 августи соли 2011, № 758 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.08.2025).

[175] Ниг.: Сугарова И.В. Система страхования вкладов: особенности функционирования // Вестник СОГУ. – 2020, – № 3. – С. 188.

[176] Ниг.: Космачевская Н.Ю. Страхование депозитов как альтернатива фонду гарантирования вкладов физических лиц // Науковий вісник: Фінанси, банки, інвестиції – 2012. – № 2 (15). – С. 91.

маблағи худро суғурта намоянд. Ҳолати суғуртавӣ вайрон гардидани уҳдадориҳои бонк нисбат ба бозгардонидани маблағи пасандозро дарбар мегирад. Ин ҳолат вобаста ба ширкати суғуртавӣ метавонад тағйир ёбад. Ширкатҳои суғуртавӣ танҳо маблағи аслии аз дастрафтаи пасандозро ҷуброн мекунанд, дар ҳоле ки фоизҳо пардохт намешаванд, зеро фоизҳо ҳамчун даромади шахси пасандозгузор арзёбӣ мегарданд. Маблағи суғуртавӣ, одатан, ба маблағи пасандоз баробар муқаррар карда мешавад[177].

Низоми суғуртаи пасандозҳо бори аввал дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пас аз Бӯҳрони бузурги иқтисодии соли 1923 таъсис дода шуд, ки ҳадафи он дастгирии бахши бонкӣ ва иқтисодиёти кишвар ба таври умумӣ буд. Ба таъсиси низоми суғуртаи пасандозҳо саҳми назаррасро Фонди Байналмилалии Асъор ва Бонки ҷаҳонӣ гузоштаанд[178].

Дар марҳилаи муосир низоми суғуртаи пасандозҳо дар шаклҳои гуногун дар 104 кишвари дунё амал мекунад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар аксарияти кишварҳо суғуртаи пасандозу амонат меъёри ҳатмӣ ба шумор меравад[179].

Дар амалияи байналмилалӣ ду модели суғуртаи пасандозҳо ҷудо карда мешаванд: модели амрикоӣ ва модели олмонӣ[180].

Хусусияти фарқкунандаи ИМА дар он аст, ки ба низоми суғуртаи пасандозҳо ғайр аз бонкҳои тиҷоратӣ инчунин дигар муассисаҳое, ки дорои иҷозатномаи анҷом додани амалиёт бо пасандозҳо мебошанд, низ шомил мегарданд.

Дар Олмон низоми дугонаи суғуртаи пасандозҳои шахсии бонкӣ мавҷуд аст – ҳатмӣ ва ихтиёрӣ[181].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҶТ қаблан Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» аз 1 августи соли 2003, № 41 амал менамуд.

Баъдан бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолиро ба низоми бонкии ҶТ Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» аз 2 августи соли 2011 № 758 қабул гардидааст. Қонуни мазкур аз 8 боб ва 48 моддаи иборат буда, то ҳол ба он чор маротиба солҳои 2015, 2018, 2022 ва 2023 тағйиру иловаҳо ворид намудаанд.

Тафовут миёни Қонуни соли 2003 ва қонуни амалкунанда хеле калон мебошад. Қонуни соли 2003 хеле маҳдуд буда, танҳо амонатҳои шахсони воқеиро танзим менамуд. Қонуни амалкунада бошад ҳам пасандозу амонати шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкори инфиродӣ, инчунин шахсони

---

177 Ниг.: Как застраховать депозиты // Prostobank.com.ua [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http: //www.prostobank.ua (санаи муроҷиат: 07.08.2025).

178 Ниг.: Полетаев А.С. Правовое регулирование в обеспечении возврата вклада и страхования вкладов (депозитов) в Российской Федерации // Закон. Право. Государство. – 2025. – № 1 (45). – С. 119.

179 Ниг.: Алина Г.Б., Джумабекова А.Т. Особенности развития моделей страхования вкладов в зарубежной практике // Вестник университета туран. – 2016. – № 1 (69). – С. 131.

180 Ниг.: Brief A. History of Deposit Insurance in the Unites States // Federal Deposit Insurance Corporation, 1998. – 235 s.

181 Ниг.: Алина Г.Б., Джумабекова А.Т. Особенности развития моделей страхования вкладов в зарубежной практике // Вестник университета туран. – 2016. – № 1 (69). – С. 131.

ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратро ба тазим медарорад.

Тибқи сархати якуми м. 1 Қонуни болозикр суғурта – муносибат оид ба ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон аз хавфи муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Мафҳумҳои дигари дар Қонуни мазкур муқарраршуда, ки хеле баҳсбарангез ҳастанд ин мафҳумҳои «амонат» ва «пасандоз» мебошанд.

Мутобиқи сархати панҷуми м. 1 Қонуни болозикр амонату пасандоз - маблағе, ки бо шарти пардохти фоизи муайян ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилоти қарзӣ дода шудааст. Аз муқаррароти мазкур метавон гуфт, ки амонату пасандоз маблағҳои пулӣ буда ва ба истифодаи муваққатии ташкилоти қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян мегузарад.

Ҳамзамон мафҳуми пасандоз дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, № 524[182] пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он пасандоз – маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст.

Гузашта аз ин, дар Қонуни мазкур танҳо истилоҳи «пасандоз» истифода гардидааст, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» бошад истилоҳи «пасандозу амонат» татбиқ гардидааст. Аз ин лиҳоз, пешниҳод мегардад, ки онҳо бо якдигар мутобиқ карда шаванд.

Мафҳуми дигаре, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, қобили таваҷҷуҳ мебошад, мафҳуми «амонат» ба ҳисоб меравад.

Дар асоси банди дувоздаҳуми м. 1 Қонуни болозикр амонат – маблағ ва сарватҳои дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигоҳдорӣ супорида шудаанд[183].

Аз мафҳуми мазкур пайхас намудан мумкин аст, ки истилоҳи амонат дар мафҳуми мазкур ҳамчун объекти нигоҳдорӣ истифода гардидааст ва барои он фоиз пардохт намегардад.

Дар мафҳуми «амонату пасандоз» қонунгузор истилоҳи «амонат»-ро ҳамчун маблағе, ки бо шарти пардохти фоизи муайян, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилоти қарзӣ мегузарад, муайян намудааст.

Инчунини, ба фарқ аз «амонату пасандоз» ба сифати «амонат» ба ғайр аз маблағҳои пулӣ инчунин сарватҳои дигар низ баромад карда метавонанд.

Тавре маълум аст, мутобиқи қ. 1 м. 928 Кодекси мадании ҶТ тибқи шартномаи пасандози бонкӣ як тараф бонк ё ташкилоти қарзии молиявии дигар, ки пасандози тарафи дигар ё маблағи пулӣ (пасандоз)-и барои он воридшударо қабул кардааст, уҳдадор мешавад ба пасандозгузор ин

[182] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, № 524 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.08.2025).

[183] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» аз 2 августи соли 2011, № 758 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.08.2025).

маблағро баргардонад ва барои он тибқи шарт ва тартиби пешбининамудаи шартнома фоиз пардохт намояд[184].

Аз муқаррароти мазкур маълум аст, як тарафи шартномаи пасандози бонкӣ пасандозгузор ба ҳисоб меравад. Мувофиқи сархати панҷуми м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» аз 2 августи соли 2011, № 758[185] пасандоздор – шахси воқеӣ, аз ҷумла соҳибкори инфиродӣ, инчунин шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки тибқи қонунгузории ҶТ низоми содакардашудаи баҳисобгириро истифода мекунанд ва бо ташкилоти қарзӣ шартномаи пасандози бонкӣ ё шартномаи суратҳисоби бонкӣ бастаанд.

Дар асоси таҳлили мафҳуми пасандозгузор муайян гардид, ки дар қонунгузорӣ истилоҳи «пасандозгузор» ба таври гуногун истифода гардидааст, ки хилофи муқаррoти Кодекси мадании ҶТ мебошад. Аз ҷумла, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» истилоҳи «пасандоздорон» ва дар Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» истилоҳи «пасандоздор» истифода гардидааст. Дар ин замина, мутобиқи мақсад мебошад, дар қонунҳои болозикр бо дарназардошти муқаррароти Кодекси мадании ҶТ истилоҳи «пасандозгузор» истифода карда шавад.

Масъалаи дигар, ки дар қонуни мазкур ба таври васеъ танзими худро пайдо намудааст, Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина (Фонд) мебошад.

Мувофиқи сархати ҳафтуми м. 1 Қонуни болозикр Хазина шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ, ки дорои тавозуни мустақил ва муҳри мудаввар бо сабти номи худ ва акси Нишони давлатии ҶТ буда, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздоронро бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта ҳимоя менамояд.

Тибқи м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» Хазина барои ноил гардидан ба мақсадҳои худ:

- ҷубронпулии суғуртаро сари вақт муайян ва ба пасандоздорон пардохт мекунад;

- феҳристдори ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳои аъзои Хазина мебошад;

- пардохтҳои ташкилотҳои қарзиро арзёбӣ мекунад;

- ҷамъоварӣ ва баҳисобгирии пардохтпулиҳоеро, ки аз ташкилотҳои қарзӣ гирифта шудаанд, инчунин мониторинги саривақтии онҳоро амалӣ менамояд;

- маълумот, ҳисобот ва иттилоотеро, ки барои фаъолияти Хазина зарур аст, аз ташкилотҳои қарзӣ мегирад;

- бо мақсади андӯхти молу мулки Хазина маблағҳои Хазинаро сармоягузорӣ, идора ва ҷойгир мекунад;

---

[184] Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 9.08.2025).

[185] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» аз 2 августи соли 2011, № 758 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.08.2025).

- тибқи моддаи 31 (1) Қонуни мазкур тавассути маблағгузорӣ дар таҷдиди сохтори ташкилоти қарзӣ иштирок менамояд, ки он интиқоли амонату пасандозҳои суғурташударо ба ташкилоти қарзии дигар, аз ҷумла бонки мутавассит, ҳамчун иҷро намудани уҳдадорӣ аз рӯи ҷуброни суғуртавии амонату пасандозҳои бо Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва Қонуни мазкур пешбинишуда дар назар дорад;

- дар сурати касри Хазина барои гирифтани қарз ба Ҳукумати ҶТ муроҷиат менамояд;

- аз Бонки миллии Тоҷикистон андешидани чораҳои ислоҳнамоӣ ва таъсиррасониро нисбат ба ташкилоти қарзӣ ҳангоми риоя накардани Қонуни мазкур дархост мекунад;

- ҳангоми зарурат ва дар доираи қонун ба ташкилотҳои қарзӣ амрнома дода, иҷрои онро талаб менамояд;

- санадҳои меъёрӣ (қоидаҳо, дастурамалҳо ва ғайра) содир карда, иҷрои онҳоро талаб менамояд;

- бо мақсади нигаҳдории боварии низоми бонкии ҶТ ба воситаи таъмини кафолати амонату пасандозҳо аҳли ҷомеаро хабардор менамояд;

- хароҷоти амалиётии Хазинаро ҷуброн мекунад;

- вазифаи хизматрасонии молиявиро анҷом медиҳад;

- дигар вазифаҳоро, ки барои ноил гардидан ба мақсадҳои Хазина заруранд, иҷро мекунад[186].

Маблағҳои Хазина аз манбаъҳои зерин ташаккул меёбанд:

- пардохтҳои ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина;

- даромад аз сармоягузорӣ;

- маблағи қарзи гирифташуда, аз ҷумла маблағҳое, ки аз Ҳукумати ҶТ қарз гирифта мешаванд;

- маблағи аз рӯйи иҷрои уҳдадориҳои Хазина бадастомада, аз ҷумла аз рӯйи ҷубронпулии ба пасандоздорон пардохтшуда, ки манфиатҳои онҳо мутобиқи Қонуни мазкур ба Хазина вогузор шудаанд;

- маблағҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст.

Андозаи ҳадди аксари маблағҳои Хазина ба андозаи ҳафт фоизи маблағи умумии амонату пасандозҳои суғурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина мавҷуд аст, муқаррар карда мешавад. Дар ҳолати аз ҳафт фоиз зиёд гардидани андозаи ҳадди аксари маблағҳои Хазина қарори Шурои нозирони Хазина дар бораи кам кардан ё боздоштани супоридани пардохтҳои тақвимӣ қабул карда мешавад.

Андозаи ҳадди ақалли маблағҳои Хазина набояд аз андозае, ки бо мақсади пешгирии касри Хазина дар асоси методологияи тасдиқкардаи Шурои нозирони Хазина муайян шудааст, камтар бошад. Ҳангоми то андозаи ҳадди ақал кам шудани маблағҳои Хазина ё хавфи ба таври назаррас коҳиш ёфтани он, Хазина ҳуқуқ дорад барои пурра кардани маблағҳо аз манбаъҳои дар Қонуни мазкур пешбинигардида истифода барад.

---

[186] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» аз 2 августи соли 2011, № 758 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.08.2025).

Мақсадҳои Хазина инҳоянд:

- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта тибқи Қонуни мазкур;

- таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва мусоидат ба устувории низоми молиявӣ дар ҶТ;

- таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии ҶТ.

Ҳамзамон, Қонуни мазкур объектҳои суғуртаро муайян намудааст.

Тибқи м. 21 (1) Қонуни болозикр ба объекти ҳатмии суғурта инҳо дохил намешаванд:

- ҳисобҳои металлии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- маблағҳои пулӣ ва дороиҳои дар қуттиҳои сейфии бонкӣ гузошташуда;

- сертификатҳои бонкӣ;

- суратҳисобҳои амонату пасандозии шахсони ҳуқуқӣ, ба истиснои субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ;

- суратҳисобҳои амонату пасандозии дар ташкилотҳои қарзии исломӣ кушодашуда;

- маблағҳои электронӣ;

- суратҳисобҳои амонату пасандозие, ки ҳуқуқ ба онҳо ба шахсони дигар дар асоси шартномаи берун аз ташкилоти қарзӣ басташуда дода мешавад;

- суратҳисобҳои амонату пасандозие, ки дорандаи ҳуқуқи ихтиёрдории онҳо дар ташкилоти қарзӣ муайян нест.

Тавре, ки аз муқаррароти Кодекси мадании ҶТ бармеояд яке аз тарафҳои шартномаи пасандози бонкӣ пасандозгузор мебошад. Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» ҳуқуқҳои пасандозгузорро муайян намудааст. Мувофиқи м. 21 Қонуни мазкур пасандозгузорон ҳуқуқ доранд:

- ҷубронпулии суғуртаро аз рӯи амонату пасандозҳо бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур гиранд;

- тибқи дархост аз ташкилоти қарзӣ ва Хазина дар бораи узвият ба Хазина ва дар бораи дараҷаи суғуртаи амонату пасандозҳо, ки Хазина барои амонату пасандозҳо муқаррар намудааст, маълумот дастрас намоянд;

- ҳангоми дар ташкилоти қарзӣ ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ аз вай пардохти фарқияти байни маблағи амонату пасандози ибтидоӣ бо фоизҳои то охири рӯзи ҳолати суғуртавӣ ҳисобшуда ва ҷубронпулии пардохтшудаи суғуртаро талаб намоянд[187].

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар ин лаҳзаи суғурташуда ҳисобидани пасандозҳо мебошад. Тибқи қ. 8 м. 58 (1) Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28-уми июни соли 2011, № 722[188] пасандозҳои

---

[187] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» аз 2 августи соли 2011, № 758 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.08.2025).

[188] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28-уми июни соли 2011, № 722 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.08.2025).

суғурташуда, ки ба бонки мутавассит гузаронида мешаванд, суғурташуда ҳисобида мешаванд. Пасандозҳои суғурташуда – маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳое, ки тибқи Қонуни мазкур объекти ҳатмии суғурта мебошанд. Бонки мутавассит – бонке, ки барои қабули дороиҳо, уҳдадориҳо ва ё иҷрои вазифаҳои ташкилоти қарзие, ки таҳти маъмурияти муваққатӣ қарор дорад, таъсис дода шуда, амалиёти ҷудогонаи бонкиро анҷом медиҳад.

Ҳамин тавр, метавон ба хулоса омад, ки суғуртаи амонату пасандозҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандозгузорон, барои пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ равона шудааст.

Дар асоси таҳлили мафҳуми пасандозгузор муайян гардид, ки дар қонунгузорӣ истилоҳи «пасандозгузор» ба таври гуногун истифода гардидааст, ки хилофи муқаррароти Кодекси мадании ҶТ мебошад. Аз ҷумла, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» истилоҳи «пасандоздор» истифода гардидааст. Дар ин замина, мутобиқи мақсад мебошад, дар қонуни болозикр бо дарназардошти муқаррароти Кодекси мадании ҶТ истилоҳи «пасандозгузор» истифода карда шавад.

**Адабиёт:**

1. Алина Г.Б., Джумабекова А.Т. Особенности развития моделей страхования вкладов в зарубежной практике // Вестник университета туран. – 2016. – № 1 (69). – С. 131-136.

2. Brief A. History of Deposit Insurance in the Unites States // Federal Deposit Insurance Corporation, 1998. – 235 s.

3. Как застраховать депозиты // Prostobank.com.ua – 03.01.2012 – [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.prostobank.ua (санаи муроҷиат: 02.08.2025).

4. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 30.07.2025).

5. Космачевская Н.Ю. Страхование депозитов как альтернатива фонду гарантирования вкладов физических лиц // Науковий вiсник: Фiнанси, банки, iнвестицiӣ – 2012. – № 2 (15). – С. 91-93.

6. Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28-уми июни соли 2011, № 722 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.07.2025).

7. Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» аз 2 августи соли 2011, № 758 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.08.2025).

8. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, № 524 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.08.2025).

9. Полетаев А.С. Правовое регулирование в обеспечении возврата вклада и страхования вкладов (депозитов) в Российской Федерации // Закон. Право. Государство. – 2025. – № 1 (45). – С. 119-121.

10. Сугарова И.В. Система страхования вкладов: особенности функционирования // Вестник СОГУ. – 2020, – № 3. – С. 188-195.

# ПРАВОСПОСОБНОСТЬ КАК ОСНОВА ВОЗНИКНОВЕНИЯ ПРАВ НА СРЕДСТВА ИНДИВИДУАЛИЗАЦИИ

**Тагайназарзода Рушана Далер,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант PhD кафедры гражданского права
**E-mail:** sunik979797@gmail.com

**Рецензент:** Гаюрзода Ш.К., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Статья исследует правоспособность как фундаментальную основу для возникновения прав на средства индивидуализации в гражданском праве Таджикистана. Анализируются правовая природа правоспособности, ее регулирование в Гражданском кодексе РТ, а также применение к традиционным (имя, псевдоним, изображение, подпись) и новым (биометрические данные, цифровая идентичность) средствам индивидуализации. Сравнительный анализ с юрисдикциями Азии, Европы и Америки выявляет пробелы в законодательстве и предлагает пути их устранения. Особое внимание уделяется вызовам цифровизации и гармонизации с международными стандартами.

**Ключевые слова:** Правоспособность, средства индивидуализации, гражданское право, Таджикистан, цифровая идентичность, биометрические данные, международное частное право.

# ҚОБИЛИЯТИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН АСОСИ ПАЙДОИШИ ҲУҚУҚ БА ВОСИТАҲОИ ФАРДИКУНОНӢ

**Тагайназарзода Рушана Далер,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи маданӣ
**E-mail:** sunik979797@gmail.com

**Муқарриз:** Ғаюрзода Ш.К., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақола масъалаи соҳибҳуқуқӣ ҳамчун пояи асосӣ дар ташаккули ҷанбаҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фардикунонӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шудааст. Бори аввал ба таври васеъ табиати ҳуқуқии мафҳуми соҳибҳуқуқӣ, танзими он дар Кодекси мадании Тоҷикистон ва татбиқи он дар низоми соҳибҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои анъанавӣ (ном, тахаллус, тасвир, имзо) ва ташаккули омилҳои муосир дар ин самт (маълумоти биометрӣ, мушаххасоти рақамӣ) мавриди омӯзиш қарор мегирад. Барои комёбӣ дар ин самт муаллиф беҳбудӣ ва камбудиҳоро дар Осиё, Аврупо ва Амрико ба таври васеъ таҳқиқ намуда, барои рафъи мушкилоти мавҷуда тавсияҳои дорои

чанбаҳои мукаммали амалӣ ва назариявӣ пешниҳод менамояд. Дар мақола ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқии раванди рақамигардонӣ ва зарурати ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ диққати махсус дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Соҳибҳуқуқӣ, роҳу воситаҳои фардикунонӣ, ҳуқуқи мадании Тоҷикистон, мушаххасоти рақамӣ, маълумоти биометрӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

## LEGAL CAPACITY AS THE BASIS FOR THE EMERGENCE OF RIGHTS TO MEANS OF INDIVIDUALIZATION

**Tagainazarzoda Rushana Daler,**
Tajik National University, Faculty of Law, PhD Doctoral Student, Department of Civil Law
**E-mail:** sunik979797@gmail.com

**Reviewer:** Gayurzoda Sh.K., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** This article examines legal capacity as a fundamental basis for the emergence of rights to means of individualization under the civil law of the Republic of Tajikistan. It analyzes the legal nature of legal capacity, its regulation under the Civil Code of the Republic of Tajikistan, and its application to both traditional (name, pseudonym, image, signature) and emerging (biometric data, digital identity) means of individualization. A comparative analysis with jurisdictions in Asia, Europe, and the Americas reveals legislative gaps and proposes solutions for their elimination. Particular attention is given to the challenges posed by digitalization and the need for harmonization with international standards.

**Keywords:** legal capacity, means of individualization, civil law, Tajikistan, digital identity, biometric data, private international law.

Правоспособность, как способность быть носителем гражданских прав и обязанностей, является краеугольным камнем гражданского права. В Таджикистане она закреплена статьей 17 Гражданского кодекса РТ (ГК РТ), которая устанавливает ее возникновение с момента рождения и равенство для всех граждан[189]. Средства индивидуализации – имя, псевдоним, изображение, подпись, биометрические данные и цифровая идентичность – играют ключевую роль в идентификации личности в гражданском обороте. В условиях глобализации и цифровизации традиционные подходы к правоспособности требуют переосмысления, особенно в отношении новых цифровых идентификаторов.

Правоспособность представляет собой универсальную способность лица обладать гражданскими правами, включая право на средства

[189] См.: Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, № 1918. – Душанбе: Ирфон, 2024. – С. 45.

индивидуализации. С.С. Алексеев определяет правоспособность как абстрактную возможность, предшествующую реализации конкретных прав, что делает ее основой для защиты имени, изображения и других идентификаторов[190]. В отличие от дееспособности, правоспособность не зависит от возраста или психического состояния, что подчеркивает ее универсальность.

Средства индивидуализации выполняют идентификационную, социальную и правовую функции. Имя, закрепленное статьей 19 ГК РТ, является первичным идентификатором, отражающим культурную и этническую принадлежность[191]. Псевдонимы, изображения, подписи и биометрические данные дополняют эту систему, обеспечивая идентификацию в различных сферах. Ж. Карбонье подчеркивает, что правоспособность должна эволюционировать, чтобы охватывать новые технологии, такие как цифровая идентичность, для защиты личности в онлайн-средах[192].

В Таджикистане правоспособность тесно связана с неимущественными правами, но ее применение к новым средствам индивидуализации ограничено. Например, биометрические данные, используемые в банковских системах, не определены как средство индивидуализации, что создает правовую неопределенность[193].

В Таджикистане правоспособность регулируется статьями 17-20 ГК РТ, которые устанавливают ее возникновение с рождения, равенство и неотчуждаемость[194]. Статья 19 защищает право на имя, включая возможность его изменения и использования псевдонима, но другие средства, такие как изображение или биометрические данные, регулируются косвенно через общие нормы о защите чести и достоинства (статья 11)[195].

А.Х. Саидов отмечает, что в Центральной Азии правоспособность трактуется узко, с акцентом на традиционные идентификаторы, что не соответствует вызовам цифровизации. Например, псевдонимы, используемые в творческой деятельности, не имеют четкого правового статуса, а защита изображения ограничена отсутствием специализированных норм. Электронная подпись, регулируемая Законом РТ «Об электронном документе и электронной подписи», рассматривается как технический инструмент, а не как проявление правоспособности[196].

Проблемы применения правоспособности включают:

---

[190] См.: Алексеев С.С. Гражданское право: Учебник. – М.: Проспект, 2018. – 320 с.

[191] См.: Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, № 1918. – Душанбе: Ирфон, 2024. – С. 47.

[192] См.: Carbonnier J. Droit civil. – Paris: PUF, 2004. – 350 p.

[193] См.: Саидов А.Х. Сравнительное гражданское право как учебная дисциплина (Akmal Saidov. Comparative Civil Law as Scholarly and Teaching Discipline): Открытая лекция. – К., 2010. – Серия «Академия сравнительного правоведения». – Вып. 22. – 200 с.

[194] См.: Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, № 1918. – Душанбе: Ирфон, 2024. – С. 45.

[195] См.: Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, № 1918. – Душанбе: Ирфон, 2024. – С. 45.

[196] См.: Закон Республики Таджикистан «Об электронном документе и электронной подписи» от 15 марта 2023 года, № 1965. – Душанбе: Ирфон, 2024. – 8 с.

- Ограниченная нормативная база: Отсутствие норм о цифровых идентификаторах, таких как имена пользователей или биометрические данные.

- Низкая правовая осведомленность: Граждане не знают о своих правах на защиту новых средств индивидуализации.

- Отсутствие судебной практики: Споры о цифровых идентификаторах практически не рассматриваются судами.

Сравнительный анализ юрисдикций Азии, Европы и Америки выявляет более развитые подходы к правоспособности и индивидуализации, которые могут быть адаптированы в Таджикистане.

- Китай: Гражданский кодекс КНР (статья 1018) защищает имя, изображение и биометрические данные как неотъемлемые права личности[197]. Ван Лимин подчеркивает, что Китай интегрировал цифровые идентификаторы в гражданское право, обеспечивая защиту в онлайн-средах. Например, имена пользователей на платформах защищаются как часть права на имя.

- Германия: § 12 BGB защищает имя и псевдонимы, а GDPR регулирует биометрические данные, обеспечивая строгие стандарты конфиденциальности[198]. Г. Келлер считает, что глобальные стандарты цифровой идентичности необходимы для трансграничной защиты.

- США: Право на публику защищает коммерческую ценность имени и изображения, особенно в медийной индустрии[199]. Дж. Маккарти предлагает учитывать коммерческие аспекты в трансграничных спорах, что актуально для развивающейся медийной сферы Таджикистана.

- Россия: Статья 150 ГК РФ защищает неимущественные права, включая изображение и псевдонимы, с развитой судебной практикой[200]. Это контрастирует с Таджикистаном, где судебные прецеденты отсутствуют.

Международный опыт показывает, что интеграция цифровых средств индивидуализации в гражданское право и развитие судебной практики являются ключевыми для эффективной защиты.

Применение правоспособности к средствам индивидуализации в Таджикистане сталкивается с рядом проблем:

- Недостаточная нормативная база: Отсутствие норм о псевдонимах, изображении и биометрических данных ограничивает защиту граждан.

- Цифровые вызовы: Рост использования биометрических данных и цифровой идентичности требует новых правовых механизмов, которых в Таджикистане нет.

- Ограниченная экспертиза судов: Суды редко рассматривают споры о новых идентификаторах из-за отсутствия знаний и прецедентов.

Цифровизация трансформирует средства индивидуализации, вводя новые категории, такие как цифровая идентичность, имена пользователей

---

[197] См.: Wang L. Civil Law in China: Principles and Practice. – Beijing: Law Press, 2020. – 180 p.

[198] См.: Münchener Kommentar zum BGB. – München: C.H. Beck, 2021. – 1200 p.

[199] См.: McCarthy J.T. The Rights of Publicity and Privacy. – New York: Thomson Reuters, 2020. – 600 p.

[200] См.: Алексеев С.С. Гражданское право: Учебник. – М.: Проспект, 2018. – 320 с.

и биометрические данные. В Таджикистане регулирование этих средств ограничено фрагментарными нормами. Закон РТ «О защите персональных данных» классифицирует биометрические данные как чувствительные, но не связывает их с правоспособностью[201]. Закон РТ «Об электронном документе и электронной подписи» регулирует технические аспекты, но не рассматривает подпись как средство индивидуализации[202].

Ключевые цифровые вызовы включают:

- Киберугрозы: Утечка данных, фишинг и кража цифровой идентичности угрожают правам граждан. В Таджикистане отсутствуют механизмы ответственности за такие нарушения.

- Трансграничные аспекты: Онлайн-индивидуализация выходит за пределы национальной юрисдикции, но статья 1166 ГК РТ не регулирует такие случаи должным образом[203].

- Технические ограничения: Недостаток инфраструктуры для защиты данных ограничивает реализацию правовых норм.

Ван Лимин подчеркивает, что в Китае цифровая идентичность защищается как часть права на личность, что позволяет эффективно противодействовать киберугрозам[204]. Карбонье акцентирует необходимость правовой культуры для защиты цифровых прав[205].

Трансграничная индивидуализация требует гармонизации национальных норм с международными стандартами. Статья 1197 ГК РТ устанавливает, что личные неимущественные права определяются по праву страны гражданства, но на практике суды Таджикистана редко применяют иностранное право[206]. Международные договоры, такие как Всеобщая декларация прав человека (статья 6) и Конвенция ООН об электронных сообщениях (2005), закрепляют стандарты защиты имени и цифровых идентификаторов[207], но их имплементация в Таджикистане ограничена[208].

С.С. Алексеев предлагает использовать принцип личного закона для трансграничных споров, но подчеркивает необходимость адаптации к цифровым технологиям[209]. Маккарти рекомендует учитывать коммерческую ценность средств индивидуализации, что актуально для медийной индустрии Таджикистана[210]. Келлер подчеркивает роль GDPR как глобального стандарта для биометрических данных[211].

---

[201] См.: Закон Республики Таджикистан «О защите персональных данных» от 14 мая 2018 г. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 10 с.

[202] См.: Закон Республики Таджикистан «Об электронном документе и электронной подписи» от 15 марта 2023 года, № 1965. – Душанбе: Ирфон, 2024. – 8 с.

[203] См.: Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, № 1918. – Душанбе: Ирфон, 2024. – 365 с.

[204] См.: Wang L. Civil Law in China: Principles and Practice. – Beijing: Law Press, 2020. – 180 p.

[205] См.: Carbonnier J. Droit civil. – Paris: PUF, 2004. – 350 p.

[206] См.: Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, №1918. – Душанбе: Ирфон, 2024. – 365 с.

[207] См.: Всеобщая декларация прав человека: принята Генеральной Ассамблеей ООН 10 декабря 1948 г. – Нью-Йорк: ООН, 1948. – 12 с.

[208] См.: Конвенция ООН об использовании электронных сообщений в международных договорах: принята 23 ноября 2005 г. – Нью-Йорк: ООН, 2005. – 10 с.

[209] См.: Алексеев С.С. Гражданское право: Учебник. – М.: Проспект, 2018. – 320 с.

[210] См.: McCarthy J.T. The Rights of Publicity and Privacy. – New York: Thomson Reuters, 2020. – 600 p.

[211] См.: Münchener Kommentar zum BGB. – München: C.H. Beck, 2021. – 1200 p.

Для устранения правовых пробелов и адаптации к цифровым вызовам в Таджикистане предлагаются следующие меры:

1. Модернизация ГК РТ: Включить нормы, определяющие цифровую идентичность, биометрические данные и имена пользователей как средства индивидуализации, связанные с правоспособностью.

2. Усиление защиты данных: Усовершенствовать Закон РТ «О защите персональных данных», введя меры против киберугроз, по примеру GDPR и китайского законодательства.

3. Развитие судебной практики: Обучать судей применению иностранного права и международных стандартов, заимствуя опыт России и Германии.

4. Международное сотрудничество: Усилить участие в СНГ и ООН для гармонизации норм, как предлагает А.Х. Саидов.

5. Повышение правовой осведомленности: Проводить образовательные программы для граждан, чтобы стимулировать защиту их цифровых прав.

Правоспособность является основой для возникновения прав на средства индивидуализации, но в Таджикистане ее регулирование сталкивается с пробелами, особенно в цифровой среде. Отсутствие норм о цифровой идентичности, слабая защита от киберугроз и ограниченная судебная практика создают риски для граждан. Сравнительный анализ показывает, что опыт Китая, Германии, США и России может быть использован для модернизации законодательства. Устранение правовых пробелов, развитие инфраструктуры кибербезопасности и гармонизация с международными стандартами позволят Таджикистану обеспечить защиту прав личности в условиях цифровизации. Дальнейшие исследования должны сосредоточиться на разработке механизмов защиты цифровых идентификаторов и их интеграции в гражданское право.

**Литература:**


1. Carbonnier J. Droit civil. – Paris: PUF, 2004. – 350 p.
2. McCarthy J.T. The Rights of Publicity and Privacy. – New York: Thomson Reuters, 2020. – 600 p.
3. Münchener Kommentar zum BGB. – München: C.H. Beck, 2021. – 1200 p.
4. Wang L. Civil Law in China: Principles and Practice. – Beijing: Law Press, 2020. – 180 p.
5. Алексеев С.С. Гражданское право: Учебник. – М.: Проспект, 2018. – 320 с.
6. Всеобщая декларация прав человека: принята Генеральной Ассамблеей ООН 10 декабря 1948 г. – Нью-Йорк: ООН, 1948. – 12 с.
7. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, № 1918. – Душанбе: Ирфон, 2024. – 365 с.
8. Закон Республики Таджикистан «О защите персональных данных» от 14 мая 2018 г. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 10 с.
9. Закон Республики Таджикистан «Об электронном документе и электронной подписи» от 15 марта 2023 года, № 1965. – Душанбе: Ирфон, 2024. – 8 с.

10. Конвенция ООН об использовании электронных сообщений в международных договорах: принята 23 ноября 2005 г. – Нью-Йорк: ООН, 2005. – 10 с.

11. Саидов А.Х. Сравнительное гражданское право как учебная дисциплина (Akmal Saidov. Comparative Civil Law as Scholarly and Teaching Discipline): Открытая лекция. – К., 2010. – Серия «Академия сравнительного правоведения». – Вып. 22. – 200 с.

## ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ (ИХТИСОС: 12.00.04) – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.04)

# ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ИНСТИТУТИ СИРРИ БОНКӢ

**Асоева Гулнора Афғоновна,**
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, сардори идораи ҳуқуқи КВД БА ҶТ «Амонатбонк»
**E-mail:** asoeva-g@amonatbonk.tj

**Муқарриз:** Мирзозода П.З., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақола сухан дар бораи бонкҳо ҳамчун ташкилотҳои махсуси иқтисодӣ меравад, ки онҳо бо ҷамъ кардани воситаҳои пулӣ, пешниҳоди қарз, гузаронидани ҳисоббаробарсозӣ, муомилот бо коғазҳои қимматнок ва дигар амалиёт машғул мешаванд. Онҳо маҳсули тараққиёти муносибатҳои молӣ-пулӣ мебошанд. Маҳз бонкҳо фишангҳои иқтисодиёт ва савдоро дар дасти худ ҷамъ менамоянд ва дар навбати худ, талаботҳои зиёдшудаистодаро ба сармоя қонеъ менамоянд. Дар натиҷа, бонкҳо бо ин гуна амалҳои худ барои рушди ҳам савдо ва ҳам тамоми иқтисодиёт мусоидат мекунанд. Қайд карда мешавад, ки ҳанӯз дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ истеҳсолоти молӣ ва муносибатҳои тиҷоратӣ, агарчанде дар шакли оддӣ бошад ҳам, дар байни одамон тадриҷан инкишоф меёфт. Онҳо аввалан дар асоси анъана, меъёрҳои ахлоқӣ ва урфу одатҳои дар давоми асрҳои зиёд пайдошуда танзим карда мешуданд. Ҳамзамон дар ҳамон давра анъанаю одатҳо сарчашмаи ягонаи ҳуқуқ буда, қоидаҳои ба ҳама маълум ва дар шуури ҷомеа аҳамияти ба ҳама ҳатмӣ дошта буданд.

Ба андешаи муҳаққиқон аввалин бонкҳо дар ҳудуди Тоҷикистони ҳозира дар давраи Шӯравӣ пайдо шуда бошанд ҳам, аммо амалиёти ҷудогонаи бонкӣ дар давлатҳои қадимаи тоҷикон васеъ истифода мешуданд. Аввалин бонкҳо дар шароити ҷамъияти феодалӣ пайдо шудаанд, лекин амалиёти бонкӣ аллакай дар давраи ҷамъияти ғуломдорӣ низ ҷой доштанд. Аммо бо таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ муайян карда шудааст, ки моҳи марти соли 1885 дар уезди Хуҷанд аввалин кассаи амонатӣ кушода шуда, соли 1925 дар назди Комиссариати молиявии ҶШС Тоҷикистон Фонди давлатии амонатӣ ташкил карда шудааст. Дар навбати худ муносибатҳо оид ба фаъолияти бонкӣ, ки яке аз самтҳои фаъолияти тиҷоратӣ мебошад, дар Осиёи Марказӣ баъзе омилҳои онҳо оғози худро хело барвақт, аз давраи ғуломдорӣ сар намудаанд. Он вақт функсияи асосии онҳо дар нигоҳ доштани пул ё металҳои қиматбаҳо ифода

меёфтааст. Саррофӣ оид ба гардиши тангаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва мисини гуногун хело рушд ёфта будааст.

Дар мақола, инчунин сухан дар бораи дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ гарчанде институти алоҳидаи бонкӣ амал намекард, аммо аз давраи ғуломдорӣ сар карда, то замони аз тарафи Россияи подшоҳӣ забт карда шудани ҳудуди Осиёи Миёна падидаҳои бонкӣ ва сирру асрори нигоҳ доштани маблағ ва муомилот вобаста ба маблағ ҷой доштанд, низ меравад. Гарданде, дар қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба монанди «Қонунномаи Сосониён», «Китоб-ал-байъ» ва ғайраҳо боб ва ё фасли алоҳида доир ба муносибатҳои бонкӣ ва ё саррофӣ (пешдод, салам) бахшида нашуда бошад ҳам, вале онҳо тавассути меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои тиҷоратӣ танзим карда шуда буданд. Сабаби асосии инкифош наёфтани институти бонкӣ дар ҳудуди Тоҷикистон таърихӣ ва дигар давлатҳо, ин дар низоми ҳуқуқии онҳо мавҷуд будани меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** Институти сирри бонкӣ, фаъолияти бонкӣ, ташкилоти махсуси иқтисодӣ, воситаҳои пулӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои муштариён, ҳисоббаробаркуниҳо, муомилот бо қоғазҳои қимматнок, муносибатҳои молӣ-пулӣ, амалиёти саррофӣ, махфӣ будани пасандозҳо.

## ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И СТАНОВЛЕНИЯ ИНСТИТУТА БАНКОВСКОЙ ТАЙНЫ

**Асоева Гулнора Афгоновна,**
Национальная академия наук Таджикистана, соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова, начальник юридического управления Государственного унитарного предприятия сберегательного банка Республики Таджикистан «Амонатбонк»
**E-mail:** asoeva-g@amonatabonk.tj

**Рецензент:** Мирзозода П.З., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В статье рассматриваются банки как специализированные экономические организации, которые занимаются аккумулированием денежных средств, предоставлением кредитов, осуществлением расчетов, торговлей ценными бумагами и другими операциями. Они являются продуктом развития материально-денежных отношений. Именно банки держат в своих руках рычаги управления экономикой и торговлей, и в свою очередь, удовлетворяют растущий спрос на капитал. В результате банки своими действиями способствуют развитию как торговли, так и всей экономики. Отмечено, что еще в эпоху первобытно-общинного строя у людей постепенно развивались, хотя и в простой форме, товарное

производство и торговые отношения. Первоначально они регулировались на основе традиций, моральных норм и обычаев, которые складывались на протяжении многих веков. В то же время в тот период традиции и обычаи были единственным источником права, а правила были известны всем и имели обязательное значение в сознании общества.

По данным исследователей, хотя первые банки на территории современного Таджикистана появились еще в советское время, отдельные банковские операции широко применялись еще в древних таджикских государствах. Первые банки появились в феодальном обществе. Однако банковские операции существовали уже в эпоху рабовладельческого общества. Однако анализ юридической литературы и официальных документов позволил установить, что в марте 1885 года в Ходжентском уезде была открыта первая сберегательная касса, а в 1925 году при Финансовом комиссариате Таджикской ССР была создана Государственная сберегательная касса. В свою очередь, банковские отношения, являющиеся одной из сфер коммерческой деятельности, в Средней Азии, некоторые их факторы зародились очень рано, еще в период рабства. В то время их основной функцией было хранение денег или драгоценных металлов. Обмен различных золотых, серебряных и медных монет был весьма развит.

В статье также рассматривается тот факт, что хотя на территории исторического Таджикистана не функционировало отдельное банковское учреждение, банковские явления, секреты хранения денег и операций, связанных с деньгами, существовали со времен рабства и до завоевания Средней Азии царской Россией. Хотя законы, регулирующие общественные отношения, такие как «Сасанидский кодекс», «Книга купли-продажи» и т.д., не имели отдельной главы или раздела, посвященного банковским или денежно-обменным отношениям (пешдад, салам), они регулировались нормами, регулирующими торговые отношения. Основной причиной неразвитости банковского института в историческом Таджикистане является и другие страны, правовые нормы которых основаны на исламском праве.

**Ключевые слова:** Институт банковской тайны, банковская деятельность, специальные экономические организации, денежные средства, защита прав клиентов, расчеты, операции с ценными бумагами, финансово-денежные отношения, валютные операции, тайна вкладов.

## HISTORY OF THE ORIGIN AND FORMATION OF THE INSTITUTE OF BANK SECRECY

**Asoeva Gulnora Afgonovna,**
National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov, Head of the Legal Department of the State Unitary Enterprise

Savings Bank of the Republic of Tajikistan «Amonatbonk»
**E-mail:** asoeva-g@amonatabonk.tj

**Reviewer:** Mirzozoda P.Z., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** The article examines banks as specialized economic organizations that accumulate funds, provide loans, make payments, trade securities and other operations. They are a product of the development of material and monetary relations. It is the banks that hold the levers of economic and trade management in their hands and, in turn, satisfy the growing demand for capital. As a result, banks by their actions contribute to the development of both trade and the entire economy. It is noted that even in the era of the primitive communal system, people gradually developed, albeit in a simple form, commodity production and trade relations. Initially, they were regulated on the basis of traditions, moral norms and customs that developed over many centuries. At the same time, during that period, traditions and customs were the only source of law, and the rules were known to everyone and had mandatory significance in the consciousness of society. According to researchers, although the first banks on the territory of modern Tajikistan appeared in Soviet times, individual banking operations were widely used in the ancient Tajik states. The first banks appeared in a feudal society. However, banking operations already existed in the era of slave society. However, the analysis of legal literature and official documents allowed us to establish that in March 1885, the first savings bank was opened in the Khojent district, and in 1925, the State Savings Bank was created under the Financial Commissariat of the Tajik SSR. In turn, banking relations, which are one of the spheres of commercial activity, in Central Asia, some of their factors arose very early, during the period of slavery. At that time, their main function was the storage of money or precious metals. The exchange of various gold, silver and copper coins was very developed. The article also examines the fact that although a separate banking institution did not function on the territory of historical Tajikistan, banking phenomena, the secrets of storing money and transactions related to money existed from the time of slavery until the conquest of Central Asia by Tsarist Russia. Although the laws regulating social relations, such as the «Sasanian Code», «Book of Purchase and Sale», etc., did not have a separate chapter or section devoted to banking or money exchange relations (peshdad, salam), they were regulated by the norms regulating trade relations. The main reason for the underdevelopment of the banking institution in historical Tajikistan is and other countries, whose legal norms are based on Islamic law.

**Keywords:** Institute of banking secrecy, banking activities, special economic organizations, monetary instruments, protection of clients' rights, settlements, operations with securities, financial and monetary relations, currency transactions, deposit secrecy.

Таърихи рушди институти сирри бонкӣ садсолаҳо пеш рафта, дар тӯли садсолаҳо муборизаи байни манфиатҳои ҷамъиятии давлатро ифода мекард, ки кӯшиш мекунад ташкилотҳои қарзиро бо мақсади ба даст овардани андозҳо ва мубориза бар зидди шаклҳои хатарноктарин фаъолияти ҷиноӣ ва манфиатҳои хусусии бонкҳо, ки бо ҳимояи ҳуқуқҳои муштариён ба сирри молиявӣ иқтидори молиявии худро ҳифз мекунанд. Зеро ҳар қадаре, ки бонк бештар маблағ ҷалб кунад, иқдори молиявии он ҳамон қадар устувор ва тавонотар мешавад[212].

Бонкҳо ин ташкилотҳои махсуси иқтисодӣ мебошанд, ки бо ҷамъ кардани воситаҳои пулӣ, пешниҳоди қарз, гузаронидани ҳисоббаробарсозӣ, муомилот бо қоғазҳои қимматнок ва дигар амалиёт машғул мешаванд. Онҳо маҳсули тараққиёти муносибатҳои молӣ-пулӣ мебошанд. Маҳз бонкҳо фишангҳои иқтисодиёт ва савдоро дар дасти худ ҷамъ менамоянд ва дар навбати худ, талаботҳои зиёдшудаистодаро ба сармоя қонеъ менамоянд. Дар натиҷа, бонкҳо бо ин гуна амалҳои худ барои рушди ҳам савдо ва ҳам тамоми иқтисодиёт мусоидат мекунанд.

Ба андешаи Р.В. Раҳмонов аввалин бонкҳо дар ҳудуди Тоҷикистони ҳозира дар давраи шуравӣ пайдо шуда бошанд ҳам, аммо амалиёти ҷудогонаи бонкӣ дар давлатҳои қадимаи тоҷикон васеъ истифода мешуданд. Аввалин бонкҳо дар шароити ҷамъияти феодалӣ пайдо шудаанд. Лекин амалиёти бонкӣ аллакай дар давраи ҷамъияти ғуломдорӣ ҷой доштанд[213].

Аммо бо таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ муайян намудем, ки моҳи марти соли 1885 дар уезди Хуҷанд аввалин кассаи амонатӣ кушода шуд. Соли 1925 дар назди Комиссариати молиявии ҶШС Тоҷикистон Фонди давлатии амонатӣ ташкил карда шуд[214].

Аз ин рӯ, бо мақсади таҳлили пурраи институти бонкӣ ва дар ин ҷода ба миён омадани падидаҳои сирри бонкӣ тасмим гирифтем, ки мавҷудияти институти бонкҳо ва ё воситаҳои дигари маҳфуз нигоҳ доштани маблағҳои пулиро дар таърихи мардуми тоҷик таҳлил намоем.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода ҳануз дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ истеҳсолоти молӣ ва муносибатҳои тиҷоратӣ, агарчанде дар шакли оддӣ бошад ҳам, дар байни одамон тадриҷан инкишоф меёфт. Онҳо аввалан дар асоси анъана, меъёрҳои ахлоқӣ ва урфу одатҳои дар давоми асрҳои зиёд пайдошуда танзим карда мешуданд. Ҳамзамон дар ҳамон давра анъанаю одатҳо сарчашмаи ягонаи ҳуқуқ буда, қоидаҳои ба ҳама маълум ва дар шуури ҷомеа аҳамияти ба ҳама ҳатмӣ дошта буданд[215].

Муносибатҳо оид ба фаъолияти бонкӣ, ки яке аз самтҳои фаъолияти тиҷоратӣ мебошад, дар Осиёи Марказӣ баъзе омилҳои онҳо оғози худро хело барвақт, аз давраи ғуломдорӣ сар менамояд. Он вақт функсияи асосии онҳо дар нигоҳ доштани пул ё металҳои қиматбаҳо ифода меёфт. Саррофӣ

---

[212] Ниг.: Смолькова И.В. Тайна и уголовно-процессуальный закон. – М.: Луч, 1997. – С. 46.
[213] Ниг.: Раҳмонов Р.В. Аз таърихи бонкдории тоҷикон // Ахбори ДДҲБСТ. – № 1 (37). – 2009. – С. 82-84.
[214] Ниг.: Джураев К., Джалилов Ш., Энци З. Сберегательное дело в Таджикистане 1870-1995 гг. – Душанбе: «Пайванд», 1995. – С. 11.
[215] Ниг.: Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ. Монография. – Душанбе, 2018. – 420 с.

оид ба гардиши тангаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва мисини гуногун хело рушд ёфта буд[216].

Бо пайдоиши Роҳи бузурги абрешим (яъне аз асри II то милод) амалиёти саррофӣ дар як қатор давлатҳои Осиё, аз он ҷумла дар ҳудуди давлатҳои тоҷикон пайдо шуда буд. Амалиёти саррофӣ ин фаъолият оид ба ивазкунандаи пул, баҳодиҳандаи сангҳои қимматбаҳо, дonанда ва эксперти нишонаҳои пулӣ, ки пулҳои ҳақиқиро аз қалбакӣ фарқ карда метавонад[217]. Ба забони ҳозира фаъолият оид ба мубодилаи асъор, фаъолияти нархгузорӣ ва муайян намудани воқеияти арзиши асъор, ки яке аз самтҳои фаъолияти ташкилотҳои бонкиро ташкил медиҳад.

Дар замони Сосониён «Қонунномаи Сосониён» ё «Қонуни мадании зардуштиён», ки аз чилу чор фасл иборат буд ва гирдоварандаи он Фаррухмард писари Баҳром дар замони Хусрави 2 Парвизи Сосонӣ (591-628) зиндагӣ кардааст, амал мекард, ки муносибатҳои ҷамъиятии ҳамон замон, аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданиро ба танзим медаровард[218].

Мувофиқи нишондодҳои Қонуннома, навъҳои қарордодҳо ҷудо карда мешавад. Дар муносибатҳои қарзӣ ҳам қарордоди қарзии асосӣ ва қарордоди кафолатӣ пешбинӣ гардидааст. Чунончӣ, қарордоди кафолат – дар алоҳидагӣ аз қарордоди асосӣ байни қарздиҳанда ва қарзгиранда баста мешавад ва кафолати шахсро шахси сеюм оид ба иҷрои тамоми уҳдадориҳои қарзӣ дар назди қарздиҳанда муқаррар менамояд, ки ба тариқи шифоҳӣ баста мешавад. Кафилдиҳанда дар назди шоҳидон, ки шумораашон на камтар аз се нафар мебошад дар назди қарздиҳанда мувофиқи иҳзороти «нисбати ашёи мазкур ман ҳамчун кафолати фалон кас баромад менамояд» ё «ман таъминкунандаи фалон кас нисбат ба ашёи мазкур мебошам» баромад менамуданд[219].

Чунончӣ, тавре муҳаққиқ Н. Негматов муайян намудааст дар Бухоро, иншооти махсус сохта шуда буд, ки номи онро Тоқ меномиданд ва дар он ҷо саррофҳо ҷамъ шуда амалиёти ивазкуниро мегузарониданд. Вазифаи асосии саррофон ивази пул бошад ҳам, онҳо инчунин дигар вазифаҳоро иҷро менамуданд. Масалан, дар бисёр давлатҳои Осиёи Марказӣ, низоми чекҳо (низоми расиди бонкӣ) тараққӣ ёфта буданд. Дар давраи Сомониён, дар амалиёти савдо ба ғайр аз тангаҳо, дар асри X чекҳои махсус истифода мешуданд. Ин амалиёт ба таври зерин ташкил карда мешуд: Пулҳоро савдогарон дар ҷойҳои махсус ба саррофони боваринок месупориданд ва ба ивази он чек мегирифтанд ва пули худро дар асоси ин чек дар ҷойи муқарраршуда мегирифтанд. Чунин амалиётҳо инчунин дар ҳудуди давлатҳои дигар низ истифода мешуданд[220].

Давлати Сомониён барои инкишофи муносибатҳои тиҷоратии дохилӣ ва берунӣ тадбирҳои зиёде меандешад. Девони вазир ба 10 девонҳо

[216] Ниг.: Ҳусейн Воизи Кошифӣ, Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи мӯҳсинӣ. Рисолаи ҳотамия. – Душанбе, 1991. – (Фасли 1V).
[217] Ниг.: Манбаи электронии https://tg.wikipedia.org/wiki (Санаи муроҷиат: 01.02.2025).
[218] Ниг.: Мухтасари Қонунномаи Сосониён / Зери назари д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: Эр граф», 2015. – С. 5.
[219] Ниг.: Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Аминҷонов А.Х., Соҳибзода С.С. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – С. 133.
[220] Ниг.: Негматов Н. Государство Саманидов. – Душанбе: «Дониш», 1977. – С. 87.

(вазорат) тақсим карда шуда, ҳар як девон дар соҳаи муайяни хоҷагии халқ фаъолият менамуд. Бо кори бозор, тарозу, нарху наво дар бозор, маҳсулоти фурӯхташаванда, ташкили корвонсаройҳо, музофоти молу мулки тоҷирон ва ғайраҳо девони муҳтасиб назорат мекард[221].

Омӯзиши асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ шоҳасар – «Шоҳнома» нишон медиҳад, ки ба ғайр аз амалиёти саррофӣ ва низоми чекҳо дар давлатҳои тоҷикон низоми пешпардохт вуҷуд доштааст, ки низоми мазкурро «Шоҳнома» ҳамчун низоми «пешдод» эътироф намудааст[222].

Муҳиққиқи дигари мардуми тоҷик Абӯҳамид Ғаззолӣ ба омӯзиши масъалаҳои бонкиву тиҷоратӣ диққат дода, низоми саррофӣ дар давраи Сомониён ва низоми пешдоди Абулқосим Фирдавсиро ба истилои «салам» номгузорӣ намудааст. Тарҷумаи таҳтуллафзии «салам» маънои пешпардохтро доро мебошад. Абӯҳамид Ғаззолӣ даҳ шарти ташкили амалиёти саламро нишон додааст, яъне пешпардохти молҳое, ки ҳоло истеҳсол нашудаанд[223].

Тазаккур бояд дод, ки шарқшиноси машҳури ватанӣ, аллома Б. Ғафуров низоми муомилоти мардуми Осиёи марказиро дар давраи асрҳои IX-X таҳлил намуда, муайян намудааст, ки воситаҳои асосии муомилоти пулӣ дар Осиёи Марказӣ дар асрҳои IX-X дирҳамҳое буданд, ки дар маъхазҳо дирамҳои хоразмӣ, мусайябӣ, муҳаммадӣ ё ҷитрифӣ номида шудаанд. Ин тангаҳо бар хилофи дирамҳои исломӣ хеле кам хат, вале хеле зиёд сурат доштанд. Сурати асосии рӯйи ин тангаҳо чунин буд, дар як тарафаш сурати аз миён болои подшоҳ ва дар тарафи дигари он назргоҳи муқаддас бо оташу посбонон. Ин суратҳо тасвири схематикии суратҳои тангаҳои яке аз шоҳони Сосониён мебошад, ки дар асри V ҳукм меронд. Яке аз хусусиятҳои иқтисодиёти он давра ҳамин буд, ки хироҷ маҳз бо ҳамин се хели тангаи суратдор дода мешуд, вале дар як вилоят ҳақ надошт, ки бо кадом намуди ин тангаҳо хоҳад, бо ҳамон хироҷи худро диҳад, балки ҳар як вилоят уҳдадор буд, ки фақат бо ҳамон навъи тангаҳо диҳад, ки барои он вилоят муқаррар шудааст. Масалан, вилояти Шош, ки қонунҳои зиёд дошт ва шаҳри Хуҷанд хироҷи худро фақат бо дирамҳои мусайябӣ бояд медод, ки таркиби нуқраи ин дирамҳо хеле тоза буд. Суғд ва маркази он Самарқанд, инчунин Фарғона чун хироҷ бояд дирами муҳаммадӣ медоданд. Бухоро бошад фақат дирами ҷитрифӣ медод. Хироҷи вилояти Устурушан бошад 48 ҳазор дирами муҳаммадӣ ва 2 ҳазор дирами мусайябӣ буд[224].

Таҳқиқоти гузаронидаи Б. Ғафуров нишон медиҳад, ки алакай дар асрҳои асрҳои IX-X мардуми Осиёи Марказӣ ба хусус тоҷикон низоми муомилоти пулии худро пурра муайян намудаанд. Ҳолати мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки алакай дар ҳамон давраи сирри бонкӣ пайдо шудааст.

---

[221] Ниг.: Неъматов Н. Давлати Сомониён. – Душанбе, 1989. – С. 97.

[222] Ниг.: Фирдавсӣ А. Шоҳнома. – Душанбе, 1985; Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ. Монография. – Душанбе, 2018. С. 18.

[223] Ниг.: Каримов У. Андешаҳои иқтисодию бозоргонии Абӯҳамиди Ғаззолӣ (дастури таълимӣ). – Душанбе, 2001. – С. 23-24.

[224] Ниг.: Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.

Зеро, тартиб, намуд, навиштаҳо ва суратҳои тангаҳои дирам аз ҳамдигар фарқ мекарданд ва дар муомилот истифода мешуданд.

Қуръон ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқи исломӣ гирифтани рибо, ки он бо истилои имрӯзаи фоизаи қарз фаҳмида мешавад, манъ менамояд. Чунончӣ, ояти 278 сураи Бақара таъкид шудааст, ки «Эй касоне ки имон овардаед! Тақвои илоҳӣ пеша кунед ва ончиро аз (мутолибот) рибо боқӣ монда аст раҳо кунед, агар имон доред»[225]. Дар тафсири Маҷмаул баён, Алмизон ва Мароғи нақл шудааст, ки вақте ояти таҳрими рибо нозил шуд, бархе аз саҳоба ҳамонанди Холид ибни Валид, Аббос ва ... аз мардум миқдоре талаб аз бобати рибо доштанд, онҳо дар мавриди талабкори худ, аз Паёмбар (с) касби таклиф карданд ва ин оят нозил шуд. Паёмбар (с) баъд аз нузули ин оят фармуд: Аббос, амаки ман низ ҳаққи мутолибаи рибо надорад ва пеш аз ҳама, бояд хешони ман даст аз рибо бардоранд[226].

Рибохорӣ, ҷанг бо Худост. Зеро Худованд, дар сураи Бақара ояти 279 мефармояд: «Пас агар чунин накардед, (бидонед ки) эълони ҷанг бо Худо ва расулаш додаед ва агар тавба кунед (асл) сармояҳои шумо аз они худатон аст. (ва дар ин сурат) не ситам мекунед ва не бар шумо ситам мешавад»[227].

Меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ рибо гирифтанро манъ менамоянд. Рибо на танҳо ҳамчун шакли қарзи бо фоиз фаҳмида мешуд, балки дар шакли шартномаҳое баҳо дода мешуд, ки имконияти рибо гирифтанро муҳайё менамуданд. Манъ намудани рибо ба меъёрҳои динии дар Қуръон ифодаёфта асос меёбад, ки тибқи он «Худованд тиҷоратро иҷозат дода, вале афзоишро манъ менамояд». Ҳамаи ин амалҳо дар оянда барои ба вуҷуд омадани сирри бонкӣ дар фаъолияти қарзию пулӣ ва фаъолияти бонкӣ замина гузоштаанд.

Ҳамзамон бояд қайд намоем, ки масъалаи иқтисод, аз ҷумла тиҷорат аз ҷониби мутафаккирони Шарқ масоили ҳаётан муҳимми ҷомеа ҳисобида шуда, паҳлуҳои гуногуни он мавриди тадқиқи онҳо низ қарор дода шудааст. Оид ба ҷабҳаҳои гуногуни иқтисод ва тиҷорат Закариёи Розӣ, Муҳаммад Ғазолӣ, Хоҷа Насируддини Тусӣ, Ибни Ҳалдун, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон иброзӣ ақида намудаанд. Муҳаммад Ғазолӣ дар асари худ «Кимиёи саодат» қайд менамояд, ки барои оне ки хариду фурӯш (байъ) анҷом дода шавад се шарт, аз ҷумла мавҷудияти харидору фурӯшанда, мол ва лафзи байъ (аҳд) зарур аст[228].

Худованд дар Қуръони Карим инчунин механизми ҷавобгарӣ барои риборо муайян намудааст. Чунончӣ, дар ояти 275 сураи Бақара муқаррар шудааст, ки «Касоне, ки судро мехӯранд, (аз гӯр) барнахезанд, магар монанди касе, ки шайтон ӯро аз осеб расондан девона сохтааст». Ин ба сабаби он аст, ки (судхӯрон) гуфтанд: «Ҷуз ин нест, ки савдогарӣ мисли

[225] Қуръони Карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 92.
[226] Ниг.: Манбаи электронии https://tojikon.org/маориф/ахлоқ-ва-ирфон/1466-2014-08-27-15-28-03 (Санаи мурочиат: 07.02.2025).
[227] Қуръони Карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 92.
[228] Ниг.: Манбаи электронии https://tojikon.org/маориф/ахлоқ-ва-ирфон/1466-2014-08-27-15-28-03 (Санаи мурочиат: 07.02.2025).

судхӯрист». Ва ҳол он, ки Аллоҳ савдогариро ҳалол кардааст ва рибо予 ҳаром сохтааст. Пас, касеро, ки аз ҷониби Парвардигор панд омад, пас, (аз ин кор) даст кашид, пас, ӯрост он чӣ гузашт ва кори ӯ вогузор ба сӯйи Аллоҳ аст. Ва ҳар шахсе ки ба судхӯрӣ бозгашт, пас он гурӯҳ бошандагони Дӯзаханд, онон дар он ҷо ҷовидон монанд»[229].

Гуфтаҳои болоӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ гарчанде институти алоҳидаи бонкӣ амал намекард, аммо аз давраи ғуломдорӣ сар карда, то замони аз тарафи Русияи подшоҳӣ забт карда шудани ҳудуди Осиёи Миёна падидаҳои бонкӣ ва сирру асрори нигоҳ доштани маблағ ва муомилот вобаста ба маблағ ҷой доштанд. Гарданде, дар уонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба монанди «Қонунномаи Сосониён», «Китоб-ал-байъ» ва ғайраҳо боб ва ё фасли алоҳида доир ба муносибатҳои бонкӣ ва ё саррофӣ (пешдод, салам) бахшида нашуда бошад ҳам, вале онҳо тавассути меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои тиҷоратӣ танзим карда шуда буданд. Сабаби асосии инкифош наёфтани институти бонк дар ҳудуди Тоҷикистон таърихӣ ва дигар давлатҳое, ки меъёри ҳуқуқии онҳо меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ мебошад, дар ояҳои 278 ва 279 Сураи Бақара манъ шудани рибохорӣ (гирифтани фоиз) мебошад ва рибо (фоиз) асосӣ фаъолияти ташкилотҳои бонкии имрӯзаро ташкил медиҳад.

Дар меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ ухдадорие мавҷуд аст, ки дар ҳолатҳои Паёмбар (с) ва ҳазрати Алӣ (к) аст, ки одамҳои гунаҳкор пеши инҳо меомаданд, ба гуноҳоне, ки дар танҳои карда буданд иқрор мекарданд. Паёмбар (с) ва ҳазрати Алӣ (к) нороҳат мешуданд ва мефармуданд: «Чаро пеши мо меоед ва иқрор мекунед. Агар дар ҳаққи касе гуноҳе кардед ва ё молашро хурдед бояд пеши ҳамон кас иқрор бикунед ва ҳаққашро ба худаш бидиҳед. Ва агар дар танҳои гуноҳе кардед набояд ба касе бигуед. Ҳам гуноҳи худатонро ва ҳам гуноҳи дигаронро ҳар чи қадар ки метавонед бипушонед. Худо сатторул уюб аст ва ҳифзи обруро дуст дорад»[230].

Аз муқарраროти меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ маълум мегардад, ки фош кардани гуноҳ, гуноҳи кабира ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ механизмҳои ҳимоя намуди сирро пешбинӣ намудаанд. Яъне, механизмҳои қонунгузории имрӯзаи ҳифзи сирри бонкӣ дар меъёрҳои исломӣ ҳамчун меъёрӣ фош накардани гуноҳи худ ва гуноҳи дигарон буда, ба маҳфуз нигоҳ доштани гуноҳҳои содиркардида нигаронида шудаанд.

Муносибатҳои истеҳсолию тиҷоратӣ дар Бухорои Шарқӣ баъди солҳои 70-уми асри Х1Х бо таъсири Русия ривоҷу равнақ ёфтанд. Муносибатҳои молию пулӣ на танҳо рӯ ба инкишоф ниҳод, балки иқтисодиёти ин кишвар ба муомилоти молӣ ва пулии ҷаҳонӣ кашида шуд[231].

---

[229] Қуръони Карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – С. 92.

[230] Манбаи электронии https://tojikon.org/маориф/ахлоқ-ва-ирфон/1466-2014-08-27-15-28-03 (Санаи муроҷиат: 07.02.2025).

[231] Ниг.: Розиқзода А.Ш., Азим Иброҳим. Саноати косибию ҳунармандӣ ва кӯҳӣ дар Бухорои Шарқӣ (охири асри Х1Х – аввали асри ХХ). – Душанбе, 2006. – С. 49.

Мутобиқи Шартномаи 23 июни соли 1868 имзошудаи байни давлати Бухоро ва Русияи подшоҳӣ дар қатори дигар муносибатҳо муносибатҳои тиҷоратӣ низ танзим карда мешуданд. Мутобиқи ин созишнома савдогарони Русия дар қаламрави Бухоро ҳуқуқ доштанд озодона савдо кунанд. Боҷи гумрукӣ низ 2,5% фароварда шуд. Инчунин, ба савдогарони Осиёи Марказӣ низ барои тиҷорати озод дар Россия имкониятҳо фароҳам оварда шуд. Дар инкишофи тиҷорати дохилӣ ва берунии Осиёи Марказӣ Шартномае, ки дар байни Русия ва Бухоро 28 сентябри 1873 имзо шуда буд, аҳаммияти калон дошт. Мутобиқи моддаи 2 Шартномаи мазкур амнияти ҳамаи корвонҳои ба шимол раванда, аз қаламрави Бухорову Русия мегузаштанд, бояд аз тарафи ин давлатҳо таъмин карда мешуд. Дар асоси моддаи 5 шартнома савдогарони рус ҳуқуқ доштанд, дар тамоми қаламрави Бухоро озодона равуо кунанд. Инчунин дар онҷо корвонсарой, анборҳо ва намояндагии тиҷоратӣ дошта бошанд[232].

Дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ташкилоти бонкӣ дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ пайдо шуда бошад ҳам, сармояи бонкӣ, бо воситаи механизми миёнаравӣ, ба ин минтақа дар солҳои аввали ҳамроҳшавии қисми Осиёи Миёна ба Империяи Русия ворид шуд. Бонки давлатии Русия, ки соли 1875 шуъбаи худро дар Тошканд кушода буд, хазинаҳои қарзии бонки худро дар шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, Исфара ва Панҷакент таъсис дод. Яъне аз охири асри XIX то Инқилоби Октябр ҳудуди шимолии Тоҷикистони имрӯза, ки ба Империяи Русия дохил мешуд, аз низоми бонкии ин давлат бевосита вобаста буд. Дар ин давра бонкҳои калонтарин, ба монанди Бонки давлатии Русия, Бонки Русӣ-Осиёӣ, Бонки москвагии савдои байналхалқӣ ва дигар бонкҳо намояндагиҳои худро дар ҳудуди Осиёи Миёна ташкил карданд[233].

Совети давлатии Империяи Русия 3 июли соли 1869 барои идора кардани бахши молия дар вилояти Туркистон Палатаи давлатии Тошканд ва Хазинадории вилоятии Тошкентро таъсис дод. Хазинаҳои округӣ ба хазинаҳои округӣ табдил дода шуданд. Дар солҳои 70-80-уми асри XIX дар бисёр округҳои миллӣ, ки ба ҳайати империяи Русия дохил будаанд, кассаҳои амонатӣ ва қарз, аз ҷумла дар ҳудуди Осиёи Миёнагии генерал-губернатории Туркистон пайдо шуданд.

Омӯзиши ҳуҷҷатҳои бойгонӣ нишон медиҳанд, ки соли 1871 губернатори ҳарбии вилояти Сирдарё санаи 23 марти соли 1871 ба сардори округи Хуҷанд муроҷиат карда, қайд намудааст, ки дар ягон шаҳру ноҳияи вилоят ягон анбори ғаллаи захиравӣ мавҷуд нест, ки аз он аҳолии нишаста ва кучманчӣ дар солҳои камоб, ғалларо барои кишт ва кассаҳои амонатӣ ва қарз истифода бурда метавонистанд, ки дар онҳо худи ҳамон аҳолӣ имконият пайдо кунанд, ки бақияҳои пулиро аз даромади худ барои афзоиши фоиз ва ба ёрии онҳо «дар мавридҳои зарурӣ ба қарз муроҷиат намояд ва бо назардошти шинос набудани аҳолӣ бо ин гуна муассисаҳо ва бо мақсади мавҷудияти онҳо изҳори назар дорам, ки ташаббус дар ин

[232] Ниг.: Исоматов Б., Фақеров Ҳ. Таърихи тиҷорат. Маводи таълимӣ. – Душанбе: «Паёми ошно», 2004. – С. 271.
[233] Ниг.: Раҳмонов Р.В. Аз таърихи бонкдории тоҷикон // Ахбори ДДҲБСТ. – № 1 (37). – 2009. – С. 82-84.

масъала бояд ба маъмурият тааллуқ дошта бошад ва аз ин рӯ, таваҷҷуҳи худро ба дарёфти воситаҳои ташкили кассаҳои амонатию кредитӣ изҳор намоед ...»[234].

Моҳи марти соли 1885 дар Хуҷанд кассаи амонатию кредитӣ ба кор оғоз кард. Аз рӯйи маълумоти бойгонӣ ҷамъияти қарзӣ то моҳи марти соли 1885 аз «... 208 нафар карзгирандагон, ки 7 нафарашон сокинони шаҳр ва 201 нафарашон деҳотиён буда, фонди сармояи он 6500 сумро ташкил медод» иборат буд. Аксарияти қарзгирандагон қарзи 12-моҳа гирифтанд (аз рӯйи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ 261 нафар), як нафар ба мӯҳлати 8 моҳ, 6 нафар ба мӯҳлати шашмоҳа). Солҳои аввал ба қарзгирандагон ба маблағи 25 сум қарз дода мешуд ва 115 нафар, дар солҳои минбаъда – 50 сум (74 нафар)[235].

Тазакуур бояд дод, ки аз ҳамон давраҳои падидаи сирри бонкӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуда буд. Чунончӣ, дар асоси моддаи 9 Низомнома дар бораи бонкҳои ҷамъиятии шаҳрӣ аз соли 1862, ки дар Императории Россия қабул шуда буд, «директор ва шарикони ӯ баъди ба вазифаи худ шурӯъ кардан ваъдаи хаттӣ медоданд, ки дар ҳама масъалаҳо аз рӯйи виҷдон ва бе рӯйбинӣ амал мекунанд; ҳамаи масъалаҳои марбут ба корҳои тиҷоратии шахсӣ ва ҳисобҳои ба Бонк супурдашударо махфӣ нигоҳ доранд ва тамоми вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташударо қатъиян иҷро кунанд»[236]. Дар Низомномаи мазкур инчунин пешбинӣ шуда буд, ки тамоми шахсони дигар, ки ба хизмати бонк ворид мешаванд, бо ваъдаи хаттӣ вазифадоранд, ки корҳои тиҷоратӣ ва суратҳисобро махфӣ нигоҳ доранд.

Сарчашмаи давраи баъдтар, ки дар он сирри бонкӣ пешбинӣ карда шуда, масъулияти ифшои сирри бонкӣ аз ҷониби кормандони бонк муқаррар карда мешуд, Оинномаи қарзӣ аз соли 1903 мебошад. Чунончӣ, тибқи фасли IV Оинномаи қарзӣ моддаи 22 пешбинӣ намуда буд, ки кормандони бонк ва аъзои Шурои бонк ҳангоми ба хизмат таъин шуданашон уҳдадоранд бо ваъдаи хаттӣ ҳама чизро дар бораи амалиёти Бонк ва суратҳисобҳои он махфӣ нигоҳ доранд. Инчунин, моддаи 5 фасли V пешбинӣ намуд, ки кассаҳои амонатии давлатӣ ҳамаи ҳисобҳои амонатиро махфӣ нигоҳ дошта, маълумот ва сертификатҳоро дар бораи пасандозҳое, ки зиёда аз пасандозгузорон ва ворисони онҳо гузоштаанд ва гирифтаанд, танҳо ба шахсоне медиҳанд, ки ҳуқуқи ихтиёрдории пасандозҳоро доранд, инчунин бо талаби ҳукумат ва ё мақомоти судии дахлдор. Барои ба шахсони дигар ифшо кардани ин маълумот кормандон ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд[237]. Аз мазмуни меъёри мазкур маълум мегардад, ки алакай дар соли 1903 механизми нигоҳ доштан ва ҳолатҳо ошкор кардани сирри бонкӣ ба илми ҳуқуқшиносӣ ворид карда шудааст.

---

[234] Джураев К., Джалилов Ш., Энци З. Сберегательное дело в Таджикистане 1870-1995 г.г. – Душанбе: «Пайванд», 1995. – С. 11.

[235] Ниг.: Джураев К., Джалилов Ш., Энци З. Сберегательное дело в Таджикистане 1870-1995 г.г. – Душанбе: «Пайванд», 1995. – С. 11.

[236] Андронова Т.А. Банковская тайна: проблемы правового регулирования. Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – С. 10.

[237] Ниг.: Полный свод законов Российской Империи. В 2-х кн. – Книга 2. Том XI. 4.2 / Под. ред. А.А. Добровольского. – СПб, 1911. – 1914 с.

Баъд аз инқилоби Октябр соли 1917 дар баробари тағйир ёфтани сохти ҷамъиятию сиёсӣ дар бораи тамоман бефоида будан ва ғайр аз ин, зарарнок будани ҳар як сирри соҳаи фаъолияти хоҷагӣ (ғайр аз сирри давлатӣ)-ро ба мамлакат овард. Дар шароити назорати мутлақи давлатӣ аз болои иқтисодиёт, мавҷуд набудани моликияти хусусӣ, озодии соҳибкорӣ ва барҳам хурдани низоми дахлдори бонкӣ танҳо ҳифзи дурусти сирри давлатӣ муқаррар карда шуд. Санаи 27 октябри соли 1917 Декрет дар бораи милликунонии бонкҳо қабул карда шуд. Дар баробари қабул гардидани декрети мазкур қонунгузории подшоҳӣ ва дахлнопазирии пасандозҳо дар хазинаҳои амонатӣ барҳам дода шуданд. Аммо сохтмони иқтисодиёти нави сотсиалистӣ талаб мекард, ки низоми бонкие, ки ба манфиати корхонаю муассисаҳо, ташкилот ва шаҳрвандон хизмат мекунад, барпо карда шавад. Аз ин рӯ, дар ин давра асосҳои сирри бонкӣ барқарор карда шуданд[238].

Санаи 1-уми майи соли 1918 дар ҳудуди Сирдарё, Фарғона, Ҳафтруд, Закаспий, Амударё Ҷумҳурии Мардумии Туркистон таъсис дода шуд, ки дар ин минтақа ҳатто то моҳи октябри соли 1920 асъори алоҳида сикка зада мешуд. Дар замони Шуравӣ мафҳуми сирри пасандозҳо дар қонунгузорӣ истифода мешуд[239]. Санаи 30 июни соли 1921 аз тарафи Совети Комиссарони Халқии ҶШФСР Декрет «Дар бораи бекор кардани маҳдудиятҳои муомилоти пулӣ ва чораҳои инкишоф додани амалиёти пасандозу пулӣ» қабул карда шуд, ки тибқи моддаи 4-и он маълумот дар бораи ҳолати суратҳисобҳои ҷорӣ ва пасандозҳо ва интиқоли онҳо танҳо ба соҳибони онҳо ё ба мақомоти судӣ ва тафтишотӣ дода мешуд.

Моҳи октябри соли 1924 дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ҷудо кардани Осиёи Миёна дар ҳайати ҶШС Узбекистон, ҶМШС Тоҷикистон ташкил дода шуд. Он ноҳияҳои аҳолии тоҷикони дар қисми куҳистонии Бухорои Шаркӣ, қисми қафомондатарини Аморати Бухоро ва баъзе волостҳои ноҳияҳои Самарқанд ва Хуҷандро фаро гирифт. Дар моҳи январи соли 1925 Бадахшони Куҳӣ, Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон дохил карда шуданд.

Бо қарори Совети Комиссарони Халқии ҶШФС Россия аз соли 1925 «Дар бораи тағйирот ба декрети Совети Комиссарони Халқ аз 6 июни соли 1921» сирри пасандоз ба суратҳисобҳо, пасандозҳо ва интиқолҳо, инчунин ба ҳамаи дигар амалиёти банкии мизоҷон дахл дошт. Маълумот дар бораи онҳо ба ғайр аз худи мизоҷон танҳо ба мақомотҳои судӣ ва судӣ-тафтишотӣ дода мешуд.

Қоидаҳое, ки махфӣ будани пасандозҳоро ба танзим даровардаанд, дар Низомномаи кассаҳои давлатии амонатии меҳнатии соли 1925 инъикос ёфтаанд, дар Низомномаи кредити кооперативӣ соли 1927, инчунин дар Низомномаи Бонки Марказии хоҷагии қишлоқи ИҶШС аз соли 1927 пешбинӣ гардида буданд[240]. Аз ҷумла, дар «Низомнома дар бораи кассаҳои

[238] Ниг.: Бараева О.В. Банковская тайна в уголовном праве. Дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 63.
[239] Ниг.: Столповский А.М. Зарождение и развитие отечественного уголовного законодательства в сфере защиты банковской тайны // Юристъ-Правоведъ. – 2017. – № 2 (81). – С. 89-94.
[240] Ниг.: Столповский А.М. Зарождение и развитие отечественного уголовного законодательства в сфере защиты банковской тайны // Юристъ-Правоведъ. – 2017. – № 2 (81). – С. 89-94.

давлатии амонатии меҳнатӣ» аз соли 1925 пешбинӣ карда шуда буд, ки: «... тамоми ҳисобҳои амонатӣ аз шахсони бегона махфӣ нигоҳ дошта мешаванд; маълумот дар бораи пасандозгузорон ва ҳолати пасандозҳо танҳо ба амонатгузорон, намояндагони қонунии онҳо, инчунин ба мақомоти судӣ ва тафтишотӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо пеш бурда мешавад, дода мешавад. Кормандони кассаҳои амонатии давлатии меҳнат барои ошкор кардани маълумот дар бораи пасандозгузорон ва пасандозҳои ба шахсони сеюм гузоштаи онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд».

Бо қарори Раёсати КИМ ИҶШС аз 12 июни соли 1929 дар бораи аз ҳайти ҶШС Узбекистон баромадан ва ҳамчун ҷумҳурии иттифоқӣ ба ҳайти ИҶШС дохил шудани Тоҷикистон қарор қабул намуд, ки аз ҳамон вақт ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуд. Аз ин рӯ, тамоми меъёрҳои қонунгузории ИҶШС ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита татбиқ карда мешуданд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки қонунгузор ба ҳифзи иттилооти махфӣ дар соҳаи фаъолияти хизматии шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳояшон диққати аввалиндараҷа додааст. Онҳо рӯйхати маълумотеро, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, қисман мушаххас карданд ва дар баъзе мавридҳо ҳатто онро васеъ карданд. Ҳамин тариқ, мувофиқи моддаи 23 Низомномаи кассаҳои давлатии амонатии меҳнатии ИҶШС, ки бо қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 20 ноябри соли 1948 тасдиқ карда шудааст, кассаҳои давлатии амонатии меҳнатӣ маълумотро дар бораи амалиёти гузарондаашон ва ҳолати суратҳисобҳои амонатӣ махфӣ нигоҳ медоранд. Инчунин муқаррар карда шуд, ки маълумот дар бораи пасандозҳо ба ғайр аз худи мизоҷон ва намояндагони онҳо танҳо аз тарафи судҳо, мақомоти тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ дастрас карда мешавад. Сирри пасандозро дар мавриде ифшо кардан мумкин буд, ки пасандозгузор дар парвандаи ҷиноятӣ айбдор карда шуда бошад ва вақте ки ба мақомоти судию тафтишотӣ зарурати гузаронидани тафтиш, мусоидат кардан ба ошкор кардани ҷиноят ва муайян кардани ҷинояткор, муайян кардани усул ва сабабҳои содир намудани ҷиноят, қонеъ гардондани даъвои маданиро, ки аз парвандаи чиноятӣ бармеоянд, таъмин менамояд.

Дар ин сурат талабот ба кассаҳои амонатии марказии шаҳр ё ноҳия, сарфи назар аз он, ки пасандоз дар кадом кассаҳои амонатии тобеи он ҷойгир аст, фиристода мешуд[241]. Муқаррароти дар моддаи 23 Низомнома пешбинишуда, инчунин нисбат ба вомбаргҳои ба кассаҳои амонатӣ гузоштаи шаҳрвандон низ татбиқ карда мешуд. Аммо ин модда ба пасандозҳои ташкилотҳо дахл надошт. Ташкилотҳои қарзӣ вазифадор карда шуда буданд, ки маълумотро дар бораи худи амонатгузорон ва шаҳрвандоне, ки ба номи шахси дигар пасандоз гузоштаанд ё пасандозҳоро тибқи ваколатномаи пасандозгузор ё қонун идора мекунанд, инчунин маълумот дар бораи пасандозҳои фаъол ва пӯшида, дар бораи

[241] Ниг.: Столповский А.М. Зарождение и развитие отечественного уголовного законодательства в сфере защиты банковской тайны // Юристъ-Правоведъ. – 2017. – № 2 (81). – С. 89-94.

ҳолати суратҳисобҳои ҷорӣ ва амалиёти аз рӯйи онҳо гузаронидашуда, қабули ҳиссаҷудокунии иловагӣ, додани пасандозҳо, интиқоли ғайринақдӣ ва ғайра маълумотро махфӣ нигоҳ доранд. Ин муқаррарот, аз ҷумла, дар моддаи 6 Низомномаи Бонки тиҷоратии берунаи ИҶШС пешбинӣ шуда буд. Барои таъмини ҳифзи сирри пасандозҳо, дар моддаи 23 Низомномаи кассаҳои амонатӣ муқаррар карда шудааст, ки шахсоне, ки дар кассаҳои амонатӣ кор кардаанд ё тафтишу санҷиши кассаҳои амонатӣ гузаронидаанд, инчунин шахсони мансабдори мақомоти судӣ ва тафтишотӣ, ки қоидаҳои ин моддаро вайрон кардаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Мувофиқи моддаи 25 Низомномаи кассаҳои амонатӣ, қоидаҳои моддаи 23 Низомномаи мазкур ба вомбаргҳои ба кассаҳои амонатӣ гузоштаи шаҳрвандон низ дахл мекард. Пеш аз қабул гардидани қонунҳои махсусе, ки фаъолияти банкиро танзим мекунанд, масъалаҳои сирри бонкӣ дар асоси низомномаҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва кооперативӣ, ки аз тарафи Бонки давлатии ИҶШС ба қайд гирифта шудаанд, танзим карда мешуданд. Ба ғайр аз санадҳои меъёрии дар боло зикргардида, ҳифзи сирри пасандозҳоро моддаи 87-и Асосҳои қонунгузории мадании ИҶСШ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ кафолат дода буд.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимми давраи шуравӣ дар самти фаъолиятии кассаҳои амонатӣ ин фармоиши Вазири молияи ИҶШС аз 10 июли соли 1950 таҳти № 955 «Дар бораи беҳтар намудани инкассатсияи маблағҳо ва арзишҳои кассаҳои амонатӣ дар шаҳрҳо» ба ҳисоб меравад. Зеро, ҳуҷҷати мазкур асосҳо ва тартиби интиқоли маблағҳои нақдӣ, ки дар кассаҳои амонатӣ қарор доштанд, пешбинӣ намудааст. Бо назардошти дар асоси фармоиши мазкур беҳтар намудани фаъолияти инкассатсионии кассаҳои амонатӣ дар ИҶШС соли 1955 шумораи умумии амонатгузорон ба 30 млн. ва 1 январи соли 1958 ба 43 млн. расид. Дар асоси он 28 декабри соли 1963 Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон қабул карда шуда, аз 1 январи соли 1965 мавриди амал қарор дода шуд[242].

Пасандозро кассаҳои амонатӣ, муассисаҳои Бонки давлатӣ ва Бонки тиҷоратии берунаи ИҶШС қабул мекарданд. Қисми зиёди пасандозҳо дар кассаҳои амонатӣ гузошта шуда буд, ки онҳо барои нигоҳ доштани пули озод, мусоидат кардан ба ҷамъ шудани пасандозҳои нақд ва ба манфиати тараққиёти хоҷагии халқи ИҶШС истифода бурдани онҳо мақсади оинномавии худ буданд. Муқарраротии ин бонкҳо қоидаеро муқаррар кардааст, ки ҳар шахс (аз ҷумла хориҷӣ) метавонад амонатгузор бошад. Гаравро дар ҳолатҳои зерин ситонидан мумкин буд: аввалан, дар асоси ҳукм ё ҳалномаи суд, ки даъвои аз парвандаи ҷиноятиро (дуздӣ, расонидани зарар ва ғ.) қонеъ гардонидааст; дуюм, дар асоси қарори суд аз рӯйи даъво дар бораи рӯёнидани алимент, вале ба шарте, ки пасандозгузор даромад ё дигар молу мулке надошта бошад, ки бояд ситонида шавад; сеюм, дар асоси қарори суд дар бораи тақсим кардани пасандоз, ки моликияти муштараки зану шавҳар мебошад. Мусодираи пасандоз танҳо

---

[242] Ниг.: Кодекси граждании РСС Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 1988.

дар асоси ҳукми эътибори қонунидошта ё қарори мусодираи молу мулк, ки мувофиқи қонун қабул карда шудааст, иҷозат дода мешуд[243].

Соли 1977 Низомномаи кассаҳои давлатии амонатии меҳнатии ИҶШС қабул карда шуд, ки он дар падидаи сирри бонкӣ ва ё бо истилоҳи ҳамонвақта ба ҳифзи сирри пасандозҳо ягон меъёри нав пешбинӣ накард. Илова ба ҳифзи пасандозҳо муқаррар карда шуд, ки гувоҳномаҳои суратҳисобҳои ташкилоту муассисаҳо ва амалиёти аз рӯйи онҳо гузаронидашуда ба ин ташкилоту муассисаҳо ва мақомоти болоии онҳо, инчунин ба судҳо, мақомоти тафтишоти пешакӣ, мақомоти таҳқиқ ва мақомоти молиявӣ бо тартиби муқарраргардида додан мумкин аст. Боз як мақоми наве, ки ҳуқуқи гирифтани маълумот дар бораи пасандозгузор ва амалиёти амонатӣ, инчунин маълумот дар бораи муштариёни дигар ва амалиёти анҷомдодаи онҳо дода шудааст, идораи нотариалӣ оид ба парвандаҳои меросӣ, ки онҳо оид ба пасандозҳои пасандоздори фавтида ҳал мекунанд, пайдо шуд[244].

Аз соли 1959 то соли 1987 дар ҷумҳурӣ асосан се бонк, яъне Идораи Ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС, Идораи Ҷумҳуриявии Бонки сохтмони ИҶШС ва Бонки амонатгузорӣ фаъолият мекарданд.

Соли 1987 дар асоси Қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ ва Шурои Вазирони ИҶШС таҳти № 821 аз 17 июли соли 1987 дар Иттиҳоди Шуравӣ ислоҳоти бонкӣ гузаронида шуд ва дар асоси ин қарор низоми бонкии зерин ташкил карда шуд:

- Бонки давлатии ИҶШС;
- Бонки фаъолияти иқтисодии хориҷии ИҶШС;
- Бонки саноату сохтмони ИҶШС;
- Бонки агросаноатии ИҶШС;
- Бонки хоҷагии манзилу коммуналӣ ва рушди иҷтимоии ИҶШС;
- Бонки амонатгузорӣ ва қарздиҳӣ ба аҳолии ИҶШС.

Баъдан бо Қарори Шурои Вазирони ИҶШС таҳти №1118 аз 6-уми октябри соли 1987 муайян карда шуд, ки дар ҷумҳуриҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон бонкҳои ҷумҳуриявии зерин ташкил карда шаванд:

- Идораи Ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС;
- Идораи Ҷумҳуриявии Бонки саноату сохтмони ИҶШС;
- Идораи Ҷумҳуриявии Бонки рушди манзилию иҷтимоии ИҶШС;
- Идораи Ҷумҳуриявии Бонки амонатгузории ИҶШС[245].

Новобаста аз он, ки кадоме аз ташкилотҳои зикргардида ба фаъолияти пасандозиву амонатӣ машғул буданд, талаботи қонунгузорӣ доир ба нигоҳ доштани махфияти он як ранг ба ҳисоб мерафт.

Сарфи назар аз он, ки масъалаҳои ҳифзи сирри бонкӣ яке аз вазифаҳои муҳимми рушди иқтисодӣ маҳсуб мешуд, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт, ба назари мо, фарҳанг ва устувории муносибатҳои байни бонкҳо,

---

[243] Ниг.: Советское гражданское право. Том 2 / Под. ред. Красавчиков О.А. – М.: Изд-во «Высшая школа», 1969. – С. 322-323.
[244] Ниг.: Андронова Т.А. Банковская тайна: проблемы правового регулирования. Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – С. 19.
[245] Ниг.:Манбаи электронии https://tg.wikipedia.org/wiki (Санаи муроҷиат: 01.02.2025).

истеъмолкунандагони хадамоти бонкӣ ва мақомоти танзимкунанда набуд. Як қатор муаллифони он замон чунин мешумориданд, ки ҳуқуқи махфӣ нигоҳ доштани сирри пасандозҳо ба амонатгузорони кассаҳои амонатӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ на ҳамчун унсури ҳатмии муносибатҳои ин соҳа, балки ҳамчун имтиёз пешниҳод карда мешавад.

Маслан, П.И. Седугин чунин мешуморад, ки дар қатори имтиёзҳое, ки қонунгузории шуравӣ ба амонатгузорон дар кассаҳои амонатӣ ва дигар муассисаҳои кредитӣ пешбинӣ кардааст, барои таъмини бехатарии пасандозҳо махфияти пасандозҳои кассаҳои амонатӣ аҳаммияти калон дорад[246]. Ақидаи мазкур инчунин, аз тарафи К.А. Маркелова[247], Н.В. Лиситсина[248], О.В. Бараева[249] низ дастгирӣ карда шудааст.

Ақидаҳои баёнгардида аз нуқтаи назари мо боиси дастгирӣ ва қобили қабул намебошад. Зеро, имтиёз падидаи дигар буда, нигоҳ доштани сирри пасандозҳо бошад дигар падидаро ифода мекунанд. Зеро, имтиёз — қисман ё пурра озод кардан аз иҷрои уҳдадориҳои муайян, тафриқа, ҳуқуқи иловагие мебошад, ки ба категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон ё ташкилотҳои алоҳида, корхонаҳо, муассисаҳо ва ё минтақаҳо дода мешавад. Нигоҳ доштани махфияти маълумот, ки дар натиҷаи иҷрои уҳдадориҳои касбӣ ва ё мансабӣ ба шахс ва ё ташкилот маълум гардидааст, ин уҳдадории шахс ва ё ташкилоти дорандаи чунин маълумот ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, нигоҳ доштани сирри махфияти маълумот дар бораи пасандоздорон ва ё амонатгузорон дар кассаҳои амонатии замони шуравӣ ҳам аз нуқтаи назари қонунгузории шуравӣ ва ҳам аз нигоҳи қонунгузории муосир уҳдадорӣ буда, бо ҳеҷ ваҷҳ имтиёзро ташкил намедиҳад.

Дар охири солҳои ҳаштодуми асри XX дар танзими муносибатҳои соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ дигаргунӣ ба миён омад. Қонунҳои нави Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ, аз ҷумла «Дар бораи фаъолияти меҳнатии инфиродӣ» (аз 19.11.1986 с.), «Дар бораи кооператсия дар ИҶШС» (аз 26.05.1988 с.), «Дар бораи асосҳои умумии соҳибкории шаҳрвандон дар ИҶШС» (аз 02.04.1991с.), «Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС» (аз 31.05.1991 с.), «Дар бораи иҷора дар ҶШС Тоҷикистон» (аз 6.12.1990 с.), Қонуни ИҶШС «Дар бораи моликият дар ИҶШС» (аз 6.03.1990 с.) ва ғайра қабул карда шуданд. Қонунҳои қабулкарда аввалин маротиба муносибатҳоро дар соҳаи фаъолияти инфиродии меҳнатӣ, кооператсия, иҷора, соҳибкорӣ ва ғайра ба танзим даровbooарданд[250]. Дар қатори қонунҳои қабулкардашуда, як қатор санадҳои меъёрии дигаре қабул карда шуданд, ки муносибатҳои давраи гузариш ба иқтисодӣ бозорӣ, аз ҷумла фаъолияти меҳнатии инфиродиро ба танзим медароваранд. Аз ҷумла, Қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 23 марти

[246] Ниг.: Седугин П.И. Вклады граждан в кредитных учреждениях. – М.: Изд. «Юридическая литература», 1964. – С. 42.
[247] Ниг.: Маркелова К.А. Банковская тайна: правовые аспекты. Дисс. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С. 56.
[248] Ниг.: Лисицына Н.В. Банковская тайна как объект правового регулирования. Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 46.
[249] Ниг.: Бараева О.В. Банковская тайна в уголовном праве. Дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 63.
[250] Ниг.: Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ. Монография. – Душанбе, 2018. – С. 7.

соли 1987 «Дар бораи додани кредит ба шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғуланд», Қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 24 сентябри соли 1987 «Дар бораи беҳтар кардани ташкили фурӯши молҳои истеҳсолкардаи кооперативҳо ва шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд» ва ғайра.

Дар мамлакати мо ба вуҷуд овардани низоми нави бонкии ба муносибатҳои иқтисодии бозорӣ мутобиқшуда фавран зарурати эҳёи институти сирри бонкиро ба миён овард. Маҳз мафҳуми «сирри бонкӣ» дар қонунгузории мо аз соли 1990 татбиқ карда шуд. Зеро моддаи 24 Қонуни ИҶШС «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», ки «сирри бонкӣ» ном дошт, чунин муқарраротро пешбинӣ намуда буд: «Бонкҳо, махфияти муомилот, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариён ва корреспондентҳои худро кафолат медиҳанд. Ҳамаи кормандони бонк вазифадоранд, ки сирри амалиётҳо, суратҳисобҳо ва пасандозҳои бонк, мизоҷон ва корреспонденти онро нигоҳ доранд. Маълумот дар бораи муомилот ва суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ ва дигар ташкилотҳо метавонанд ба худи ташкилотҳо, мақомоти болоии онҳо, судҳо, мақомоти тафтишотӣ, арбитражӣ, ташкилотҳои аудиторӣ, инчунин ба мақомоти молия оид ба масъалаҳои андоз дода шаванд. Маълумот дар бораи суратҳисобҳо ва пасандозҳои шаҳрвандон ба ғайр аз худи мизоҷон ва намояндагони онҳо ба судҳо ва мақомоти тафтишот дар парвандаҳои тобеи онҳо, дар ҳолатҳое дода мешаванд, ки маблағ ва дигар сарватҳои мизоҷон мусодира, ситонидан ё руёниш нигаронида шудаанд. Маълумотномаҳо дар бораи суратҳисобҳо ва пасандозҳо дар ҳолати фавти соҳибони онҳо ба шахсоне дода мешаванд, ки соҳиби суратҳисоб ё пасандоз дар васиятномаи ба бонк гузошташуда, ба идораҳои нотариалии давлатӣ оид ба парвандаҳои меросӣ оид ба пасандозҳои амонатгузорони фавтида, ки дар ихтиёри онҳо қарор доранд, инчунин ба муассисаҳои консулии хориҷӣ дода мешаванд».

Амалиёти бонкии тоҷикон дар давраи ба даст овардани мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи бозории идоракунии иқтисодиёт ҷавобгӯ набуд ва ба фаъолноккунии муносибатҳои молиию пулӣ мусоидат наменамуд. Аз ҳамин сабаб, зарурияти ба куллӣ тағйир додани низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад.

Дар ин давра Бонки давлатии ИҶШС низоми пулию қарзиро тавассути идораҳои дар ҷумҳуриҳо мавҷуд буда, идора намуда, сиёсати ягонаи пулию қарзии мамлакатро тартиб медод, фаъолияти бонкҳои дигарро танзим ва назорат мекард. Баъдтар, яъне соли 1991, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба Қарори худ аз 28 июни соли 1991 таҳти рақами 332 Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод.

Соли 1995 рубли тоҷикӣ ҳамчун асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, Комиссияи давлатӣ оид ба ҷорӣ намудани асъори миллӣ таъсис шуда буд. Бонки миллии Тоҷикистон аз 10 майи соли 1995 бо Қарори Комиссияи давлатӣ оид ба ҷорӣ намудани асъори миллӣ дар

қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пули миллӣ – «рубли тоҷикии барориши соли 1994»-ро ба муомилот баровард.

Дар раванди барпо шудани низоми ягонаи пулию қарзӣ аҳаммияти ба узвияти Хазинаи Байналмилалии Асъор пазируфта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр муҳим арзёбӣ мешавад. Ин ташкилоти бонуфузи молиявии байналмилалӣ, ки ҳадафи асосии он кӯмак ба мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва бартараф сохтани оқибатҳои бӯҳронҳои сиёсиву иҷтимоӣ мебошад, баъди ба расмият даровардани санадҳои дахлдор 23 августи соли 1993 ба узвияти комилҳуқуқи ин ташкилот пазируфта шудани Тоҷикистонро эътироф намуд[251].

Бо амалӣ гаштани ислоҳоти пулии соли 1995 марҳалаи нави ташаккули сиёсати пулию қарзӣ ва барпо намудани асосҳои муҳимтарини низоми мукаммали бонкӣ оғоз гардид. Дар ин марҳала зарурати қабули маҷмуи санадҳои ҳуқуқӣ, ки ҳадаф ва вазифаҳои бонки марказиро мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ дақиқан ифода намоянд, ба миён омада буд. Вобаста ба ин, соли 1996 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» қабул гардид, ки он барои ба бонки марказии муосир табдил ёфтани Бонки миллии Тоҷикистон замина гузошт.

Дар натиҷаи ислоҳот низоми бонкии дузинагӣ ташкил карда шуд, ки дар зинаи боло Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир аст ва он дар ихтиёри худ идоракунии сиёсати пулию қарзии давлат ва бо воситаи он имконияти таъсиррасонӣ ва баландбардории самаранокии иқтисодиётро ба уҳда дорад. Бонки миллии Тоҷикистон, бонки марказии бароришгар (эмиссиягар) ва захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои нигоҳ доштани қобилияти харидории пули миллӣ – сомонӣ чораҳои зарурӣ меандешад. Ба ин мақсад, Бонки миллии Тоҷикистон барои ба таври мунтазам фаъолият намудани бозорҳои пулӣ, қарзӣ ва асъор шароити мусоид фароҳам меоварад, низоми бонкии ҷумҳуриро тавсеа дода, фаъолияти онҳоро танзим менамояд. Ба зинаи дуюми низоми бонкӣ бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ-молиявӣ дохил мешаванд. Аз соли 1992 низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ гардид: низоми дузинагии бонкӣ ташкил ёфт; мақоми мустақилияти Бонки миллии Тоҷикистон таъмин гардид; шабакаи муассисаҳои бонкӣ аз рӯйи имконият васеъ гардиданд, ки онҳо монополизми бонкиро суст намуда, рақобати байнибонкиро тараққӣ доданд; ба корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ҳуқуқи интихоби муассисаҳои бонкӣ барои хизматрасонии қарздиҳию ҳисобӣ дода шудааст, ки он ба амалигардонии принсипи баробарҳуқуқии бонкҳо ва мизоҷони онҳо мусоидат намуд[252].

Моддаи 78-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» масъалаи сирру асрорро танзим намуда, муқаррар намуд, ки ҳар касе, ки вазифаи аъзои Раёсатро иҷро мекунад ё пештар иҷро кардааст, ё ҳар корманди дигари Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад:

---

[251] Ниг.: Манбаи электронии https://tg.wikipedia.org/wiki (Санаи муроҷиат: 02.02.2025).
[252] Ниг.: Раҳмонов Р.В. Аз таърихи бонкдории тоҷикон // Ахбори ДДҲБСТ. – № 1 (37). – 2009. – С. 82-84.

1) маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад ва ҳангоми иҷрои вазифааш дар Бонки миллии Тоҷикистон ба вай маълум шудааст, фош намояд;

2) ин маълумотро ба мақсадҳои шахсӣ истифода барад ё ба истифодаи шахсии он роҳ диҳад.

Инчунин, меъёри қ. 2 м. 78 Қонуни мазкур ҳолатҳои зерини фош кардани сирри бонкиро муқаррар намуд:

1) дар сурати розигии ошкорои шахсе, ки ин маълумот ба вай тааллуқ дорад;

2) ҳангоми иҷрои вазифа дар бобати маълумотдиҳӣ ба аҳли ҷамъият, аз ҷумла бо талаби судҳо, мақомоти таҳқиқ, андоз ва дигар мақомоти босалиҳият аз рӯйи парвандаҳое, ки дар истеҳсолот мебошанд ва агар ин бо қонунҳои ҷумҳурӣ пешбинӣ шуда бошад;

3) ҳангоми тафтиши аудитории берунӣ;

4) бо талаби мақомоти хориҷии назорат ба фаъолияти муассисаҳои молиявӣ;

5) агар манфиатҳои Бонки миллии Тоҷикистон фош намудани ин маълумотро дар мурофиаи судӣ талаб кунад.

Марҳилаи муҳимми рушди институти сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 23 маи соли 1998 № 648 ба ҳисоб меравад. Моддаи 32 Қонуни мазкур номгӯйи маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд, чунин муайян намуд:

- маълумот дар бораи маблағи пули накд ва соҳибони онҳо;

- рақами ҳисобҳои амонатгузорон, мизоҷон ва корреспондентҳои бонк;

- воситаҳои пулии боқимонда дар ҳисобҳо ва ҳаракати пул дар ин ҳисобҳо ва ҳисобҳои худи бонк;

- амалиёти бонк, ки бо супориши мизоҷон ва ё ба фоидаи онҳо иҷро шудаанд;

- маълумоте, ки мизоҷони бонк ошкор намудани онҳоро намехоҳанд;

- маълумот дар бораи маблағи мавҷуда, соҳибони онҳо, хусусият ва арзиши молу мулки мизоҷон, ки барои нигоҳдорӣ дар сандуқҳои сейфӣ, ҷевонҳо ва хонаҳои бонкҳо мавҷуданд.

Мутобиқи қонуни мазкур нигоҳ доштани сирри бонкӣ яке аз кафолатҳои муҳим эътироф карда шуд.

Қонуни зикргардида асосҳо ва тартиби ошкор кардани сирри бонкиро чунин муқаррар намуд: Сирри бонкӣ фақат ба соҳиби ҳисоб (молу мулк), ба ҳар шахси сеюм дар асоси розигии хаттии соҳиби ҳисоб (молу мулк), ки дар лаҳзаи ҳузурдошти он шахс дар бонк дода шудааст, инчунин ба мақомоти зайл дода мешаванд:

а) ба мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ: аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятии оғозкардашуда ва дар истеҳсолотбуда, дар асоси қарори таҳқиққунанда ё муфаттиш, ки мувофиқан аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори вилоят, шаҳр ё ноҳия тасдиқ шудааст;

б) ба судҳо: аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ, шаҳрвандӣ ва парвандаҳои оид ба қонунвайронкунии маъмурӣ дар асоси таъиноти суд дар ҳолате, ки мизоҷи бонк яке аз тарафҳои парванда бошад;

в) ба мақомоти андоз: аз рӯйи масъалаҳои пардохти андоз аз тарафи шахсони тафтишшавандаи ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар асоси мактуби роҳбари мақоми андоз ва дар сурати пешниҳоди нусхаи фармони мақоми андоз оиди тафтиши онҳо.

Маълумот дар бораи маблағи боқимонда ва ҳаракати воситаҳои пулӣ дар ҳисоби шахси воқеӣ, дар бораи хусусият ва арзиши молу мулке, ки дар сандуқҳои сейфӣ ва хонаҳои бонк нигоҳдошта мешавад, инчунин маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, ба инҳо дода мешавад:

а) ба намояндаҳои шахси воқеӣ: дар асоси ваколатномаи ба таври нотариалӣ тасдиқ кардашуда;

б) ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ: аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятии оғозкардашуда ва дар истеҳсолоти онҳо буда, вақте ки воситаҳои пулӣ ва молу мулкии шахси воқеӣ мумкин аст мавриди ҷарима ё мусодира қарор дода шавад;

в) ба судҳо: аз рӯйи парвандаҳои дар истеҳсолоти онҳо буда, дар асоси таъиноти суд дар ҳолатҳое, ки воситаҳои пулӣ ва дигар молу мулки шахси воқеӣ, ки дар ҳисобҳо ҳастанд ё дар бонк нигоҳ дошта мешаванд, мавриди ҷарима ё мусодира қарор дода шаванд;

г) ба мақомоти андоз: аз рӯйи масъалаҳое, ки дар банди «в» қисми панҷуми ин модда зикр ёфтаанд.

Қабули қисми 2 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 дар таҳкими нигоҳ доштани сирри бонкӣ, ки дар асоси шартномаҳои дутарафаи басташудаи тарафҳо ба бонк ва ё ташкилотҳои бонкӣ, инчунин ба кормандони онҳо маълум гардидааст, заминаи муайяни ҳуқуқиро ба миён овард. Чунончӣ, тибқи моддаи 881 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бонк махфӣ будани суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо вобаста ба он ва маълумот оид ба молики суратҳисобро кафолат медиҳад.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2000, № 415 дар хусуси аз таърихи 30 октябри соли 2000 ба муомилот баровардани воҳиди нави пули миллии кишвар «сомонӣ», ки ба ифтихори асосгузори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон Исмоили Сомонӣ (849-907) номгузорӣ шудааст, эълон гардид ва пулҳои коғазӣ бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100 сомонӣ ва воҳиди хурди он бо арзиши 1, 5, 20, 50 дирам ба муомилот бароварда шуданд. Ҳамзамон, бо мақсади такмили сохтори низоми пулии кишвар бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2001, аз таърихи 3-юми сентябри ҳамон сол тангаҳои филизӣ бо арзиши 1, 3, 5 сомонӣ ва 5, 10, 20, 25, 50 дирам аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ба муомилот бароварда шуданд.

Минбаъд, санаи 17 майи соли 2004, № 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» қабул карда шуд, ки нисбат ба ташкилоти амонатии кредитии хурд ва ташкилоти қарзии хурд муқаррарот дар хусуси сирри бонкӣ татбиқ карда мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ»

оид ба маълумоте, ки сирри суратҳисоби муштарӣ, амалиёт аз рӯйи суратҳисоб ва маълумот дар бораи соҳиби суратҳисобро ташкил медиҳад, муқаррар кардааст (м. 39).

Бо назардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, № 524, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16-апрели соли 2012, № 816, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» санаи 28 июни соли 2011 ва 24 декабри соли 2022, таҳти № 1918 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул карда шуданд, ки дар нақшаҳои минбаъдаи рисолаи илмӣ таҳлил гардидаанд.

Таҳлили ҷабҳаҳои таърихии институти сирри бонкӣ нишон медиҳад, ки он аз давраи пайдо шудани муосилоти пуливу молӣ ба миён омада, дар ҳар давра бо истилоҳ ва фаҳмишҳои гуногун инкишоф ёфтааст.

Дар ҳама давру замони мавҷудияти сирри бонкӣ маҳфуз нигоҳ доштани он яке аз шартҳои муҳимми амалӣ намудани фаъолияти бонкиву амонатӣ баромад мекард, ки бе асосҳои қонунгузорӣ фош кардан ва ошкор намудани маълумоте, ки сирри бонкӣ ва ё сирри амонатиро ташкил медоданд, асоси ба ҷавобгарӣ кашидани шахси гунаҳкор мегардад.

Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар корнамоию ҷонфидоиҳо дар арсаҳои гуногуни ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар дар роҳи бунёд ва таҳкими низоми бонкии мамлакат низ муҳим ва сазовор арзёбӣ мешавад. Зеро, Сарвари давлати тоҷикон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба мақоми роҳбарии кишвар интихоб шуданашон, новобаста аз рӯзгори тӯфонхези оғози даврони соҳибихтиёрӣ ва ба гирдоби ҷанги дохилӣ кашида шудани кишвар, барои ташкилу барқарории чунин низоми ҳаётан муҳим, бо дарки амиқи муҳиммияти соҳаи мазкур ба масъалаи сиёсати мустақили пулию қарзӣ ва ташкили низоми миллии бонкдорӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, муттасилан тадбирҳои таъхирнопазир меандешиданд.

Дар ин ҷода тамоми давраи пайдоиш ва инкишофи падидаи сирри бонкиро метавонем ба давраҳои зерин тақсим намоем:

1. Давраи якум, фарогири давраи ҳукмронии давлати Сомониён;
2. Давраи дуюм, фарогири барҳам хурдани давлати Сомониён то таъсис ёфтани Генерал-губернатории Туркистон;
3. Давраи сеюм, солҳои 1869-1924;
4. Давраи чорум, солҳои 1925-1963;
5. Давраи панҷум, солҳои 1964-1990;
6. Давраи шашум, солҳои 1991-2010;
7. Давраи ҳафтум, солҳои 2011-2024.

**Адабиёт:**

1. Андронова Т.А. Банковская тайна: проблемы правового регулирования. Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – 197 с.

2. Бараева О.В. Банковская тайна в уголовном праве. Дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2004. – 182 с.
3. Буриев И.Б. Источники права исламского периода Таджикской государственности: теория и практика. – Душанбе: «Ирфон», 2017. – 224.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
5. Джураев К., Джалилов Ш., Энци З. Сберегательное дело в Таджикистане 1870-1995 г.г. – Душанбе: «Пайванд», 1995. – 122. с.
6. Исоматов Б., Фақеров Ҳ. Таърихи тиҷорат. Маводи таълимӣ. – Душанбе: «Паёми ошно», 2004. – С. 271.
7. Каримов У. Андешаҳои иқтисодию бозоргонии Абӯҳамиди Ғаззолӣ (дастури таълимӣ). – Душанбе, 2001. – С. 23-24.
8. Кодекси граждании РСС Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон». – 1988.
9. Қуръони Карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – 1226 с.
10. Лисицына Н.В. Банковская тайна как объект правового регулирования. Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – 220 с.
11. Манбаи электронии https://tg.wikipedia.org/wiki (Санаи муроҷиат: 01.02.2025).
12. Манбаи электронии https://tojikon.org/маориф/ахлоқ-ва-ирфон/1466-2014-08-27-15-28-03 (Санаи муроҷиат: 07.02.2025).
13. Манбаи электронии https://tojikon.org/маориф/қуръон-ва-ҳадис/1534-2014-09-27-05-13-52 (Санаи муроҷиат: 07.02.2025).
14. Манбаи электронии https://vazhaju.tj (Санаи муроҷиат: 25.01.2025).
15. Маркелова К.А. Банковская тайна: правовые аспекты. Дисс. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – 184 с.
16. Мухтасари Қонунномаи Сосониён / Зери назари д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: «Эр граф», 2015. – 156 с.
17. Негматов Н. Государство Саманидов. – Душанбе: «Дониш» 1977. – 276 с.
18. Неъматов Н. Давлати Сомониён. – Душанбе, 1989. – 304 с.
19. Полный свод законов Российской Империи. В 2-х кн. – Книга 2. Том XI. 4.2 / Под. ред. А.А. Добровольского. – СПб, 1911. – 1914 с.
20. Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ. Монография. – Душанбе, 2018. – 420 с.
21. Раҳмонов Р.В. Аз таърихи бонкдории тоҷикон // Ахбори ДДҲБСТ. – № 1 (37). – 2009. – С. 82-84.
22. Розиқзода А.Ш., Азим Иброҳим. Саноати косибию ҳунармандӣ ва кӯҳӣ дар Бухорои Шарқӣ (охири асри Х1Х – аввали асри ХХ). – Душанбе, 2006. – С. 49.
23. Седугин П.И. Вклады граждан в кредитных учреждениях. – М.: «Юридическая литература», 1964. – 150 с.
24. Смолькова И.В. Тайна и уголовно-процессуальный закон. – М.: Луч, 1997. – 100 с.
25. Собрание постановлений СССР. – 1948. – № 7 // Манбаи электронии https://docs.historyrussia.org/ru/nodes/383624-sobranie-postanovleniy-i-raspo-

ryazheniy-soveta-ministrov-sssr-za-1948-g-locale-nil-1-8 (Санаи мурочиат: 29.01.2025).

26. Советское гражданское право. Том 2 / Под. ред. Красавчиков О.А. – М.: «Высшая школа», 1969. – 519 с.

27. Столповский А.М. Зарождение и развитие отечественного уголовного законодательства в сфере защиты банковской тайны // Юристъ-Правоведъ. – 2017. – № 2 (81). – С. 89-94.

28. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. – Душанбе, 1985.

29. Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Аминҷонов А.Х., Соҳибзода С.С. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: «ЭР-граф»2022. – 508 с.

30. Ҳусейн Воизи Кошифӣ, Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи ҳотамия. – Душанбе, 1991. – (Фасли 1V).

## ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ АГРАРӢ (ИХТИСОС: 12.00.06) – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.06)

# ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН ДАР ДАВРАИ ШУРАВӢ

**Тоҷидинов Маҳмароиб Абдулвоҳидович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ
**Тел.:** (+992) 904-25-26-30
**E-mail:** tojidinov_9898@mail.ru

**Муқарриз:** Соҳибзода М.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Мақолаи зерин ба танзими ҳуқуқии асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар давраи шуравӣ бо дарназардошти таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии замони шуравӣ, ба монанди Декрет «Дар бораи милликунонии замин», Кодекси замини ҶШФСР (соли 1922), Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС (соли 1968), Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1970), Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС (соли 1990) ва Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1990) ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ бахшида шудааст.

Дар доираи имконият баъзе аз масъалаҳои умумият ва тафовути байни асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ошкор гардида, муаллиф дар охир ҷиҳати такмили қонунгузории замини амалкунанда бо ба инобат гирифтани танзими ҳуқуқии масъалаи мазкур дар давраи шуравӣ хулосаҳои зарурӣ бароварда, таклифҳои асоснок пешкаш намудааст.

**Калидвожаҳо:** Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон, қитъаи замин, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, қонунгузории замин, заминистифодабаранда, истифодаи қитъаи замин, қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин.

# ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ОСНОВАНИЙ ПРЕКРАЩЕНИЯ ПРАВА ПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫМ УЧАСТКОМ В СОВЕТСКИЙ ПЕРИОД

**Тоджидинов Махмароиб Абдулвохидович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант PhD кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами
**Тел.:** (+992) 904-25-26-30
**E-mail:** tojidinov_9898@mail.ru

**Рецензент:** Сохибзода М.М., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Данная статья посвящена правового регулирования основам прекращения права пользования земельным участком в советский период с учетом анализа нормативных правовых актов советского периода, таких как Декрет «О национализации земель», Земельный кодекс РСФСР (1922 г.), Основы земельного законодательства СССР (1968 г.), Земельный кодекс Таджикской ССР (1970 г.), Основы земельного законодательства СССР (1990 г.) и Земельный кодекс Таджикской ССР (1990 г.), а также трудов отечественных и зарубежных ученых.

В рамках данной возможности были выявлены некоторые общие вопросы и различия между основаниями прекращения права пользования земельными участками, и автор, наконец, сделал необходимые выводы и внес обоснованные предложения по совершенствованию действующего земельного законодательства с учетом правового регулирования данного вопроса в советский период.

**Ключевые слова:** Земельный кодекс ССР Таджикистан, земельный участок, право использования земельным участком, земельное законодательство, землепользователь, пользование земельным участком, прекращение право пользование земельным участком.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF LEGAL REGULATION GROUNDS FOR TERMINATION OF THE RIGHT TO USE A LAND PLOT IN THE SOVIET PERIOD

**Tojidinov Mahmaroib Abdulvohidovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, PhD student of the Department of transport law and the right to use natural resources
**Phone:** (+992) 904-25-26-30
**E-mail:** tojidinov_9898@mail.ru

**Reviewer:** Sohibzoda M.M., Candidate of Legal Sciences, docent

**Annotation:** This article is devoted to the basics of termination of the right to use a land plot in the Soviet period, taking into account the analysis of normative legal acts of the Soviet period, such as the Decree «On the Nationalization of lands», the Land Code of the RSFSR (1922), the Fundamentals of land legislation of the USSR (1968), the Land Code of the Tajik SSR (1970), the Fundamentals of land legislation of the USSR (1990) and the Land Code of the Tajik SSR (1990), as well as the works of domestic and foreign scientists.

Within the framework of this opportunity, some common issues and differences between the grounds for termination of the right to use land plots were identified, and the author finally drew the necessary conclusions and made

reasonable proposals to improve the current land legislation, taking into account the legal regulation of this issue during the Soviet period.

**Keywords:** Land Code of SSR Tajikistan, land plot, right to use a land plot, land legislation, land user, use of a land plot, termination of the right to use a land plot.

Марҳилаи шуравии танзими муносибатҳо ва инкишоф ёфтани қонунгузорӣ дар соҳаҳои муҳим, аз ҷумла соҳаи ҳуқуқи замин аз аҳаммият холӣ нест. Зеро омӯзиши таҷрибаи батанзимдарории муносибатҳои марбут ба замин дар марҳилаи шуравӣ метавонад ба таҳқиқ ва такмили муносибатҳо дар шароити кунунӣ аз нигоҳи нави инкишоф ва рушди қонунгузории соҳа мусоидат намояд. Алалхусус масъалаҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин дар радифи дигар падидаҳои ҳуқуқи замин аҳаммиятнок ва зарур шуморида мешавад.

Ҳамин тавр, ҳанӯз дар давраи пеш аз инқилоб тамоюли ба низом даровардани асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин ва ташаккули институти мустақил – институти қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин мушоҳида карда мешуд.

Дар қонунгузории давраи низоми ҳуқуқи империявӣ, ҳуқуқи замин ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ ҷудо карда нашуда буд, бинобар ин институти қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин ҳамчун институти ҳуқуқ ташаккул наёфта буд. Дар айни замон, Л.Л. Кассо дар соли 1906 аллакай якчанд асосҳои мустақили қатъ гардидани ҳуқуқ ба истифодаи заминро муайян карда буд:

- қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин дар натиҷаи анҷом додани аҳдҳо ба он;
- қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин дар натиҷаи харобшавии замин, дар натиҷаи фурӯпошӣ ё заминҷунбӣ;
- қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин ҳангоми хариди умумӣ;
- дар сурати маҷбуран бегона кардани (экспроприатсияи) замин катъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин[253].

Дар кишвари мо институти қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин ҳамзамон баробари ба як соҳаи мустақили ҳуқуқ ҷудо кардани ҳуқуқи замин ташаккул ёфт. Яке аз аввалин декретҳои ҳокимияти шуравӣ – Декрет «Дар бораи милликунонии замин» аз 19 феврали соли 1918[254] буд, ки асосҳо ва тартиби қатъ гардидани ҳуқуқи замин, аз ҷумла барҳам додани тамоми шаклҳои моликият ба замин ва ба ихтиёри тамоми меҳнаткашон барои истифода додани заминро пешбинӣ мекард. Санади мазкур дар ҳамбастагӣ ба Декрет «Дар бораи замин» аз 26 октябри соли 1917[255], ки тамоми шаклҳои ҳуқуқи моликият ба заминро барҳам дод, таҳия ва қабул гардидааст.

---

[253] Ниг.: Кассо Л.Л. Русское поземельное право. – М., 1906. – С. 142.

[254] Ниг.: Декрет ВЦИК от 19 февраля 1918 г. «О социализации земли» // Собрание узаконений РСФСР. – 1918. – № 25. – Ст. 346.

[255] Ниг.: Декрет ВЦИК от 26 октября 1917 г. «О земле» // СУ РСФСР. – 1917. – № 1. – Ст. 3.

**Мутобиқи Декрет «Дар бораи милликунонии замин»** ҳуқуқи истифодаи қитъаҳои замин ба инҳо дода шудааст: давлат дар симои мақомоти шуравӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коммунаҳои хоҷагии қишлоқ, рафоқатҳои хоҷагии қишлоқ, ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, оилаҳои алоҳида ва шахсони алоҳида, корхонаҳои тиҷоратӣ-саноатӣ ва нақлиётӣ.

Декрет «Дар бораи милликунонии замин» минбаъд аз як шахс ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро иҷозат намедод. Бояд гуфт, ки дар Декрет «Дар бораи милликунонии замин» ду категорияи асосӣ барои қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин пешбинӣ гардида буд:

1) ба таври қатъӣ ва комилан қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин нисбати шахси муайян;

2) қатъ гардидани ҳуқуқи замин нисбат ба қитъаи муайян.

Ҳамин тавр, ҳамаи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин аз рӯйи аломатҳои субъективӣ ва объективӣ тақсим карда шуданд.

Қатъи пурраи (ниҳоии) ҳуқуқ ба замин дар сурати вафоти шахс, қатъ гардидани фаъолияти он ё бинобар ба таври воқеӣ ё ҳуқуқӣ надоштани ҳуқуқи истифодаи замин (маҳрум кардани ҳама ҳуқуқҳои маданӣ ба тариқи судӣ) сурат мегирифт. Ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешуд:

- ба таври расмӣ даст кашидан аз истифодаи қитъаи замин;
- ошкоро майл надоштан ба истифодаи қитъаи замин, агарчи аризаи расмии заминистифодабаранда вуҷуд надошта бошад;
- истифодаи қитъаи замин бо мақсадҳое, ки қонун манъ намудааст;
- истифодаи қитъаи замин бо тартибе, ки қонун манъ намудааст;
- истифодаи қитъаи замин бо расонидани зарар ба хоҷагидории ҳамсоя.

Аз ҳамаи асосҳои дар боло зикршудаи қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сарфи назар аз мавҷудияти панҷ асос барои қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар Декрет «Дар бораи милликунонии замин» онҳоро ба ду гурӯҳ муттаҳид кардан мумкин буд:

1) қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо сабаби даст кашидан аз он;

2) қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бинобар вайрон кардани талаботи қонун ва ҳуқуқи шахсони сеюм.

Дар баробари ин, дар Декрет «Дар бораи милликунонии замин» ба ҳеҷ ваҷҳ тартиби қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин пешбинӣ нагардида буд, вале дар он муайян гардида буд, ки идоракунии захираҳои замин вобаста ба таъиноташон аз тарафи уездҳо, губернияҳо, мақомотҳои вилоятӣ ва федералии ҳокимияти шуравӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳамин тавр, аз 19 феврали соли 1918 тартиби қатъ кардани ҳуқуқи истифодаи замин бевосита аз тарафи мақомотҳои давлатӣ, ки дар бораи қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин қарор қабул менамуданд, муайян карда шуд.

Муҳаққиқи ватанӣ Ф.М. Абдурашитов иброз медорад, ки «Дар саросари Осиёи Миёна дар арафаи забти Россия, моликияти феодалӣ ба

замин паҳн шуда буд. Дар аморати Бухоро заминҳои асосии ҳосилхез дар дасти мардуми доро ва шахсони бонуфуз ҷамъ шуда буданд. Дар минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон баъзе феодалҳо сад таноб ва аз он бештар заминҳои обӣ доштанд. Заминдории калони феодалӣ дар аморати Бухоро ба он дараҷае расид, ки дар ин ҷо тақрибан 85 фоизи аҳолиро деҳқонон ташкил медод ва онҳо танҳо 15 фоизи заминро соҳиб буданд»[256].

Баъд аз забт гардидани Осиёи Миёна аз ҷониби Россия равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ислоҳоти аграрӣ дар ин сарзамин бо маром марҳила ба марҳила татбиқ гардид, ки ин яке аз оқибатҳои мусбии забти минтақа аз ҷониби Россияи подшоҳӣ арзёбӣ гардид.

Таърихшиносони ватанӣ Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов ва С. Исоматов қайд менамоянд, ки «барои татбиқи минбаъдаи ислоҳоти замин ба ҳукумати шуравӣ лозим буд, ки заминаи қонунгузорӣ таҳия карда шавад. Аз ин рӯ, дар оғози соли 1923 як комиссия барои таҳияи лоиҳаи Кодекси замин таъсис ёфт ва лоиҳаи пешниҳодшудаи он моҳи октябри соли 1923 дар Анҷумани IV Шурои Советии ҶХШ Бухоро тасдиқ карда шуд. Тибқи Кодекси нав тамоми заминҳо, обҳо, рӯдҳо ва ҷангалҳои дохили ҷумҳурӣ моликияти давлатӣ эълон карда шуданд»[257].

Муҳаққиқи ватанӣ М.М. Соҳибзода зимни таҳқиқи хусусиятҳои ташаккулёбии муносибатҳои заминистифодабарӣ дар ҶМШС Тоҷикистон зикр менамояд, ки «Кодекси ҶХШ Бухоро оид ба замин (соли 1923) дар асоси Кодекси замини ҶШФСР бо меъёрҳои иловагии хоси ҷумҳурӣ мураттаб гардида буд. Гарчанде, ки ин кодекс баъди ташкил ёфтани ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон дар собиқ қаламрави ин ҷумҳуриҳо амал кунад ҳам, дар Тоҷикистон амалан татбиқ карда намешуд»[258].

Профессор Ф.Т. Тоҳиров иброз медоранд, ки «пеш аз моҳи апрели соли 1928 қабул гардидани Кодекси ҶШС Ӯзбекистон оид ба замин ва 16 июни ҳамон сол дар қаламрави Тоҷикистони мухтор ҷорӣ шудани он ҳуқуқи заминдории ҷумҳурӣ дар асоси Кодекси замини ҶШФСР[259], ки дар қаламрави собиқ ҶМШС Туркистон бо тағйироту иловаҳо амал мекард, сурат гирифта буд»[260].

Ҳамзамон Т.Ф. Яшук низ муътакид аст, ки Кодекси замини ҶШФСР як санади умумӣ ва ягонаи мураттабгаштае боқӣ монд, ки дар тамоми ҳудуди ҶШФСР амал мекард[261].

**Комитети Иҷроияи Марказии Умумироссиягии ҶШФСР дар анҷумани IV 30 октябри соли 1922 Кодекси заминро, ки дар таърихи Россия аввалин санади танзимкунандаи муносибатҳои замин буд, тасдиқ кард ва он аз 1**

---

[256] Абдурашитов Ф.М. Таърихи ислоҳоти аграрӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX – оғози асри XXI: монография. – Душанбе: Дониш, 2020. – С. 24.
[257] Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. – С. 332.
[258] Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 108.
[259] Земельный кодекс РСФСР (утв. Постановление ВЦИК от 30 октября 1922 г. «О введении в действие Земельного кодекса, принятого на 4 сессии IX созыва») // СУ РСФСР. – 1922. – № 68. – Ст. 901.
[260] Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – С. 189.
[261] Ящук Т.Ф. Земельный кодекс РСФСР 1922 года – первый кодифицированный акт в истории российского земельного законодательства // Вестник РУДН. – 2022. – Т. 26. – № 4. – С. 952.

**декабри соли 1922 мавриди амал қарор гирифт**[262]**.** Кодекси замини соли 1922 бар хилофи Декрет «Дар бораи замин» ва Декрет «Дар бораи милликунонии замин» мавҷуд будани ҳуқуқи моликият ба қитъаи заминро пешбинӣ мекард. Аммо аз ин ҳуқуқ танҳо як субъект – давлати коргару деҳқон бархӯрдор буд, дар сурате, ки ба дигар субъектҳои муносибатҳои замин қитъаи замин ё дар асоси ҳуқуқи истифодаи меҳнатии замин ва ё дар асоси ҳуқуқи иҷораи меҳнатӣ дода мешуд.

Ҳуқуқи истифодаи меҳнатии замин ҳуқуқи асосӣ ба замин буд, ки дар Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 пешбинӣ шуда буд, бинобар ин қонунгузор асосҳо ва тартиби қатъи ин ҳуқуқро ба замин муфассалтар танзим намуд. Мувофиқи м. 18 Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 ҳуқуқи истифодаи меҳнатии замин дар мавридҳои зерин қатъ карда мешавад:

1) ихтиёран аз замин даст кашидани ҳамаи аъзоёни хоҷагӣ (хонавода). Дар баробари ин даст кашидан аз ҳуқуқ бо ризоияти умумии ҳамаи аъзоёни хоҷагӣ сурат гирифта, бо пешниҳоди ариза ба номи ҷамъияти замин ё мақомоти заминсозӣ сурат мегирад;

2) ба таври пурра қатъ намудани хоҷагидории мустақил;

3) бесоҳиб (беворис) мондани хоҷагӣ;

4) ниҳоят ба ҷойи дигар кӯчондани ҳавлӣ бо қатъ намудани хоҷагии мустақил дар ҷойи пештара. Қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми кӯчонидан танҳо пас аз он ки ба заминистифодабаранда дар ҷойи нав қитъаи замин ҷудо мегардид, ба амал меомад;

5) маҳрум намудан аз ҳуқуқи истифодаи замин аз ҷониби суд барои содир намудани ҷиноят. Дар ҳамин асос қатъ гардидани ҳуқуқ ба истифодаи қитъаи замин пеш аз ҳама дар натиҷаи анҷом додани муомилот бо қитъаҳои замин ба амал омад, зеро дар м. 27 Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 анҷом додани аҳдҳо бо ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо мақсади тарси беэътибор донистани ин аҳд ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидану аз ҳуқуқи истифодаи замин маҳрум кардани заминистифодабаранда, манъ карда шуда буд;

6) гирифтани замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

Ба ғайр аз асосҳое, ки дар м. 18 Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 пешбинӣ шуда буданд, дар м. 20 Кодекси мазкур асосҳои мустақилона қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар натиҷаи ҳақиқатан истифода набурдани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти хоҷагӣ бе сабабҳои узрнок ба муҳлати на камтар аз се сол пешбинӣ гардида буд. Аслан ин асос яке аз навъҳои гуногуни дур шудан аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар фарқият аз даст кашидан, ки дар м. 18 Кодекси замини ҶШФСР пешбинӣ гардида буд, ба ҳисоб мерафт. Мутобиқи м. 20 Кодекси замини ҶШФСР қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо роҳи анҷом додани амалҳои воқеӣ, ки ихтиёран аз истифодаи қитъаи замин дур шуданро нишон медиҳад, сурат мегирад.

Ҳуқуқи иҷораи меҳнатӣ мувофиқи Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 гузаштани муваққатии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои

[262] Ниг.: Ерофеев Б.В. Советское земельное право. – М.: Высшая школа, 1965. – С. 37.

истифодаи меҳнат буд ва дар мавридҳои пешбининамудаи шартномаи иҷора, инчунин бо ташаббуси иҷорадиҳанда дар сурати аз тарафи иҷорагир ғайриоқилона истифода бурдани қитъаи ба иҷора додашуда ва ё ҳангоми ба истифодаи шахсони дигар додани он пеш аз муҳлат қатъ карда мешуд.

Бояд гуфт, ки номгӯйи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ки дар соли 1922 Кодекси замини ҶШФСР пешбинӣ карда буд, мукаммал буд, ки ин хизмати бечунучарои қонунгузории шуравӣ мебошад, зеро ин қоида устувории вазъи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои заминро дар ҳамон давра таъмин намуд.

Дар заминаи таҳлили асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ки дар Кодекси замини ҶШФСР соли 1922 пешбинӣ шуда буд, чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1. Ба монанди Декрет «Дар бораи милликунонии замин» дар Кодекси замини ҶШФСР соли 1922 ҳамаи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқ ба қитъаи замин ба ду гурӯҳ тақсим карда шуда буданд: бо сабаби қатъ гардидани фаъолияти субъекти заминистифодабаранда ва бо сабаби қатъ гардидани ҳуқуқ ба қитъаи замини муайян.

2. Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 номгӯйи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро, ки дар Декрет «Дар бораи милликунонии замин» ифода ёфта буд, васеъ карда, имконияти гирифтани қитъаи заминро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ пешбинӣ мекунад.

Инкишофи минбаъдаи падидаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар сарзамини мо ба давраи тасдиқи «Асосҳои оғози заминистифодабарӣ ва заминсозӣ» тибқи қарори КИМ ИҶШС аз 15 декабри соли 1928[263] рост меояд. Ин ҳуҷҷатро мақомоти қонунгузории Иттиҳоди Шуравӣ қабул карда буд, ки истифодаи он дар ҳудуди ҳамаи ҷумҳуриҳое, ки дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ шомил буданд, ҳатмӣ буд.

Меъёрҳои муҳимми Асосҳои оғози заминистифодабарӣ ва заминсозӣ аз он иборат буд, ки онҳо хусусияти бемуҳлати истифодаи заминро дар баробари тартиб додани қоидаҳои Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 муқаррар карда буданд. Асосҳои оғози заминистифодабарӣ ва заминсозӣ асосҳои зерини қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро пешбинӣ мекард:

1) ихтиёран аз замин даст кашидани ҳамаи аъзоёни ҷамъияти замин, хоҷагӣ ё коллективи хоҷагии қишлоқ;

2) бе сабабҳои узрнок дар муҳлати муқарраркардаи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз замин истифода накардани ҷамъияти замин, хоҷагӣ ва ё коллективҳо;

3) бесоҳиб (беворис) мондани хоҷагӣ;

4) кӯчонидан ба ҷойи дигар бо қатъ гардидани хоҷагии мустақил дар ҷойи пештара баъди гузаштани муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ;

5) анҷом додани аҳдҳое, ки оғози милликунонии заминро вайрон мекунанд (хариду фурӯш, гарав, васиятнома, мубодилаи замин ва ғайра);

6) ғайриқонунӣ ба иҷора додани замин;

---

[263] Собрание законов СССР. – 1929. – № 69. – Ст. 642.

7) гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ;

8) дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ.

Ҳамин тариқ, асосҳои оғози заминистифодабарӣ ва заминсозӣ аз тақсими асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин аз рӯйи аломатҳои субъективӣ-объективӣ (қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини субъекти заминистифодабаранда ва қатъ гардидани ҳуқуқ ба объекти истифодаи замин) даст кашида, дар як навбат хусусияти маҷбуран қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро ҳамчун муҷозот барои анҷом додани аҳдҳо бо қитъаи замин муайян намуд. Мисли пештара даст кашидан аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо роҳи содир намудани кирдорҳои воқеие, ки аз ҳуқуқи даст кашидани шахс шаҳодат медиҳад ва пешниҳоди аризаи дахлдор дар бораи даст кашидан аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин асосҳои мустақили қатъи ҳуқуқ ба қитъаи замин дониста мешуданд.

Муҳаққиқи рус Е.Л. Минина дар хусуси «Асосҳои оғози заминистифодабарӣ ва заминсозӣ» иброз медорад, ки он барои таҳия ва қабули кодексҳои замини ҷумҳуриҳои иттифоқӣ санади ягонаи асосӣ ба ҳисоб меравад[264]. Махсусан таҳия ва қабул гардидани Кодекси замини ҶШС Ӯзбекистон (с. 1928), ки ҶМШС Тоҷикистон қисми таркибии он буд, ба меъёрҳои ин санади муҳим асос ёфта буд.

Ба масъалаи кодификатсияи қонунгузорӣ дар ҳудуди ИҶШС танҳо дар миёнаи солҳои 50-ум таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Баробари инкишофи муомилоти хоҷагидорӣ, тағйирот дар танзими тартиби қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ногузир буд. **Дар солҳои 60-уми асри гузашта оид ба Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ кор бурда мешуд ва ниҳоят 13 декабри соли 1968 ин ҳуҷҷат қабул карда шуд[265]**. Дар ин ҳуҷҷат моликияти истисноии давлат будани замин пешбинӣ гардид, ки замин ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ танҳо дар асоси ҳуқуқи истифодаи он дода мешуд.

Дар «Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» дар соли 1968 асосҳои мустақили қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи замини шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шуданд. Ҳамин тариқ, тибқи м. 14 ин санад ҳуқуқи истифодаи шахсони ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои зерин метавонист қатъ карда шавад:

1) бартараф гардидани зарурат дар қитъаи замин;

2) ба охир расидани муҳлате, ки дар давоми он қитъаи замин ба истифода дода шудааст;

3) барҳам хурдани шахси ҳуқуқӣ;

4) ба вуҷуд омадани зарурати гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ;

5) дар давоми ду сол мунтазам истифода набурдани қитъаи замини додашуда;

---

[264] Ниг.: Минина Е.Л. Становление и развитие земельного законодательства в нормативных актах советской эпохи // Аграрное и земельное право. – 2016. – № 7 (139). – С. 26.

[265] Ниг.: Ведомости Верховного Совета СССР. – 1968. – № 51. – Ст. 485.

6) истифода набурдани қитъаи замин мувофиқи таъиноташ, инчунин дар ҳолатҳои нодуруст (бепарвоёна) истифода бурдани замин.

Моддаи 15 Асосҳо бошад, дар навбати худ барои қатъ гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба қитъаи замин чунин асосҳоро пешбинӣ менамуд:

1) ихтиёран даст кашидан аз истифодаи қитъаи замин;

2) гузаштани мухлате, ки дар давоми он қитъаи замин ба истифода дода шудааст;

3) ба дигар ҷойи истиқоматӣ ба таври доимӣ кӯчонидани ҳамаи аъзоёни хоҷагӣ ё оила;

4) қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ, ки вобаста ба он қитъаи замини хизматӣ дода шудааст;

5) вафот кардани ҳамаи аъзоёни хоҷагӣ ё оила;

6) ба миён омадани зарурати гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ;

7) аз ҷониби шаҳрванд анҷом додани аҳдҳои ғайриқонунӣ бо қитъаи замин ё аз ҷониби шаҳрванд мунтазам вайрон кардани қоидаҳои истифодаи замин;

8) дар давоми ду сол истифода набурдани қитъаи замин ё мувофиқи таъиноти мақсаднок истифода нашудани он.

Инчунин м. 50 Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ масъалаҳои ҷавобгарии заминистифодабарандагонро барои вайрон кардани қонунгузории замин танзим менамуд, ки дар он имконияти қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар сурати мунтазам вайрон кардани қоидаҳои истифодаи замин пешбинӣ гардида буд.

**Марҳилаи дигари инкишофи қонунгузории замин дар Тоҷикистон ба қабул гардидани Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон аз 17 декабри соли 1970 (мавриди амал қарор гирифтани он аз 1 июли соли 1971) рост меояд. Кодекси мазкур аз 12 фасл ва 192 модда иборат буд ва тамоми он муносибатҳоеро, ки аз истифодаи замин ба амал меомаданд, танзим менамуд[266].**

Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон нуктаҳоеро, ки дар «Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» дар соли 1968 пешбинӣ шуда буданд, мукаммал намуд. Аз ҷумла, он ҳоло ҳам мавҷудияти моликияти истисноии давлатии заминро пешбинӣ мекард ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои замин қитъаҳои заминро таҳти ҳуқуқи истифодабарӣ нигоҳ медоштанд, ки онҳо ҳам бемуҳлат ва ҳам муваққатӣ буда метавонист (м. 10).

Дар айни ҳол истифодаи муваққатии замин ҳам кутоҳмуддат (то се сол) ва ҳам дарозмуддат (аз се то даҳ сол) буда метавонист. Қитъаҳои замини барои чарогоҳ додашуда ба муҳлати то 25 сол ба истифода дода мешуданд. Дар баробари ҳамин дар Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон аз соли 1970 пешбинӣ гардида буд, ки муҳлати истифодаи муваққатии қитъаи заминро дар сурати зарурати истеҳсолӣ дароз кардан мумкин аст (м. 12).

Дар Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон, монанди Асосҳои қонунгузории замин асосҳои қатъи ҳуқуқи замини шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои мустақил ҷудо гардида, бори аввал муқаррар гардид,

[266] Ниг.: Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон (гурӯҳи муаллифон). – Душанбе, 2005. – С. 235.

ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин метавонад пурра ва қисман қатъ карда шавад.

Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон аз соли 1970 номгӯйи асосҳои қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба таври алоҳида ба монанди «Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» дар соли 1968 муқаррар намуд.

Мутобиқи м. 37 Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо барои истифодаи замини ба онҳо додашуда дар мавридҳои зерин мувофиқан бояд тамоман ё қисман қатъ карда шавад:

1) агар ба қитъаи замин дигар эҳтиёҷ намонад;

2) агар муҳлате, ки қитъаи замин ба муддати он дода шуда буд, тамом шавад;

3) агар корхона, муассиса ва ташкилот барҳам дода шавад;

4) агар барои дигар эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ гирифтани қитъаи замини дахлдор зарур шуморида шавад;

5) агар қитъаи замини додашуда дар давоми ду сол пай дар пай аз худ карда нашавад;

6) агар қитъаи замин мувофиқи мақсаде, ки барои он дода шуда буд, истифода бурда нашавад.

Дар м. 38 Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон бошад асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин нисбати шаҳрвандон ба таври пурра ва ё қисман чунин муқаррар гардида буд:

1) дар ҳолати аз истифодаи қитъаи замин ихтиёран даст кашидан;

2) дар вақти ба охир расидани муҳлате, ки қитъаи замин ба он муддат дода шуда буд;

3) дар мавриди ба дигар ҷой барои истиқомати доимӣ кӯчида рафтани ҳамаи аъзоёни хонавода ё оила;

4) агар муносибатҳои меҳнатие, ки вобаста ба онҳо аз ҷойи хизмат порчаи замин дода шуда буд, қатъ гарданд, ба шарте, ки қонунҳои ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон қоидаи дигар пешбинӣ накарда бошанд;

5) агар ҳамаи аъзоёни хонавода ё оила вафот кунанд;

6) агар барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ гирифтани қитъаи замини дахлдор зарур шуморида шавад.

Агар шаҳрвандон амалиётеро, ки дар м.м. 185, 186 ва 190 Кодекси мазкур пешбинӣ гардида буд, содир кунанд, инчунин қитъаи замин дар давоми ду сол пай дар пай истифода бурда нашавад ё ин ки мувофиқи мақсаде, ки барои он дода шуда буд, истифода бурда нашавад, дар ин гуна мавридҳо низ ҳуқуқи истифодаи замин қатъ карда шуданаш мумкин буд.

Агар шаҳрванд аҳдҳои хариду фурӯш, гарав, васият кардан, туҳфа, иҷора ва худсарона иваз намудани қитъаи замин ё аҳди дигареро ба таври ошкоро ё пинҳонӣ анҷом медод, ки ҳуқуқи моликияти давлатро ба замин халалдор менамуд, беэътибор дониста мешуд (м. 185 Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон).

Дар м. 186 Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ барои вайрон кардани қонунгузории замин аз қабили: шахсоне, ки дар содир намудани аҳдҳои дар м. 185 Кодекси мазкур

пешбинигардида гунаҳгоранд; худсарона ишғол кардани қитъаҳои замин; нодуруст истифода бурдани замин ва бо мақсади ба даст овардани даромади муфт истифода бурдани онҳо; зарар дидани заминҳои кишоварзӣ ва дигар заминҳо, олуда шудани онҳо бо партовҳои саноатӣ ва дигар партовҳо ва обҳои корезӣ (канализатсия); иҷро накардани тадбирҳои ҳатмии беҳтар намудани замин аз шамол, эрозияи об ва дигар равандҳое, ки ҳолати хокро бад мекунанд, муҳофизат намудани хок; бе иҷозати дахлдор аз лоиҳаҳои заминсозии дохилихоҷагӣ, ки бо тартиби муқарраршуда тасдиқ карда шудаанд, рад кардан; сари вақт баргардонда нашудани заминҳои муваққатан ишғолшуда ё иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба ба ҳолати мувофиқ ба истифода додани онҳо; вайрон кардани аломатҳои байнисарҳаддии истифодабарии замин мувофиқи конунгузории ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ кашида мешаванд.

Бояд зикр кард, ки содир намудани ҳамин кирдорҳо дар як навбат бо дарназардошти дараҷаи хавфнокияшон агар боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ мегардид, дар навбати дигар ба замми татбиқ гардидани муҷозоти ҷиноятӣ ё маъмурӣ ба қатъ гардидани ҳуқуқи заминистифодабарии шаҳрвандон боис мегардид.

Мутобиқи муқаррароти м. 190 Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон барои мунтазам вайрон намудани талаботи қонунгузории замин шаҳрвандон аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин маҳрум карда мешуданд. Дар зери мафҳуми мунтазам вайрон намудани талаботи қонунгузории замин аслан содир намудани маҷмуи амалҳои дар м. 185 ва м. 186 Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон пешбинигардида фаҳмида мешуд[267].

Бо назардошти он, ки чунин асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба монанди гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии заминистифодабарандагон моҳиятан бархӯрд менамуд, ба ин асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин боби VI Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон бахшида шуда буд. Дар ин боб, аз ҷумла, мақомоте, ки барои қабул намудани қарор дар бораи гирифтани қитъаҳои замин ҳуқуқ доштанд, инчунин шарту тартиби гирифтани қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ муқаррар карда шуданд.

Дар моҳи январи соли 1989, ки ҳанӯз ИҶШС амал мекард дар ҷараёни ислоҳоти замин тағйироти назаррас ба амал омад. Монополияи моликияти давлатӣ ба замин бекор карда шуда буд. Дар ин давра 23,5 ҳазор хоҷагиҳои коллективӣ ва давлатӣ, 63 фоизи ҳамаи заминҳои кишоварзии мамлакат таҷдид гардида, 115,9 млн. гектар замини онҳо хусусӣ гардонида шуданд. Дар натиҷа 11,8 млн. нафар коргарони собиқ хоҷагиҳои коллективӣ ва давлатӣ соҳиби саҳмияҳои замин шуданд.

[267] Ниг.: Тоҷидинов М.А. Асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқ ба қитъаи замин дар давраи шуравӣ ва давраи муосир: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 29-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Конститутсия – заминаи рушди низоми самараноки идоракунии давлатӣ» (1-уми ноябри соли 2023) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С. – Душанбе: Матбааи АИДНПҶТ, 2023. – С. 172.

Ҳарчанд дар ин давра Қонуни ИҶШС «Дар бораи моликият дар ИҶШС» аз 6 марти соли 1990[268] қабул мегардад, вале он барои як марҳилаи муайян ҳуқуқи моликият ба заминро барои шаҳрвандон кафолат намедиҳад (м. 7). Зеро дар ин марҳила ҳануз ибтидои раванди гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ буд, аз ин рӯ, ба шаҳрвандон танҳо ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодаи қитъаҳои замин дода шуд.

Бо қабули Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи замин аз 28 феврали соли 1990[269] номгӯйи ҳуқуқҳое, ки замин аз рӯйи онҳо ба субъектҳои муносибатҳои замин дода шуда метавонист, васеъ карда шуд, ки ин ба асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бетаъсир намонд. Дар ин давра гарчанде ки асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ ва иҷораи қитъаи замин якхела буданд, аммо бинобар хусусияти уҳдадорӣ доштани ҳуқуқи иҷора он метавонист дар сурати бекор кардани шартномаи иҷора қатъ карда шавад.

Ҳамин тариқ, мувофиқи м. 9 Асосҳои қонунгузории ИҶШС дар бораи замин аз соли 1990 ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодаи тамоми қитъаи замин дар мавридҳои зерин қатъ карда мешавад:

1) ихтиёран даст кашидан аз истифодаи қитъаи замин;

2) гузаштани муҳлате, ки дар давоми он қитъаи замин ба истифода дода шудааст;

3) қатъ гардидани фаъолияти корхона, муассиса, ташкилот, хоҷагии деҳқонӣ;

4) мувофиқи таъинот истифода нагардидани қитъаи замин;

5) қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ, ки вобаста ба он қитъаи замини хизматӣ дода шудааст;

6) самаранок истифода набурдани қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ аз сатҳи меъёр пасттар (аз рӯйи баҳои кадастрӣ);

7) истифодаи қитъаи замин бо тарзҳое, ки боиси паст шудани ҳосилхезии хок, олудашавии химиявию радиоактивии онҳо, бад шудани вазъияту ҳолати он мегарданд;

8) дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва худмухтор мунтазам насупоридани андози замин, инчунин дар муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи иҷора напардохтани маблағи иҷора;

9) дар давоми як сол истифода набурдани қитъаи замине, ки барои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дода шудааст ва ду сол – барои истеҳсолоти ғайрикишоварзӣ;

10) гирифтани қитъаи замин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

Дар баробари ин дар Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи замин дар соли 1990 барои татбиқи асосҳои муайяни қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин маҳдудиятҳо муқаррар карда шуданд. Масалан, қитъаи заминеро, ки ба шаҳрвандон таҳти соҳибии якумраи меросӣ барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дода шуда буд, ҳангоми дар давоми се сол аз рӯзи додани қитъаи замин дар

[268] Ниг.: Қонуни ИҶШС «Дар бораи моликият дар ИҶШС» аз 6 марти соли 1990. – М.: Политиздат, 1990. – 128 с.

[269] Ниг.: Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи замин аз 28 феврали соли 1990. – М.: Политиздат, 1990. – 128 с.

сурати ғайриоқилона истифода бурдани қитъаи замин ё истифода набурдани қитъаи замин қатъ кардан мумкин набуд.

Ҳамин тавр, мо мебинем, ки дар Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи замин дар соли 1990 номгӯйи асосҳои қатъи ҳуқуқ ба қитъаи замин, ки дар Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон дар соли 1970 пешбинӣ шуда буд, бо илова кардани чунин асосҳо, ба монанди мунтазам напардохтани ҳаққи истифодаи қитъаи замин (андози замин ва иҷорапулӣ) ва истифодаи ғайриоқилонаи қитъаи замин бо истиснои чунин асоси қатъи ҳуқуқ ба қитъаи замин – муомилоти ғайриқонунӣ бо қитъаи замин муқаррар карда шуд. Дар баробари асосҳо инчунин усулҳои истифодаи қитъаи замин, ки сабаби қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин гардидаанд, номбар шудаанд, аз ҷумла, усулҳое, ки боиси паст шудани қабати хосилхезии хок, олудашавии химиявию радиоактивии онҳо ва вайроншавии муҳити экологӣ мегарданд.

Чанде пас аз қабули Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи замин аксарияти онҳо дар қонунгузории худ ҳуқуқи моликияти хусусии шаҳрвандонро ба замин кафолат доданд. Аз ҷумла, Қонуни ҶШФСР «Дар бораиислоҳоти замин» аз 23 ноябри соли 1990 қабул карда шуд, ки он аввалин бор дар таърихи Россияи шуравӣ ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар асоси моликият дода шудани қитъаҳои заминро иҷозат дод. Аммо ин санад асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба заминро муқаррар накард. Пас аз як моҳи қабули Қонуни ҶШФСР «Дар бораи ислоҳоти замин» акнун Қонуни ҶШФСР «Дар бораи моликият дар ҶШФСР» аз 24 декабри соли 1990 қабул карда шуд, ки он инчунин ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ додани қитъаҳои заминро иҷозат дода, дар баробари ин асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликиятро пешбинӣ намуд.

Ҳамин тариқ, тибқи м. 7 Қонуни мазкур маҷбуран қатъ кардани ҳуқуқи моликият ба замин дар ҳолатҳои зерин иҷозат дода мешавад:

1) нигаронидани рӯёниш ба молу мулки қарздор;

2) маҷбуран қатъ кардани ҳуқуқи моликият ба қитъаи замине, ки тибқи қонун ба молик тааллуқ надошта бошад;

3) мусодираи қитъаи замин;

4) реквизитсияи қитъаи замин.

Хусусияти махсуси Қонуни ҶШФСР «Дар бораи моликият дар ҶШФСР» аз он иборат буд, ки дар он асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин ҳангоми истифодаи номатлуби қитъаи замин, гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти шахсе, ки ба ӯ қитъаи замини хизматӣ дода шудааст, пешбинӣ нагардид. Ҳамин тариқ, қитъаҳои замине, ки дар асоси ҳуқуқи моликият дода шудаанд, амалан аз доираи танзими давлатӣ берун монданд.

Ба принсипҳои муносибатҳои бозорӣ гузаронидани иқтисодиёти Тоҷикистон танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои моликиятро тақозо мекунад. Дар ин марҳила дар ҶТ низ дар заминаи Қонуни ИҶШС «Дар бораи моликият дар ИҶШС» бо мақсади

танзими муносибатҳои марбут ба моликият Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи моликият дар ҶШС Тоҷикистон» аз 5 декабри соли 1990, № 164[270] қабул карда мешавад.

Моддаи 5 Қонуни мазкур замин, сарватҳои зеризаминӣ, олами набототу ҳайвонот, биноҳо, иншоот, таҷҳизот, ашёҳои фарҳангӣ ва моддию маънавӣ, пул, коғазҳои қиматнок ва чизу чораи дигарро, ки қонун манъ намекунад, ба ҳайси объектҳои ҳуқуқи моликият эътироф менамояд. Дар м. 11 Қонуни мазкур, ки объектҳои ҳуқуқи моликияти шаҳрвандонро муқаррар менамуд, мутаассифона замин дар қатори дигар молу мулк дар моликияти хусусии шаҳрвандон кафолат дода нашуд. Зеро дар м.м. 25 ва 32 замин ва дигар боигариҳои табиӣ ҳамчун моликияти ҶШС Тоҷикистон муқаррар карда шуд.

Аз ин бармеояд, ки дар ҶТ ба монанди давраи шуравӣ сиёсати давлатӣ оид ба замин бо равиши таъмини соҳибмулкии давлат аз болои сарватҳои ҳаётан муҳими табиӣ таъмин карда шуд. Дар ин марҳила ҳамзамон ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар заминаи Асосҳои қонунгузории ИҶШС дар бораи замин санадҳои кодификатсионӣ оид ба танзими муносибатҳои заминро қабул менамоянд.

Бо ин мақсад Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон аз 15 декабри соли 1990, № 215[271] қабул карда мешавад. Дар м. 2 Кодекси мазкур муқаррар гардид, ки замин дар ҶШС Тоҷикистон моликияти ҷумҳурият – сарвати халқҳое мебошад, ки дар ҳудуди он истиқомат мекунанд. Ҳамин тавр, тибқи муқаррароти он ба шаҳрвандон замин барои истифодаи муҳлатнок ва бемуҳлат дода шуда, муносибатҳо оид ба иҷораи замин ба Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи иҷора» аз соли 1990 ҳавола карда мешавад.

Азбаски замин таҳти соҳибӣ ва истифодаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор дошт, дар м. 17 Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон чунин асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин ё як қисми он муқаррар карда шуд:

1) даст кашидан аз қитъаи замин;

2) қатъ гардидани фаъолияти заминистифодабарандагон;

3) қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ;

4) нодуруст истифода бурдани қитъаи замин, ки барои заминҳои кишоварзӣ дар дараҷаи ҳосилнокӣ нисбат ба меъёри муқаррargardida (мувофиқи баҳои кадастрӣ) ифода меёбад;

5) мувофиқи мақсад истифода набурдани замин;

6) истифодаи қитъаи замин бо усулҳое, ки боиси паст шудани ҳосилхезии замин, бо маводи химиявӣ, радиоактивӣ ва дигар маводҳо заҳролуд шудани он ва бад шудани вазъи экологӣ шуда бошад;

7) ба охир расидани муҳлати истифодаи қитъаи замин;

8) мунтазам насупоридани андози замин дар муҳлатҳои муқарраркардаи қонунҳои ҶШС Тоҷикистон;

---

[270] Ниг.: Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – 1990. – № 24 (1085).

[271] Ниг.: Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – 1991. – № 1 (1086).

9) истифода нашудани қитъаи замини барои истеҳсоли кишоварзӣ додашуда дар давоми як сол ва қитъаи замини барои истеҳсолоти ғайрикишоварзӣ додашуда дар давоми ду сол;

10) мусодираи замин дар ҳолатҳои пешбиникардаи ҳамин Кодекс.

Ҳамзамон, аз мазмуни меъёри м. 19 Кодекси мазкур бармеояд, ки асоси дигари қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ин фурӯши молу мулки ғайриманқули дар он ҷойгиршуда мебошад, зеро мутобиқи моддаи мазкур баробари гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино ва иншоот ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин низ мегузарад.

Тавре ки дар санадҳои қаблии танзимкунандаи муносибатҳои вобаста ба замин ба монанди Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, инчунин Кодекси замини қаблӣ ба назар мерасид, масъалаи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар боби алоҳида мавриди танзим қарор мегирифтанд.

Бо ин тартиб дар Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1990) гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар боби 4 (м. 20-23) мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифта буд. Аммо дар ин кодекс дар тафовут ба Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1970) асосҳои пешбинигардидаи қатъи ҳуқуқи истифодаи замин ҳам барои шахсони воқеӣ ва ҳам барои шахсони ҳуқуқӣ ба таври ягона пешбинӣ гардид. Яъне онҳо ба таври алоҳида муқаррар нагардиданд.

Дар баробари ин дар Кодекси замини ҶШФСР аз соли 1991[272] ҳам асосҳои умумии қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва ҳам асосҳои махсуси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи иҷора ба қитъаи замин пешбинӣ карда шуданд. Зеро аллакай қонунгузории ҶШФСР заминро дар моликияти хусусии шаҳрвандон кафолат дода буд. Ҳамин тавр, дар фарқият аз Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон дар м. 39 Кодекси замини ҶШФСР (соли 1991) асосҳои зерини умумии қатъ гардидани ҳуқуқ ба қитъаи замин пешбинӣ гардид:

1) ихтиёран даст кашидан аз истифодаи қитъаи замин ё як қисми он, бегона намудани (фурӯхтани) он ба Шӯрои вакилони халқ;

2) гузаштани муҳлате, ки дар давоми он қитъаи замин ба истифода дода шуда буд;

3) қатъ гардидани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ё хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ);

4) мувофиқи таъинот истифода нагардидани қитъаи замин;

5) қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ, ки вобаста ба он қитъаи замини хизматӣ дода шудааст;

6) самаранок истифода набурдани қитъаи замин;

7) истифодаи қитъаи замин бо усулҳое, ки боиси паст шудани ҳосилхезии замин ва бад шудани вазъи экологии он мегардад;

8) мунтазам напардохтани андози замин ё маблағи иҷора;

9) дар давоми як сол истифода набурдани қитъаи замине, ки барои истеҳсолоти кишоварзӣ дода шудааст;

---

[272] Ведомости Съезда народных депутатов в Верховного Совета РСФСР от 30 мая 1991 г. – № 22. – ст. 768.

10) қатъ гардидани ҳуқуқ ба замини корхонаҳои кишоварзӣ ҳангоми аз заминҳои онҳо барои пешбурди хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҷудо намудани қитъаҳои замин;

11) гузаштани ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқуле, ки дар ин қитъаи замин ҷойгир аст;

12) гирифтани (харидани) қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва дигар эҳтиёҷот, инчунин бо мақсади ба шаҳрвандон додани онҳо;

13) вафоти соҳиби қитъаи замин ё иҷорагир.

Дар навбати худ, ҳуқуқи моликияти шаҳрвандон ба қитъаи замин метавонист дар ҳолатҳои зерин қатъ карда шавад:

1) ихтиёран даст кашидан аз истифодаи қитъаи замин;

2) вафот;

3) бегона намудани (фурӯхтани) қитъаи замин ба Шурои вакилони халқ. Фурӯши қитъаи замин ба Шурои маҳаллии вакилони халқ ягона тарзи иҷозатдодашуда бегона намудани қитъаи замин ба шахсони сеюм буд;

4) хариди маҷбурии (аз ҷумла, реквизитсияи) қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ;

5) гирифтани қитъаи замин дар ҳолатҳои: 1) истифода набурдани қитъаи тибқи тибқи таъинот; 2) истифодаи қитъаи замин бо усулҳое, ки боиси паст шудани ҳосилхезии замин ва бад шудани вазъи экологии он мегардад; 3) мунтазам напардохтани андози замин ё маблағи иҷора; 4) дар давоми як сол истифода набурдани қитъаи замине, ки барои истеҳсолоти кишоварзӣ дода шудааст;

6) тавассути гарави додашуда харида нашудани қитъаи замини ба бонки замин ба гарав гузошташуда, яъне қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба қитъаи замин бо роҳи нигаронидани рӯёниш ба предмети гарав. Ворид намудани ин банд бо манъи аҳдҳо оид ба бегона кардани қитъаҳои замин, ба истисноi ба сифати гарав додани онҳо шарҳ дода шудааст. Аммо гарави замин муддати дароз бетаъхир боқӣ мемонд.

Ҳуқуқи иҷора инчунин метавонист дар ҳолатҳои зерин қатъ карда шавад:

1) изҳори иродаи тарафҳо;

2) дар сурати вафоти молик ва набудани меросгир;

3) дар сурати вафоти иҷорагир ва набудани меросгире, ки мехоҳад аз ҳуқуқи афзалиятноки иҷора истифода барад[273].

Ҳамин тариқ, тибқи Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1990) падидаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин кафолати устувории мақоми субъектҳои муносибатҳои замин буд, дар ҳоле, ки қатъи фаъолияти субъект, ки ба ӯ қитъаи замин дода шудааст, ҳамчун асоси қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин эътироф карда шуд.

Дар баробари ин гарчанде ки Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1990) на танҳо ба муомилоти озоди қитъаҳои замин роҳ надод, балки

[273] Ниг.: Ромадин М.С. Основания и порядок прекращения прав на землю в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 20-22.

анҷом додани аҳдҳои ғайриқонунӣ бо қитъаи заминро низ ҳамчун асоси дигари қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин пешбини накард.

Ҳарчанд дар қатори дигар асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин гирифтани онро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва дар боби алоҳида танзим гардидани онро муқаррар намуд, вале бинобар сабаби дар моликияти давлатӣ қарор доштани замин асосҳои дигар ба монанди реквизитсия ва мусодираи қитъаи заминро бошад истисно намуд.

Новобаста аз ҳолатҳои болозикр, яке аз бартариятҳои Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1990) дар он аст, ки он нисбат ба Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1970) тартиби қатъи ҳуқуқ ба қитъаи заминро муфассалтар танзим кардааст.

Ҳамин тавр, марҳилаи шуравии қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин бо соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла, ҶТ ва қабули Конститутсия, инчунин Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, № 326 ба анҷом мерасад.

Дар заминаи таҳлили мавзуи мазкур якчанд хулосаҳои зарурӣ баровардан мумкин аст:

1. Тафовути марҳилаи шуравӣ аз давраҳои низоми ҳуқуқи мусалмонӣ ва империявӣ дар он ифода меёбад, ки дар ин давра аллакай онҳо дар сатҳи санадҳои қонунгузорӣ ба таври мушаххас мустаҳкам гардиданд. Ҳамзамон, дар заминаи онҳо тартиби қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи замин ба амал бароварда мешуд, ки ин амали қонунӣ ва одилонаи мақомоти давлатиро таъмин менамуд.

2. Доираи танзими муносибатҳои вобаста ба замин, махсусан дар қисмати асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон ба санадҳои дорои аҳаммияти умумииттифоқӣ асос меёфтанд. Махсусан он меъёрҳое, ки дар Асосҳои қонунгузории ИҶШС дар соҳаи замин муқаррар мегардид, айнан дар қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ифода меёфтанд. Бо ин назардошт бо таҳаввулоти дар ҳаёти ҷамъиятии халқҳои шуравӣ бамиёномада, махсусан гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX асосҳои нав барои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин ба миён омаданд.

3. Дар қонунгузории давраи шуравӣ пешбинӣ гардидани асосҳои мустақили қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар натиҷаи қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ, вафоти заминистифодабаранда, мунтазам напардохтани андози замин ё маблағи иҷора аз зумраи асосҳое мебошанд, ки дар шароити кунунӣ пешбинӣ гардидани онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ зарурати воқеӣ доранд.

Масалан, истифодабарандагони замин солҳои дароз қитъаи заминро истифода мебаранд вале пардохтҳоеро, ки қонунгузорӣ барои истифодаи он муқаррар намудааст, анҷом намедиҳанд. Ҳол он ки дар шароити номуайянии иқтисодӣ пардохти маблағӣ истифодаи замин (андози замин) барои ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ аҳаммияти калон дорад. Аз ин рӯ, пешбинӣ гардидани чунин чораи қонунии таъсиррасонӣ ба монанди қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо сабаби мунтазам

напардохтани андози замин дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба бартараф намудани ҳолатҳои болозикр мусоидат менамояд.

4. Бо дарназардошти таҳлили санадҳои қонунгузории ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон дар давраи шуравӣ пайхас намудан мумкин аст, ки падидаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин вобаста ба таҳаввулоти дар ҳаёти ҷомеа бавуҷудомада такмилу таҷдид гардидааст ва ниҳоят он ба таъмини истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои замини кишвар равона шудааст. Дар як навбат онҳо зимни таҳия ва қабули Кодекси замини ҶТ дар давраи соҳибистиқлолии кишвар заминаи воқеии амалию ҳуқуқӣ гузоштанд.

**Адабиёт:**


1. Абдурашитов Ф.М. Таърихи ислоҳоти аграрӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX – оғози асри XXI: монография. – Душанбе: Дониш, 2020. – 396 с.
2. Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи замин аз 28 феврали соли 1990. – М.: Политиздат, 1990. – 128 с.
3. Ведомости Верховного Совета СССР. – 1968. – № 51. – Ст. 485.
4. Ведомости Съезда народных депутатов в Верховного Совета РСФСР от 30 мая 1991 г.. – № 22. – ст. 768.
5. Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – 1990. – № 24 (1085).
6. Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – 1991. – № 1 (1086).
7. Декрет ВЦИК от 19 февраля 1918 г. «О социализации земли» // Собрание узаконений РСФСР. – 1918. – № 25. – Ст. 346.
8. Декрет ВЦИК от 26 октября 1917 г. «О земле» // СУ РСФСР. – 1917. – № 1. – Ст. 3.
9. Ерофеев Б.В. Советское земельное право. – М.: Высшая школа, 1965. – 394 с.
10. Земельный кодекс РСФСР (утв. Постановление ВЦИК от 30 октября 1922 г. «О введении в действие Земельного кодекса, принятого на 4 сессии IX созыва») // СУ РСФСР. – 1922. – № 68. – Ст. 901.
11. Кассо Л.Л. Русское поземельное право. – М., 1906. – 260 с.
12. Қонуни ИҶШС «Дар бораи моликият дар ИҶШС» аз 6 марти соли 1990. – М.: Политиздат, 1990. – 128 с.
13. Минина Е.Л. Становление и развитие земельного законодательства в нормативных актах советской эпохи // Аграрное и земельное право. – 2016. – № 7 (139). – С. 16-29.
14. Ромадин М.С. Основания и порядок прекращения прав на землю в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 20-22.
15. Собрание законов СССР. – 1929. – № 69. – Ст. 642.
16. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 396 с.
17. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон (гурӯҳи муаллифон). – Душанбе, 2005. – С. 235.

18. Тоҷидинов М.А. Асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқ ба қитъаи замин дар давраи шуравӣ ва давраи муосир: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 29-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Конститутсия – заминаи рушди низоми самараноки идоракунии давлатӣ» (1-уми ноябри соли 2023) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С. – Душанбе: Матбааи АИДНПҶТ, 2023. – С. 168-178.

19. Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 260 с.

20. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. – 584 с.

21. Ящук Т.Ф. Земельный кодекс РСФСР 1922 года – первый кодифицированный акт в истории российского земельного законодательства // Вестник РУДН. – 2022. – Т. 26. – № 4. – С. 938-958.

# ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

## ТАҲЛИЛИ КРИМИНОЛОГИИ ХУСУСИЯТҲОИ ШАХСИЯТИ ҶИНОЯТКОР ВА АНГЕЗАҲОИ ДУЗДӢ ДАР БАЙНИ НОБОЛИҒОН

**Назаров Аваз Кувватович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Тел.:** 907-96-74-76
**Email:** avazjonn@mail.ru

**Каримзода Азиз Абдуҳалим,**
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, тиҷорат ва сиёсати Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, экспертизаи судӣ ва мубориза бо коррупсия
**Тел.:** 907-96-74-76
**Email:** avazjonn@mail.ru

**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба омӯзиши хусусиятҳои шахсиятии ноболиғони ҷиноятсодиркунанда, бахусус дар мавриди дуздӣ, бахшида шудааст. Муаллиф хусусиятҳои синнусолӣ, ҷинсӣ ва равонии ноболиғонро таҳлил намуда, омилҳои муҳити иҷтимоӣ, ангезаҳои дохилӣ ва механизмҳои ташаккули рафтори девиантӣ ва ҷиноятиро равшан месозад. Ҳамзамон, ба омилҳои психологии дуздӣ ва фарқиятҳои рафтори духтарон ва писарон дар содир кардани он таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Мақола зарурати амалҳои пешгирикунандаи ҳамаҷонибаро таъкид мекунад.

**Калидвожаҳо:** Ноболиғон, дуздӣ, криминология, рафтори девиантӣ, ангеза, шахсияти ҷинояткор, равоншиносӣ, пешгирӣ, омилҳои криминогенӣ.

# КРИМИНОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ЛИЧНОСТНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ ПРЕСТУПНИКА И МОТИВОВ КРАЖ СРЕДИ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ

**Назаров Аваз Кувватович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности, доктор юридических наук, профессор
**Тел.:** 907-96-74-76
**Email:** avazjonn@mail.ru

**Каримзода Азиз Абдухалим**
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, юридический факультет, соискатель кафедры уголовного права, судебной экспертизы и противодействия коррупции
**Тел.:** 907-96-74-76
**Email:** avazjonn@mail.ru

**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются особенности личности несовершеннолетних преступников, совершающих кражи, с точки зрения криминологии, психологии и социальных факторов. Анализируются возрастные, половые и психологические характеристики преступного поведения подростков, выявляются ключевые мотивационные механизмы и причины склонности к девиантному и криминальному поведению. Особое внимание уделяется ранним проявлениям деструктивного поведения, гендерным различиям и социальной уязвимости подростков, вовлечённых в преступную деятельность. Статья подчёркивает необходимость комплексного подхода в профилактике подростковой преступности.

**Ключевые слова**: Несовершеннолетние, кража, криминология, девиантное поведение, мотивация, личность преступника, психология, профилактика, криминогенные факторы.

# CRIMINOLOGICAL ANALYSIS OF THE CRIMINAL'S PERSONALITY TRAITS AND MOTIVES FOR THEFT AMONG MINORS

**Nazarov Avaz Kuvvatovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of Criminalistics and Forensic Expertise, Doctor of Law, Professor
**Phone.:** 907-96-74-76
**Email:** avazjonn@mail.ru

**Karimzoda Aziz Abduhalim,**
Tajik State University of Law, Business and Politics, Faculty of Law, PhD Candidate at the Department of Criminal Law, Forensic Expertise, and Anti-Corruption
**Phone.:** 907-96-74-76
**Email:** avazjonn@mail.ru

**Reviewer:** Azizzoda U.A., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** This article examines the characteristics of juvenile offenders who commit theft, focusing on criminological, psychological, and social aspects. It explores age-specific, gender-based, and psychological traits influencing criminal behavior among adolescents. The study highlights the motivational structure behind deviant behavior, early signs of criminal tendencies, and the role of socio-environmental factors. Special attention is given to the psychological mechanisms of theft, gender differences in motives, and the social vulnerability of juvenile delinquents. The article emphasizes the need for comprehensive preventive measures to reduce youth crime.

**Keywords:** Juveniles, theft, criminology, deviant behavior, motivation, criminal personality, psychology, prevention, criminogenic factors.

Хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор як маҳакҳои муҳим ва асосии илми криминология мебошад, ки дар раванди пешниҳод кардани чораҳои пешгирии ҷиноятҳо нақши ҳалкунанда дорад. Хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор метавонанд ҳамчун робитаҳои сабабӣ миёни амалҳои ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои онҳо ва инчунин муайян намудани хусусиятҳои кирдор ва равонии шахсони ҷиноятсодиркарда таъриф карда шаванд[274].

Таҳлили хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор имконият медиҳад, ки фаъолият ва рафтори шахсро дар ҷараёни содир кардани ҷиноят ва таъсирҳои он бар ҷамъият тавсиф намоем.

Шахсияти ҷинояткор метавонад ҳамчун маҷмуи унсурҳои равонӣ, ахлоқӣ ва физиологӣ, ки дар маҷмуъ кирдори ҷинояткорро муайян мекунанд, таъриф карда шавад. Ба ақидаи В.Н. Кудрявсев, барои таҳлили хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор бояд ба маълумоти зерин диққат дода шавад[275]:

1. Кирдорҳои шахсияти шахсияти ҷинояткор;
2. Омилҳое, ки боиси содир шудани ҷиноят гардидаанд;
3. Хусусиятҳои психологии шахсияти ҷинояткор.

Омиле, ки дар ҳаёти шахсияти ҷинояткор муҳим ва муассир буда, ба рафтор ва кирдорҳои ӯ таъсир мерасонанд[276].

---

[274] Ниг.: Ситковская О.Д., Конышева Л.П. Психологическая экспертиза несовершеннолетних в уголовном процессе. Научно-методическое пособие. – М., 2001. – 267 с.
[275] Ниг.: Криминология. Особенная часть: учеб. пособие / Бурмакина О.С. [и др.]; под ред. В.Я. Рыбальской. – Иркутск: ИГЭА, 2001. – 307 с.
[276] Ниг.: Кудрявцев, В.Н. Стратегии борьбы с преступностью. – М.: ЮРАЙТ, 2003. – 350 с.

Аз дидгоҳи илмии криминологӣ, таҳлили шахсияти ҷинояткори ноболиғон бо дарназардошти омилҳои ҷинсӣ (мард ва зан) фарқияти ҷиддие нишон намедиҳад. Тибқи маълумоти оморӣ, дар байни ҳамаи ноболиғони маҳкумшуда – ҳам писарон ва ҳам духтарон содиршавии ҷинояти дуздӣ мавқеи аввалро ишғол мекунад. Ба ҳисоби миёна, тақрибан 45 фисади ҷинояткорӣ байни ноболиғон аз ҳисоби ҷиноятҳои дуздӣ баромад мекунад.

Дуздӣ ҳамчун ҷинояти бештар паҳншуда дар байни ноболиғон, хусусан дар муҳити криминогенӣ, яке аз шаклҳои рафтори хавфноки девиантӣ ба шумор меравад. Механизми содиршавии он аз тарафи ноболиғон вобаста ба омилҳои гуногун мебошад амалӣ карда мешавад, аз ҷумла ҳавасҳои шахсӣ, сатҳи пасти назорати волидайн, омилҳои ахлоқӣ, равонӣ ва таъсири муҳити иҷтимоӣ.

Мақсад ва ангезаҳои содиркунии дуздӣ аз ҷониби духтарони ноболиғ нисбатан мушаххас мебошанд. Онҳо бештар бо ҳадафи қонеъсозии талаботи шахсӣ ба монанди дастрасӣ ба либосҳои муд, косметика, ҷавоҳирот ва дигар ашёи зебоӣ ба дуздӣ даст мезананд. Яъне ин навъи ҷиноят аз тарафи духтарон асосан характери таъмини манфиатҳои шахсӣ дорад.

Баръакси ҳолро дар ҷинси мард дидан мумкин аст. Писарони ноболиғ бештар бо ангезаи ба даст овардани маблағ ё бо нияти иқтисодӣ яъне бойшавӣ, ба дуздӣ машғул мешаванд. Аз ин рӯ, духтарон маъмулан чизҳоеро медузданд, ки истифодаи мустақиман шахсӣ доранд ва баъдан худи онҳо онро истифода мебаранд.

Таҳлилҳои криминалогӣ нишон медиҳанд, ки духтароне, ки дар синни ноболиғӣ ба содиркунии ҷиноятҳо даст мезананд, дар муқоиса бо писарон осебпазирии баланди иҷтимоӣ доранд. Барои онҳо хоси беэҳтиромӣ ба арзишҳои умумӣ, муносибати манфӣ ба меъёрҳои рафтор, беэътиноӣ ба шаъну шарафи дигарон ва сустии ахлоқии шахсӣ мебошад. Дар чунин шахсиятҳо равандҳои деформатсияи шахсӣ равшантар инкишоф меёбанд, ки ин ҳолат дар синни ҷавонӣ, ҳатто дар қиёс бо писарон, бештар дида мешавад[277].

Усулҳои содиркунии дуздӣ аз ҷониби духтарони ноболиғ, хусусиятҳои хоси худро доранд. Дар чунин ҳолатҳо, ин гурӯҳи ноболиғон аз ду ҷониб ба кирдорҳои ҷиноятӣ ҷалб карда мешаванд: аз як тараф, онҳо худ ҳамчун қурбонии зӯроварӣ ва ҷиноятҳои дигар, аз ҷумла зӯроварии ҷинсӣ қарор мегиранд, ва аз ҷониби дигар, дар нақши субъектҳои фаъол дар содиркунии дуздӣ зоҳир мешаванд.

Мақсади содиркардани дуздӣ аз ҷониби ноболиғони ҷинси мард истифодаи воситаҳои алкаголи ва ё дастраснамудани телефонҳои мобилӣ ё ин, ки бозиҳои компютерӣ мебошад.

Ин шакли ҷиноят дорои хавфи зиёд буда, на танҳо аз ҷиҳати модӣ, балки аз назари амнияти шахсӣ ва ахлоқӣ низ паёмадҳои ҷиддӣ дорад. Шакли мазкури дуздӣ метавонад паёмадҳои гуногунро ба миён орад.

---

[277] Ниг.: Маленкова Л.И. Проблемы перевоспитания педагогически запущенных девочек-подростков. – С. 66.

Илова бар ин, иштирокчиёни чунин кирдорҳо, ки аксар вақт ноболиғанд, дар ҳолати дучори истисмор ва муҳити дорои хатар қарор доранд, ки ин вазъ боз ҳам сатҳи ҷинояткорӣ ва осебпазирии иҷтимоии онҳоро шадидтар мегардонад[278]. Масалан, дар муҳити хушунати оилавӣ ки дар шакли зуроварии иқтисоди зуҳур меёбад бештар ноболиғон даст ба дуздӣ мезананд.

Хусусиятҳои синнусолии шахсияти ҷинояткор дар таҳқиқоти криминологӣ аҳамияти бузург доранд. Огоҳӣ аз ин омил имкон медиҳад, ки чорабиниҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон мақсаднок ва муассир ба роҳ монда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти криминологӣ нишон медиҳанд, ки синну соли шахсони ноболиғе, ки ҷинояти дуздиро содир мекунанд, одатан ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешавад: гурӯҳи 14-15-сола; гурӯҳи 16-18-сола.

Ин тақсимбандӣ имконият медиҳад, ки хислатҳо ва ангезаҳои ҷинояткоронаи ҳар як гурӯҳи синнусолӣ муфассал таҳлил шаванд ва чораҳои профилактивӣ бо дарназардошти хусусиятҳои рушди омилҳои равонӣ ва муҳити иҷтимоии онҳо татбиқ гарданд. Зеро омилҳое, ки ба рафтори ҷиноятӣ дар синни 14-15 таъсир мерасонанд, метавонанд аз омилҳои таъсиргузор дар синни 16-18 фарқ дошта бошанд.

Сатҳи содиршавии дуздӣ дар байни ноболиғони гурӯҳи синнусолии 14-15-сола дар фарқият аз синни 16-17-сола ба маротиб поёнтар аст. Ин омил пеш аз ҳама гувоҳи он аст, ки барои содир намудани дуздӣ набудани талаботи баланди ахлоқӣ, равонӣ, ҷисмонӣ ва таҷрибаи иҷтимоӣ хос аст. Яъне, дуздӣ ҳамчун ҷиноят метавонад аз ҷониби ноболиғон бидуни омодагии ҷиддӣ ва сатҳи баланди шахсияти ташаккулёфта анҷом дода шавад.

Таҳлили натиҷаҳои илмии кримнологӣ нишон медиҳад, ки аксари зуҳуроти ҷинояткории ноболиғон аз содир кардани дуздӣ дар синни 14-15 солагӣ оғоз меёбанд. Дар шароити паст будани самаранокии чораҳои пешгирикунанда, чунин ҷиноятҳо метавонанд ҳамчун зинаи аввалини ташаккули таҷрибаи ҷиноятӣ хизмат кунанд. Бо мурури замон, ин таҷриба мустаҳкам шуда, замина барои содир кардани ҷиноятҳои вазнинтар, аз ҷумла ҷиноятҳои дорои хусусияти зӯроварона мегардад.

Бояд қайд кард, ки қисми зиёди ноболиғоне, ки дар синни 14-18солагӣ ба содир кардани дуздӣ даст мезананд, дар оянда аз тарафи онҳо эҳтимоли содир кардани ҷиноятҳои роҳзанӣ ва ғоратгарӣ ба миён меояд. Ин гувоҳи он аст, ки решаҳои рафтори девиантӣ дар онҳо дар раванди хурдсоли ва ё ноболиғи ба миён омадаанд.

Таҳқиқотҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки зуҳуроти аввалини дуздӣ дар байни ноболиғон аксаран дар синни хурдсолӣ пайдо мешавад. Агар чунин рафтор сари вақт ва бо чораҳои муассир рафъ нагардад, дар ниҳоди наврас як навъи одати устувори гирифтани ашёи бегона ва мансуб донистани он ба худ ташаккул меёбад. Ин одат, бо мурури замон, ба шакли рафтори доимии дуздӣ мубаддал мегардад ва дар синни ҷавонӣ махсусан пас аз 18 солагӣ ҳамчун тамоюли устувори ҷиноятӣ зуҳур мекунад.

---

[278] Ниг.: Денисевич О. Древнейшая на распутье // Щит и меч. – 1995. – № 48.

Дар раванди омӯзиш ва муқоисаи ҷинояти дуздӣ бо дар назардошти омилҳои синнусолии шахсони ҷиноятсодиркунанда, қонуниятҳои зерин ба мушоҳида расиданд:

1. Тағйирёбии шаклҳои тасарруф ва ё предмети тасарруф бо мурури замон. Баъзе шаклҳои классикии тасарруф ба монанди дуздии маҳсулоти озуқа ё ашёи рӯзмарра тадриҷан ба дигар шаклҳои тасарруф иваз карда мешаванд. Таваҷҷуҳ ба ашёҳои гаронбаҳо оҳиста-оҳиста зиёд мешавад, масалан, телефони мобилии гаронбаҳо, либоси брендӣ, ҷавоҳирот ва ғайра. Дар ҳамин замина шаклҳои тасарруф низ эҳтимоли тағйир ёфтанро доранд, масалан содир кардани роҳзанӣ, ғоратгарӣ, қаллобӣ.

2. Майли содир кардани ҷиноятҳои вазнинтар: Дар давраи ноболиғӣ, бахусус дар синни 16-18-солагӣ, баъзе ноболиғон кӯшиши дуздидани силоҳи сард ё оташфишонро мекунанд. Ин амалҳо аксаран ҳамчун омодагӣ ба ҷиноятҳои вазнинтар, ба мисли роҳзанӣ ва ғоратгарӣ, ба қайд гирифта мешаванд.

3. Тағйирёбии предмети дуздӣ вобаста ба синну сол: Ҳангоми ба синну соли болотар расидани ноболиғон, шакли предмети дуздӣ низ тағйир меёбад. Ноболиғони синну соли 14-16 бештар ашёи хурдҳаҷм ва арзонро медузданд, дар ҳоле ки ноболиғони калонсолтар ба дуздии ашёи гаронбаҳо майл пайдо мекунанд.

4. Фарқиятҳои омилҳои гендерӣ: Писарон нисбат ба духтарон дар содир кардани дуздӣ шуҷоътар ва ҷасуртар мебошанд. Ин ҷасорат метавонад натиҷаи омилҳои равонӣ ва муҳити иҷтимоии таъсиррасон бошад.

5. Такроршавии дуздӣ вобаста ба ҷинс: Ноболиғони ҷинси мард майл ба содир кардани дуздии предметҳои арзиши зиёддоштаро доранд, дар ҳоле ки духтарон бештар дуздии предметҳои арзишашон камро доранд, такрори содиркардани дуздӣ бештар дар ҷинси ноболиғони мард дида мешавад. Ин нишон медиҳад, ки рафтори ҷиноятии онҳо бештар хусусияти ғаразнокиро касб мекунад.

6. Омилҳои равонӣ дар ташаккули кирдори ҷиноятӣ. Механизми кирдори ҷиноятии инфиродӣ дар бисёре аз ҳолатҳо бо нуқсонҳои рӯҳӣ алоқаманд аст. Гарчанде ки ин нуқсонҳо ба дараҷаи вазъи бемории равонӣ алоқаманд нестанд ва ақли мукаллафиро истисно намекунанд, вале боиси тағйироти шахсият ва дуршавӣ аз рафтори муқаррарии иҷтимоӣ мешаванд. Ин тағйирот метавонанд замина барои ташаккули мақсадҳои девиантӣ ва криминогенӣ гарданд[279].

Нақши нуқсонҳои рӯҳӣ дар ташаккули рафтори ҷиноятӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо қобилияти шахсро дар дарки воқеият, назорати ҳиссиёт ва танзими рафтори инфиродӣ коҳиш медиҳанд. Ба ибораи дигар, арзиши криминогении ин нуқсонҳо дар он аст, ки онҳо, дар ҳамоҳангӣ бо дигар омилҳои иҷтимоиву равонӣ, ба сифати шароити дохилии мусоид барои ташаккули кирдори ҷиноятӣ баромад мекунанд.

---

[279] Ниг.: Антонян Ю.М., Бородин С.В. Преступное поведение и психические аномалии / Под ред. В.Н. Кудрявцева. – М., 1998. – С. 8.

Таҳқиқотҳои криминологӣ нишон медиҳад, киноболиғоне, ки даст ба дуздӣ мезананд, дар бисёре аз ҳолатҳо дорои аломатҳои нуқсонҳои рӯҳӣ мебошанд. Ин гурӯҳи наврасон ба таъсирҳои манфии муҳити иҷтимоӣ осебпазиртар буда, зудтар ба муҳитҳои девиантӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятӣ ҷалб мегарданд. Ин нуқсонҳо, одатан, дар натиҷаи ҳолатҳои мушаххаси травматикӣ дар ҳаёти шахс, масалан, хушунати оилавӣ, беаҳамиятии падару модар, фишори муҳити иҷтимоӣ ва тарбияи нодуруст, пайдо мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо, шахс назорати худро аз болои рафтор гум мекунад, қобилияти муқовимат ба таъсири дигарон махсусан дар гурӯҳҳои ҷиноятӣ заиф мегардад ва иродаи шахсӣ ба таври назаррас коста мешавад.

Яке аз сабабҳои маъмултарини ташаккули нуқсонҳои рӯҳӣ дар байни ноболиғон истифодаи бармаҳали нӯшокиҳои спиртӣ мебошад. Истифодаи мунтазами алкогол дар синни ноболиғӣ ба коҳиши қобилияти танзими импулсҳо ва рафторҳои инстинктивӣ оварда мерасонад. Дар натиҷа, шахс ба амалҳои ҷиноятӣ бештар майл пайдо мекунад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳавасмандии криминогенӣ ҳамчун раванди сохтакорӣ ва пайдоиши ангезаи ҷиноят муайян карда мешавад[280].

Маълум аст, ки мақсади ҷинояткорӣ маъно нияти фаъолияти инсонро дар раванди содир кардани ҷиноят доранд, масалан, «инсон рафтори худро чӣ тавр мефаҳмад, онро бо кадом ҳолатҳо мепайвандад, бо иҷрои амали муайян ба кадом мақсад ноил шудан мехоҳад»[281]. Ғайр аз он, дар ҳамаи ҳолатҳое, ки зарурати муайян кардани сабабҳои воқеии кирдор вуҷуд дорад, муайян кардани хусусияти ангеза (мотив) низ зарур аст. «Танҳо бо дарназардошти хусусияти ангезае, ки шахс дар фаъолияти худ истифода мебарад, мумкин аст моҳияти воқеии рафтори тафтишшаванда, табиати шуури ҳуқуқии ӯ ва равиши рафтори ӯро дуруст дарк кард»[282]. Мақсад, мавқеи иҷтимоии шахс, ақида, идеал ва ҷаҳонбинии ӯро инъикос мекунад. Дар ин ҷо алоқаи равшани мақсад бо тамоми симои ахлоқии шахс, хосиятҳо ва сифатҳои ҷамъиятии ӯ, ки ба танзими моҳияти рафтор таъсир мерасонанд, ба назар мерасад[283].

Таҳқиқоти эмпирикӣ нишон медиҳад, ки сохтори ангезаҳои криминогенӣ дар миёни ноболиғоне, ки дуздӣ содир кардаанд, нисбат ба тасаввуроти соддакардашуда мураккабтар ва дорои маҳакҳои зиёд мебошад. Натиҷаҳои пурсиш, ки дар байни шахсони маҳкумшуда барои дуздӣ (ки аллакай ҷазои маҳрумият аз озодиро паси сар кардаанд) гузаронида шуда, имкон дод, ки намунаи ангезаҳои ин амали ҷиноятӣ муайян карда шавад. Сабаб дар он аст, ки ҳангоми пурсиш ба иштирокчиён имконият дода шуд, ки ҳамаи ангезаҳои эҳсосшудаи худро дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят зикр намоянд. Ин усули ҷамъоварии иттилоот имкон дод, ки сохтори мураккаби ангезаҳои криминогенӣ ошкор

---

[280] Ниг.: Механизм преступного поведения. – М., 1981. – С. 39.

[281] Волков Б.С. Мотивы преступлений (Уголовно-правовое и социально-психологическое исследование). – Казань, 1982. – С. 3.

[282] Ветров Н.И. Использование криминологических данных о молодых правонарушителях в деятельности органов внутренних дел. – М., 1990. – С. 24.

[283] Ниг.: Тарарухин С.А. Криминологические аспекты изучения мотивации преступного поведения // Труды ВНИИ МВД СССР. – М., 1979. – № 52. – С. 32.

гардад. Маълум шуд, ки механизми рафтори ҷиноятӣ на ба як ангезаи мушаххас, балки ба маҷмуи омилҳо такя мекунад, ки онҳо дар ҳамбастагӣ ба ташаккули тасмими содир кардани ҷиноят оварда мерасонанд.

Дар назарияи муосири криминологӣ ангезаҳои тасарруфи молу мулкро метавон дар шаклҳои зерин тасниф намуд:

1. Азонихудкунии моликияти бегона – ангезае, ки шахс бо нияти ҷамъоварии сарват ва моликияти моддӣ даст ба дуздӣ мезанад;

2. Паразитизми азхудкунӣ – ангезаи вобаста ба хоҳиши зиндагии бе меҳнат, бо истифода аз захираҳои дигарон;

3. Бепарвоёна муносибат бо моликияти бегона – омезиши тамаъҷӯӣ бо сатҳи пасти масъулияти иҷтимоӣ ва шахсӣ (бепарвоӣ нисбат ба қонун ва ахлоқ);

4. Азонихудкунӣ дар шакли эҳтиёҷмандӣ – ангезае, ки дуздӣ ҳамчун роҳи бароварда сохтани эҳтиёҷоти асосӣ (либос, озуқа, маблағ барои рӯзгузаронӣ) дида мешавад;

5. Тасаруфи иҷтимоӣ – ҳолате, ки шахс барои таъмин кардани мавқеи иҷтимоии худ дар муҳити атроф (пеш аз ҳама дар байни ҳамсолон) дуздӣ мекунад;

6. Тасаруфи истеъмол – навъи ангеза, ки шахс бо сабаби таъсири идеологияи истеъмолгароӣ (масалан, доштани ашёи брендӣ, таҷҳизоти гаронбаҳо) даст ба дуздӣ мезанад.

Ҳар кадоме аз ин навъҳои ангеза дар ҳолатҳои гуногун бо хислатҳои шахсӣ, сатҳи инкишофи иҷтимоӣ ва муҳити зиндагии шахси ноболиғ иртибот мегиранд. Ин нишон медиҳад, ки ангезаҳои криминогенӣ якбора чандсоҳа буда, ба таври мураккаб дар зеҳни шахс ташаккул меёбанд ва метавонанд мутобиқи муҳит ва шароити зиндагии ноболиғ тағйир ёбанд[284].

Таҳқиқи криминологии дуздӣ ҳамчун шакли тасаруф, ки на танҳо бо ангезаҳои иқтисодӣ, балки бо қасосгирӣ алоқаманд аст, ба равшан кардани паҳлӯҳои мураккаби рафтори ҷиноятии ноболиғон ва калонсолон мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва амалияи судӣ нишон медиҳанд, ки дар бисёр ҳолатҳо дуздӣ на танҳо як воситаи ба даст овардани фоида, балки вокуниш ба муносибатҳои мунокишавӣ байни шахс ва ҷабрдида мебошад. Яъне, дар сохтори чунин ҷиноятҳо ангезаи қасосгирӣ низ ҷой дорад, ки онро метавон як намуди интиқоми молумулкӣ номид.

Қасосгирӣ ҳамчун ангезаи криминогенӣ – ин изҳори норозигӣ ва хоҳиши ба даст овардани молу мулки шахси дигар бо роҳи қасди расонидани зарари молумулкӣ ба шахсе мебошад, ки ба назари ҷинояткор, дар гузашта нисбати ӯ ё хешовандонаш рафтори беадолатона ё таҳқиромез зоҳир намудааст.

Дар амалияи судӣ-тафтишӣ, чунин дуздиҳо дар ҳолатҳое ба қайд гирифта мешаванд, ки махсусан ноболиғон, пас аз мунокиша, таҳқир,

[284] Ниг.: Старков О.В. О причинном механизме корыстного преступного поведения // Новое уголовное законодательство и проблемы борьбы с преступлениями против экономической системы. Учеб.-метод. мат. по курсу «Советское уголовное право». – Горький, 1984. – С. 39-40.

раддии кӯмак ё дигар ҳолатҳои эҳсосии манфӣ, тасмим мегирад, ки амволи шахси дигарро ҳамчун воситаи муҷозот аз они худ кунад.

Дуздӣ бо ангезаи қасос на танҳо масъалаи ҳуқуқӣ, балки нишонаи равшани деформатсияи системаи арзишҳои шахсӣ мебошад. Вақте шахс амалҳои ғайриқонунӣ дуздиро ҳамчун роҳи одилонаи ҳал кардани ихтилофҳо мебинад, ин нишондиҳандаи паст будани сатҳи тарбия, масъулияти ҳуқуқӣ ва камбуди механизмҳои танзими эҳсосии шахс мебошад[285].

Одатан, чунин намудҳои дуздӣ аз ҷониби ноболиғон дар ҷойҳои ҷамъиятии, ба монанди кӯчаҳо, бозорҳо ва нақлиёти ҷамъиятӣ содир мешаванд. Дар марҳилаи аввал, онҳо ҳамчун дуздиҳои ғайринақшавӣ зоҳир мегарданд, вале дар раванди такрори чунин рафтор, шакли дуздии бо нишонаҳои авбошӣ ба худ мегиранд.

Дар чунин ҳолатҳо, мақсади асосии ҷинояткор на танҳо ба даст овардани мол, балки изҳори шахсияти худ ва нишон додани бартарӣ, ҷасорат нисбат ба дигарон мебошад. Яъне, ҷиноят ҳамчун воситаи баён ё тасвири манзалати шахсӣ амал мекунад. Аз ин рӯ, чунин кирдорҳо бештар хоси шахсоне мебошанд, ки дорои сатҳи пасти худтанзимкунӣ, беэҳтиромӣ ба қонун, паст будани маърифат ва дуршавӣ аз арзишҳои ахлоқии ҷомеа мебошанд.

Ноболиғоне, ки чунин рафторро нишон медиҳанд, одатан хислатҳои зеринро доро мебошанд: худбоварии сунъӣ ва зоҳирӣ; беэҳтиромӣ ба арзишҳо ва қоидаҳои ахлоқии ҷамъиятӣ; майл ба худнамоӣ ва худнамоишдиҳӣ.

Ин гуна рафтор метавонад нишондиҳандаи деформатсияи шуур дар рафтори иҷтимоӣ шахсияти ноболиғ ва ҷустуҷӯи нақш ё мақоми бардурӯғ дар муҳити ҳамсолон бошад.

Дар ҷараёни омӯзиши ангезаҳои дуздӣ, маълум гардид, ки қисмати муайяни онҳо бо унсурҳои ба истилоҳ муносибати иҷтимоӣ рабт додаанд: барқарор кардани адолат; ҳимоят аз дӯст; ҷавоб ба таҳқир.

Дар назари аввал, чунин ангезаҳо хусусияти мантиқии иҷтимоӣ доранд ва аз нигоҳи шахси ноболиғ ҳамчун шахси одил арзёбӣ мешаванд. Аммо дар асл, ин ангезаҳо зери таъсири тасаввуроти нодуруст дар бораи адолат, эҳсоси шахсии таҳқир ва механизмҳои ноустувори иҷтимоӣ-равонӣ ташаккул ёфтаанд.

Ин ангезаҳо, ки дар зоҳир хусусияти адолатталабона доранд, дар асл ба пӯшонидани ҳадафҳои воқеан криминогенӣ дар шакли изҳори хашм, кина, худнамоӣ, ва ҳавасмандии импулсивӣ ба гирифтани чизе, баромад мекунанд.

Падидаи дуздии дорои ангезаҳои авбошона ва мусбати иҷтимоӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки дар таҳлили криминологӣ бояд на танҳо натиҷаи ҷиноят, балки манбаъҳои ангезавии пинҳон ва сохтори дохилии шахсият мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шаванд.

Ҳамин гуна ҳолатҳо равшан месозанд, ки рафтори ҷиноятӣ дар ноболиғон аксар вақт бар пояи омехтаи омилҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва

---

[285] Старков О.В. Основы криминологии. – Уфа, 1997. – С. 149-150.

ахлоқӣ ташаккул меёбад, ки онҳо метавонанд ҳатто зери ниқоби амалӣ гарданд[286].

Ба ақидаи муҳаққиқи маъруфи соҳаи криминология ва психология М.В. Демин, ангезаҳои фаъолияти инсон дорои хусусияти дугона мебошанд: бошуурона ва бешуурона. Гарчанде ки дар шароити муқаррарии фаъолияти одамон, ангезаҳои бошуурона нақши асосӣ ва бартарӣ доранд, таҳлили рафтори ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки ин раванд назар ба он чӣ дар зоҳир менамояд, хеле мураккабтар аст. Ба гуфтаи М.В. Демин «Ҳатто он ангезаҳое, ки мо онҳоро бошуурона меҳисобем, дар таркиби худ унсурҳои беидрок, ирратсионалӣ доранд ва наметавонанд комилан воқеона арзёбӣ шаванд».

Дар ангезаҳои фаъолияти инсон, хоса дар шароити содиршавии ҷиноят, ҷузъҳои бошуурона ва бешуурона танҳо паҳлуҳои ҷудогона мебошанд, балки дар робитаи диалектикӣ қарор доранд, ки аз як тараф, ҳамдигарро тақвият медиҳанд, масалан, ҳисси хашм метавонад ангезаи адолатро зиёд намояд. Аз тарафи дигар, дар зери таъсири муборизаи ботинӣ дар баъзе ҳолатҳо шахс кӯшиш мекунад ангезаи ношоистаро ба воситаи маърифати ахлоқӣ фурӯ нишон диҳад[287].

Дар охир ба хулосаҳои омад қайд кардан зарур аст, ки таҳлили криминологии дуздӣ дар байни ноболиғон нишон медиҳад, ки кирдори ҷиноятӣ дар ин гурӯҳ натанҳо натиҷаи омилҳои иҷтимоӣ, балки баромада аз мушкилоти равонӣ, ахлоқӣ ва муҳити оилавӣ мебошад. Шахсияти ҷинояткори ноболиғ ҳамчун маҷмуи мураккаби хусусиятҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва физиологӣ зуҳур мекунад, ки таҳти таъсири омилҳои гуногун шакл мегирад.

Ангезаҳои дуздӣ дар байни ноболиғон дорои табиати гуногунанд, аз ниёзҳои иқтисодӣ то изҳори қасос ва худнамоӣ. Писарон ва духтарон бо ангезаҳои мухталиф дуздӣ мекунанд, ки аксар вақт бо сатҳи пасти тарбия, набудани назорати волидайн ва муҳити носолими иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд. Таъсири омилҳои синнусолӣ, равонӣ ва гендерӣ дар ташаккули рафтори ҷиноятӣ аҳамияти калидӣ доранд ва метавонанд роҳнамои муассир барои чорабиниҳои пешгирикунанда бошанд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дуздӣ дар синни ноболиғи метавонад оғози марҳилаи ҷинояткории устувор гардад, агар чораҳои саривақтӣ ва самаранок андешида нашаванд. Аз ин рӯ, фаҳмидани сабабҳо ва ангезаҳои дохилии шахсият дар содиркунии дуздӣ барои тарҳрезии сиёсати ҷиноятӣ, таълимӣ ва иҷтимоии самаранок дар самти коҳиши ҷинояткории ноболиғон зарур мебошад.

**Адабиёт:**

1. Антонян Ю.М., Бородин С.В. Преступное поведение и психические аномалии / Под ред. В.Н. Кудрявцева. – М., 1998. – С. 8.
2. Ветров Н.И. Использование криминологических данных о молодых

[286] Ниг.: Кузнецова Н.Ф. Проблемы криминологической детерминации / Под ред. В.Н. Кудрявцева. – М., 1984. – С. 58.
[287] Ниг.: Демин М.В. Природа деятельности. – М., 1984. – С. 117.

правонарушителях в деятельности органов внутренних дел. – М., 1990. – С. 24.

3. Волков Б.С. Мотивы преступлений (Уголовно-правовое и социально-психологическое исследование). – Казань, 1982. – С. 3.
4. Демин М.В. Природа деятельности. – М., 1984. – С. 117.
5. Денисевич О. Древнейшая на распутье // Щит и меч. – 1995. – № 48.
6. Криминология. Особенная часть: учеб. пособие / Бурмакина О.С. [и др.]; под ред. В.Я. Рыбальской. – Иркутск: ИГЭА, 2001. – 307 с.
7. Кудрявцев, В.Н. Стратегии борьбы с преступностью. – М.: ЮРАЙТ, 2003. – 350 с.
8. Кузнецова Н.Ф. Проблемы криминологической детерминации / Под ред. В.Н. Кудрявцева. – М., 1984. – С. 58.
9. Маленкова Л.И. Проблемы перевоспитания педагогически запущенных девочек-подростков. – С. 66.
10. Механизм преступного поведения. – М., 1981. – С. 39.
11. Ситковская О.Д., Конышева Л.П. Психологическая экспертиза несовершеннолетних в уголовном процессе. Научно-методическое пособие. – М., 2001. – 267 с.
12. Старков О.В. О причинном механизме корыстного преступного поведения // Новое уголовное законодательство и проблемы борьбы с преступлениями против экономической системы. Учеб.-метод. мат. по курсу «Советское уголовное право». – Горький, 1984. – С. 39-40.
13. Старков О.В. Основы криминологии. – Уфа, 1997. – С. 149-150.
14. Тарарухин С.А. Криминологические аспекты изучения мотивации преступного поведения // Труды ВНИИ МВД СССР. – М., 1979. – № 52. – С. 32.

# УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА УМЫШЛЕННОГО ПРИЧИНЕНИЯ ТЯЖКОГО ВРЕДА ЗДОРОВЬЮ ПО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Рахмонзода Мухаммад Джамшед,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведущий кафедрой уголовного права и противодействия коррупции, кандидат юридических наук, доцент
**Тел.:** +992 880787828
**Email:** mrahmonzoda@mail.ru

**Холикзода Шерали Лоик,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции, кандидат юридических наук
**Тел.:** +992 905559082
**E-mail:** kholikov88@mail.ru

**Рецензент:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация.** В данной статье анализируются уголовная ответственность за умышленного причинения тяжкого вреда здоровью по уголовному законодательству Республики Таджикистан. На основе изучения научных трудов посвященных исследуемой проблеме, а также законодательной конструкции статьи 110 Уголовного кодекса Республики Таджикистан авторы приходят к выводу, что законодатель при конструировании понятие умышленного причинения тяжкого вреда здоровью допустил некоторые неточности, которые могут вызывать немалые проблемы при реализации данной нормы. В связи с этим, данный понятие умышленного причинения тяжкого вреда здоровью, по мнению авторов, нуждается в дальнейшем исследовании и усовершенствовании.

**Ключевые слова:** Уголовный закон, преступление, преступления против здоровью, уголовная ответственность, умышленное причинение тяжкого вреда здоровью.

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ ВАЗНИН БА САЛОМАТӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат

бо коррупсия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Тел.:** +992 880787828
**Email:** mrahmonzoda@mail.ru

**Холиқзода Шералӣ Лоиқ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, н.и.ҳ.
**Тел.:** +992 905559082
**E-mail:** kholikov88@mail.ru

**Муқарриз:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Дар асоси омузиши адабиёти илмӣ, ки ба масоили таҳқиқшаванда бахшида шудааст, инчунин сохти моддаи 110 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллифон ба хулосае омадаанд, ки қонунгузор ҳангоми тарҳрезии мафҳуми қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, баъзе норасоиро ба вуҷуд меовард, ки метавонад дар татбиқи ин меъёр мушкилоти зиёд ба бор орад. Вобаста ба ин, мафҳуми мазкури қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, аз нуқтаи назари муаллифон, ба таҳқиқу такмил ниёз дорад.

**Калидвожаҳо**: Қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ, тавсифи умумӣ, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ.

## CRIMINAL LIABILITY FOR INTENTIONAL CAUSING OF SERIOUS BODILY HARM UNDER THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Rahmonzoda Muhammad Jamshed,**
Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Candidate of Legal Sciences, docent
**Phone:** +992 880787828
**E-mail:** mrahmonzoda@mail.ru

**Kholiqzoda Sherali Loiq,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor, Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Candidate of Legal Sciences
**Phone:** +992 905559082
**E-mail:** kholikov88@mail.ru

**Reviewer:** Sharipov T.Sh., doctor of legal sciences, professor

**The summary.** This article analyzes criminal liability for intentional causing of serious bodily harm under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. Based on a study of scientific papers on the issue under study, as well as on the legislative construction of Article 110 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, the authors concludes that the legislator, when designing the concept of intentional grievous bodily harm to health, made some inaccuracies that could cause considerable problems in the implementation of this norm. In this regard, this list of the concept of intentional grievous bodily harm, according to the authors, needs further research and improvement.

**Keywords:** criminal law, crime, crimes against health, criminal liability, intentional causing of serious bodily harm.

Согласно Конституции Республики Таджикистан, одним из важнейших благ личности является здоровье, охрана которого представляет важную задачу государства[288].

Неприкосновенность личности, охрана прав и свобод человека и гражданина гарантируются государством и Уголовным кодексом Республики Таджикистан (далее УК РТ). Среди преступных посягательств на жизнь и здоровье человека наиболее распространенным и общественно опасным является умышленное причинение тяжкого вреда здоровью (далее – УПТВЗ), закрепленное в ст. 110 УК РТ. Последнее относится к категории тяжких, а при наличии особо квалифицирующих признаков – особо тяжких преступлений.

На протяжении последних лет количество УПТВЗ в Таджикистане остается стабильно высоким среди преступлений против жизни и здоровья (70%). За последние пять лет наибольшее количество рассматриваемых деяний было зарегистрировано в 2014 г. – 124. Практика борьбы с преступностью показывает увеличение количество совершения данных преступлений. Так, если в 2012 г. было зарегистрировано 91 такое деяние, то в 2013 г. – 107, в 2014 г. – 124, в 2015 г. – 110, а в 2016 г. – 115.

Для противодействия рассматриваемому виду преступлений, его предупреждению требуются особые усилия правоохранительных органов. Большое значение в решении задач по борьбе с УПТВЗ имеет и совершенствование уголовного законодательства. В связи с этим следует отметить, что при его реформировании в 1998 г. состав умышленного причинения тяжкого вреда здоровью подвергся значительным изменениям. Не остался он без внимания и при внесении новелл в УК 1998 г. за период его действия по настоящее время, хотя в общей системе изменений и дополнений, вносимых в этот период в УК, ст. 110 УК РТ подверглась лишь незначительной корректировке.

---

[288] Ниг.: Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 г. (в ред. референдума от 26.09.1999 г., от 22.06.2003 г., от 22.05.2016 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=10 (дата обращения: 21.01.2025).

Вместе с тем практика применения ст. 110 УК РТ свидетельствует о необходимости применения системного научного уголовно-правового подхода к анализу данного вида состава преступления, выработке рекомендаций по совершенствованию правил квалификации, разработке предложений по совершенствованию законодательной регламентации ответственности за его совершение, а также мер по предупреждению подобных преступлений.

Приведем концептуальные положения, касающиеся правовых и нравственных основ защиты здоровья человека, в виде таблицы (табл. 1).

| **Основная идея, определение или норма-принцип** | **Содержание** |
|---|---|
| Права человека не отчуждаемы | Никто не может лишать человека его естественных прав – на жизнь на здоровье, на личную неприкосновенность, свободный выбор способов своей жизнедеятельности, свободу совести, мнений, убеждений, автономию в сфере частной жизни и других прав. Современный мир невозможно представить без прав человека, которые основаны на принципах свободы, равенства, справедливости и носят универсальный характер |
| Здоровье человека | является естественным благом и ценностью человека, передается ему генетически и относится к важнейшему объекту уголовно-правовой охраны;<br>это состояние полного физического, душевного и социального благополучия, а не только отсутствие болезни или физических дефектов (Устав (Конституция) Всемирной Организации Здравоохранения |
| Право на охрану здоровья | одно из основных прав человека, закрепленное и гарантированное Конституцией РТ Согласно, часть 1 статьи 38 Конституции Республики Таджикистан: «Каждый имеет право на охрану здоровья. Это право обеспечивается бесплатной медицинской помощью в государственных учреждениях здравоохранения, мерами по оздоровлению окружающей среды, созданием и развитием массового спорта, физической культуры и туризма. Другие формы оказания медицинской помощи определяются законом» (ст. 7 Конституция Республики Таджикистан 6 ноября 1994 г.) |

Правильная оценка таджикского уголовного закона об ответственности за УПТВЗ позволяет найти пути решения наиболее трудных вопросов законодательного регулирования, в котором должна предусматриваться активизация усилий общества и государства в противодействии преступности.

Отечественное уголовное законодательство обеспечивает охрану состояния здоровья человека от причинения ему общественно опасного вреда вне зависимости от его особенностей состояния его здоровья на тот или иной момент. Таким образом, пострадавшим от совершения преступлений против здоровья может быт любое физическое лицо – и

совершенно здоровый человек, и имеющий различные заболевания и расстройства.

Таким образом, УПТВЗ другому человеку в уголовно-правовом смысле это противоправное виновное (умышленное или неосторожное) деяние, выражающееся в полном или частичном нарушении анатомической целостности человека или физиологических функций его органов, тканей или в целом его организма, либо деяние, способствующее причинению этому лицу физической боли, ставящие здоровье человека в опасность.

Согласно ст. 1 Кодекса Здравоохранения Республики Таджикистан «здоровья – состояние полного физического, психического и социального благополучия, отсутствие болезни и физических недостатков»[289].

Исходя из того, что жизнь и здоровье граждан, согласно международным нормам и законодательству Республики Таджикистан, являются высшей социальной ценностью общества, защита этих благ от насильственных общественно опасных и преступных посягательств является одной из важнейших задач судебно-следственных органов государства.

Проблема реализации уголовной ответственности за УПТВЗ в юридической литературе выделялась особо, однако до сих пор в теории уголовного права нет единого понимания термина вреда здоровью человека, которое отвечало бы запросам правоприменительной практики.

По поводу УПТВЗ, предусмотренного в том числе и в ст. 110 УК РТ ученые придерживаются в основном двух точек зрения[290].

Одни считают, что в определение телесных повреждений входят следующие действия: побои, удары и иные насильственные действия, соединенные с причинением физических страданий. Об этом писали А.С. Никифоров, Н.С. Таганцев, А.А. Жижиленко, П.А. Дубовец и др.

По мнению А.С. Никифорова, «таким телесным повреждением является деяние, совершенное с умыслом или по неосторожности, причинившее другому человеку как непосредственному объекту преступления расстройство здоровья»[291].

Н.С. Таганцев утверждает, что «телесное повреждение охватывает различные деяния, направленные на причинение физической боли или страдания»[292]. А.А. Жижиленко объединял в единую группу и насилие над человеком и телесные повреждения, полагая, что «телесное повреждение направлено на телесную неприкосновенность путем нарушения целостности человеческого тела, а насилие над личностью, в отличие телесного повреждения, посягает исключительно на телесную неприкосновенность путем причинения только физической боли»[293].

---

[289] Кодекс здравоохранения Республики Таджикистан от 30 мая 2017 г., [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=10 – (дата обращения: 21.01.2025).

[290] См.: Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 г., № 575: (в ред. Закона РТ от 20.06.2019 г., № 1609) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=10 – (дата обращения: 21.01.2025).

[291] Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М., 1959. – С. 14.

[292] Таганцев Н.С. Лекции по русскому праву. Часть Особенная. – СПб., 1894. – С. 139.

[293] Жижиленко А.А. Преступления против личности. – М.; – Л., 1927. – С. 33-34.

В своей работе, посвященной анализу телесных повреждений, П.А. Дубовец, например, указывает, что «побои, удары и иные насильственные действия, сопряженные с причинением физической боли человеку, как и другие телесные повреждения, также наносят вред здоровью человека»[294].

Другие авторы, напротив, в понятие телесных повреждений включают насильственные действия, сопряженные с причинением физической боли (в их числе: А.А. Пионтковский, В.С. Коновалов, Е.В. Тищенко и др.).

Приведем точки зрения различных ученых на определения вреда здоровью (табл. 2).

| Автор | Понятие | Определение |
|---|---|---|
| Пионтковский А.А.[295] | Телесное повреждение | Умышленное или неосторожное причинение одним лицом другому вреда здоровью или физических страданий путем нарушения анатомической целостности тканей или правильного функционирования тканей или органов человеческого организма. |
| Коновалов В.С.[296] | Вред здоровью | Виновное общественно опасное телесное повреждение другого лица, выразившееся в нарушении нормального функционирования тканей или органов человеческого организма, либо заболевании или патологическом состоянии, возникшем в результате воздействия человека или различных факторов внешней среды. |
| Тищенко Е.В.[297] | Причинение вреда здоровью | Противоправное, совершенное виновно причинение вреда здоровью другого человека, выразившееся в нарушении анатомической целостности его тела, либо в нарушении функций органов человека или организма в целом. |

По нашему мнению, причинение вреда здоровью – это противоправное опасное для жизни и здоровья другого человека деяние, угрожающее его умственной и физической работоспособности, в том числе профессиональной трудоспособности, выразившееся в нарушении

[294] Дубовец П.А. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Юридическая литература, 1964. – С.7.

[295] См.: Пионтковский А.А., Меньшагин В.Д. Курс советского уголовного права. Часть Особенная.– М., 1955. – Т.1 – С. 569.

[296] См.: Коновалов В.С. Уголовное ответственность за причинение легкого вреда здоровью: дисс. … к.ю.н. – Ростов н/Д, 2002. – С. 66.

[297] См.: Тищенко Е.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристики умышленного причинения тяжкого вреда здоровью: Дисс… к. ю. н. – Ростов н/Д, 2001. – С. 45.

анатомической целостности тела и повреждении тканей, нормальном функционировании органов человеческого организма.

Перечень признаков тяжкого вреда здоровью по ст. 111 УК в редакции 1961 г. был расширен, к нему были добавлены болезни наркомания, токсикомания, утрата профессиональной трудоспособности и потеря речи.

Уголовный кодекс Республики Таджикистан, принятый 21 мая 1998 г., отказался от термина «телесное повреждение» и заменил его понятием «вред здоровью», что, считаем, является более правильным и уместным. Вред здоровью имеет широкое значение, и, кроме причинения физического вреда здоровью, включает в себя также причинение духовного вреда человеку. В данном контексте возникает вопрос: как же соотносятся термины, используемые в УК РТ и в Правилах судебно-медицинского определения степени тяжести вреда здоровью, утвержденных Приказом министра здравоохранения Республики Таджикистан от 18 марта 2004 г. № 101 (далее – Правила судебно-медицинского определения степени тяжести вреда здоровью)?

Данные понятия, по нашему мнению, соотносятся как часть и целое: «телесное повреждение» является одним из видов причинения вреда здоровью. Однако не всякий причиненный вред здоровью должен рассматриваться как телесное повреждение в значении «нарушение анатомической целостности или физиологической функции органов и тканей, возникшее в результате действия факторов внешней среды».

Одним из общественно опасных последствий противоправного воздействия на потерпевшего закон определяет «психическое расстройство», которое, как мы понимаем, не связано с нарушением анатомической целостности человека или физиологических функций его органов и тканей.

Кроме того, отдельные ученые в понятие телесных повреждений не включают насильственные действия, которые причиняют физическую боль.

В современной уголовно-правовой литературе эта дискуссия продолжается. Мы же полагаем, что вред здоровью в уголовно-правовом ракурсе является результатом противоправного общественно опасного, виновного деяния другого человека, выразившегося в непосредственном нарушении анатомической целостности потерпевшего (телесные повреждения) или нарушении физиологических функций его органов и тканей, либо наступлении определенных заболеваний или патологического состояния, в то время как количественная и качественная характеристика причиненного вреда может быть определена на основе объективно существующих критериев.

Точное установление признаков состава преступления в уголовном законе играет большую роль для правильного понимания качественной характеристики общественно опасного деяния, отграничения его от смежных составов и, следовательно, эффективного противодействия такого вида преступлениям[298].

[298] См.: Кудрявцев В.Н. Теоретические основы квалификации преступлений. – М., 1963. – С. 74.

Предметом нашего исследования является один из видов умышленного причинения вреда здоровью – УПТВЗ.

Анализ состава преступления, предусмотренного ст. 110 УК РТ, следует начать с установления понятия и описания признаков УПТВЗ, отличающих его от иных смежных составов преступлений против здоровья, которые в равной мере могут быть использованы как при квалификации совершенных деяний по ст. 110 УК РТ, так и к случаям, когда причиненный вред признается опасным для жизни и здоровья, но в конкретном составе преступления выступает отягчающим обстоятельством, квалифицирующим признаком.

Для установления степени тяжести вреда здоровью в уголовном законодательстве Республики Таджикистан используются три критерия: 1) анатомо-патологический (медицинский); 2) экономический и 3) эстетический.

Первый критерий является основным, он определяет степень тяжести вреда здоровью, объем (размеры) реального вреда, причиненного здоровью потерпевшего с точки зрения медицины, характеризуя при этом общественную опасность причиненного здоровью человека вреда, степень и тяжесть нарушения тканей или функционирования его органов, продолжительность последствий такого вреда для организма. Этот критерий некоторые ученые подразделяют на несколько составляющих, а именно:

- влияние полученного повреждения на здоровье (определяя излечимые и неизлечимые повреждения для здоровья, опасные и не опасные для жизни человека);

- опасность телесного повреждения для жизни человека[299].

Такая классификация возможна в рамках анатомо-патологического критерия, так как эти его составляющие используются судебным медиком при установлении конкретного вида причиненного вреда здоровью.

К анатомо-патологическому признаку, согласно действующему уголовному законодательству Республики Таджикистан, можно отнести: опасность вреда здоровью человека; потерю какого-либо органа человека или утрату органом его функции; утрату дара речи, зрения или слуха; насильственное прерывание беременности; психическую болезнь, заболевание токсикоманией или наркоманией.

Следующим критерием, позволяющим определить УПТВЗ, является социально-экономический критерий, исходя из которого, тяжкий вред здоровью вызывает значительную стойкую утрату трудоспособности. Наука медицины под трудоспособностью понимает такое состояние человеческого организма, при котором совокупность его физических и духовных способностей позволяет осуществлять ему производственную деятельность определенного объема и определенного качества[300].

---

[299] См.: Дубовец П.А. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М., 1964. – С. 53.

[300] См.: Большая медицинская энциклопедия. Т. 32. 2-е изд. – М., 1963. – С. 899.

Ч.1 ст. 110 УК РТ в качестве признаков тяжкого вреда здоровью называет стойкую утрату общей трудоспособности не менее чем на 1/3 (33,3%) или полную (100%) утрату профессиональной трудоспособности, где общая трудоспособность – это врожденная способность лица к трудовой деятельности.

Следует отметить, что значительность утраты трудоспособности – оценочное понятие. Оно характеризует объем и продолжительность утраты трудоспособности, т.е. стойкая утрата общей трудоспособности всегда является значительной. Стойкой может быть утрата общей трудоспособности на срок свыше 120 дней либо уже полностью определившаяся постоянная утрата.

Профессиональная трудоспособность – способность к осуществлению конкретной трудовой функции (например, для секретаря – печатание, для водителя – управление автомобилем, для грузчика – погрузка предметов). При потере профессиональной трудоспособности лицо лишается возможности осуществлять свою трудовую деятельность по специальности.

Формулируя основной состав рассматриваемого, самого опасного преступления против здоровья, законодатель описывает сами действия, подчеркивая тем самым, что тяжкий вред здоровью может причиняться любым способом. Закон при этом довольно подробно расписывает последствия такого преступления, так как именно по ним и разграничиваются различные виды причинения вреда здоровью.

Наибольшую дискуссию при оценке степени тяжести вреда здоровью в науке уголовного права до настоящего времени вызывает экономический критерий.

Приведем различные его определения (табл. 3).

| Автор | Определение экономического критерия |
|---|---|
| Жижиленко А.А.[301] | Такой критерий характеризует урон трудоспособности потерпевшего. |
| Федоров М.И.[302] | С точки зрения уголовного права, экономический критерий для определения тяжести телесного повреждения неприемлем и должен быть законодательно упразднен. |
| Никифоров А.С.[303] | Важность поврежденной части организма (органа, ткани), степень нарушения правильного функционирования этой части организма, время, в течение которого оказалась недействующей или неполноценной данная часть организма, - все эти обстоятельства указывают на характер и степень вреда, причиненного в том или ином случае здоровью. |

[301] См.: Жижиленко А.А. Указ. раб. – С. 40-41.
[302] См.: Федоров М.И. К вопросу об оценке тяжести телесных повреждений // Ученые записки Пермского университета. Т. 2. Вып. 4, кн. 2. – 1957.– С. 198.
[303] См.: Никифоров А.С. Указ.раб. – С. 77.

| | |
|---|---|
| Читлов Д.С.[304] | Анатомо-патологический критерий является мерилом вреда здоровью человека, независимо от того, каким способом он причинен и в чем он выразился. |

То обстоятельство, что юристы и судебные медики на протяжении ряда лет постоянно обращаются к вопросу о целесообразности признания экономического критерия для определения степени тяжести телесного повреждения, можно объяснить недостаточной обоснованностью его использования.

Рассмотрим правовую природу значения способности человека к труду, как его социального качества. Согласно ст. 35 Конституции РТ: «Каждый имеет право на труд, выбор профессии, работы, охрану труда и социальную защиту от безработицы. Заработная плата не должна быть ниже минимальной оплаты труда. Всякие ограничения в трудовых отношениях запрещаются...».

Полагаем, что, исходя из классификации прав человека[305], его профессиональная трудоспособность – это главный критерий реализации им своей социальной роли в обществе. Поэтому способность человека к осуществлению конкретной трудовой функции в обществе – это социальный критерий. Утрата такой функции приводит к потере значения данной роли для человека, как части социума, а также для общества, в экономическом значении – человек теряет возможность участвовать в жизни общества как экономическая единица. Таким образом, критерий утраты профессиональной трудоспособности следует обозначить как «социально-экономический», рассматриваемый со стороны потерпевшего и его семьи как социальный, а со стороны государства и общества – как экономический.

Наряду с уже рассмотренными критериями при определении тяжести вреда здоровью уголовный закон использует эстетический критерий[306]. В ч. 1. ст. 110 УК РТ данный признак выражается в неизгладимом обезображивании лица.

Тяжесть повреждения лица устанавливает эксперт в соответствии с признаками, содержащимися в Правилах судебно-медицинского определения степени тяжести вреда здоровью. В частности, он должен определить, является ли повреждение изгладимым. Под изгладимостью повреждения необходимо понимать возможность исчезновения видимых последствий повреждения или значительное уменьшение их выраженности (т.е. выраженности рубцов, деформаций, нарушения мимики и пр.) с течением времени или под влиянием хирургических средств. Если же для устранения этих последствий требуется косметическая операция, то повреждение лица также считается неизгладимым.

---

[304] См.: Кафаров Т.М. Борьба с хулиганством по уголовному законодательству Азербайджанской ССР: автореф. дисс. … к.ю.н. – Баку, 1963. – С. 10-11.

[305] См.: Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах. Принят резолюцией 2200 A (XXI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1966 г. // Режим доступа: URL: http://zoa.dmt.tj/node/121 (дата обращения: 10 декабря 2016 г.).

[306] См.: Кафаров Т.М. Указ. раб. – С. 11.

Неизгладимое обезображивание лица можно охарактеризовать следующими признаками:

- в результате нанесенных повреждений лицу потерпевшего придается безобразный, отталкивающий вид;
- эти повреждения являются неизгладимыми.

То есть неизгладимость повреждения, обезображивание лица позволяют отнести телесное повреждение к тяжкому вреду здоровья.

Неизгладимое обезображивание лица – это такое обезображивание, которое обычными методами лечения не может быть исправлено (сюда относятся как случаи, когда исправить обезображенное лицо нельзя никакими средствами, так и случаи, когда такое исправление возможно путем косметической операции).

Сущность «неизгладимого обезображивания лица» заключается в том, что подобное повреждение придает человеку уродливый, отталкивающий вид, создавая тем самым неприятное восприятие всего его образа (внешности). Поэтому при квалификации, кроме обезображивания лица, следует обращать внимание и на другие открытые участки тела, которые невозможно скрыть за одеждой. Прежде всего, это шея, плечи и волосистый покров головы.

Таким образом, можем констатировать, что УПТВЗ – это противоправное виновное общественно опасное деяние, повлекшее вред здоровью человека, не опасный для его жизни, но выраженный в конкретных тяжких последствиях, четко указанных в уголовном законе и медицинских правилах. Данное понятие УПТВЗ, как результат совершения уголовно-наказуемого деяния, позволяет отграничить его от схожих составов преступлений, предусмотренных нормами уголовного закона, уточнить их точную квалификацию.

**Литература:**


1. Большая медицинская энциклопедия. Т. 32. 2-е изд. – М., 1963. – С. 899.
2. Дубовец П.А. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Юридическая литература, 1964. – С.7.
3. Жижиленко А.А. Преступления против личности. – М.; – Л., 1927. – С. 33-34.
4. Кафаров Т.М. Борьба с хулиганством по уголовному законодательству Азербайджанской ССР: автореф. дисс. … к.ю.н. – Баку, 1963. – С. 10-11.
5. Кодекс здравоохранения Республики Таджикистан от 30 мая 2017 г., [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=10 – (дата обращения: 21.01.2025).
6. Коновалов В.С. Уголовное ответственность за причинение легкого вреда здоровью: дисс. … к.ю.н. – Ростов н/Д, 2002. – С. 66.
7. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 г. (в ред. референдума от 26.09.1999 г., от 22.06.2003 г., от 22.05.2016 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=10 (дата обращения: 21.01.2025).

8. Кудрявцев В.Н. Теоретические основы квалификации преступлений. – М., 1963. – С. 74.

9. Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах. Принят резолюцией 2200 A (XXI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1966 г. // Режим доступа: URL: http://zoa.dmt.tj/node/121 (дата обращения: 10 декабря 2016 г.).

10. Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М., 1959. – С. 14.

11. Пионтковский А.А., Меньшагин В.Д. Курс советского уголовного права. Часть Особенная.– М., 1955. – Т.1 – С. 569.

12. Таганцев Н.С. Лекции по русскому праву. Часть Особенная. – СПб., 1894. – С. 139.

13. Тищенко Е.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристики умышленного причинения тяжкого вреда здоровью: Дисс… к. ю. н. – Ростов н/Д, 2001. – С. 45.

14. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 г., № 575: (в ред. Закона РТ от 20.06.2019 г., № 1609) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=10 – (дата обращения: 21.01.2025).

15. Федоров М.И. К вопросу об оценке тяжести телесных повреждений // Ученые записки Пермского университета. Т. 2. Вып. 4, кн. 2. – 1957.– С. 198.

# МУБРАМИЯТИ ПЕШГИРИИ ХАТАРҲОИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ БА ҲАЁТИ ҶОМЕА

**Қурбонзода Беҳруз Шариф,**
прокурори шуъбаи назорати умумии прокуратураи вилояти Суғд, ҳуқуқшиноси дараҷаи 1, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Тел.:** (+992) 98-894-94-05
**Email:** qobil9498@mail.ru

**Муқарриз:** Раҳмонзода М.Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Мақола ба мубрамияти андешида шудани чораҳои пешгирии хатарҳои падидаҳои хавфноки иҷтимоӣ монанди терроризм ва экстремизм, бахшида мешавад. Муаллиф таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад, ки ба содир шудани кирдорҳои ифротгароӣ ва аломатҳои таҳрибкорӣ, террористӣ дошта, моил кардани ашхоси осебпазир ба доми доираҳои ифротӣ бо роҳи тарғиботу ташвиқот ва тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ, зархаридӣ дар амалиётҳои ҷангӣ, инчунин омилҳои гуногуни иҷтимоии ба ин падидаҳо таъсирбахш сабабгор мешаванд, ки дар тадқиқоти муҳаққиқон таҳлил шудааст. Дар натиҷаи омузиш ва таҳлили мавзуъ муаллиф ба хулоса омадааст, ки омилҳои иҷтимоӣ ва ҳолатҳои ташвиқу тарғиби бадбинӣ, низоъҷуӣ ва ифротӣ, ки барои содир шудани кирдорҳои экстремистиву-террористӣ оварда мерасонад, ошкор ва муайян кардани ангезаҳои иҷтимоии онҳо ҳануз ҳам рузмарра ва муҳиманд. Ҳамчунин аз ҷониби муаллиф баҳри муқовимат ба зуҳуроти номатлуби ҷомеа ва тақвият додани қонунгузории миллӣ пешниҳодҳо асоснок карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Истиқлолият, давлатдорӣ, арзишҳои миллӣ, омилҳои иҷтимоӣ, хатарҳои муосир, чораҳои муқовимат, экстремизм, терроризм, ҷаҳонишавӣ, пешгирӣ, худшиносӣ, маърифат, фарҳанг, ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ, ҳамкорӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ.

# АКТУАЛЬНОСТЬ ПРОФИЛАКТИКИ УГРОЗ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА ДЛЯ ЖИЗНИ ОБЩЕСТВА

**Курбонзода Бехруз Шариф**,
прокурор отдела общего надзора прокуратуры Согдийской области, юрист 1-го класса, кандидат юридических наук, доцент
**Тел.:** (+992) 98-894-94-05
**Email:** qobil9498@mail.ru

**Рецензент:** Рахмонзода М.Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Статья посвящена вопросу принятия мер по предупреждению рисков возникновения таких опасных социальных явлений, как терроризм и экстремизм. Автор особое внимание уделяет совершению экстремистских актов, признакам диверсии и терроризма, заманиванию уязвимых лиц в ловушку экстремистских кругов посредством пропаганды и подстрекательства через социальные сети, наёмничество в военных операциях, а также автором были проанализированы различные социальные факторы, влияющие на эти явления, которые в исследовании. В результате изучения и анализа темы, автор пришёл к выводу, что социальные факторы и ситуации, разжигающие ненависть, конфликты и экстремизм, приводящие к совершению террористических актов, а также выявление и определение их социальных мотивов, по-прежнему остаются актуальными и важными. Также автором обоснованы предложения по противодействию нежелательным явлениям в обществе и укреплению национального законодательства.

**Ключевые слова:** Независимость, государственность, национальные ценности, социальные факторы, современные угрозы, противодействие, экстремизм, терроризм, глобализация, профилактика, самосознание, образование, культура, молодежь, защита прав, сотрудничество, гражданское общество.

## THE URGENCY OF PREVENTING THE THREATS OF TERRORISM AND EXTREMISM TO SOCIETY

**Qurbonzoda Behruz Sharif**,
Prosecutor of the General Supervision Department of the Prosecutor's Office of Sughd Region, 1st Class Lawyer, candidate of legal sciences, docent
**Phone.:** (+992) 98-894-94-05
**Email:** qobil9498@mail.ru

**Reviewer:** Rahmonzoda M.J., Candidate of Legal Sciences, docent

**Annotation:** The article is devoted to the issue of taking measures to prevent the risks of the emergence of such dangerous social phenomena as terrorism and extremism. The author pays special attention to the commission of extremist acts, signs of sabotage and terrorism, and luring vulnerable individuals into the trap of extremist circles through propaganda and incitement and through social networks, mercenarism in military operations, as well as various social factors influencing these phenomena, which were analyzed in the researchers' study. As a result of studying and analyzing the topic, the author came to the conclusion that social factors and situations that incite hatred, conflicts and extremism, leading to the commission of terrorist acts, as well as the identification and definition of their social motives, remain relevant and

important. The author also substantiates proposals for counteracting undesirable phenomena in society and strengthening national legislation.

**Keywords:** Independence, statehood, national values, social factors, modern threats, counteraction, extremism, terrorism, globalization, prevention, self-awareness, education, culture, youth, protection of rights, cooperation, civil society.

Дар марҳилаи муосири рушди худ Тоҷикистон бо сиёсати хирадмандона ва созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷомеаро таҳким бахшида, бо ҳамкорӣ ва ташаббусҳои созандаи аҳаммияти ҷаҳонидошта, дар байни тамоми давлатҳо ва созмонҳое, ки дар арсаи байналмилалӣ нақшу нуфуз доранд, мавқеи муносиб ва обруи сазовор пайдо кардааст. Имрӯз, мардуми Тоҷикистон хуб дарк кардааст, ки новобаста аз мушкилот дар муносибатҳои тағйирёбанда ва мураккаби иқтисодиву сиёсӣ ба хотири ҳифзи дастовардҳои истиқлол, набояд ягон нафар фарди ҷомеа аз бунёдкориву ободонии Ватан, таъмини осоиштагӣ ва амнияти ҷомеа дар канор бошад. Ошкор ва барҳам додани манбаъҳои барангезандаи падидаҳои хавфнок, вазифаи на танҳо мақомоти давлатӣ, балки уҳдадории шаҳрвандии ҳар фарди содиқи ватанпарвар аст. Лекин, бо вуҷуди пешравӣ ва дастовардҳои миллӣ, имрӯз таҳдиду хатари унсурҳои тундраву ифротгаро, ки мардуми Тоҷикистон солҳои аввали истиқлол дучори онҳо гашта буд[307], хотима наёфтааст.

Беҳуда нест, ки густариши хавфу хатари ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ дошта, фаъолшавии гурӯҳҳои тундраву ифротгаро, ҷалби наврасон ва ҷавонон тариқи ҳавасманднамоӣ бо истифода аз технологияи муосири иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба содир кардани кирдорҳои ифротӣ ва аломатҳои террористӣ дошта, моил кардани ашхоси осебпазир ба доми доираҳои ифротӣ бо роҳи тарғиботу ташвиқот, истифодаи ғофилон ҳамчун зархарид дар амалиётҳои ҷангӣ, инчунин манбаъҳо ва омилҳои гуногуни ба ин падидаҳо таъсиррасонанда дар тадқиқоти муҳаққиқон мавриди таҳлил қарор дода шудааст[308].

Аз муҳокимаронии ин мавзуъ дар адабиёти ҳуқуқӣ[309], инчунин аз таҳлили маълумоти расмӣ[310] ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар айни замон, бо ҷалби аҳли пешқадами ҷомеа ва ҷавонон пайваста андешидани

[307] Ниг.: Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 4. – Душанбе: Ирфон, 2002. – С.174-175.

[308] Ниг.: Насуриён П.А. К вопросу обеспечения криминологической безопасности Республики Таджикистан и Российской Федерации в сфере взаимовлияния незаконной миграции и экстремистско-террористической деятельности // Труды Академии МВД РТ. – №1 (65). – 2025. – С.8-14.; Сафарзода, Х.С., Насуриён, П.А. Асосҳои муқовимат ба экстремизми динӣ-мазҳабӣ: монография. – Душанбе, 2022. – 173 с.

[309] Ниг.: Раҳматулоев А.Э., Қаҳоров Н.М. Зарурати муайян кардани сабабу шароити ифротгароӣ ва терроризм дар таъмини амнияти миллӣ // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). – № 1. – 2019. – С. 143-149.

[310] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1 аз 12 июни соли 2014 «Дар бораи татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ) дошта» // Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992-2015). – Душанбе: Ирфон, 2024. – 446 с.

тадбирҳои бо фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ҳамрадифи судманд ҷиҳати ошкор ва барҳам додани манбаъҳои иҷтимоӣ ва моддии кирдорҳои хавфноки ифротӣ ва содиршавии амалҳои террористӣ, ногузир ва мубрам боқӣ мондааст.

Олимон ва мутахассисони соҳаҳои ҳуқуқ, сиёсат ва ҷомеашиносӣ ба сарчашма ва омилҳои барангезандаи ифротгароӣ ва кирдорҳои террористӣ ишора намуда, вобаста ба онҳо манбаъҳои ташкилӣ, моддӣ ва молиявии ифротгароӣ ва таҳрибкориро номбар мекунанд[311]. Ғайр аз ин, дар тадқиқоти олимон кушиш ба харҷ дода мешавад, ки бо дарназардошти манбаъҳои бедор кардани ҳисси бадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ҳамчунин аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати гурӯҳи иҷтимоӣ ногузирии коркард шудани тадбирҳои судманди иҷтимоии муқовиматро нисбати ин падидаҳои фалокатовар асоснок мекунанд[312].

Ба андешаи аксари муаллифон ҳама намуди ҷиноят ва ҷиноятткорӣ, ба «маризе» шабоҳат дорад, ки аз оқибат ва хавфу хатари фоҷеабори он ҷомеа бояд огаҳӣ дошта бошад, то ки пешгирӣ ва саривақт бартараф карда шудани сабабу ангезаҳои он вазифаи ҳар як шаҳрванд бошад[313]. Бинобар ин пеш аз ҳама омилҳои иҷтимоии ба падидаҳои хавфнок мусоидаткунанда таваҷҷуҳи хосаро талаб мекунад.

Таҳлили маълумоти ҷамъовардашуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то ҳол дар баробари содир шудани ҷиноятҳои хавфнок, омилҳои хатарбори кирдорҳои ифротгароӣ, роҳу усулҳои равонии гуногуни моил кардани афроти нодону беандеша ва ғофил ба таҳсилоти ғайриқонунии динӣ, ба равия ва ниҳодҳои ифротгароӣ ва таҳрибкорӣ, ҷалби онҳо дар задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар давлатҳои дигар пурра аз байн нарафтаанд. Саривақт ошкор ва пешгирӣ кардан, аз ҷумла огоҳонидани аҳли ҷомеа аз оқибатҳои рафънопазири чунин падидаҳо ва дар радифи онҳо муайян кардани сарчашмаи ғояҳои террористӣ ва экстремистидошта иҷрои софдилона ва содиқонаи вазифаҳои хизматии на танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки фаъолнокии тамоми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фарди солимфикрро талаб мекунад.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ, истифодаи бемаҳдуди шабакаҳои иҷтимоӣ, татбиқи зеҳни сунъӣ ва технологияи муосири иттилоотӣ[314], тарғибот ва ташвиқоти ғояҳо, кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ бо воситаи намоиши филму наворҳо таъсири ба ном «арзишҳои» ғайриахлоқӣ ва ғайримаънавиро ба мафкураи ҳануз ташаккулнаёфта ва осебпазири наврасон зиёд мегардонад. Дар ҳолати

---

[311] Ниг.: Борисов С.В. Преступления экстремистской направленности: проблемы законодательства и правоприменения. Дис. … док. юрид. наук. – М., 2012. – 484 с.

[312] Ниг.: Можегова А.А. Экстремистские преступления и преступления экстремистской направленности по Уголовному праву Российской Федерации. Дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 169 с.

[313] Ниг.: Особенности расследования преступлений экстремистской и террористической направленности. – М.: Институт повышения квалификации СК РФ., 2012. – 229 с.

[314] Ниг.: Шарофзода Р.Ш. Ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи иттилоотӣ // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6-уми декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С.69-78.

саривақт ошкор ва бартараф нашудан ин гуна воситаҳои таърирасонии мафкуравӣ, онҳо қодиранд пояҳои ахлоқиву маънавии ҷомеа, хусусан наврасон ва ҷавононро аз хоҳишу тасаввуроти ғалат то ба фасодӣ ва ҷинояткорӣ оварда расонанд. Новобаста аз он, ки аксарият хавфнокии чунин падидаҳоро эҳсос ва дарк намоянд ҳам, дар самти пешгирии падидахои хавфнок зарурати татбиқи пайвастаи тадбирҳои пешқадам ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, тарғиботу ташвиқоти тарзи ҳаёти солим мубрам аст, ки минбаъд ҳам такмил дода мешаванд.

Бо дарназардошти рӯйдодҳои замони муосир, гуфтан мумкин аст, ки рушди босуръати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, боиси пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, васеъ гардидани талабот ва манфиат ва рақобатҳои пешгӯинашаванда мегардад, ки доираҳои муайян аз ин истифода намуда, бахри ноил гаштан ба натиҷаҳои мутобиқ ба манфиатҳои гурӯҳии худ, бо ҳавасмандкунии нафарони бедину фарҳанг, ҷоҳилу таассубпараст ба кирдорҳои ифротӣ ва террористӣ даст мезананд. Чунин ҳолат водор мекунад, ки баҳри пешгирӣ ва муқовимат зидди хавфу хатари кирдорҳои ифротгароӣ ва террористӣ, ки акнун ба тамоми давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид мекунад, на танҳо коркарди чораҳои ҳуқуқии миллӣ, балки коркард ва амалисозии тадбирҳои маҷмуии байналмилалӣ ногузир гардидааст.

Аз нуқтаи назари мо, барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба падидаҳои хавфнок, монанди ифротгароӣ ва амалҳои террористӣ, инчунин ошкор кардани манба ва омилҳои мусоидакунанда ба онҳо ҳалли дастаҷамъонаи масъалаҳои зеринро муҳим медонем:

1. Бо таҳлилҳои мушаххас ошкор намудани сабаб, захира ва манбаъҳои падидаи ифротгароӣ ва нақшаву ниятҳои террористон, инчунин дақиқ карда шудани омилҳо ва ғояҳои гуногуне, ки ба онҳо ҳамраҳӣ ва мусоидат менамоянд. Барои таъмини самаранокии тадбирҳои пешгирии андешидашаванда неруи умумии мутахассисони соҳаҳои гуногун (ҳуқуқ, иқтисодиёт, молия, таҳлилгарон, равоншиносон, забоншиносон ва ҳоказо) ва шаҳрвандон зарур мебошад. Дар воқеъ, бо андешида шудани ин тадбирҳо аҳаммияти ҳикмати ниёгони мо «илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ аст» тасдиқи амалии худро меёбад;

2. Бо воситаҳои ахбори умум ва саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ пайваста огоҳ намудани оқибатҳои фоҷеабори ифротгароӣ ва терроризм, тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, ҳифзи фарҳанги миллӣ, рушди варзишу санъат, фаҳмонидани моҳияти панду насиҳатҳои ниёгон. Дар ин самт васеъ кардани татбиқи чораҳои таъмини воқеии дастрасии аҳолӣ ба суроғаҳои «нуқтаҳои ройгони (телефонии) боварӣ», «дастгирии иҷтимоӣ», «кумаки аввалини (ройгони) ҳуқуқӣ, тиббӣ ва равонӣ», маърифати истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ ва барномаҳои ягонаи миллӣ самара меоранд;

3. Васеъ намудани роҳҳои ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва воҳиду сохторҳои мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои ҳамсоя. Таҳлил ва

омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои дигар ҷиҳати пешгирӣ ва муқовимат бар зидди ҷиноят ва ҷинояткорӣ, ба роҳ мондани шаклҳои нави ҳамкории доимии илмиву амалӣ зидди ҷиноятҳои ифротгароӣ, террористӣ, ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоот ва трансмиллӣ;

4. Барқарор ва васеъ кардани таҷрибаи такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаҳои мухталиф дар давлатҳои хориҷи кишвар, хусусан дар давлатҳои минтақаи Осиёи миёна ва ИДМ.

Қобили қайд аст, ки боз як омилҳои муҳимми вуҷуд доштани чунин падидаҳо ин дастгирӣ ёфтани баъзе аз нафарони ҷинояткор, ташкилоту созмонҳои экстремистӣ аз ҷониби созмонҳои як қатор давлатҳои абарқудрат, ки дар доираи манфиатҳои худ ба фаъолияти экстремистӣ, ки муқобили манфиатҳои давлати муайян ё фарҳанг, дин, миллат ё нажоде нигаронида шудааст, роҳ медиҳанд. Аз ҷумла, пайравони онҳоро паноҳгоҳ медиҳанд, ифротгароиро маблағгузорӣ мекунанд, ба таъсиси чунин ниҳодҳо мусоидат мекунанд.

Бархе аз расонаҳои хабарии хориҷи кишвар дар зери пардаи «инсондустӣ, озодӣ, демократия, ҳимояи ҳуқуқи инсон» бо интишори иттилооти бардурӯғ изҳороти иғвоангези низоъро асоснок менамоянд ё ҳақ мешуморанд. Ба андешаи мо, чунин муносибат бо истифода аз нуқтаҳои осебпазири иҷтимоӣ ин шакли паҳншудаи таъсиррасонӣ ба шуур ва иродаи одамон, бедор кардани ҳисси бадбинӣ, бо мақсади моил кардани онҳо ба амалисозии фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ аст.

Андешаҳои коршиносонро ҷиҳати андешидани чораҳои иҷтимоии муқовимат ба терроризм ва ифротгароӣ ҷонибдорӣ намуда, изҳор мекунем, ки фош кардани нақшаву нияти зишти ифротиён, бардоштани парда аз рӯи андешаҳои нопоку ғалати онҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ, хусусан ҷавонон омили асосии муқовимат ба ифротгароӣ, таъмини ҳаёти осоиштаи мардум ба ҳисоб меравад.

Мо ҷонибдори андешаву нуқтаҳое мебошем, ки тибқи он огоҳ карда шудани аҳли ҷомеа бо натиҷаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дастрасии мардум ба ёрии ройгони ҳуқуқӣ ва иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо ва санадҳои судӣ, баррасии саривақтӣ ва одилонаи арзу мурочиати шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва масъулон дар қатори тадбирҳое мебошанд, ки омилу сабабҳои рух додани ҳодисаҳои ҳуқуқвайронкунӣ, аз ҷумла кирдорҳои хафнокро бартараф мекунанд ва эътимоди мардумро ба қонун ва ҳимояи давлатӣ афзун мебахшанд.

Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир ба аҳли ҷомеа муҳим аст, ки дар таълиму тарбия, донишандузӣ ва интихоби касбиояндаи ҷавонон ва рафтори намунавии наврасон масъул бошанд, пеши роҳи фориғболӣ, бепарвоӣ, ҷоҳилӣ ва бегонапарастиро бо баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ гиранд; маърифати ҳуқуқӣ, экологӣ, забономузӣ ва аз худ кардани технологияи иттилотии муосирро вусъат бахшанд, ки минбаъдояндаи нек ва дурахшони онҳо дар кишвари соҳибистиқлол ва обод таъмин гардад.

Бо меҳнати софдилона, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ ва вусъати корҳои созанда аҳли ҷомеа қодир аст, тамоми мушкилоти иҷтимоӣ, хавфу

хатари пайомадҳоро пешгирӣ ва бартараф намояд ва ҳар чӣ зудтар ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад.

Ҳамин тариқ, вазифаи пуршарафи ҷомеаи кишвар тарғиботу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, таълиму тарбия, хусусан ҷавонон аст, ки онҳо зираку ҳушёр бошанд, то ки дастовардҳои миллӣ, истиқлоли давлатиро таҳким бахшанд, барои ривоҷу равнақ, пешрафт ва шукуфоии Тоҷикистон бо ташаббускорӣ, амалҳои созанда, меҳнати софдилона ва содиқона, баҳри обрӯю миллату Ватани азизамон талош намоянд.

**Адабиёт:**


1. Борисов С.В. Преступления экстремистской направленности: проблемы законодательства и правоприменения. Дис. … док. юрид. наук. – М., 2012. – 484 с.
2. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1 аз 12 июни соли 2014 «Дар бораи татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ) дошта» // Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992-2015). – Душанбе: Ирфон, 2024. – 446 с.
3. Можегова А.А. Экстремистские преступления и преступления экстремистской направленности по Уголовному праву Российской Федерации. Дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 169 с.
4. Насуриён П.А. К вопросу обеспечения криминологической безопасности Республики Таджикистан и Российской Федерации в сфере взаимовлияния незаконной миграции и экстремистско-террористической деятельности // Труды Академии МВД РТ. – №1 (65). – 2025. – С.8-14.
5. Особенности расследования преступлений экстремистской и террористической направленности. – М.: Институт повышения квалификации СК РФ., 2012. – 229 с.
6. Раҳматулоев А.Э., Қаҳоров Н.М. Зарурати муайян кардани сабабу шароити ифротгароӣ ва терроризм дар таъмини амнияти миллӣ // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). – № 1. – 2019. – С. 143-149.
7. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 4. – Душанбе: Ирфон, 2002. – С.174-175.
8. Сафарзода, Х.С., Насуриён, П.А. Асосҳои муқовимат ба экстремизми динӣ-мазҳабӣ: монография. – Душанбе, 2022. – 173 с.
9. Шарофзода Р.Ш. Ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи иттилоотӣ // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6-уми декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С.69-78.

# ПЕШГИРИИ ҒОРАТГАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Тел.:** +992 880787828
**Email:** mrahmonzoda@mail.ru

**Мирзозода Қобил Холмурод,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** +992 988949405
**Email:** qobil9498@mail.ru

**Муқарриз:** Сафарзода А.И, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур чораҳои умумиичтимоӣ ва махсуси пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳангоми навиштани мақолаи таҳлилшаванда таъмини волоияти қонун дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дар дигар соҳаҳо мутаносибан аз хусусияти тадбирҳои пешгирикунанда, ки бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо равона гардидаанд, вобаста аст.

Мушкилоти пешгирии ҷинояткорӣ воқеан яке аз масъалаҳои марказии илми криминология мебошад. Принсипҳои асосии пешгирии ҷинояткорӣ ва пешгирии намудҳо, категорияҳо ва гурӯҳҳои мушаххаси ҷиноятҳо аз ҷониби криминологҳо муддати тулонӣ таҳия гардида, асосҳои назариявии дахлдор аллакай коркард карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятӣ, пешгирии ҷинояткорӣ, чораҳои умумиичтимоӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

# ПРЕДУПРЕЖДЕНИЕ ГРАБЕЖЕЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Рахмонзода Мухаммад Джамшед,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведущий кафедрой уголовного права и противодействия коррупции, кандидат юридических наук, доцент
**Тел.:** +992 880787828
**Email:** mrahmonzoda@mail.ru

**Мирзозода Кобил Холмурод,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции, кандидат юридических наук
**Тел.:** +992 988949405
**Email:** qobil9498@mail.ru

**Рецензент:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В данной статье анализируются и рассматриваются общесоциальные и специальные меры предупреждения преступления грабежа. При написании анализируемой статьи обеспечение верховенства права в сфере хозяйственно-предпринимательских отношений, а также в других сферах зависит от характера профилактических мер, направленных на предупреждение правонарушений и преступлений.

Проблема предупреждения преступности действительно является одной из центральных проблем криминологии. Основные принципы предупреждения правонарушений и предупреждения отдельных видов, категорий и групп преступлений давно разработаны криминалистами, и уже разработаны соответствующие теоретические основы.

**Ключевые слова:** Уголовный кодекс, уголовное законодательство, предупреждение преступления, общесоциальные меры, уголовная ответственность.

## REVENTION OF ROBBERY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Rahmonzoda Muhammad Jamshed,**
Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, candidate of legal sciences, docent
**Phone.:** +992 880787828
**Email:** mrahmonzoda@mail.ru

**Mirzozoda Qobil KHolmurod,**
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant at the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, candidate of legal sciences
**Phone.:** +992 988949405
**Email:** qobil9498@mail.ru

**Reviewer:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Professor

**Annotation**. This article analyzes and discusses general social and special measures to prevent the crime of robbery. When writing the analyzed article, ensuring the rule of law in the sphere of economic and business relations, as well as in other areas, depends on the nature of preventive measures aimed at preventing offenses and crimes. The problem of crime prevention is indeed one of the central problems of criminology. The basic principles for the prevention of offenses and the prevention of certain types, categories and groups of crimes have long been developed by criminologists, and the corresponding theoretical foundations have already been developed.

**Keywords**: Criminal code, criminal legislation, crime prevention, general social measures, criminal liability.

Дар адабиёти илмӣ оид ба мафҳуми пешгирии ҷинояткорӣ, моҳияти ҳуқуқии он андешаҳо ва ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Тибқи андешаи Г.С. Саркисов, пешгирии ҷинояткорӣ як намуди махсуси идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки барои таъмини амнияти арзишҳои бо қонун ҳифзшаванда пешбинӣ шудааст ва аз таҳия ва татбиқи системаи чораҳои мақсаднок, ки ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ нигаронида шудааст, иборат мебошад[315]. Пешгирӣ, – тавре Г.А. Аванесов қайд менамояд, – ин як намуди назария (вақте ки масъалаҳо бо истилоҳоти илмӣ омӯхта мешаванд) ва ҳамчун як намуди амалия (вақте ки масъалаҳои амалӣ ҳал карда мешаванд) мебошад[316].

Яке аз аввалин таърифҳои пешгирии ҷинояткорӣ аз ҷониби А.Г. Лекар дода шудааст. Тибқи таърифи додаи ӯ, пешгирии ҷинояткорӣ «фаъолияти мақомоти давлатӣ (аз ҷумла мақомоти корҳои дохила) ва ташкилотҳои ҷамъиятии меҳнаткашон оид ба ошкор намудан ва бартараф намудани сабабҳое мебошад, ки сабаби ба амал омадани ҷиноятҳо ва шароитҳое мебошанд, ки ба содир шудани онҳо мусоидат мекунанд»[317].

Зери мафҳуми пешгирии ҷиноят баъзе муалифон маҷмуи чорабиниҳои бо ҳам алоқаманди дар қонун пешбинишуда, инчунин дар назария ва амалия таҳияшударо мефаҳманд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд ва ба пешгирии ҷиноятҳо тавассути ошкор намудани ҷиноятҳо, бартараф намудани сабабу шароите, ки ба содир шудани онҳо мусоидат мекард, пешгирӣ кардани ҷиноятҳои мушаххас, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтироми қонуният нигаронида шудаанд[318].

Хусусияти ҷинояти ғоратгарӣ ба маҷмуи мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста аст, бинобар ин пешгирии ҷиноят дар рафъи ҷиноятҳои иқтисодӣ аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Баъзе таҳқиқотчиён аҳаммияти пешгирии ҷиноятҳои иқтисодиро махсус қайд менамоянд. Масалан, оид ба масъалаи пешгирии ҷиноятҳои иқтисодӣ З.А. Астемиров қайд менамояд,

---

315 Ниг.: Саркисов Г.С. Социальная система предупреждения преступности. – Ереван, 1975. – С. 46.; Жалинский А.Э., Лекарь А.Г. Профилактика преступлений. – М., 1972. – С. 69.

316 Ниг.: Аванесов Г.А. Криминология и социальная профилактик. – М., 1980. – С. 106.

317 Жалинский А.Э., Лекарь А.Г. Профилактика преступлений. – М., 1972. – С. 3.

318 Ниг.: Березин М.Н., Кулагин Н.И., Макушненко Л.П. Профилактическая деятельность следователя. – Волгоград, 1975. – С. 4.

ки дар пешгирии умумӣ – иқтисодии ҷинояткорӣ мавқеи асосиро тамоми низоми таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи аҳолӣ ишғол мекунад, ки бояд нисбат ба шахсони махсусан эҳтиёҷманд бештар зоҳир карда шавад ва ба баланд намудани музди меҳнат, кумакпулӣ, нафақа, шароити зиндагии аҳолӣ алоқаманд аст[319].

Аҳаммиятнокии пешгирии ҷинояткории иҷтисодиро В.Н. Кудрявсев қайд намуда иброз менамояд, ки ба дараҷаи зарурӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ омили муҳимми кам намудани ҷинояткории иқтисодӣ мебошад[320].

Пешгирии ҷиноятҳо ин ошкорсозӣ, омӯзиш ва рафъи (безарар гардонидани) сабабҳо ва шароити ҷиноят, ошкор ва омӯзиши шахсоне, ки тарзи ҳаёти зиддиҷамъиятиро пеш мебаранд, ба қайди дахлдор гузоштан ва ба онҳо расонидани таъсири зарурӣ мебошад.

Пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ бояд ҳамчун таъсири мақсадноки пешгирикунанда на танҳо ба шахсоне, ки тарзи ҳаёти ғайриҷамъиятиро пеша намудаанд фаҳмида шавад, балки дар умум ба ҷинояткорӣ ҳамчун як падида, ба манфиати шахс ва ҷомеа амалӣ карда мешавад.

Пешгирии ҷиноят як намуди муайяни фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ба ошкор сохтан ва бартараф намудани сабабҳое, ки боиси ба амал омадани ҷиноятҳо ва шароитҳое, ки ба содир намудани онҳо мусоидат мекунанд, нигаронида шудааст.

Пешгирии ғоратгарӣ, мисли ҳама гуна пешгирии дигар намудҳои ҷиноят, ба умумииҷтимоӣ ва махсус тақсим карда мешавад. Тадбирҳои пешгирикунанда бояд ҳам ба тағйир додани шароити объективии иҷтимоӣ ва ҳам ба тағйир додани шахсияти шахси ҷинояткор нигаронида шаванд.

Пешгирии умумии ғоратгарӣ – маҷмуи чораҳо оид ба рафъи равандҳои муайянсозӣ ва сабабнокии ҷинояткориии касбӣ, ки ба тамоми аҳолӣ ва гурӯҳҳои он таъсир мерасонад, бо меъёрҳои умумии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар меъёрҳо ҷудо карда мешавад, ки эҳтимолияти рафтори ҷиноятии қариб тамоми намояндаҳои ин гуруҳҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меорад. Пешгирии умумииҷтимоӣ тадбирҳо оид ба такмили соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷомеаро дар бар мегирад.

Пешгирии инфиродӣ – рафъи сабабҳо ва шароитҳои рафтори ҷиноятӣ дар сатҳи инфиродӣ нисбат ба шахсони алоҳида мебошад. Он инчунин аз ошкор намудани шахсоне, ки майли рафтори зиддиҳуқуқӣ доранд ва бо онҳо гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ иборат аст. Тадбирҳои пешгирии инфиродӣ бар хилофи умумӣ бевосита ба шахсияти ғоратгар ва ҳолатҳое нигаронида шудаанд, ки муносибати зиддиҷамъиятии ӯро ташкил медиҳанд.

Дар сатҳи инфиродӣ – шахсӣ пешгирии ғоратгарӣ, аз як тараф, таваҷҷуҳ ба шахсоне равона карда мешавад, ки ин ҷиноятро ҳамчун касб ё мунтазам ба содир намудани ин намуд кирдор машғул мебошанд, ё таҳти назорати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор доранд, аз ҷониби дигар таваҷҷуҳ нисбат ба шахсоне равона мегардад, ки бинобар сабаби камбизоатӣ,

[319] Ниг.: Астемиров З.А. Криминология: Курс лекций. – Махачкала, 2002. – С. 155.
[320] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Стратегии борьбы с преступностью. – М., 2003. – С. 280.

эҳтиёҷмандӣ ба ғоратгарӣ ва дигар намудҳои тасарруфи амвол майл доранд. Пешгирии инфиродӣ, инчунин тағйироти мусбати низоми тамоюлҳои арзишии шахс, рафъи ақидаҳо ва муносибатҳои зиддиҷамъиятии ӯ, пешгирии содир намудани ҷиноят аз ҷониби ӯ, ки зери назорати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор гирифтааст, дар бар мегирад (ин гуна пешгирӣ – криминологии инфиродӣ низ номида мешавад).

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии пешгирии инфиродӣ ҷамъоварии маводи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, банақшагирӣ ва нигоҳдории маълумот дар бораи ҷиноятҳои ғоратгарии банақшагирифташуда ва омодашудаистода, маълумот оид ба шахсоне, ки қасди содир кардани онҳоро доранд, маълумот дар бораи вақт, ҷой, ҷабрдидагон ва ғайра зарур аст[321].

Дар натиҷаи таҳқиқи чораҳои пешгирӣ ғоратгарӣ ба ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, қонунгузорӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ахлоқӣ-тарбиявӣ, ташкилию идоракунӣ, виктимологӣ, техникӣ ва тиббӣ ҷудо карда шуданд.

*Чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ.* Дар пешгирии ҷиноятҳо чораҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Бинобар ин, дар пешгирии ғоратгарӣ, инчунин тамоми ҷиноятҳои ғаразнок, чораҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд. Онҳо дар давраи муосириислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти махсус пайдо намудаанд, зеро рушди механизми ҳуқуқӣ аз суръати инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисодиёт хело ақиб мондааст.

Тадбирҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ сабабҳои иҷтимоии ҷиноятҳои ғаразнокро пурра бартараф намекунанд, аммо бо таҳдиди татбиқи ҷазои ҷиноятӣ метавон то андозае ба шахсони майли рафтори зиддиҳуқуқӣ дошта таъсир расонида, такрор шудани кирдори ҷиноятии ғаразнокро аз ҷониби онҳо пешгирӣ намуд.

Тавассути истифодаи тамоми имконоти ҷазои ҷиноятӣ ҳадафи пешгирикунанда бо ду роҳи асосӣ амалӣ мегардад. Якум, бо роҳи озмоиши маҳкумшуда бо маҳрумиятҳое, ки мазмуни моддии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун оқибатҳои кирдори ҷиноятии содиркардаи ӯро ташкил медиҳанд. Дуюм, тавассути дарк намудани ногузирии ҷазои ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноят[322].

Аҳаммияти татбиқи чораҳои қонунӣ барои пешгирӣ намудани таҷовузҳои ҷиноятӣ ба моликияти шахсӣ набояд танҳо бо таъсири пешгирикунандаи ҷазо ё пурзӯр намудани назорат маҳдуд карда шавад. Чунин фаъолият ба ошкор намудан, рафъ ё безарар гардонидани сабабу шароити содир намудани ҷиноятҳои ғаразнок на танҳо тавассути истифодаи чораҳои максаднок, балки бо такмили худи чораҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Ҷазои боадолатона аз тадбирҳои асосии пешгирии инфиродӣ мебошад. Ҷазо ҳамчун чораи пешгирии содиршавии ғоратгарӣ ва дигар ҷиноятҳо аҳаммияти калон дорад. Он таъсири боздоранда дошта, ба

---

[321] Ниг.: Солодовников С.А. Криминологический анализ грабежей и разбоев в системе преступного насилия и их противодействие интересам личности и общества: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 229.

[322] Ниг.: Адилов З.А. Потенциал уголовного наказания и проблемы его эффективности в борьбе с преступностью: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Махачкала, 2003. – С. 10.

ташаккул ва мустаҳкам шудани интизоми ҳуқуқӣ ёрӣ мерасонад. Зарурати бандубасти дурусти кирдор аввалин амале мебошад, ки суд ҳангоми таъини ҳукм ба назар мегирад. Ин ба суд имконият медиҳад, ки хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятро муқаррар намояд.

Дар баробари ин, ҳолатҳои тадбиқ нагардидани ҷазо зиёд гашта, он ба таъсири пешгирикунандаи қонуни ҷиноятӣ таъсир расонида, пояҳои онро хеле заиф мегардонад. Дар чунин ҳолатҳо беҷазоӣ метавонад ба омили мушаххаси криминогенӣ табдил ёбад. Аз ин рӯ, бекор намудани баъзе шартҳои қонуни ҷиноятӣ ё муқарраротдар хусуси ҷазои ҷиноятӣ озод намудан барои содир намудани ҷиноятҳои ғаразнок яке аз ҳолатҳои муҳим ва аҳаммиятноки пешгирии таҷовузи ҷинояткорона ба моликияти шахсӣ, умуман ғоратгарӣ мебошад. Бартараф намудани он бояд бо роҳи такмил додани қонунгузорӣ дар самти интихоби дурусти объектҳои бевоситаи хифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба назар гирифтани воқеят имкониятҳои қонуни ҷиноятӣ оид ба таъмини ҳифзи моликияти шахсӣ, рафъи шартҳои қонунгузории субъективизми ҳуқуқӣ, ба Конститутсия мувофиқ намудани меъёрҳои мушаххаси қонуни ҷиноятӣ, такмили фаъолияти қонунгузорӣ зарур аст.

Яке аз ҳолатҳои паст гардидани таъсири умумии пешгирикунандаи ҷазои ҷиноятӣ ҳолатҳои беасос нисбат ба шахсоне, ки тибқи моддаи 248 КҶ ҶТ ҷиноят содир кардаанд, ҷазои сабук татбиқ намудан мебошад. Аз ин рӯ, дар мубориза бар муқобили ҷинояткорӣ, – тавре ки З.А. Астемиров қайд менамояд, – давлат вазифадор аст, ки сиёсати ҷиноятии худро ташаккул дода, ба амал баровардани муборизаи зидди ҷинояткориро дар асоси қонун таъмин намояд[323].

Инчунин дар ҶТ тамоюли кам гардидани таъсири ҷазо аз ҷониби судҳо мушоҳида карда мешавад. Қонунгузории ватанӣ дар самти либерализатсияи ҷазои ҷиноятӣ хело муваффақ шудааст, вақте ки вазъият ва динамикаи ҷиноят дар кишвар номусоид аст ва низоми ҷазои ҷиноятӣ аллакай заиф ва бесамар низ мегардад.

Маълумоте, ки мо дар асоси таҳлили маводи парвандаҳои ҷиноятие, ки судҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2017-2022 баррасӣ кардаанд, нишон медиҳанд, ки ин тамоюли умумӣ хоси ин мавзуъ низ мебошад. Дар баробари ин, ҷазоҳое, ки ба маҳрум намудан аз озодӣ вобаста намебошанд, муассиртар кардан лозим аст, зеро дар шуури аксари аҳолӣ танҳо маҳрум кардан аз озодиро ҳамчун ҷазо барои ҷинояти содиршуда фаҳмида мешавад ва дигар намуд ҷазоҳо аз ҷумла корҳои ислоҳӣ, корҳои ҳатмӣ ва ғайраро ҳамчун озод намудан аз ҷазо мефаҳманд.

Ҳамин тариқ, нисбат ба шахсони дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор ҳар ҷӣ бештар истифода намудани шартан тадбиқ накардани ҷазо, мунтазам авф намудани онҳо, васеъ истифода бурдани институти озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо шуури ҳуқуқии одамонро дигаргун менамояд ва дар низоми муборизаи зидди ҷинояткорӣ дар ҷамъият муҳити номусоиди иҷтимоию психологиро ба вуҷуд меорад.

---

[323] Ниг.: Астемиров З.А. Криминология. – Махачкала, 2002. – С. 127.

Тамоми ин аз зарурати беҳтар тафтиш намудани парвандаҳои ғоратгарӣ, инчунин баланд бардоштани самараи чораҳои ҷазо дар самти пурзуӯр намудани сиёсати ҷазо гувоҳӣ медиҳад[324].

Ҳар чи ки сабаби вайрон гардидани принсипи ногузирии ҷазои ҷиноятӣ мегардад, асосҳои адолати иҷтимоиро дар ҷамъият вайрон намуда, чунин вазъият аз 10 дар се ҳолат ба содир гардидани кирдорҳои ғаразноки зиддиҷамъиятӣ, ба рафтори хавфноки ғайриқонунии ғаразнок роҳ мекушояд. Ҳамин тавр, рафъи беҷазоӣ барои ҳама гуна кирдор, ҳуқуқвайронкуниҳо ё ҷиноятҳо бо мақсади пешгирии чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ як масъалаи таъхирнопазир мебошад. Роҳи асосӣ бартараф намудани ҳолатҳои хунукназарӣ вобаста ба ҳифзи молу мулк; бартараф намудани ҳолатҳои пинҳонкорӣ, ки аз ҷониби роҳбарони баъзе корхонаҳо ҳангоми содир гардидани ҷинояти ғаразнок ба миқдори на он қадар калон амалӣ мегарданд; пешгирии бадмастӣ ва майзадагӣ, ки дар асоси он бештари ҷиноятҳо ба муқобили моликияти шахсӣ содир шудааст, мебошад.

*Чораҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.* Тамоми шаклҳои гуногуни содир гардидани ҷиноятҳои ғаразнок аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мубориза ба муқобили онҳо танҳо аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ душвор аст. Зарур аст, ки заминаи пешгирии иҷтимоии рафтори ҷиноятқорона, барномаи давлатии дастгирии тамоми мақомотҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ машғуланд омода карда шавад. Муборизаи катъӣ ба муқобили ҷиноятқорӣ, пешгирӣ кардани ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ва муқаррар намудани сабабҳое, ки боиси ба амал омадани онҳо мегарданд, асосан бо татбиқи амалии тадбирҳои асосии умумииҷтимоӣ муайян карда мешаванд[325].

Чораҳои иқтисодии пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ ба ҳалли вазифаи асосии паст намудани дараҷаи сатҳи бекорӣ, аз байн бурдани тафовут дар даромадҳои байни одамони камбизоат ва сарватманд равона гардидаанд. Мавриди зикр аст, ки дар ҷомеа муосир як табақаи одамоне ба вуҷуд омадаанд, ки манбаи даромади доимӣ надоранд– ҷиноятқорони эҳтимолӣ. Аз ин ру, баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии ин гуруҳи одамон вазифаи аввалиндараҷа буда ва фароҳам овардани заминаҳои пешравии иҷтисодиёт мебошад.

Дар пешгирии умумии иҷтимоӣ, тамоми низоми таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи аҳолӣ мавқеи калонро ишғол мекунад, ки бояд нисбати шахсони махсусан эҳтиёҷманд бештар ғамхорӣ зоҳир намоянд. Дар баробари ин ҳалли мушкилиҳои қайдгардида аз сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат вобаста аст. Бо назардошти он, ки аксарияти ҷиноятҳои зидди моликият аз ҷониби шахсони бекор, ноболиғон содир мешаванд, тадбирҳои умумии пешгирикунандаи иҷтимоӣ бояд аз ҳифзи иҷтимоии ин шахсон, сатҳи муътадили зиндагии онҳо иборат бошад. Ба ин гуруҳ шумораи зиёди шахсоне дохил мешаванд, ки аз маҳбасҳо озод шудаанд ва ба кумак дар шуғл, рӯзгор, таъминоти моддӣ эхтиёҷ доранд, чунин дастгириро наёфта, онҳо ба осонӣ ба касби пешина (ҷиноятқорӣ) бармегарданд. Ҳамин тавр,

---

[324] Ниг.: Селиванов И.О. Присвоение или растрата: дис. ... канд. юрид. наук. – Калининград, 2002. – С. 145.
[325] Ниг.: Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение. Т. 8. – М., 1961. – С. 529–536.

дар пешгирӣ намудани ҳолатҳои ғоратгарӣ аҳаммияти асосӣ ба пешгирии иҷтимоӣ дода мешавад.

*Тадбирҳои ахлоқӣ ва тарбиявии пешгирии ғоратгарӣ.* Чунин шаклу усулҳои махсуси таъсирасонӣ ба шахсе, ки рафтори ғаразнок дорад, ба монанди тарбияи ҳуқуқӣ ва назорати ҷамъиятии рафтори ғайриқонунии ҷинояткорон зарур аст. Ҳангоми пешгирии ҳодисаҳои тасарруфи моликият дар шакли ғоратгарӣ тадбирҳои тарбиявӣ аҳаммияти ҷиддӣ доранд. Дар ин самт ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, таъсис додани низоми хуб ва муассири таълиму тарбия зарур мебошад, ки фаъолияти он бояд ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқӣ байни аҳолӣ мусоидат намояд[326]. Беҳтар намудани шароити зиндагонии аъзоёни ҷомеа бо таъсири мақсадноки тарбиявӣ ба шахс дар самти ташаккули низоми арзишҳо, муносибатҳо, эътиқодҳои ӯ, ки ба низоми меъёрӣ муқаррар шудаанд, бояд алоқаманд карда шавад.

Пешгирии ғоратгарӣ бо фаъолона ба амал баровардани фаъолияти аъзои оила, муассисаҳои таълимӣ, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ алоқаманд аст. Ҳамаи онҳо ба ташаккули дарки амиқи ягонагии ҳуқуқу уҳдадориҳо, эҳтиром ба қонуну қоидаҳо, рафъ, безарар гардонидани омилҳои манфии ташаккулёбии шахсият равона гардидаанд.

Дар шахсоне, ки дар рафтори онҳо аломатҳои нигилизми ҳуқуқӣ ба назар мерасад, эътиқод ба рафтори дурустро ташаккул додан зарур аст. Инчунин анъана, расму оин ва маърифати динӣ дар пешгирии ҷинояти ғоратгарӣ ва дигар ҷиноятҳо дар ҷумҳурӣ аҳаммияти хоса дорад. Дар мероси маънавии халқҳо бисёр чизҳои ибратбахшу муфидро дидан мумкин аст. Урфу одат ва анъанаҳо (мисли бисёр халқҳои дигар) дар тули рушди тулонии таърихӣ инкишоф ёфта, аз насл ба насл мегузаранд.

Нақши муҳим дар тарбияи рафтори қонунӣ дар расму оинҳо ба оила тааллуқ дорад. Нақши оила дар ташаккули ахлоқии шахсият дар марҳилаҳои аввали инкишофи он дар асарҳои омӯзгорон, равоншиносон, ҳуқуқшиносон комилан инъикос ёфтааст[327]. Дар онҳо тавсияҳои мушаххас оид ба таълим, тавсифи усулҳои педагогии дахлдор қайд мегарданд.

Мувофиқи маълумотҳои омории дастраснамудаи мо, масалан, дар соли 2021 синну соли шахсони ғоратгарӣ содирнамуда ба 16 то 29-солагӣ рост меояд, ки ин аз шумораи умумии шахсони чунин ҷиноятро содир намуда –74,7%-ро ташкил медиҳад[328]. Ин бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад,

---

[326] Ниг.: Нелезина Е.П. Уголовно-правовые и криминологические меры борьбы с присвоением и растратой в кредитно-банковской системе: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 132; Селиванов И.О. Присвоение или растрата: дис. ... канд. юрид. наук. – Калининград, 2002. – С. 108; Севрюков А.П. Хищение имущества: криминологические и уголовно-правовые аспекты. – М., 2004. – С. 448.

[327] Ниг.: Валуев М.В. Семья как субъект предупреждения преступности молодежи // Правовое воспитание молодежи: семья и социум: сборник научных трудов / Международной научно–практической конференции (Москва, 30 ноября 2016 года). – Москва: Московский университет Министерства внутренних дел Российской Федерации им. В.Я. Кикотя, 2017. – С. 17–20; Марианов А.А., Заирбеков Ш.И. Семья как субъект предупреждения преступлений // Наука и современность. Материалы II Международной научно-практической конференции (Махачкала, 27 ноября 2015 года) / Под общ. ред. М.И. Абакарова. – Махачкала: ООО «Инноватика», 2015. – С. 127–131.

[328] Ниг.: Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.03.2022, таҳти № 02/632–03.

ки баҳри огоҳии ҷинояткорӣ истифодаи воситаҳои асосии тарбия дар марҳилаи ибтидои зарур мебошад. Дар татбиқи ин тадбирҳо нақши оила, коллективҳои муассисаҳои таълимӣ ва дигар институтҳои ҷамъияти дар марҳалаҳои аввалин хеле калон аст.

Бояд қайд намуд, ки чидду ҷаҳди коллективҳои меҳнатӣ, оилаҳо ва муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятиро барои безарар намудан ё бартараф намудани омилу ҳолатҳое, ки ба одамони майли ғаразнокдошта таъсири манфӣ мерасонанд, бояд бо фаъолияти фаъолонаи ташкилотҳои гуногун, муассисаҳои маданият, муассисаҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дастгирӣ карда шавад. Нақши ин субъектҳо дар кори пешгирӣ кардани ташаккули тамоюли ғаразноки шахс бояд хеле баланд гардад.

Тарбияи ахлоқӣ дар оила бо тарбияи меҳнатӣ робитаи зич дорад. Усулҳои асосӣ таълим, пешниҳод, талаб, таъриф ва танбеҳ мебошанд. Дар оила аз овони хурдсолӣ бо равишҳои гуногуни тарбия ба тарбия дар давраи кудакию наврасӣ, бо таъсир расондан ба соҳаи эҳсоси шахсият, бо талаби катъии калонсолон нисбат ба кӯдакон хислатҳои ахлоқӣ ва итоаткорӣ ташаккул меёфт. Ин ба ҳолатҳое тааллуқ дошт, ки амалҳои ҷиддии бадахлоқона доранд. Дар чунин мавридҳо ҳама гуна ҷазо мувофиқ дониста мешуд, ба шарте ки хоҳиши такрори кирдорро боздорад. Дар баробари ин, ҷазоҳои бераҳмона ҳамчун як таҳдиди эҳтимолӣ вуҷуд доштанд, на ҳамчун воситаи истифодаи ҳамарӯза.

Дар ташаккули ахлоқии шахс муносибати худи ӯ ба амалу кирдор, риояи меъёрҳои ахлоқии дар ҷомеа муқаррааргардида аҳаммияти бузург дорад. Муҳим он аст, ки худи шахс саъӣ кунад, ки меъёру қоидаҳои ахлоқиро риоя намояд.

Ҳамин тавр таъкид намудан зарур аст, ки пешгирӣ кардани таҷовузи ҷинояткорона ба моликияти шахсӣ, пеш аз ҳама, вазифаи мураккаби тарбиявӣ мебошад. Самаранокии ҳалли он аз истифодаи усулҳои гуногуни таъсири тарбиявӣ ба шах вобаста аст. Муносибати комплексӣ дар кори тарбия на танҳо ягонагии шаклҳо, роҳҳо ва воситаҳо, балки инчунин маънои то чӣ андоза самаранок ба амал баровардани таъсир ба тамоми сатҳҳои шуури шахсият, сифатҳо ва хосиятҳои онро дорад. Ба ибораи дигар, шуури шахсро бо чунин иттилооти мусбат мусаллах кардан лозим аст, ки ба инкишоф ва таҳкими самтҳои муҳимми иҷтимоӣ дар шуури ӯ мусоидат карда, таъсиреро, ки шахсиятро аз ҷиҳати ахлоқӣ деформатсия мекунад, комилан истисно намояд[329].

*Чораҳои ташкилию идоравӣ.* Дар стратегияи мубориза бо ҷинояткорӣ ҷои махсусро тадбирҳои ташкилию идоракунӣ ишғол мекунанд, ки дар таъмини истифодаи дурусти шаклҳои махсуси пешгирикунанда нақши муҳим доранд[330].

---

[329] Ниг.: Акаева А.А. Проблемы латентности преступлений в сфере экономики: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 8.

[330] Ниг.: Каныгин В.И. Проблемы комплексного анализа и предупреждения преступности в регионе (по материалам Приволжского федерального округа): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2002. – С. 19.

Яке аз мушкилотҳои асосии ташкилию идоракунии муборизаи зидди ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ба қайд гирифтан ва баҳисобгирии ҷиноятҳо мебошад, ки дар таъмини пуррагӣ ва объективии нишондодҳои ҳолати ҷинояткорӣ ва назорати воқеии он нақши ҳалкунанда мебозанд.

*Такмили тадбирҳои техникии пешгирии ғоратгарӣ.* Ин чораҳое мебошанд, ки ба рафъи ҳолатҳои вайрон намудани ҳуқуқи моликияти шахсӣ мусоидат мекунанд, бо истифодаи воситаҳои техникӣ ё бе истифодаи воситаҳои техникӣ содир карда мешаванд. Онҳо инчунин истифодаи компютерҳои электрониро дар бар мегирад.

Техникаи муосир барои нигоҳ доштани ахбороти васеъ ва мубрам имкониятҳои зиёдро фароҳам меорад; вақти коркард ва таҳлили ахборро кам мекунад; муҳлати иҷрои амалиёти гуногун, ки барои омӯхтани ҷинояткорӣ, иштироккунандагони ҷинояткорӣ ва дар ин асос кор карда баромадани тадбирҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки пешгирикунӣ ва ғайра заруранд, хеле кам карда мешавад. Албатта, нақши инсон аз ин кам намешавад. Маҳз инсон ҳуқуқи ягона ва бебаҳс барои қабули қарорҳои ниҳоӣ дорад. Истифодаи техникаи компютерӣ омода намудани мутахассисони баландихтисос барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз худ намудани технологияи муосир ва эҷодкорона истифода бурдани имкониятҳои фароҳамшударо тақозо мекунад.

Бо дарназардошти он ки пешгирии мақсадноки ҷинояти ғоратгарӣ як масъалаи мураккаб мебошад, ҷорӣ намудани технологияи электронии ҳисоббарории муосир боз ҳам мубрам мегардад. Он имкон медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ иттилооти аҳаммиятнок ҷамъоварӣ карда шуда, имкон медиҳад, ки чораи мушаххаси таъсиррасонӣ ба ҷинояткорон дуруст интихоб карда шавад.

Инчунин такмили тадбирҳои техникӣ барои пешгирӣ кардани воридшавии ғайриқонунӣ ба биноҳои истиқоматӣ қайд намудан зарур аст. Ба андешаи мо бояд барои ин мақсадҳо дастгоҳҳои махсуси автоматӣ васеъ истифода бурда шаванд аз ҷумла: идора намудани дарҳои даромадгоҳҳо ба биноҳои бисёрошёна аз дохили манзилҳо, идоракунии автоматии рушноидиҳии электронӣ; домофон, аз ҷумла домофонҳо дар даромадгохи биноҳои серошёна ва инчунин қулфҳои электронӣ бо пулт. Воситаи таъсирбахш сигнали марказӣ ва автономии амниятӣ дар хонаҳо, анборҳо, инчунин сигналҳои мошинҳои шахсӣ ва биноҳо мебошад.

*Истифодаи чораҳои тиббӣ дар пешгирии деформатсияи шахсият.* Тавре амалия нишон медиҳад, аксарияти иштирокчиёни ҷиноятҳои ба даст овардани моликияти шахсӣ мунтазам машрубот истеъмол мекарданд, баъзеҳои онҳо майзадагони музмин буданд, тез–тез тағирёбии руҳӣ, ҳолати гуногуни бемориро аз сар мегузаронанд. Вобаста ба ин, барои рафъи деформатсияи физиологӣ ва равонии шахс нисбати онҳо дар баробари дигар усулҳои таъсиррасонӣ ва чораҳои пешгирикунандаи хусусияти тиббӣ татбиқ намудан зарур мебошад. Ҳамаи ин чораҳои пешгирикунанда, ки дар якҷоягӣ тадбиқ мегарданд, натиҷаҳои мусбат медиҳанд.

*Пешгирии виктимологӣ.* Дар аксар маврид тадбирҳои пешгирӣ кардани ҷиноятҳо асосан яктарафа буда, пеш аз ҳама ба шахсияти ҷинояткор нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, дар натиҷаи омӯзиши сабабу шароите, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат мекунанд, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сабаби кирдорҳои ҷиноятӣ то андозае рафтори худи ҷабрдидагон низ мебошанд. Маълумоте, ки дар бораи ҷабрдида, хислатҳои шахсият ва рафтори ӯ ба даст омадааст, имкон медиҳад, ки чораҳои пешгирикунандаи виктимологӣ, ки ба иқтидори ҷабрдидагон барои пешгирии содир намудани ҷиноят нигаронида шудаанд, коркард карда шаванд[331].

Пешгирии виктимологӣ ҳамчун маҷмуи чораҳои дорои хусусияти пешгирикунанда барои таъсир расонидан ба омилҳо, падидаҳо, равандҳои виктимологенӣ, ки ҷузъҳои маҷмуи сабабҳои ҷиноятҳои мушаххас, категорияҳо ва намудҳои онҳо мебошанд, муайян карда мешавад[332].

Таҳлили имкониятҳои виктимологии пешгирии ҷинояткорӣ ва махсусан ҷиноятҳои зӯроварӣ ва ғаразнок маънои на танҳо тағйир додани нуқтаи назари пешгирӣ ҳамчун муносибат нисбат ба ҷинояткор, балки тағйир додани баҳодиҳии ҷабрдидаро ҳамчун унсури ғайрифаъоли ҳолати ҷинояткорӣ дорад. Муносибати виктимологӣ имкон медиҳад, ки чораҳои таъсири мусбат ба шахсоне, ки эҳтимоли қурбонии ҷиноятҳо мешаванд, таҳия карда шаванд. Аз ин рӯ, ҷанбаи виктимологӣ дар тамоми самтҳои пешгирии ҷинояткорӣ ҷойгоҳи худро пайдо мекунад. Аз ҷиҳати назариявӣ, ҳар як шахс метавонад қурбонии ҷиноят гардад, аз ҷумла ҷинояти ғоратгарӣ. Аз ин рӯ, дар байни аҳолӣ барои кам кардани хавфи қурбони ҷиноят шудан тадбирҳо коркард ва ба амал бароварда шаванд. Дар робита ба ин, мушкилоти таъминоти иттилоотии пешгирии ғоратгарӣ бешубҳа ба вуҷуд меорад.

Тавре таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, шаҳрвандоне, ки барои бо худ гардондани силоҳ иҷозат доранд, нисбат ба аҳолии одӣ бештар талаботи қонунро риоя мекунанд. Таҷрибаи ин давлатҳо исбот менамояд, аҳолӣ ҳар қадар бештар мусаллаҳ бошад, ҷиноятҳо камтар содир карда мешаванд.

**Адабиёт:**


1. Аванесов Г.А. Криминология и социальная профилактик. – М., 1980. – С. 106.
2. Адилов З.А. Потенциал уголовного наказания и проблемы его эффективности в борьбе с преступностью: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Махачкала, 2003. – С. 10.
3. Адипозелов К.А. Проблемы виктимизации населения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 4.
4. Акаева А.А. Проблемы латентности преступлений в сфере


[331] Ниг.: Адипозелов К.А. Проблемы виктимизации населения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 4.

[332] Ниг.: Каныгин В.И. Проблемы комплексного анализа и предупреждения преступности в регионе (по материалам Приволжского федерального округа): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2002. – С. 17.

экономики: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Махачкала, 2002. – С. 8.

5. Астемиров З.А. Криминология: Курс лекций. – Махачкала, 2002. – С. 155.

6. Березин М.Н., Кулагин Н.И., Макушненко Л.П. Профилактическая деятельность следователя. – Волгоград, 1975. – С. 4.

7. Валуев М.В. Семья как субъект предупреждения преступности молодежи // Правовое воспитание молодежи: семья и социум: сборник научных трудов / Международной научно–практической конференции (Москва, 30 ноября 2016 года). – Москва: Московский университет Министерства внутренних дел Российской Федерации им. В.Я. Кикотя, 2017. – С. 17-20.

8. Жалинский А.Э., Лекарь А.Г. Профилактика преступлений. – М., 1972. – С. 3.

9. Каныгин В.И. Проблемы комплексного анализа и предупреждения преступности в регионе (по материалам Приволжского федерального округа): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2002. – С. 17.

10. Кудрявцев В.Н. Стратегии борьбы с преступностью. – М., 2003. – С. 280.

11. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение. Т. 8. – М., 1961. – С. 529-536.

12. Маълумот дар асоси мактуби Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.03.2022, таҳти № 02/632-03.

13. Нелезина Е.П. Уголовно-правовые и криминологические меры борьбы с присвоением и растратой в кредитно-банковской системе: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 132.

14. Саркисов Г.С. Социальная система предупреждения преступности. – Ереван, 1975. – С. 46.

15. Севрюков А.П. Хищение имущества: криминологические и уголовно–правовые аспекты. – М., 2004. – С. 448.

16. Селиванов И.О. Присвоение или растрата: дис. ... канд. юрид. наук. – Калининград, 2002. – С. 108.

17. Солодовников С.А. Криминологический анализ грабежей и разбоев в системе преступного насилия и их противодействие интересам личности и общества: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 229.

## МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ СЕРШУМОРАГИИ ҶИНОЯТҲО

**Каримзода Даврон,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** +992 888011010
**E-mail:** davr_94@list.ru

**Муқарриз:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба масъалаи сершумoрагии ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар он мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳоро ҳамчун ҳолатҳои содир намудани ду ё зиёда ҷиноят аз ҷониби як шахс шарҳ додааст. Муаллиф сершуморагии ҷиноятҳоро аз ду ҷиҳат – ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ мекунад. Аз нигоҳи ҳуқуқӣ сершуморагии ҷиноятҳо дорои аломатҳои миқдорӣ ва сифатӣ мебошанд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ сершуморагии ҷиноятҳо далели баланди дараҷаи хавфи иҷтимоии шахси гунаҳгор ва кирдорҳои ӯ буда, ба майлу рағбати устувори зиддиҷамъиятӣ, бетаваҷҷуҳӣ нисбат ба арзишҳои иҷтимоӣ ва тамоюли содир кардани ҷиноятҳо ишора мекунад.

Дар охир муаллиф ба хулосае меояд, ки сершуморагии ҷиноятҳо ҳамзамон мафҳуми ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ буда, аҳамияти калидӣ барои таъмини адолати иҷтимоӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дорад.

**Калидвожаҳо:** Сершуморагии ҷиноятҳо, такрори ҷиноят, ретсидиви ҷиноят, таркиби ҷиноят, шахси гунаҳгор, хавфнокии ҷамъиятӣ, доғи судӣ, ҷазо, маҳкумшуда, мақсади ҷазо, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

## ПОНЯТИЕ И ПРИЗНАКИ МНОЖЕСТВЕННОСТИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

**Каримзода Даврон,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции, кандидат юридических наук
**Тел.:** +992 888011010
**E-mail:** davr_94@list.ru

**Рецензент:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Статья посвящена вопросам множественности преступлений в уголовном праве. Автор раскрывает понятие

множественности преступлений как совершение одним лицом двух или более преступлений. Автор рассматривает множественность преступлений с двух сторон – юридической и социальной. С юридической точки зрения множественность преступлений характеризуется количественным и качественными признаками. С социальной точки зрения множественность преступлений свидетельствует о высоком уровне общественной опасности личности виновного и совершённых им деяний, указывает на устойчивую антиобщественную направленность личности, безразличие к социальным ценностям и склонность к совершению преступлений.

В заключение автор приходит к выводу, что множественность преступлений одновременно является юридическим и социальным понятием, имеющим важное значение для обеспечения социальной справедливости и профилактики преступности.

**Ключевые слова:** Множественность преступлений, повторность преступления, рецидив преступления, состав преступления, виновное лицо, общественная опасность, судимость, наказание, осужденный, цель наказания, уголовная ответственность.

## THE CONCEPT AND CHARACTERISTICS OF MULTIPLE CRIMES

**Karimzoda Davron,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor at the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Candidate of Legal Sciences
**Phone:** +992 888011010
**E-mail:** davr_94@list.ru

**Reviewer:** Sharipov T.Sh., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** The article is devoted to the issues of multiple crimes in criminal law. The author reveals the concept of multiple crimes as the commission of two or more crimes by one person. The author considers multiple crimes from two sides - legal and social. From a legal point of view, multiple crimes are characterized by quantitative and qualitative features. From a social point of view, multiple crimes indicate a high level of social danger of the perpetrator's personality and the acts committed by him, indicates a stable antisocial orientation of the personality, indifference to social values and a tendency to commit crimes. In conclusion, the author comes to the conclusion that multiple crimes are simultaneously a legal and social concept that is important for ensuring social justice and preventing crime.

**Keywords:** multiple crimes, repeated crime, recidivism, elements of crime, guilty person, social danger, criminal record, punishment, convicted person, purpose of punishment, criminal liability.

Ҳар гуна сершуморагӣ пеш аз ҳама бо аломати миқдорӣ, яъне мавҷудияти ду ё зиёда унсур тавсиф карда мешавад. Вобаста ба мазмуни унсурҳо, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ сершуморагии иштирокчиёни ҷиноят, сершуморагии ҷиноят ва сершуморагии ҷазоҳо ҷудо карда мешаванд. Дар бораи сершуморагии ҷиноят дар ҳолатҳое сухан меравад, ки як шахс ё якчанд нафар ду ё зиёда ҷиноят содир намуда бошанд.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ибораи «сершумора» ҳамчун «адади зиёд, бо шумораи бисёр»[333] тавзеҳ дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми сершуморагии ҷиноят на дар қонунгузории ҷиноятии давраи шӯравӣ ва на дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян нашудааст; ин мафҳум, инчунин, барои қонунгузории аксари давлатҳои хориҷӣ низ бегона аст. Масалан, КҶ Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Беларус, Гурҷистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Фаронса, Олмон, Испания ва дигар кишварҳо танҳо намудҳои алоҳидаи сершуморагии ҷиноятро пешбинӣ намуда, аломатҳои онҳоро муайян накардаанд.

Ҳамзамон, қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳо мафҳуми сершуморагии ҷиноятро дар сатҳи қонун пешбинӣ кардааст. Масалан, мутобиқи қ. 1 м. 24 КҶ Ҷумҳурии Латвия аз соли 1998, «сершуморагии ҷиноят ҳамчун содир намудани ду ё зиёда кирдори мустақили ҷиноятӣ аз ҷониби як шахс муайян гардидааст, ки ҳар кадоми онҳо аломатҳои таркиби якчанд ҷиноят ё таркиби танҳо як ҷиноятро дошта бошанд, ба шарте, ки онҳо бо мақсади ягонаи шахси гунаҳгор фаро гирифта нашуда бошанд; инчунин содир намудани як кирдори ҷиноятӣ, ки ба аломатҳои таркиби на камтар аз ду ҷинояти гуногун мувофиқат мекунад»[334].

Дар қисми дуюми ҳамин модда қайд мегардад, ки сершуморагии ҷиноят такрори ҷиноят, маҷмуи ҷиноят ва ретсидивро дар бар мегирад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Молдова (2002) сершуморагии ҷиноят дар м.32 муайян шудааст. Дар қисми якуми моддаи мазкур гуфта мешавад, ки сершуморагии ҷиноят содир намудани якчанд ҷиноят аз ҷониби як шахс аст, ба шарте ки ҳадди ақал нисбати ду ҷинояти содиршуда ягон монеаи мурофиавӣ барои оғоз кардани парвандаи нави ҷиноятӣ вуҷуд надошта бошад ва шахс барои ҳеҷ кадоми онҳо қаблан маҳкум нашуда бошад. Дар қисми дуюми ҳамин модда зикр мешавад, ки сершуморагии ҷиноят аз маҷмуи ҷиноят ва ретсидив иборат аст. Такрори ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова дар доираи сершуморагии ҷиноят ҷой дода нашудааст[335].

Категория (мафҳуми) сершуморагии ҷиноятро дар илм ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бори аввал О.М. Яковлев истифода кардааст, ки ҳамчунин аввалин шуда аломатҳо ва намудҳои онро муайян намудааст[336].

---

[333] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – С.237.

[334] Уголовный закон Латвии от 17 июня 1998 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1751452588&tld (дата обращение: 15. 04.2025).

[335] Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года № 985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 06.06.2024 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30394923 (дата обращение: 19.03.2025).

[336] Яковлев А.М. Совокупность преступлений, повторность и рецидив по советскому уголовному праву // Советское государство и право. – М.: Наука, 1956. – № 10. – С. 48-54.

Сершуморагии ҷиноятҳо зуҳуроти хеле паҳншуда буда, бо он амалан мақомоти тафтишотӣ ва судӣ дар бештар ҳолатҳо рӯбарӯ мешаванд. Муайян гардидани ҳолате, ки шахс зиёда аз як ҷиноят содир кардааст, дар назди мақомоти тафтишотӣ ва судӣ як қатор масъалаҳои ҳуқуқиро ба миён мегузорад, ки пеш аз ҳама ба бандубасти кирдори содиршуда ва баъдан таъини ҷазо алоқмандаанд.

Барои дуруст ҳал намудани масъалаҳои мазкур бояд тасаввуроти равшан дар мавриди он, ки сершуморагии ҷиноятҳо чист, аломатҳои фарққунандаи он кадоманд ва сершуморагии ҷиноятҳо дар кадом шаклҳо зуҳур мекунад, дошта бошем. Нуқтаи оғози дарки ҳамаи ин масъалаҳо таҳлили мафҳуми «сершуморагии ҷиноятҳо» мебошад.

Қонунгузории ҷиноятӣ таърифи мафҳуми «сершуморагии ҷиноятҳо»-ро дар бар намегирад. Дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ таърифҳои зиёде барои ин мафҳум пешниҳод шудаанд, ки бо дараҷаи гуногуни пуррагӣ аломатҳои асосии сершуморагии ҷиноятҳоро инъикос мекунанд.

Ба ақидаи Е.А. Фролов ва Р.Р. Галиакбаров, «зери сершуморагии кирдорҳои ҷиноятӣ маҷмуи якчанд ҳуқуқвайронкуниҳоеро бояд фаҳмид, ки дар қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд ва аз ҷониби як шахс содир шудаанд. Дар айни ҳол, ҳар як рафтори барои ҷамъият хавфноки субъекти ҷиноят ҳатман бояд таркиби мустақили ҷиноят дошта бошад»[337]. Мавқеи монанд оид ба мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо аз ҷониби В.Н. Кудрявтсев низ иброз шудааст[338].

Таърифи ба ин наздикро Ю.О. Красиков пешниҳод намудааст, ки зикр мекунад, сершуморагии ҷиноят дар ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, «ки шахси гунаҳгор бо як ё якчанд кирдори пайдарпай аломатҳои якчанд таркиби ҷиноятро иҷро мекунад»[339]. Л.Л. Кругликов сершуморагии ҷиноятро ҳамчун «содир намудани якчанд ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби шахс муайян мекунад, ки ҳар кадоми онҳо мувофиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун ҷинояти мустақил арзёбӣ мешавад»[340].

Дар таърифи мазкур аломати ҳатмии миқдории сершуморагии ҷиноятҳо (содир намудани якчанд ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби як шахс) нишон дода шудааст ва ҳамчунин таъкид мегардад, ки ҳар як ҳуқуқвайронкунӣ таркиби мустақили ҷиноятро дар бар мегирад. Ба назари мо, ибораи «таркиби мустақили ҷиноят» дар ин ҳолат чандон мувофиқ нест, зеро метавонад ба таври гуногун фаҳмида шавад, аз ҷумла ҳамчун содир намудани кирдорҳое, ки танҳо бо меъёрҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дорои аломатҳои таркибҳои алоҳидаи ҷиноятӣ мебошанд, пешбинӣ шудаанд.

[337] Фролов Е.А., Галиакбаров Р.Р. Множественность преступных деяний как институт советского уголовного права: учеб. пособие. – Свердловск: Свердловский юридический ин-т, 1967. – С. 8.

[338] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. 2-е изд. М.: Юридическая литература, 1999. – С. 242.

[339] Красиков Ю.А. Множественность преступлений (понятие, виды, наказуемость). Уч. пособие. – М., 1988. – С. 6.

[340] Уголовное право России: Часть общая: Учеб. для вузов / [Галиакбаров Р.Р., Козаченко И.Я., Красиков Ю.А. и др.]; Отв. ред. Л.Л. Кругликов. – М.: БЕК, 1999. – С.314.

Ҳамзамон, дар таърифи таҳлилшуда чунин ҳолати муҳими дигар, ба мисли нигоҳ доштани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки сершуморагиро ташкил медиҳанд, инъикос наёфтааст.

Баъдан, Р.Р. Галиакбаров таърифи сершуморагии ҷиноятҳоро қисман тағйир дода, онро чунин баён кард: «Сершуморагии ҷиноятҳо – ин содир намудани якчанд ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби як шахс мебошад, ки ҳар яки онҳо мувофиқи қонуни ҷиноятӣ ҳамчун ҷинояти мустақил арзёбӣ мегардад»[341]. Дар ин таъриф ишора ба доштани таркиби мустақили ҷиноят аз ҳар як ҳуқуқвайронкунӣ истисно шудааст, вале дуруст таъкид гардидааст, ки ҳар як кирдор аз ҷониби қонун ҳамчун ҷинояти мустақил баррасӣ мегардад. Аммо дар ин таъриф низ гуфта нашудааст, ки оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки сершуморагиро ташкил медиҳанд, бояд нигоҳ дошта шаванд (погаш ё бекор нашуда бошанд), ки ин аломати ҳатмии сершуморагии ҷиноятҳо мебошад.

Б.А. Куринов таъкид менамояд, ки «мафҳуми сершумории ҷиноятҳо ҳолатҳоеро фаро мегирад, ки шахс ду ё зиёда ҷиноят содир кардааст, вале доғи судӣ барҳам нахӯрдааст ва муҳлати таъқиби ҷиноятӣ ба итмом нарасидааст»[342]. Дар ин таъриф, баробари аломати миқдории сершумории ҷиноятҳо, баъзе ҳолатҳое низ нишон дода шудаанд, ки сершумории ҷиноятҳоро истисно мекунанд. Аммо бояд зикр намуд, ки барҳам хурдани доғи судӣ ва гузаштани муҳлати таъқиби ҷиноятӣ танҳо як қисми ҳолатҳои истиснокунандаи сершумории ҷиноятҳоро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, зикри ҳамаи чунин ҳолатҳо дар таърифи сершумории ҷиноятҳо изофагӣ хоҳад буд. Муҳим он аст, ки барои ҷиноятҳое, ки сершумориро ташкил медиҳанд, оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ боқӣ мемонанд, яъне ҳолатҳои истиснокунандаи сершуморӣ вуҷуд надоранд.

Ба ақидаи М.Н. Становский, сершумории ҷиноятҳо ҳолатест, ки дар кирдорҳои шахс, новобаста аз далели маҳкумшавӣ, ду ё зиёда ҷиноят вуҷуд доранд, ки хусусиятҳои ҳуқуқии худро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ба ҳисоб гирифтани онҳо ҳангоми бандубаст ва таъини ҷазо гум накардаанд[343]. Камбудии таърифи мазкур дар он аст, ки дар он ҳамаи хусусиятҳои ҳуқуқии ҷиноятҳое, ки сершумориро ташкил медиҳанд ва барои ҳаллу фасли масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ заруранд, пурра дарбар гирифта нашудаанд. Масалан, ҳангоми озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё аз ҷазо инчунин хусусиятҳои муайяни ҷинояти содирнамудани шахс ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Б.М. Леонтев ва И.М. Тяжкова сершумории ҷиноятҳоро ҳамчун «содир намудани ду ё зиёда ҷиноят аз ҷониби як шахс муайян мекунанд, ки муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан (моддаи 78 КҶ ФР) нагузаштааст ва доғи судӣ барҳам нахӯрдааст (моддаи 86 КҶ ФР)»[344]. Ҷиҳати мусбии таърифи мазкур дар он аст, ки ба ҳолатҳои истиснокунандаи сершуморагӣ ишора мешавад, аммо гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан

---

341 Уголовное право России. Часть Общая / Под ред. Л.Л. Кругликова. – М., 1999. – С. 308.
342 Куринов Б.А. Научные основы квалификации преступлений. – М., 1984. – С. 6.
343 Ниг.: Становский М.Н. Назначение наказания. – СПб., 1999. – С. 302.
344 Ниг.: Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: учебник для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М.: Зерцало, 1999. – С. 497.

ва барҳам хурдани доғи судӣ бо ҳолатҳои истиснокунандаи сершуморагии ҷиноятҳо маҳдуд намегардад. Аз ин лиҳоз, таърифи сершумории ҷиноятҳо, ки аз ҷониби Б.М. Леонтев ва И.М. Тяжкова дода шудааст, пурра ва инъикоскунандаи ҳамаи аломатҳои сершумории ҷиноятҳо ҳисоб намешавад.

Муаллифони мазкур, зимни баррасии таърифҳои сершумории ҷиноятҳо, ки аз ҷониби манбаъҳои гуногун пешниҳод шудаанд, ба чунин хулоса меоянд, ки таърифи бештар асоснок таърифи мазкур ба ҳисоб меравад: «Сершумории ҷиноятҳо гуфта содир намудани ду ё зиёда кирдореро меноманд, ки ҳар яке аз онҳо ҷинояти мустақил мебошад, ба шарте ки ақаллан барои дутои онҳо имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс истисно нагардида бошад»[345]. Ба назар мерасад, ки таърифи мазкур аз яктарафагӣ холӣ нест. Он танҳо ҳолатҳои сершумории ҷиноятҳоро фаро мегирад, ки аз ҷиноятҳое иборатанд, ки шахс ҳанӯз барои онҳо маҳкум нашудааст, вале ҳолатҳоеро дар бар намегирад, ки шахс пас аз адои ҷазо барои як ҷиноят, дар мавриди барҳам нахӯрдани доғи судӣ ҷинояти нав содир мекунад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ақида низ баён шудааст, ки мувофиқи он сершумории ҷиноятҳо ҳамчун «содир намудани ду ё зиёда ҷинояти мустақили анҷомёфтае фаҳмида мешавад, ки боиси фаро расидани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мегарданд»[346]. Камбудиҳои таърифи мазкур равшан мебошанд. Зеро сершумории ҷиноятҳо на танҳо аз ҷиноятҳои анҷомёфта, балки аз сӯиқасд ба ҷиноят, инчунин аз тайёрӣ ба ҷиноят, ки ҷавобгарии ҷиноятиро ба вуҷуд меорад, низ метавонад иборат бошад. Тайёрӣ ба ҷиноят ва сӯиқасд ба ҷиноят кирдорҳои ҷиноятии нотамом мебошанд ва агар аз таърифи дар боло зикршуда бароем, пас чунин кирдорҳо аз доираи сершумории ҷиноятҳо берун мемонанд.

В.В. Савин ҳангоми таърифи мафҳуми сершумории ҷиноятҳо қайд мекунад, ки он «аз ҷониби шахс тавассути як ё якчанд ҳаракат (беҳаракатӣ) содир намудани ду ё зиёда ҷиноятҳое эътироф мешавад, ки дар моддаҳои гуногун ё қисмҳои гуногуни модда пешбинӣ шудаанд»[347]. Аммо таърифи зикршуда нопурра мебошад, зеро тамоми ҳолатҳои зуҳуроти сершумории ҷиноятҳоро пурра фаро намегирад. Э.Г. Шкредова зимни танқиди таърифи мазкур дуруст қайд мекунад, ки агар аз таърифи пешниҳодшуда бароем, пас содир намудани ҷиноятҳое, ки дар як модда ё як қисми модда пешбинӣ шудаанд, сершумории ҷиноятҳоро ташкил намекунад, ки ин бо воқеият мувофиқ нест[348].

В.П. Малков таърифи муфассали сершумории ҷиноятҳоро пешниҳод намудааст, ки тибқи он «сершумории ҷиноятҳо гуфта, ҳолатҳоеро меноманд, ки боиси оқибатҳои пешбининамудаи қонун, яъне оқибатҳои

---

[345] Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: учебник для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М.: Зерцало, 1999. – С. 499.

[346] Сидоренко В.И., Толкаченко А.А., Шулепов И.А. Уголовное право Российской Федерации: учеб. методич. пособие. Общая часть. – М., 1997. – С. 32.

[347] Савин В.В. Назначение наказания при множественности преступлений: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 122.

[348] Ниг.: Шкредова Э.Г. Множественность преступлений в современной доктрине: понятие и признаки // Журнал российского права. – 2014. – № 10. – С. 78.

ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, мурофиавӣ-ҷиноятӣ ё умумӣ-ҳуқуқӣ мегарданд ва дар чунин ҳолатҳо як шахс пеш аз маҳкум шудан пайдарпай ё тавассути як ҳаракат (беҳаракатӣ) ду ё зиёда кирдори ҷиноятие содир менамояд, ки дорои аломатҳои таркибҳои гуногун ё якхелаи ҷиноят мебошанд, ё шахс пас аз маҳкум шудан ё баъди озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё аз ҷазо барои ҷинояти пешина боз ҷинояти нав содир мекунад, ба шарте ки тибқи қонун нисбат ба ду ҷинояти мазкур оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барҳам нахӯрда бошанд ва инчунин монеаҳои мурофиавӣ барои оғоз намудани таъқиби ҷиноятӣ вуҷуд надошта бошанд»[349].

Дар таърифи мазкур на танҳо унсурҳои таркибии сершумории ҷиноятҳо инъикос гардидаанд, балки чунин аломати муҳими сершуморӣ, ба монанди нигоҳ доштани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки сершумориро ташкил медиҳанд, низ қайд шудааст. Муаллиф дар таърифи худ инчунин набудани монеаҳои мурофиавиро барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ махсус таъкид намудааст.

Дар асарҳои як қатор муҳаққиқони дигар низ ба сифати аломати сершумории ҷиноятҳо набудани монеаҳои мурофиавӣ барои оғози таъқиби ҷиноятӣ зикр гардидааст[350].

Э.Г. Шкредова набудани монеаҳои мурофиавии ҷиноятиро ҳамчун аломати ҳатмии сершумории ҷиноятҳо мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки ду соҳаи ҳуқуқ бо ҳам алоқаманд буда, дар бисёр ҳолатҳо меъёрҳои алоҳидаи онҳо ба якдигар ворид мешаванд. Аз ҷумла, институти озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳам бо меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам бо меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим дароварда мешавад, инчунин дар қонунгузории ҷиноятӣ низ як қатор меъёрҳои мурофиавӣ мавҷуданд[351].

Албатта, бо ин андеша, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ бо ҳам робитаи зич доранд, розӣ нашудан мумкин нест, зеро татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ дар шаклҳои муайяни мурофиавӣ сурат мегирад. Ҳамзамон, вуҷуд доштани баъзе меъёрҳои мурофиавӣ дар қонунгузории ҷиноятиро рад кардан номумкин аст, вале ин ҳолат на ҳамчун бартарӣ, балки бештар ҳамчун камбудии баъзе муқарраროти қонунгузорие, ки дар Кодекси ҷиноятӣ ҷой дода шудаанд, бояд баҳогузорӣ гардад, зеро ҳар як соҳаи ҳуқуқ бояд дорои предмет ва усулҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятии хоси худ бошад.

Ҳангоми тавсифи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки институти сершумории ҷиноятҳо низ ба онҳо дохил мешавад, инчунин ҳангоми муайян кардани мафҳумҳои асосие, ки ба институтҳои таҳлилшаванда алоқаманданд, бояд аломатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии онҳоро махсус таъкид

---

[349] Малков В.П. Множественность преступлений: сущность, виды, правовое значение // Избранные труды. В 3 т. Т. 3. – Казань: Изд-во «Познание» Института экономики, управления и права, 2011. – С. 214.

[350] Ниг.: Уголовное право: учебник для вузов. Общая часть / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – М., 1997.– С. 296; Борисенко Е.А. Назначение наказания при множественности преступлений (ст. 68, 69 УК РФ): дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2006. – С. 37.

[351] Ниг.: Шкредова Э.Г. Множественность преступлений в современной доктрине: понятие и признаки // Журнал российского права. – 2014. – № 10. – С. 78.

намуд, ки моҳияти зуҳуроти таҳлилшавандаро ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ равшан менамоянд.

Набудани монеаҳои мурофиавӣ барои тасдиқи сершумории ҷиноятҳо аломати ҳуқуқӣ-ҷиноятии сершумории ҷиноятҳо намебошад. Аз ин рӯй, ишора намудан ба ин ҳолат дар таърифи мафҳуми «сершумории ҷиноятҳо» зиёдатист[352].

Ба ақидаи Е.Н. Швец, аз шумораи аломатҳои сершумории ҷиноятҳо бояд на танҳо набудани монеаҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ, балки барҳам нахӯрдани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро низ хориҷ намуд. Муаллиф мавқеи худро асоснок карда, қайд менамояд, ки чунин ҳолатҳо аломати махсуси сершумории ҷиноятҳо набуда, балки инъикоси қоидаҳои умумии қонуни ҷиноятӣ мебошанд, ки ба бисёр мафҳумҳо ва институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ паҳн мегарданд[353].

Мавқеи мазкур ба назари мо иштибоҳ аст. Ҳатто агар баъзе қоидаҳо на танҳо ба як институт ё як мафҳуми ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, балки ба мафҳумҳои дигари ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ низ паҳн шаванд, ин маънои онро надорад, ки ҳангоми муайян кардани мафҳумҳои асосӣ бояд аз зикри аломатҳо ё хусусиятҳое, ки метавонанд дар таърифи мафҳумҳои дигар низ истифода шаванд, худдорӣ намуд. Дар мафҳумҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, баробари аломатҳои умумие, ки метавонанд такрор шаванд, инчунин аломатҳои махсус низ мавҷуданд, ки барои ҷудо кардани мафҳумҳои гуногун аз якдигар имкон медиҳанд.

Хориҷ намудани чунин аломате мисли нигоҳ доштани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои сершумор аз шумораи аломатҳои сершумории ҷиноятҳо мафҳуми сершумории ҷиноятҳоро маҳдуд ва нопурра месозад ва ба таври кофӣ инъикос намудани моҳияти зуҳуроти мазкури ҷиноятӣ-ҳуқуқиро номумкин мегардонад.

Зикр шудани аломати нигоҳ доштани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, дар таърифи сершумории ҷиноятҳо бояд мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба он равона намояд, ки онҳо мавҷуд будан ё набудани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии барҳамнахӯрдаро оид ба ҷиноятҳои аз ҷониби шахси мушаххас содиршуда муайян намоянд. Зеро дар фаъолияти мақомоти тафтишот ва судҳо дар мавриди тасдиқи сершумории ҷиноятҳо зуд-зуд иштибоҳҳо роҳ дода мешаванд: ҳолатҳои сершумории ҷиноятҳо ҳатто ҳангоми барҳам хӯрдани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои қаблан содиршудаи шахс низ муайян мегарданд. Аз ҷумла, дар баъзе мавридҳо гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои яке аз ҷиноятҳои содиршуда ё барҳам хурдани доғи судӣ ҳангоми ретсидив эътироф намудан ба ҳисоб гирифта намешаванд.

Таҳлили таърифҳои дар адабиёти илмӣ овардашудаи сершумории ҷиноятҳо имкон медиҳад, ки аломатҳои муҳими онро муайян намоем:

---

[352] Ниг.: Шкредова Э.Г. Множественность преступлений в современной доктрине: понятие и признаки // Журнал российского права. – 2014. – № 10. – С. 78; Васильева Е.Г. Формы множественности по действующему уголовному законодательству: дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2005. – С. 21.

[353] Ниг.: Швец Е.Н. Совокупность преступлений: понятие, виды, наказуемость: дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2005. – С. 28.

1. «Асоси умумии сершумории ҷиноятҳо – субъекти кирдори ҷиноятӣ мебошад»[354]. Як шахс ду ё зиёда ҷиноят содир мекунад (аломати миқдорӣ).

2. Унсурҳои таркибии сершумории ҷиноятҳо ҷиноятҳои мустақил ва алоҳида мебошанд (аломати сифатӣ). Омезиши ҷиноят бо дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, масалан, бо кирдори интизомӣ ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳамчун сершумории ҷиноятҳо баррасӣ шуда наметавонад. Ҳар як кирдори алоҳидаи барои ҷомеа хавфнок бояд дорои аломатҳои таркиби ҷиноят бошад ва ҳамчун кирдори ҷиноятии ягона арзёбӣ гардад. Инҳо метавонанд ҷиноятҳое бошанд, ки дар моддаҳои гуногун ё як модда ва ё як қисми моддаи КҶ пешбинӣ шудаанд; инчунин ин ҷиноятҳо метавонанд ҳам оддӣ ва ҳам ҷиноятҳои мураккаби ягона бошанд.

Сершумории ҷиноятҳо метавонад ҳам ҷиноятҳои анҷомёфтаро ва ҳам ҷиноятҳоеро дар бар гирад, ки дар марҳилаи тайёрӣ ё сӯиқасд қатъ шудаанд, инчунин ҷиноятҳои ба танҳоӣ содиршуда ва ҷиноятҳои бо ҳама гуна шакли шарикӣ содиргардидаро низ дар бар мегирад.

3. Нигоҳ доштани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои ҳар яке аз ҷиноятҳо. Аз нигоҳи сохторӣ, сершумории ҷиноятҳо, тавре ки дар боло зикр гардид, бояд ҳадди ақал аз ду ҷиноят иборат бошад. Агар ақаллан нисбат ба яке аз ду ҷинояти содирнамудаи шахс оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барҳам хӯрда бошанд, сершумории ҷиноятҳо вуҷуд надорад. Агар шахс зиёда аз ду ҷиноят содир карда бошад, пас барои тасдиқи мавҷудияти сершумории ҷиноятҳо зарур аст, ки оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нисбат ба на камтар аз ду ҷиноят нигоҳ дошта шуда бошанд.

Ҳолатҳое, ки сершумории ҷиноятҳоро истисно менамоянд, хеле зиёданд. Зикр намудани ҳамаи онҳо дар таърифи мафҳуми «сершумории ҷиноятҳо» ғайримақсаднок аст, зеро ин боиси бидуни асос мураккаб ва вазнин шудани таъриф мегардад ва дарки моҳияти мафҳуми муайяншавандаро душвор месозад. Дар таърифи сершумории ҷиноятҳо кофист, ки танҳо ба нигоҳ доштани оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нисбат ба ҷиноятҳои сершумор ишора карда шавад.

Бо дарназардошти аломатҳои дар боло зикршудаи сершумории ҷиноятҳо, таърифи зеринро метавон ба мафҳуми «сершумории ҷиноятҳо» пешниҳод намуд:

«Сершумории ҷиноятҳо – ҳолати содир намудани ду ё зиёда ҷиноят аз ҷониби як шахс аст, ки нисбат ба онҳо оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нигоҳ дошта шуда (барҳам нахӯрда, бекор нагашта) бошанд».

Муайян намудани ҳамаи аломатҳои сершумории ҷиноятҳо барои бандубасти дурусти ҷиноятҳо, таъини ҷазои одилона барои кирдори содиршуда, инчунин барои ҳалли асосноки масъалаҳои озод намудани шахси гунаҳгор аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо аҳаммияти махсус дорад. Ҳангоми муайян намудани сершумории ҷиноятҳо бояд диққати махсус ба он дода шавад, ки оё нисбат ба ҷиноятҳои алоҳида оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нигоҳ дошта шудаанд ё на. Барои ин бояд ҳолатҳое ба назар

---

354 Семернева Н.К., Новоселов Г.П., Николаева З.А. Множественность преступлений: квалификация и назначение наказания: учеб. пособие. – Свердловск: Свердловский юридический ин-т, 1990. – С. 14.

гирифта шаванд, ки аз барҳам хӯрдани оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноят шаҳодат медиҳанд.

**Адабиёт:**

1. Борисенко Е.А. Назначение наказания при множественности преступлений (ст. 68, 69 УК РФ): дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2006. – 219 с.

2. Васильева Е.Г. Формы множественности по действующему уголовному законодательству: дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2005. – 158 с.

3. Красиков Ю.А. Множественность преступлений (понятие, виды, наказуемость). Уч. пособие. – М., 1988. – 95 с.

4. Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. 2-е изд. – М.: Юридическая литература, 1999. – 301 с.

5. Куринов Б.А. Научные основы квалификации преступлений. – М., 1984. – 181 с.

6. Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: учебник для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М.: Зерцало, 1999. – 624 с.

7. Малков В.П. Множественность преступлений: сущность, виды, правовое значение // Избранные труды. В 3 т. Т. 3. – Казань: «Познание», 2011. – 324 с.

8. Савин В.В. Назначение наказания при множественности преступлений: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – 212 с.

9. Семернева Н.К., Новоселов Г.П., Николаева З.А. Множественность преступлений: квалификация и назначение наказания: учеб. пособие. – Свердловск: Свердловский юридический ин-т, 1990. – 84 с.

10. Сидоренко В.И., Толкаченко А.А., Шулепов И.А. Уголовное право Российской Федерации: учеб.-методич. пособие. Общая часть. – М., 1997. – 84 с.

11. Становский М.Н. Назначение наказания. – СПб., 1999. – 458 с.

12. Уголовное право России: Часть общая: Учеб. для вузов / [Галиакбаров Р.Р., Козаченко И.Я., Красиков Ю.А. и др.]; отв. ред. Л.Л. Кругликов. – М.: БЕК, 1999. – 559 с.

13. Уголовное право: учебник для вузов. Общая часть / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – М., 1997. – 503 с.

14. Уголовный закон Латвии от 17 июня 1998 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1751452588&tld (дата обращение: 15. 04.2025).

15. Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года № 985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 06.06.2024 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30394923 (дата обращение: 19.03.2025).

16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – 941 с.

17. Фролов Е.А., Галиакбаров Р.Р. Множественность преступных деяний как институт советского уголовного права: учеб. пособие. – Свердловск: Свердловский юридический ин-т, 1967. – 20 с.

18. Швец Е.Н. Совокупность преступлений: понятие, виды, наказуемость: дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2005. – 149 с.

19. Шкредова Э.Г. Множественность преступлений в современной доктрине: понятие и признаки // Журнал российского права. – 2014. – № 10. – С.78-86.

20. Яковлев А.М. Совокупность преступлений, повторность и рецидив по советскому уголовному праву // Советское государство и право. – М.: Наука, 1956. – № 10. – С. 48-54.

## КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ТАШКИЛИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТ

**Назаров Аваз Қувватович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Тел.:** (+992) 907-96-74-76
**Email:** avazjonn@mail.ru

**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба таҳлили мафҳум ва моҳияти ташкили тафтиши ҷиноят ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва робитаи он бо равандҳои идоракунӣ ва сохторӣ диққат медиҳад. Таҳлили назарияҳои мухталифи ташкил ва идоракунӣ, ки аз ҷониби олимони маъруфи соҳаи криминалистика, пешниҳод шудаанд, оварда мешавад. Мақола ба масъалаи таҳқиқи хусусиятҳо ва баррасии равандҳои ташкилӣ дар амалиҳои тафтишотии ҷиноятӣ диққат мекунад. Ҷиҳатҳои назариявии ташкили тафтиши ҷиноят барои беҳтар кардани самаранокии равандҳои тафтишот ва ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни мурофиа муҳим мебошанд. Барои рушди ин соҳа, дар мақола зарурати таҳқиқоти амиқтар ва ҳамгироии назария ва амалият таъкид мешавад.
**Калидвожаҳо:** Ташкили тафтиши ҷиноят, криминалистика, идоракунӣ, сохтори тафтиши ҷиноят, назарияҳои ташкил, самаранокии тафтиши ҷиноят, ҳамоҳангсозии фаъолият, усулҳои тафтиш.

# ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ОРГАНИЗАЦИИ РАССЛЕДОВАНИЯ УГОЛОВНЫХ ДЕЛ

**Назаров Аваз Кувватович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности, доктор юридических наук, профессор
**Тел.:** (+992) 907-96-74-76
**Email:** avazjonn@mail.ru

**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Настоящая статья посвящена анализу понятия и сущности организации расследования уголовных дел как социального явления и её взаимосвязи с управленческими и структурными процессами. Представлен анализ различных теорий организации и управления, предложенных видными учёными в области криминалистики. Статья посвящена проблеме изучения особенностей и анализа организационных процессов в уголовно-следственной деятельности. Теоретические аспекты организации расследования уголовных дел важны для повышения эффективности следственных действия и координации деятельности участников судебного процесса. Для развития данного направления в статье подчёркивается необходимость более глубоких исследований и интеграции теории и практики.

**Ключевые слова:** Организация расследования уголовных дел, криминалистика, управление, структура расследования уголовных дел, теории организации, эффективность расследования уголовных дел, координация деятельности, методы расследования.

## CONCEPT AND ESSENCE OF ORGANIZING CRIMINAL INVESTIGATION

**Nazarov Avaz Kuvvatovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of Criminalistics and Forensic Expertise, Doctor of Law, Professor
**Phone.:** (+992) 907-96-74-76
**Email:** avazjonn@mail.ru

**Reviewer:** Azizzoda U.A., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** This article focuses on the analysis of the concept and essence of the organization of a criminal investigation as a social phenomenon and its relationship with management and structural processes. An analysis of various theories of organization and management, proposed by prominent scholars in the field of criminalistics, is presented. The article focuses on the issue of studying the features and reviewing organizational processes in criminal investigative activities. Theoretical aspects of the organization of a criminal investigation are important for improving the efficiency of investigative processes and coordinating the activities of trial participants. For the development of this area, the article emphasizes the need for more in-depth research and integration of theory and practice.

**Keywords:** Organization of a criminal investigation, criminalistics, management, structure of a criminal investigation, theories of organization,

efficiency of a criminal investigation, coordination of activities, investigation methods.

Мафҳуми асосҳои ташкили тафтиши ҷиноят бо ҷиҳати иҷтимоии фаъолияти инсон иртиботи зич дошта, муносибати мунтазами ташкили ин фаъолиятро инъикос мекунад. Аз лиҳози этимологӣ, ин истилоҳ аз калимаи лотинии «organizo» бармеояд, ки маънояш «ба тартиб меорам» ё «ба тартиб медорорам» мебошад ва маънои аслии онро ҳамчун раванди муқаррар кардани тартиб ва сохтор нишон медиҳад. Дар инкишофи минбаъда, ин истилоҳ тафсири васеътар пайдо кард: он ҳам тартиботи дохилиро дар бар мегирад ва ҳам пайвастагии унсурҳои низом ва маҷмуи равандҳои мақсаднокро, ки ба ташаккули робитаҳои устувор байни қисмҳои як амали муаян нигаронида шудаанд. Илова бар ин, ташкили тафтиши ҷиноят ҳамчун иттиҳодияи шахсони алоҳидаи мутасаддие фаҳмида мешуд, ки як барнома ё ҳадафҳои муайянро амалӣ месозанд. Ҳамаи ин маъноҳо моҳияти иҷтимоии асосҳои ташкиро ҳамчун падидае нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи зарурати ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти муштараки одамон ба вуҷуд омадааст[355].

Яке аз олимони намоёни рус Г.А. Туманов таҳлили низомноки ақидаҳои гуногуни илмиро оид ба дарки моҳияти ташкил ва идоракунӣ, инчунин робитаи байни онҳоро анҷом додааст. Дар асоси ин таҳлил, ӯ панҷ соҳаи консептуалиро муайян намудааст: ақидаҳои абстрактӣ-мантиқӣ, мушахасият-мантиқӣ, идоракунӣ-ташкилотчигӣ, ташкилӣ-идоракунӣ ва фавқулодавӣ-ташкилотчигӣ. Дар доираи ин назарияҳо, ташкили тафтиши ҷиноят ҳамчун категорияҳое баррасӣ мешаванд, ки бо ҳам иртиботи зич доранд, аммо якхела нестанд. Аз ҷумла, таъкид мегардад, ташкили тафтиши ҷиноят метавон ҳамчун: ҷузъи таркибии идоракунӣ, яке аз вазифаҳои он, ё шарте зарурӣ, ки имконияти таъсиррасонии роҳбариро таъмин менамояд, баррасӣ кард.

Мувофиқи мавқеи муаллифии Г.А. Туманов, ташкили тафтиши ҷиноят фаъолиятиест, ки ба ташаккули тартиботи сохтории объект, таъмини фаъолияти интегралӣ ва самараноки он дар системаи идоракунӣ нигаронида шудааст[356].

Ҳамин тариқ, дар заминаи фаъолияти иҷтимоӣ, ташкили тафтиши ҷиноят ҳамчун раванди ташаккули заминаи сохтории ин фаъолият мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар асоси таҳқиқоти илми муосир, равандҳои ташкил ва идоракунӣ на танҳо ба низомҳои умумии иҷтимоӣ, балки ба соҳаҳои махсусгардонидашудаи амалияи инсон низ татбиқ мешаванд. Аз ин ҷиҳат, муқарраротҳи назарияи умумии ташкил ва идоракунӣ нисбат ба ҷанбаҳои татбиқии фаъолияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла тафтиши ҷиноятҳо — ки ҳамчун як навъи хоси фаъолияти иҷтимоӣ ба шумор меравад, қобили истифода мебошанд.

[355] Ниг.: Большой энциклопедический словарь. – М., 1998. – С. 848.
[356] Ниг.: Туманов Г.А. Организация как функция государственного управления // Советское государство и право. – 1986. – № 1. – С. 38-45.

Бо вуҷуди ин, ворид намудани чунин умумисозии назариявӣ ба доираи илми криминалистика ба таври фаврӣ ва ҳамагонӣ сурат нагирифтааст. Назарияи мазкур на дар ҳамаи муҳитҳои илмии соҳа мавриди қабули якдилона қарор гирифтааст ва то ба имрӯз низ ба таври комил аз ҷониби илми криминалистика эътироф нашудааст. Ин нишон медиҳад, ки барои ҳамгироии пурсамар ва муассири донишҳои назариявӣ бо амалияи тахассусӣ, ҳанӯз ҳам мубоҳисаҳои илмӣ ва таҳқиқоти амиқ заруранд[357].

Ҳанӯз соли 1929 В.И. Громов мавқеи муҳим ва навоваронаи методологиро ба миён гузошта буд, ки тибқи он, криминалистика бояд ба масъалаҳои дурусти ташкили тафтиши ҷиноят, тамоми ҷараёни тафтишот машғул шавад. Ин назария яке аз аввалин кӯшишҳо дар самти татбиқи таҳлили сохторӣ ва системавӣ ба фаъолияти тафтишотӣ маҳсуб мешавад ва ғояи муносибати мунтазам, систематикӣ ва ҳадафмандро ба раванди тафтишот пешбинӣ мекард.

Дар заминаи ин назар, омӯзиши ташкили тафтиши ҷиноят ҳамчун падидаи амалияи иҷтимоӣ бо мафҳуми идоракунӣ зич алоқаманд мебошад. Ин ду категория дорои хусусиятҳои муштарак буда, ба ҳам вобастагии зич доранд. Бо вуҷуди ин, ҷомеаи илмӣ то ҳол дар мавриди моҳият, сохтор ва марзбандии байни онҳо ба назари ягона нарасидааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки зарурати таҳқиқи амиқтар ва таҳлили муфассали робита ва фарқияти назариявии ин ду мафҳум то имрӯз ҳам боқӣ мондааст.

Ба ҳамин тартиб, ҳанӯз соли 1975 мутахассиси маъруфи соҳаи ташкил ва идоракунии тафтиши ҷиноят В.И. Терещенко дар доираи илмӣ ба ихтилофи рӯзафзуни тафсири мафҳумҳои асосии «ташкил» ва «идоракунӣ» ишора карда буд. Ӯ дар яке аз асарҳои худ хусусияти байнисоҳавии илми ташкил ва идоракуниро таъкид намуда, зарурати татбиқи он дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон, аз ҷумла дар илми криминалистика, барҷаста нишон додааст.

Таҳлили адабиёти илмии муосир дар робита ба масъалаҳои ташкил ва идоракунӣ имкон медиҳад, ки хулосаи умумӣ баён шавад: дар аксари тадқиқотҳо ташкили тафтиши ҷиноят ҳамчун раванди ташаккули низоми сохторӣ ё фаъолияти муайян ва такмили сифатии он тавсиф ёфтааст, дар ҳоле ки идоракуни ҳамчун фаъолияти равонашуда ба нигоҳдорӣ, танзим ва таъмини самаранокии ин сохтор дар асоси ҳадафҳои муқарраргардида баррасӣ мегардад[358].

Дар адабиёти илмии криминалистика олимони соҳа криминалистикаро ҳамчун илми ташкили тафтишоти низомнокӣ маънидод кардаанд. Гарчанде чунин нуқтаи назар саҳми муҳим дар ташаккули консептуалии фанни мазкур гузошта бошад ҳам, он танҳо як ҷонибаи предмети криминалистикаро фаро мегирад ва бо дарназардошти консепсияҳои муосир, нопурра ва маҳдуд ба назар мерасад.

---

[357] Ниг.: Зеленский В.Д. О понятии научной организации и управления расследованием // Правоведение. – 1982. – № 4.

[358] Ниг.: Громов В.И. Методика расследования преступлений. – М., 1929. – С. 11.

Дар шароити имрӯза криминалистика ҳамчун илме фаҳмида мешавад, ки намунаҳои инъикоси фаъолияти ҷиноятиро дар воқеияти объективӣ, инчунин қонунҳо ва қоидаҳои низомнокро, ки раванди тафтиши ҷиноятҳоро муайян месозанд, меомӯзад. Яъне, илми мазкур ба омӯзиши робитаи байни ҳолатҳои моддии воқеа, далелҳо ва механизмҳои тафтиш равона гардидааст.

Дар мавриди консепсияи ташкили тафтиши ҷиноят, бояд зикр намуд, ки Н.П. Шаламов таърифи равшану возеҳи мафҳуми «ташкили тафтишот»-ро пешниҳод накардаанд ва мазмуни сохторӣ, функсионалӣ ва методологии онро пурра ошкор насохтаанд. Ин холигӣ боиси он мегардад, ки барои таҳияи модели мукаммали ташкили тафтиши ҷиноятҳо дар заминаи илми муосир, таҳқиқоти иловагӣ ва таҳлили байнисоҳаӣ зарур гардад[359]. А.В. Дулов дар рушди мафҳуми «ташкили тафтиши ҷиноят» дар илми криминалистика саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ аз аввалин муҳаққиқоне ба шумор меравад, ки идеяи ташкили тафтиши ҷиноятро ҳамчун ибтидои сохтори фаъолияти тафтишотӣ таҳия намудааст. Ба андешаи ӯ, ташкили тафтиш, пеш аз ҳама, муайян намудани мақсадҳо ва вазифаҳои он мебошад.

Гарчанде ин андеша ба назар содда расад, дар асл дорои аҳамияти бунёдӣ аст, зеро моҳияти ташкилии раванди тафтишотро на танҳо ҳамчун механизми дастгирии амалии фаъолият, балки ҳамчун асоси ташаккули сохтори дохилии раванди тафтиш ифода мекунад. Яъне, дар доираи ин фаҳмиш, фаъолияти ташкилӣ на ҳамчун унсури иловагӣ, балки ҳамчун пояи консептуалӣ ва сохтории фаъолияти тафтишотӣ баррасӣ мегардад[360].

Ба андешаи А.В. Дулов, ташкили тафтишот раванди ба тартиб даровардан ва оптимизатсия намудани он мебошад, ки дар он муайян кардани мақсадҳо, муайян намудани захираҳои зарурӣ ва воситаҳо, нақшакашии истифодаи оқилонаи онҳо, ҳамчунин фароҳам овардани шароите, ки сифати баланд ва самаранокии амали тафтишотро таъмин менамояд, дар бар гирифта мешавад.

Ин таъриф аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, муносибати интегративӣ ва фарогирро барои фаҳмидани ташкили тафтиши ҷиноят ҳамчун унсури асосии фаъолияти тафтишӣ инъикос менамояд. Аз ин рӯ, таъриф ва дарки ташкили тафтишот на танҳо як раванди техникӣ, балки равандест, ки таҳти таъсири манобеи гуногун ва мақсадҳои мушаххас ба роҳ монда мешавад ва барои рушди самараноки фаъолияти тафтишотӣ заминаи воқеӣ мегузорад[361].

Мавқеи Р.С. Белкин аз як тараф унсурҳои асосии раванди ташкили тафтишотро, аз ҷумла гузоштани вазифа, муайян кардани роҳҳо ва усулҳои ҳалли он, пайдарпайии амалҳо, инчунин тақсимоти қувваҳо ва воситаҳои мавҷударо равшан мекунад. Ин фаъолияти равонӣ, ки ба ташаккули модели равонии тафтишот нигаронида шудааст, дар нақшаи тафтишоти

[359] Ниг.: Шаламов М.П. Некоторые проблемы советской криминалистики. – М., 1965. – С. 31; Криминалистика. Учебник для вузов / Под ред. А.Н. Васильева. – М., 1971. – С. 250, 253.
[360] Ниг.: Дулов А.В. Тактические операции при расследовании преступлений. – Минск, 1979. – С. 48-49.
[361] Ниг.: Криминалистика. Учебник / Под ред. А.В. Дулова. – Минск, 1998. – С. 273.

хаттӣ таҷассуми моддии худро пайдо мекунад. Ин назария яке аз моҳиятҳои асосии ташкили тафтиши ҷиноятро инъикос менамояд.

Дар баробари ин, Р.С. Белкин ташкили амали мушаххаси тафтишотро ҳамчун «маҷмуи чораҳои фароҳам овардани шароити оптималии муайян ва татбиқи тавсияҳои самаранок ва мувофиқи методологияи криминалистӣ» тавсиф мекунад. Аз ин таъриф бармеояд, ки дар аввал диққати махсус ба тадбирҳои дастгирикунанда дода мешавад, дар ҳоле ки унсурҳои ибтидоии ташаккули тафтишот – ба монанди муайян намудани ҳадаф, банақшагирӣ ва дигар равандҳои сохторӣ – мавҷуд нестанд.

Р.С. Белкин сатҳҳои гуногуни ташкили тафтиши ҷиноятро муайян кардааст, ки дар байни онҳо сатҳҳои методологӣ ва тактикӣ мақоми асосӣ доранд[362]. Албатта, ҳар як сатҳ хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки моҳияти раванди ташкили тафтишот, сарфи назар аз тафовути ҳаҷм ва хусусияти вазифаҳои ташкилию идоракунӣ, ки дар ҳар як сатҳ иҷро мешаванд, якхела боқӣ мемонад. Чунин муносибат ба мо имкон медиҳад, ки ташкили тафтишотро бо дарназардошти хусусиятҳои марҳилаҳо ва сатҳҳои гуногун ҳамчун падидаи муҳими тафтишӣ баррасӣ намоем.

Н.П. Яблоков ташкили тафтишотро ҳамчун раванди мушаххассозӣ, ба тартиб даровардан ва такмили сифатии сохтори тафтишот ҳамчун низом, ҳамчунин фароҳам овардани шароит барои иҷрои нақшаи тафтишот шарҳ медиҳад. Ин таъриф моҳияти раванди ташкилиро дар фаъолияти тафтишотӣ пурра инъикос намуда, ҳам нақшҳои ташаккул ва ҳам вазифаҳои ёрирасони ташкилиро равшан менамояд. Муаллиф ба робитаи зичи байни мафҳуми ташкилот ва идора диққати махсус дода, онро ҳамчун роҳбарии тафтишот фаҳмида, таъкид мекунад, ки ин падидаҳо, гарчанде мустакилияти нисбиро нигоҳ медоранд, ба ҳам вобаста ва алоқамананд. Аз нуқтаи назари мо, таърифи пешниҳодшудаи ташкили тафтишот аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва мувофиқ мебошад.

Дар баробари ин, мавқеи Н.П. Яблоков, ки ба банақшагириро ҳамчун раванди ҷудогона ва бе иртибот бо ташкили тафтиши ҷиноят менигарад, шубҳаҳои муайянеро ба миён меорад[363].

Таҳлили мафҳуми «ташкили тафтиши ҷиноят», ки аз ҷониби гурӯҳи криминалистҳо, аз ҷумла А.В. Дулов, В.Е. Коновалова, С.А. Кучерук, Н.П. Яблоков ва дигарон пешниҳод шудааст, имкон медиҳад, ки хулоса кард, ки ташкили тафтишот пеш аз ҳама раванди ташаккули сохтори он, ба тартиб даровардан ва ягонакунии фаъолияти он мебошад.

Ин таъриф ҳам ба ташкили тафтишоти мушаххас ва унсурҳои таркибии он – аз ҷумла марҳилаҳо, амалҳои тафтишӣ ва якҷоякунии онҳо дахл дорад, ки аз тарафи як муфаттиш, гурӯҳи муфаттишон ё воҳидҳои тафтишотӣ гузаронида мешаванд, инчунин ҳамоҳангсозии кори бисёр мақомҳои тафтишотиро дарбар мегирад.

---

[362] Ниг.: Белкин Р.С. Курс криминалистики. Т. 2. – М., 1997. – С. 376.
[363] Ниг.: Яблоков Н.П. Криминалистика. Учебник для вузов. – М., 1995. – С. 116.

Дар ин замина зарур аст қайд намуд, ки ташкили тафтиши ҷиноят ба принсипҳои зерин асос ёфтааст:

а) нуқтаҳои консептуалии ақидаҳои муосир дар бораи равандҳои ташкилӣ дар фаъолияти тафтишӣ;

б) принсипҳо ва меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ;

в) муқаррароти назариявии илми криминалистӣ, ки моҳият ва мазмуни тафтишотро ҳамчун намуди мушаххаси фаъолияти тафтишӣ ошкор менамоянд.

Баррасии тафтишот танҳо аз нуқтаи назари қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ комилан нодуруст аст, зеро қонун барои инъикоси воқеияти объективӣ ва назарияҳои иҷтимоӣ равона шудааст. Мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла тафтишот, ба як қатор принсипҳои бунёдӣ асос ёфтааст, ки метавон омилҳои зеринро номбар кард: боэътимоди муқаррар намудани ҳодисаи ҷиноятӣ; ҳамаҷониба, холисона ва пурраи омӯзиши ҳолатҳои парванда; мустақилияти субъектҳо ва иштирокчиёни тафтишот дар арзёбии далелҳо; баҳодиҳии далелҳо бо эътиқоди ботинӣ дар асоси қонун ва маърифати ҳуқуқӣ; эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни раванди мурофиавӣ ва ғайра.

Ин принсипҳо мазмуни тафтишотро ҳамчун фаъолият муайян мекунанд, ки унсурҳои асосии сохтории он ҳадафҳо, амалҳо ва субъектҳои ин амалҳо мебошанд. Ҳамаи унсурҳо дар муносибате амал мекунанд, ки дар асоси принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бунёд ёфтаанд ва асоси онҳо принсипи қонуният мебошад.

Л.А. Соя-серко ташкили тафтишотро ҳамчун раванди ташаккули сохтор ва дастгоҳи тафтишотӣ, таъминоти моддии фаъолияти муфаттишон ва ташкили кори онҳо муайян кардааст. Гарчанде ки ин андешаҳо умуман ҷанбаҳои муҳими кори ташкилотиро инъикос мекунанд, онҳо нопурра мемонанд, зеро унсурҳои ташкилкунанда ва сохторсозии ташкили тафтиши ҷиноят, ки асоси фаъолияти мақсаднок ва мунтазами тафтишотро ташкил медиҳанд, фаро намегиранд[364].

В.Е. Коновалова ба консепсияи ташкили тафтиши ҷиноят ҷузъҳои асосиро дохил мекунад, ки аз ҷумла банақшагирӣ, интихоб ва якҷоя кардани амалиёти тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, хусусияти ҳалли масъалаҳои зеҳнӣ, инчунин сарфаи воситаҳои мурофиавӣ мебошанд. Принсипҳои ташкили фаъолияти тафтишотӣ чунинанд: банақшагирии тафтишот; ба ҳам пайвастани амалиёти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишотӣ; истифодаи оқилонаи усулҳои мурофиавӣ; ба назар гирифтани хусусияти ҳалли масъалаҳои интеллектуалӣ ва дигар ҷанбаҳои муҳими раванд[365].

А.М. Ларин ташкили тафтишотро ҳамчун интихоби оқилона, ҷойгир кардан ва истифодаи қувваҳо, воситаҳо ва имкониятҳо, инчунин фароҳам овардан ва истифодаи шароити оптималӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои

---

[364] Ниг.: Михайлов А.И., Соя-Серко Л.А., Соловьев А.Б. Научная организация труда следователя. – М., 1974. – С.8-9.; Организация расследования преступлений. Курс лекций. Вып. 1,2,3. – М., 1977.

[365] Ниг.: Коновалова В.Е. К вопросу о принципах научной организации следственной деятельности // Вопросы государства и права. – М., 1970. – С. 340-344; Коновалова В.Е. Организация и психологические основы деятельности следователя. – Киев, 1973. – С. 56-58.

мурофиаи ҷиноятӣ мефаҳмад. Ба андешаи ӯ, ташкили тафтиши ҷиноят ба таъмини фаъолияти самараноки низоми идорашаванда вобаста аст, ки ҳамоҳангӣ ва назорати ҳамаи унсурҳои иштирокдошта дар раванди тафтишотро дар бар мегирад[366].

С.И. Светков ташкили амали мушаххаси тафтишотро ҳамчун раванди тақсими ваколатҳо оид ба ҷамъоварӣ, арзёбӣ ва истифодаи далелҳо дар вақт, фазо ва байни иштирокчиёни тафтишот бо мақсади самаранок истифода бурдани усулҳо ва воситаҳои тафтишот, инчунин истифодаи оқилонаи қувваҳо ва воситаҳои мавҷударо муайян кардааст. Агар муаллиф бо ин таъриф унсурҳои асосӣ, аз қабили мақсаднокӣ, банақшагирӣ ва идоракунии тафтишотро дар назар дошта бошад, пас метавон бо консепсияи пешниҳодшудаи ӯ розӣ шуда, онро бо ҷузъҳои муаян пурра намуд[367].

С.А. Кучерук ташкили тафтиши ҷиноятро ҳамчун тартиб ва танзими амали субъектҳои тафтишот, мақомот ва шахсони бо онҳо ҳамкорикунанда, ки ба пешгирӣ, ошкор ва тафтиш кардани ҷиноятҳо нигаронида шудааст, мефаҳмад. Дар ин таъриф аҳамияти хоса ба идоракунии тафтишот дода мешавад, ки дар шаклҳои ҳамкории мутақобила ва ҳамоҳангии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ таҷассум меёбад. Бо вуҷуди ин, муаллиф ҳангоми тавсифи тартибот доираи раванди ташкили тафтиши ҷиноятро то андозае маҳдуд намуда, онро бо амали субъектҳо ва иштирокчиёни тафтишот маҳдуд кардааст ва нақшагириро ба ин мафҳум ворид накардааст, гарчанде ки мувофиқи пешниҳоди минбаъда С.А. Кучерук банақшагириро ҷузъи таркибии ташкили тафтиши ҷиноят мешуморад[368].

В.Е. Корнухов дар масъалаи муайян кардани мафҳуми ташкили тафтишот мавқеи махсус дорад. Вай сохтори низоми тафтишотро дуруст муайян карда, мафҳумҳои «ташкил» ва «идоракунӣ»-ро равшан мекунад ва сохтори худи раванди ташкилии тафтишотро возеҳ нишон медиҳад. Ин равиш ба дарки амиқтари моҳияти асаксҳои ташкилӣ дар доираи фаъолияти тафтишотӣ мусоидат намуда, аҳамияти таҳлили системавиро таъкид менамояд. Муаллиф баъдан ташкили акти мушаххаси тафтишотро ҳамчун ҷузъи ташкили умумӣ медонад ва таъкид мекунад, ки идоракунии дигар занҷирҳои ташкили низ зарур аст. Вай дар баробари ин фарқи равшане байни ташкили тафтиш ва ташкили фаъолияти тафтишотӣ мегузорад. Охирин, ба гуфтаи В.Е. Корнухов, «он қисми фаъолияти муфаттиш аст, ки фаъолияти иштирокчиёни тафтишот, муносибатҳои байни онҳо ва шароити беруниро инъикос намуда, самаранокӣ ва эътимоднокии қабули қарор, ҳамоҳангӣ ва тобеиятро таъмин мекунад»[369].

---

366 Ниг.: Ларин А.М. Расследование по уголовному делу. Планирование, организация. – М., 1970. – С. 59; Ларин А.М. Управление расследованием и измерение эго эффективности // Советское государство и право. – 1979. – № 10. – С. 82.

367 Ниг.: Цветков С.И. Состояние и перспективы использования данных науки управления в криминалистике. Автореферат дисс. … к.ю.н. – М., 1977. – С. 9-10.

368 Ниг.: Кучерук С.А. Тактика и взаимодействие органов следствия и дознания как основа деятельности при раскрытии и расследовании преступлений в особо сложных условиях. Автореферат дисс. … к.ю.н. – Краснодар, 2002. – С. 13.

369 Курс криминалистики. Общая часть / Отв. ред. В.Е. Корноухов. – М., 2000. – С. 751-755.

В.Е. Корнухов дуруст таъкид мекунад, ки ташкили тафтиши ҷиноят ҳамчун ҷузъи илми криминалистӣ асосан дар санадҳои тафтишоти алоҳида зоҳир мешавад. Белкин Р.С. низ қаблан ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда буд. Дараҷаи ташкили тафтиши ҷиноят дар манотиқи маъмурӣ – ноҳиявӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ бештар бо роҳбарии низоми тафтишотии муайян алоқаманд аст. Дар баробари ин, ташкили тафтиши ҷиноят низ дар ин сатҳҳо ифодаи худро меёбад. Махсусан қайд кардан зарур аст, ки дар равандҳои воқеӣ на ҳамеша фарқ кардани ташкилот ва идоракунӣ аниқ имконпазир аст, зеро ин ҳодисаҳо бо ҳам алоқаманд, ба ҳам вобаста ва ба ҳамдигар дохил мешаванд. Мавқеи В.Е. Корнухов дар бораи зарурати фарқ кардани ташкили тафтишот ва ташкили фаъолияти тафтишотро метавон пазируфт. Гарчанде, ки дар амал чунин омилҳои фарқкунанда хеле душвор буда, шояд ҳамеша аз нуқтаи назари методологӣ мувофик набошад.

Қисмати ёрирасони ташкили тафтиши ҷиноят фароҳам овардани шароит барои амали босифати тафтишотӣ ва идоракунии тафтишотро дар бар мегирад. Дар ин маврид фароҳам овардани шароит алоқаманд ба ташкили фаъолияти муфаттиш ва дигар иштирокчиёни раванд аст. Бояд қайд намуд, ки дар баробари ташаккули модели тафтишот, амали ҳамаи иштирокчиёни он ба тартиб даровvarда шуда, саъю кӯшишҳои онҳо сафарбар мегарданд. Ҳамчунин самтҳои зергурӯҳҳои фаъолият – мутахассисон, кормандони оперативӣ ва дигар кормандони мақомоти тафтишот, инчунин ҳамоҳангсозии ҳамкории муфаттиш бо дигар иштирокчиёни тафтишот ташкил карда мешавад. Чунин маҷмуи комплексии тадбирҳо ба ягонакунии тамоми фаъолиятҳо мусоидат мекунад.

Ташкили тафтишот ба ташкили сохтори ин фаъолият, такмили сифатии он ва нигоҳ доштани он дар ҳолате нигаронида шудааст, ки ноил шудан ба мақсадҳои ниҳоиро таъмин намояд. Гуфтан мумкин аст, ки ташкили тафтиши ҷиноят пеш аз ҳама равандест, ки ба сохтор ва ба тартиб даровардани тафтишот равона шудааст. Вазифаи асосии раванди ташкилӣ муайян ва тасдиқ намудани унсурҳои сохторӣ ва муносибатҳои байни онҳо мебошад. Дар натиҷа сухан дар бораи ташаккули модели равонии фаъолият меравад.

Ин раванд мушаххас кардани ҳадафҳои умумӣ (стратегӣ)-и тафтишот, муайян кардани ҳадафҳои хусусӣ (тактикӣ) ва банақшагириро дар бар мегирад. Маҳз тавассути ин раванд татбиқи амалии тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки методологияи криминалистӣ ва тактикаи тафтишотӣ дар заминаи тафтишоти мушаххас амалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, ташкили тафтиши ҷиноят пеш аз ҳама муайян ва мушаххас кардани ҳадафҳо, банақшагирӣ ва эҷоди модели равонии фаъолияти дарпешистодаро дар бар мегирад. Бояд таъкид кард, ки ин раванд объективӣ буда, сарфи назар кардани он имконнопазир аст, зеро он воқеан вуҷуд дошта, амал мекунад. Мундариҷаи он бояд омӯхта шавад, қонуниятҳо муайян карда шаванд, принсипҳо ва тавсияҳои илмӣ ва амалӣ таҳия гардад.

Ташкили тафтиши ҷиноят маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд аст: гузоштани ҳадаф, банақшагирӣ, фароҳам овардани шароит ва идоракунӣ. Ташкили тафтишот маънои муайян кардан ва мушаххас кардани ҳадафҳои он, таҳияи нақша, фароҳам овардани шароити зарурӣ ва идоракунии амали тафтишотро дорад, ки ҳамаи ин ҷузъҳо тамоми раванди тафтишотро фаро мегиранд. Ташкили тафтишот мутамарказ ва пайдарпайи ҳамаи марҳилаҳои корро таъмин намуда, ба истифодаи самараноки захираҳо ва қувваҳо, коҳиш додани хатарҳо ва баланд бардоштани сифати натиҷаҳои ба дастомадаро мусоидат мекунад. Ҷанбаи муҳими он на танҳо ташаккули модели равонии фаъолияти дарпешистодаро, балки назорати доимии иҷрои он, ислоҳи нақшаҳо вобаста ба шароит ва ҳамоҳангсозии ҳамкории ҳамаи иштирокчиёни тафтишот мебошад. Илова бар ин, ташкили тафтишот ба принсипҳо ва усулҳои илмии криминалистика асос ёфта, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро ба инобат мегирад, ки қонуният ва асоснокии қарорҳои қабулшударо кафолат медиҳад. Якҷоя ин унсурҳо барои бомуваффақият ва самаранок тафтиш кардани ҷиноятҳо заминаи мусоид фароҳам меоранд ва ба таъмини адолат ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

**Адабиёт:**


1. Белкин Р.С. Курс криминалистики. Т.2. – М., 1997. – С. 376.
2. Большой энциклопедический словарь. – М., 1998. – С. 848.
3. Громов В.И. Методика расследования преступлений. – М., 1929. – С. 11.
4. Дулов А.В. Тактические операции при расследовании преступлений. – Минск, 1979. – С. 48-49.
5. Зеленский В.Д. О понятии научной организации и управления расследованием // Правоведение. – 1982. – № 4.
6. Коновалова В.Е. К вопросу о принципах научной организации следственной деятельности // Вопросы государства и права. – М., 1970. – С. 340-344.
7. Коновалова В.Е. Организация и психологические основы деятельности следователя. – Киев, 1973. – С. 56-58.;
8. Криминалистика. Учебник / Под ред. А.В. Дулова. – Минск, 1998. – С. 273.
9. Криминалистика. Учебник для вузов / Под ред. А.Н. Васильева. – М., 1971. – С. 250, 253.
10. Курс криминалистики. Общая часть / Отв. ред. В.Е. Корноухов. – М., 2000. – С. 751-755.
11. Кучерук С.А. Тактика и взаимодействие органов следствия и дознания как основа деятельности при раскрытии и расследовании преступлений в особо сложных условиях. Автореферат дисс. ... к.ю.н. – Краснодар, 2002. – С. 13.
12. Ларин А.М. Расследование по уголовному делу. Планирование, организация. – М., 1970. – С.59.

13. Ларин А.М. Управление расследованием и измерение эго эффективности // Советское государство и право. – 1979. – № 10. – С. 82.

14. Михайлов А.И., Соя-Серко Л.А., Соловьев А.Б. Научная организация труда следователя. – М., 1974. – С. 8-9.

15. Организация расследования преступлений. Курс лекций. Вып. 1,2,3. – М., 1977.

16. Туманов Г.А. Организация как функция государственного управления // Советское государство и право. – 1986. – № 1. – С. 38-45.

17. Цветков С.И. Состояние и перспективы использования данных науки управления в криминалистике. Автореферат дисс. ... к.ю.н. – М., 1977. – С. 9-10.

18. Шаламов М.П. Некоторые проблемы советской криминалистики. – М., 1965. – С. 31.

19. Яблоков Н.П. Криминалистика. Учебник для вузов. – М., 1995. – С. 116.

# БАЪЗЕ АЗ ХУСУСИЯТҲОИ ТАКТИКАИ КРИМИНАЛИСТИКИИ ПУРСИШ ДАР МАВРИДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

**Қодирзода Далер Сайфулло,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел:**(+992) 989153232
**E-mail:** daler.kodirov.1990@mail.ru

**Давлатзода Диловар Давлат,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел:**(+992) 901 070703
**E-mail:** daler.kodirov.1990@mail.ru

**Муқарриз:** Назаров А.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми криминалистика – баъзе аз хусусиятҳои тактикаи пурсиш дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бахшида шудааст. Муаллифон кушиш намудаанд, ки вобаста ба мушкилоти мавзуи мазкур андешаҳои зиёди муҳақиқонро ҷамъоварӣ, таҳлил ва хулосабарорӣ намуда, дар ин росто андешаҳои хешро иброз намоянд. Дар воқеъ, масъалаи тактикаи пурсиш ҳангоми содиршавии ҳодисаҳои нақлиётӣ хусусиятҳои ба худ хосро пайдо намуда, баъзе мураккабиҳоро низ дар амалияи тафтишотӣ дорад, ки муаллифон андешаҳои худро перомуни роҳҳои ҳал ва дуруст татбиқ намудани ин амали тафтишӣ дар таҳқиқоти илмии мазкур пешкаш намудаанд.

**Калидвожаҳо:** Пурсиш, тафтиш, парвандаи ҷиноятӣ, ошорнамоӣ, кушодан, ҷиноят, ҳодисаҳои нақлиётӣ, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, истифодаи востаи нақлиёт, ташхис.

# НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТАКТИКИ КРИМИНАЛИСТИЧЕСКОГО ДОПРОСА ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ, СВЯЗАННЫХ С НАРУШЕНИЕМ ПРАВИЛ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ И ЭКСПЛУАТАЦИИ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

**Кодирзода Далер Сайфулло,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности, кандидат юридических наук
Тел: (+992) 989153232
**E-mail:** daler.kodirov.1990@mail.ru

**Давлатзода Диловар Давлат,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности, кандидат юридических наук
**Тел:** (+992) 901 070703
**E-mail:** daler.kodirov.1990@mail.ru

**Рецензент:** Назаров А.К., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Статья посвящена одному из важных вопросов криминалистики – некоторым особенностям тактики допроса при расследовании преступлений, связанных с нарушением правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств. Авторы предприняли попытку собрать, проанализировать и сделать выводы из мнений многочисленных исследователей по проблемам данной темы, а также высказать свои собственных точк зрений. В действительности вопрос тактики допроса при совершении уголовных происшествий имеет свои специфические особенности и вызывает определенные трудности в следственной практике, в настоящем научном исследовании изложены размышления авторов о путях решения и правильного проведения данного следственного действия.

**Ключевые слова:** Допрос, расследование, уголовное дело, расследование, открытие, преступление, дорожно-транспортные происшествия, правила дорожного движения, пользование транспортом, досмотр.

## SOME FEATURES OF FORENSIC INTERROGATION TACTICS IN THE INVESTIGATION OF CRIMES RELATED TO VIOLATION OF TRAFFIC RULES AND OPERATION OF VEHICLES

**Qodirzoda Daler Sayfullo,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor at the Department of Criminalistics and Forensic Expertise, Candidate of Legal Sciences
**Phone:** (+992) 989153232

**E-mail:** daler.kodirov.1990@mail.ru

**Davlatzoda Dilovar Davlat,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor at the Department of Criminalistics and Forensic Expertise, Candidate of Legal Sciences
**Phone:** (+992) 901 070703
**E-mail:** daler.kodirov.1990@mail.ru

**Reviewer:** Nazarov A.K., Doctor of Law, Associate Professor

**Annotation:** The article is devoted to one of the important issues of criminology – some features of interrogation tactics in the investigation of crimes related to violations of traffic rules and the operation of vehicles. The authors have attempted to collect, analyze and draw conclusions from the opinions of numerous researchers on the problems of this topic, as well as express their own points of view. In fact, the issue of interrogation tactics in the commission of criminal incidents has its own specific features and causes certain difficulties in investigative practice. This scientific study sets out the authors' thoughts on ways to solve and correctly conduct this investigative action.

**Keywords:** Interrogation, investigation, criminal case, investigation, discovery, crime, traffic accidents, traffic regulations, use of transport, inspection.

Пурсиш – ин яке аз амалҳои тафтишии калидӣ ҳангоми тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ба ҳисоб рафта, воситаи муҳими ҷамъоварии иттилоот, ошкорнамоии фактҳо ва муайянкунии ҳолатҳо мебошад. Қонунгузор ин муҳимияти пурсишро ба инобат гирифта, дар боби 23 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масалаҳои муҳими баамалбарории пурсишро ба танзим даровáрадааст, ба монандӣ ҷои пурсиш, тартиби даъват ба пурсиш, қоидаҳои умумии пурсиш, протоколи пурсиш, истифодаи сабти овоз ва видео ҳангоми пурсиш, тартиби пурсиши шоҳид ва ҷабрдида, хусусияти пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи ноболиғ ва ғайраҳо[370].

Ба андешаи мо ҳангоми тафтиши парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар мадди аввал бояд пурсиши шахсоне гузаронида шавад, ки ҳадди ақал ягон маълумоти раҳнамоикунанда дар бораи ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дода метавонанд. Таҳлили амалияи тафтишотӣ нишон медиҳад, ки чунин пурсиш бояд вақти камро ишғол кунад, чунки мақсади асосии он – муайян кардани ҳолати ҷой доштани аломатҳои таркиби ҷиноят дар ҳодисаи бавуқуъомада мебошад. Дар мавриди ҷой доштани чунин аломатҳо ошкор кардани гумонбаршаванда дар ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ

[370] Ниг.: Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // mmk.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2025).

ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин муайян кардани маҷмуи амалҳои тафтишии зарурӣ мебошад. Амалҳои ишорашуда бояд ҳатман қабл аз анҷом додани пурсиши гумонбаршаванда дар содири ҷиноят ҷой дошта бошанд.

Шахси тафтишкунандаи парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ҳангоми пур кардани қисми расмии протокол бо маълумоти анкетӣ метавонад дар хусуси ҷойи таваллуд ва ба воя расидани пурсишшаванда баҳои мусбӣ дода, собиқаи меҳнатии ӯро таъриф кунад ва ба ин васила ӯро ором созад. Муҳим – аз байн бурдани тарсу шиддат аст, ки тамоми ҷараёни ҳамкории мусбатро тағйир дода метавонад[371].

И.Г. Пятков чунин менависад: «Муфаттишро зарур аст, дар мадди аввал омилҳои зерини барои тафтишот бисёр муҳимро муайян намояд:

- ҷой, вақт ва ҳолатҳое, ки бо ҳодисаи ҷинояти роҳу нақлиёт алоқаманд мебошанд;
- мавҷудияти маҷмуи изҳои моддие, ки дар ҷойи ҷинояти роҳу нақлиёт гузошта шудаанд;
- мавҷудияти далелҳои шайъии ҷинояти роҳу нақлиёт;
- мавҷудияти тағйирот дар ҷойгиршавии объектҳои моддӣ то содиршавии ҷинояти роҳу нақлиёт ва пас аз содиршавии он;
- мавҷудияти ҳолатҳои манфӣ - таҳти онҳо ҳама гуна иттилооти воқеие фаҳмида мешавад, ки ба ҳодисаи ҷинояти роҳу нақлиёти тафтишшаванда дахл доранд[372].

Андешаи болозикрро дастгири намуда, қайд намудан бо маврид аст, ки дар мадди аввал муқаррар намудани омилҳо вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аз дуруст ба роҳ мондани тактикаи пурсиши гумонбаршаванда, шоҳидон, ронанда ва айбдоршаванда вобастагии зич дорад. Масалан, ҳангоми муқаррар намудани ҷой ё вақти содиршавии ҳодисаи нақлиётӣ агар аз як тараф ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса муайян карда шавад, аз тарафи дигар маҳз ҳангоми амалинамоии пурсиш дақиқ карда мешавад. Мазмуни пурсиш вобаста ба намуди ҳодисаи роҳу нақлиёт фарқ мекунад. Ҳангоми пиёдагардро зер кардани воситаҳои нақлиёт диққати асосӣ бояд ба муайян кардани хусусияти ҳаракати воситаи нақлиёт ва пиёдагард дода шавад – ба кадом самт дар иртибот ба якдигар ва бо кадом суръат онҳо ҳаракат карданд, инчунин, шароите, ки дар он ҳодисаи роҳу нақлиёт ба вуқуъ пайваст.

Аз суханони ронанда муайян намудани мавқеи ҷойгиршавии воситаи нақлиёти аз тарафи ӯ бевосита пеш аз ҳодиса идорашуда аҳамияти муҳим дорад. Тавре маълум аст, на ҳама вақт дар ҷойи ҳодиса изҳое ошкор карда мешаванд, ки ҳангоми таҳлили онҳо муайян кардани ҷойи аз тарафи

---

[371] Ниг.: Скачек Р.В. Организация расследования дорожно-транспортных происшествий: учебное пособие. – Минск: Академия МВД, 2017. – С. 53 // www.amia.by/book/umk/Kaf_rasl_prestypleniy/dtp/project/DswMedia/dtp_posobie.pdf.

[372] Ниг.: Пяткова И.Г. Тактические особенности осуществления допроса подозреваемого, совершившего дорожно-транспортное преступление // Вестник Уральского юридического института МВД России. – 2015. – № 2. – С. 54-56.

воситаи нақлиёт зер кардани пиёдагард имконпазир мебошад. Дар қисми мошингарди роҳ муайян кардани мавқеи ҷойгиршавии воситаи нақлиёт имкон медиҳад, ки ҷойи зеркунии пиёдагард муқаррар карда шавад.

Мо ба назар мебошем, ки муқаррар намудани омилҳои болозикр ба муфаттиш имкон медиҳад, ки қарори дахлдор қабул намуда, тартиби гузаронидани пурсиши шоҳид, гумонбаршаванда ва айбдоршавандаро дар содири ҷиноятро ба нақша гирад.

Тартиби амалисозии пурсиш маъмулӣ, яъне ба монанди пурсиш ҳангоми тафтиши ҳама гуна ҷиноятҳои дигар мебошад. Алалхусус, гумонбаршаванда (агар ӯ таҳти ҳабс қарор надошта бошад) тавассути даъватнома ё ягон тарзи дигар (масалан, тавассути телефон ё телеграмма) барои гузаронидани пурсиш даъват карда мешавад[373].

Қабл аз оғоз намудани пурсиш, муфаттиш бояд ба шахсияти гумонбаршаванда тавассути тафтиши ҳуҷҷатҳо итминон ҳосил намуда, сипас ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва расмиёти амалисозии пурсишро ба ӯ фаҳмонад. Агар муфаттиш дар донистан ё надонистани забони пешбурди тафтишот аз тарафи гумонбаршаванда шубҳа дошта бошад, пас бояд муайян ва дақиқ намояд, ки пурсишшаванда бо кадом забон хоҳиши додани нишондод дорад.

Додани саволҳои ёридиҳанда, ки ба ҳодисаи ҷинояти роҳу нақлиёт дахл доранд, тавсия дода намешавад. Дар мавридҳои дигар муфаттиш дар интихоби тактикаи амалисозии пурсиш озод мебошад.

Дар марҳилаи аввали тафтишот сарчашмаи асосии иттилоот дар бораи ҳодисаи роҳу нақлиёт пурсиши ронанда ба ҳисоб меравад. Бояд дар назар дошт, ки нишондоди ронанда дар иртибот ба ин ҳолатҳо мумкин аст бо он маълумоте, ки дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса инъикос ёфтаанд, мувофиқат накунанд, чунки аксар вақт аз лаҳзаи ҳодисаи роҳу нақлиёт то азназаргузаронии он муддати муайян мегузарад, ки дар давоми он дар шароити ҷойи ҳодиса тағйироти гуногун ба амал меояд.

Бинобар ин, мо бар он назарем, ки дар вақти пурсиши ронанда муайян намудани саволҳои зерин зарур мебошад: ҳолати қисми мошингарди роҳ дар лаҳзаи ҳодиса; кай ва кадом тағйиротҳо дар он ба амал омадаанд; дар лаҳзаи азназаргузаронӣ ҳолати қисми мошингарди роҳ чӣ гуна буд; аз лаҳзаи ҳодисаи роҳу нақлиёт то лаҳзаи оғози азназаргузаронӣ чӣ қадар вақт сипарӣ шудааст. Инчунин, бояд муқаррар карда шавад, ки ронанда аз рӯйи кадом аломатҳо дар хусуси ҳолати қисми мошингарди роҳ хулосабарорӣ кардааст (аз рӯйи ранги фарши роҳ, ҳаракати воситаи нақлиёт ҳангоми боздории он ва ғ.). Ҳангоми пурсиши ронанда дар қатори дигар саволҳо муқаррар намудани суръати воситаи нақлиёте, ки монеа ё халал ворид кардааст, мавқеи ҷойгиршавӣ ва хусусияти ҳаракати минбаъдаи он хеле муҳим мебошад.

Аз ҳама мушкил қисми пурсиши ронанда вобаста ба ҳолатҳои содиршавии ҳодиса ва механизми ташаккули ҳодиса мебошад. Дар ин ҳол, ҳангоми пурсиш таваҷҷуҳи асосӣ ба механизме зоҳир карда мешавад, ки ба ҷараёни ҳаракати объектҳо бевосита пеш аз бархӯрд ё зеркунӣ дахл дорад.

---

[373] Ниг.: Уголовный процесс / Под ред. В.П. Божьева. 3-е изд., испр. и доп. – М.: Юрайт, 2011.

Бояд дар назар дошт, ки танҳо дар асоси натиҷаҳои пурсиши ронанда дарк намудани чунин ҷараёнҳо ғайриимкон аст, чунки барои дарки он таҳлили маҷмуии иттилооти ҳангоми пурсиши ронанда, дигар шахсон ва хулосаи коршиносон (автотехник, роҳшинос, табиб ва ғ.) бадастомада зарур мебошад.

Дар ҷараёни пурсиши ронандагон ҳолатҳои зерин ҷой дошта метавонанд:

- ҳарду ронандагон нишондоди ростқавлона медиҳанд;

- яке аз ронандагон нишондоди ростқавлона, ронандаи дигар бошад бардурӯғ медиҳад;

- ҳарду ронандагон нишондоди бардурӯғ медиҳанд (яке дидаву дониста ҳолатҳои содири ҷиноятро таҳриф мекунад, дигараш бошад – бовиҷдонона ба гумроҳӣ рафтааст).

Агар ҳарду ронандагон нишондоди ростқавлона диҳанд, пас бо назардошти вазъияти баамаломадаи роҳ бояд ҳолатҳои зерин муайян карда шаванд: суръат ва мавқеи ҷойгиршавии воситаҳои нақлиёт пеш аз бархӯрд, инчунин масофае, ки воситаҳои нақлиёт аз ягон объект қарор доштанд (ҳудуди қисми мошингарди роҳ, сутунҳои чароғҳои қади роҳ, чароғакҳои роҳ); ронандагон кадом вақт гузариши (буриши) роҳи ҳаракати воситаи нақлиёти онҳоро ошкор намуданд; кадом объектҳо имконияти сари вақт ошкор кардани воситаи нақлиётро маҳдуд карданд. Лаҳзаи андешидани чораҳо доир ба пешгирии бархӯрд низ аҳамияти муҳим дорад. Дар ин ҳол, бояд муайян карда шавад, ки боздорӣ (тормоздиҳӣ) анҷом шудааст ва дар кадом масофа аз ҷойи бархӯрд ин амалҳо иҷро шуда буданд.

Ҳангоми муайян кардани ҷойи бархӯрд бояд координатҳои ҷойи бархӯрд, мавҷудият ва хусусияти изҳои онро собиткунанда, инчунин масофае, ки ҳар як воситаи нақлиёт баъди бархӯрд партоб шудааст, ҷойгиршавии онҳо пас аз бозистӣ, кадом ранги чароғак дар лаҳзаи зеркунӣ ё бархӯрд равшан будан, муқаррар карда шаванд. Ҳамзамон бо ин, мавҷудият, хусусият ва ҷойгиршавии зарарҳо дар воситаҳои нақлиёт, ҷой доштани ҷабрдидагон ва кадом намуди осеби ҷисмонӣ бардоштани онҳо муқаррар карда мешаванд.

Азбаски ронандагон пас аз гузашти муддате аз ҳодисаи роҳу нақлиёт пурсида мешаванд, пас бояд муайян карда шавад, ки оё воситаҳои нақлиёт мавриди таъмирсозӣ қарор гирифтанд. Вақте ки аз рӯйи ҳолатҳои парванда азназаргузаронии иловагӣ ё таъини экспертизаи техникӣ зарур бошад, пас андешидани чораҳо ҷиҳати бидуни таъмир нигоҳ доштани воситаҳои нақлиёт ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳангоми пурсиши ронанда аз рӯйи ҳолати бархӯди автомобилҳо мушкилии асосӣ дар муайян намудани он ки кадоме аз автомобилҳо аз хати ҳаракати аввалаи худ берун шудааст, ифода меёбад. Барои муқаррар намудани ин ҳолат протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки дар он изҳои қисми мошингарди воситаҳои нақлиёт ва тарзи ҷойгиршавии онҳо пас аз бархӯрд қайд гардидаанд, мусоидат карда метавонад.

Ронанда ҳамчунин бояд аз он пурсида шавад, ки пас аз содир намудани ҷиноят аз тарафи ӯ кадом чораҳо андешида шудааст. Инҳо метавонанд ба амалҳо вобаста ба расонидани кӯмак ба ҷабрдидагон, нигоҳдории изҳои ҷиноят, бо кадом ашхос дар хусуси ҳолатҳои ҷинояти содиркарда ҳамсуҳбат шудан мансуб бошанд.

Ҳамин тавр, зикр бояд намуд, ки ҳангоми дуруст ба роҳ мондани тактикаи пурсиш дар мавриди тафтиши ҷиноятҳо марбут ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт муқаррар намудани механизми расонидани осеби ҷисмонӣ имконпазир мебошад: лаҳзаи расиши якуми воситаи нақлиёт ва бадани инсон; зарба бо кадом қисми воситаи нақлиёт ва ба кадом қисми бадани инсон расонида шудааст; ҷабрдида ба кадом тараф афтид; оё пас аз зарба бадани ҷабрдида ба ҷойи дигар гузаштааст. Агар воситаи нақлиёт аз болои бадани ҷабрдида гузашта бошад, пас бояд муқаррар карда шавад, ки зеркунӣ бо кадом чарххо ва ба кадом қисми бадан сурат гирифтааст.

Хулоса, пурсиш ҳамчун маъмултарин амали мустақили тафтишӣ дар раванди тафтиш, ошкорнамоӣ ва кушодани дилхоҳ ҷиноят, хусусан дар мавриди тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт нақшӣ муҳим дошта, аз ҷиҳати тактикӣ дуруст татбиқ намудани он ба манфиати кор мебошад. Бинобар ин, тавися карда мешавад, ки ҳангоми амалинамоии пурсиш, ҳамчун амали тафтишӣ бояд ба мавзуи пурсиш, мавқеи мурофиавии шахси пурсишшаванда ва ба ҳаҷму мазмуни маълумотҳои бадастомада диқати махсус дод.

**Адабиёт:**

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // mmk.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2025).
2. Пяткова И.Г. Тактические особенности осуществления допроса подозреваемого, совершившего дорожно-транспортное преступление // Вестник Уральского юридического института МВД России. – 2015. – № 2. – С. 54-56.
3. Скачек Р.В. Организация расследования дорожно-транспортных происшествий: учебное пособие. – Минск : Академия МВД, 2017. – 126 с.
4. Уголовный процесс / Под ред. В.П. Божьева. 3-е изд., испр. и доп. – М.: Юрайт, 2011.

# ТАКТИКАИ ПУРСИШИ АЙБДОРШАВАНДА ДАР МАВРИДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

**Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ
**Тел:** (+992) 938444435
**E-mail:** saidzoda05011994@mail.ru

**Муқариз:** Назаров А.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми криминалистика – тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бахшида шудааст. Дар мавриди тафтиши тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт пурсиши айбдоршаванда мавқеи хосро ишғол менамояд. Айбдоршаванда шахсе мебошад, ки дар содир намудани ҷиноят айбдор шудааст ва ӯ ҳуқуқ дорад дар бораи айби ба ӯ эълоншуда, инчунин дигар ҳолатҳои ба ӯ маълуми барои парванда аҳамиятдошта ва далелҳо нишондод диҳад. Пеш аз пурсиши айбдоршаванда муфаттиш бояд маълумотро оид ба шахсияти ӯ муайян намуда, хабар дода мешавад, ки ӯ ба ҳайси кӣ, аз рӯи кадом парвандаи ҷиноятӣ пурсиш мешавад, ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯ, ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, фаҳмонида, дар ин бобат дар протокол қайд карда мешавад. Бинбар ин, пурсиши айбдоршаванда амали тафтишии бениҳоят мураккаб мебошад. Сабаб дар он аст, ки аз як тараф дар шароити равонии шиддатнок қарор дошта, аз тарафи дигар бошад, тибқи қонун ӯ уҳдадор нест, ки нишондод диҳад, балки қонунгузорӣ нишодод додани айбдоршавандаро ҳуқуқ муқарар намудааст. Вобаста ба ин, муаллиф кушиш намудааст, ки фикру андешаҳои зиёдеро ҷамъоварӣ намуда, андешаҳои худро оид ба масалаи мазкур иброз намояд.

**Калидвожаҳо:** Тафтиш, ҷиноят, вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ, истифодаи воситаҳои нақлиёт, таҳқиқ, ронанда, айбдоршаванда, гумонбаршванда, шоҳид, экспертиза.

# ТАКТИКА ДОПРОСА ОБВИНЯЕМОГО ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЯ О НАРУШЕНИИ ПРАВИЛ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ И ЭКСПЛУАТАЦИИ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

**Саидзода Раджабали Ҳокимджон,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель

кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности
**Тел:** (+992) 938444435
**E-mail:** saidzoda05011994@mail.ru

**Рецензент:** Назаров А.К., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Статья посвящена одному из важных вопросов криминалистики – расследованию преступлений, связанных с нарушением правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств. При расследовании преступлений, связанных с нарушением правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств, особое место занимает допрос обвиняемого. Обвиняемый — лицо, обвиняемое в совершении преступления и имеющее право давать показания о предъявленном ему обвинении, а также о других известных ему обстоятельствах и доказательствах, имеющих значение для дела. Перед допросом обвиняемого следователь обязан установить его личность, сообщить ему его личность, разъяснить его права и обязанности, предусмотренные Уголовно-процессуальным кодексом Республики Таджикистан, о чем делает отметку в протоколе. Причина в том, что, с одной стороны, он находится в состоянии сильного душевного расстройства, а с другой стороны, согласно закону, он не обязан давать показания, однако законодательство устанавливает право давать показания против обвиняемого. В связи с этим автор попытался собрать воедино многочисленные мысли и мнения и высказать свою точку зрения по данному вопросу.

**Ключевые слова:** Расследование, преступление, нарушение правил дорожного движения, эксплуатация транспортных средств, расследование, водитель, обвиняемый, подозреваемый, свидетель, допрос.

## TACTICS OF INTERROGATION OF THE ACCUSED IN THE INVESTIGATION OF CRIMES OF VIOLATION OF TRAFFIC RULES AND OPERATION OF VEHICLES

**Saidzoda Rajabali Hokimjon**,
Tajik National University, Faculty of Law, PhD Candidate at the Department of Criminalistics and Forensic Expertise
**E-mail:** saidzoda05011994@mail.ru
**Phone:** (+992) 938444435

**Reviewer:** Nazarov A.K., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** The article is devoted to one of the important issues of criminology, investigation of crimes related to violations of traffic rules and the operation of vehicles. In the investigation of crimes related to violations of traffic

rules and the operation of vehicles, a special place is occupied by the interrogation of the accused. The accused is a person who is accused of committing a crime and has the right to testify about the charge against him, as well as about other circumstances and evidence known to him that are relevant to the case. Before questioning the accused, the investigator is obliged to establish his identity, inform him of his identity, explain his rights and duties provided for by the Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan, which he makes a note in the protocol. The reason is that, on the one hand, he is in a state of severe mental disorder, and on the other hand, according to the law, he is not required to testify, but the law establishes the right to testify against the accused. In this regard, the author has tried to bring together numerous thoughts and opinions and express his point of view on this issue.

**Keywords:** investigation, crime, violation of traffic rules, operation of vehicles, investigation, driver, accused, suspect, witness, interrogation.

Ба маънои мурофиавӣ пурсиш – ин ҳаракати тафтишие мебошад, ки дар гирифтан ва қайд намудани нишондоди шоҳидон, ҷабрдидагон, гумонбаршавандагон ва айбдоршавандагон доир ба ҳолатҳои ба онҳо маълум, ки барои парвандаи тафтишшаванда аҳамият доранд, ифода меёбад. Дар криминалистика пурсиш танҳо бо тарзҳои суҳбати лафзӣ маҳдуд намешавад. Бояд дар назар дошт, ки суҳбат байни пурсишкунанда ва пурсишшаванда ҳамчунин дар сатҳи ғайрилафзӣ низ ба амал меояд – қиёфабозӣ, имову ишора, пасту баланд кардани овоз, услуби овоз – ва ҳамаи ин барои анҷоми бомувафақияти пурсиш аҳамияти калон доранд[374].

Пурсиши айбдоршаванда амали тафтишии бениҳоят мураккаб мебошад. Сабаб дар он аст, ки дар шароити равонии шиддатнок, дар доираи нисбатан кутоҳи вақт пурсишкунанда бояд бо пурсишшаванда робитаи муносиби психологӣ барқарор карда, саволҳо диҳад ва ба онҳо посуххои пурра ва саҳеҳ гирад. Дар аксари ҳолатҳо, пурсиши айбдоршаванда дар шароити вазъияти низоъю муноқиша сурат гирифта, дар робита ба ин, пурсишкунанда бо зарурати ошкор кардани таҳрифоту дуруғ дар нишондоди айбдоршаванда дучор мешавад. Анҷом додани амалҳои болозикр бидуни омодагии дахлдори тактикӣ ғайриимкон мебошад. Дигар хусисияти хоси пурсиши айбдоршаванда дар он зоҳир меёбад, ки мутобиқи моддаи 76 КМҶ ҶТ нишондодҳои айбдоршаванда далел ба ҳисоб меравand[375]. Бинобар ин, маълумотҳое, ки дар натиҷаи пурсиш аз айбдоршаванда гирифта мешаванд, барои ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ бениҳоят муҳим мебошанд, зеро аксар вақт иттилоотеро фаро мегиранд, ки аз дигар сарчашмаҳо дастрас кардани онҳо ғайриимкон аст. Ҷузъиётҳои ҳодисаи бавуқуъомада аз ҳар шахси дигар дида маҳз ба айбдоршаванда маълум мебошанд. Аммо, кам ҳолатҳое ҷой доранд, ки иштирокчиёни мурофиаи ин категорияи ҷиноятҳо ба додани нишондоди пурра ва саҳеҳ майл дошта бошанд, аз ин лиҳоз, барои пурсиш

---

[374] Ниг.: Пронин К.В. Тактика допроса в суде: процессуальные и криминалистические аспекты: Учебное пособие для вузов. – М.: «Юстицинформ», 2006. – С. 16.

[375] Ниг.: Кодекси мурофиавии ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон // https://mmk.tj. (санаи мурочиат: 04.09.2025).

омода намудани айбдоршаванда, инчунин интихоби тарзҳои тактикии истифодашаванда диққати махсусро талаб менамояд.

Таҳлили адабиётҳои соҳавӣ нишон медиҳад, ки тарзҳои тактикии пурсиши гумонбаршаванда ва айбдоршаванда, ки дар қонунгузории мурофиавӣ пешбинӣ нашудаанд, инҳо мебошанд: истифодаи имкониятҳои гипнологияи криминалистӣ ҳангоми омоданамоии пурсиш, истифодаи матбаа (полиграф) ҳангоми омоданамоии пурсиш, биоритмология ва пурсиши гумонбаршаванда ва айбдоршаванда, истифодаи васоити мусиқӣ[376]. Аммо тибқи қонунгузорӣ иттилооте, ки дар натиҷаи истифодаи чунин воситаҳо ба даст оварда мешаванд ба сифати далел истифода бурда намешаванд. Ба андешаи мо маълумоте, ки бо истифодаи чунин методҳо дар мавриди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи нақлиёт ба даст оварда мешавад, бояд ҳамчун маълумоти роҳнамокунанда истифода карда шаванд.

Ҳангоми гузаронидани пурсиши гумонбаршаванда ё айбдоршаванда тарзҳои тактикии гуногун истифода шуда метавонанд:

- тарзҳои таъсири эҳсосотӣ;
- тарзҳои таъсири мантиқӣ;
- истифодаи якҷоя ва пайдарҳамӣ якчанд тарзҳои тактикӣ (комбинатсияҳои тактикӣ)[377].

Бинобар стресс ё осеби дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт бардошта, шаҳодат ва нишондоди айбдоршаванда мумкин аст дақиқ набошанд. Осебҳо метавонанд ба гум кардани хотира ва гумроҳшавӣ оварда расонанд, ки пешниҳоди маълумоти саҳеҳ ва воқеро доир ба ҳодисаи рухдода мушкил мегардонад. Ғайр аз он, одамон бинобар дарку фаҳмиши субъективии ҳодиса ба иштибоҳ роҳ дода метавонанд[378].

Дар доираи пурсиши айбдоршаванда дар содир намудани ҷинояти роҳу нақлиёт механизми содиршавии он ба таври муфассал, дараҷаи ҳаракатҳои айбдоршаванда то содири ҷиноят, дар давраи содири он ва пас аз содир намудани ҷиноят муайян карда мешаванд.

Дар доираи тафтиши ҳолатҳои ҷиноятҳои роҳу нақлиёт пурсиш аз се марҳила иборат мебошад:

1. Ҷамъоварӣ ва қайд намудани иттилооти зарурӣ дар бораи шахсияти пурсишшаванда;
2. Анҷомдиҳии нақли озод аз тарафи пурсишшаванда;
3. Марҳилае, ки ба принсипи «савол-ҷавоб» асос меёбад.

Ба андешаи мо хусусияти хоси тақсимнамоии пурсиши айбдоршаванда ба марҳилаҳо ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт яке аз тарзҳои

---

[376] Ниг.: Криминалистика: учебник / Под ред. Е.П. Ищенко. – М., 2005. – С. 415; Тактика допроса подозреваемыхи обвиняемых – тема научной статьи по праву читайте бесплатно текст научно-исследовательской работы в электронной библиотеке КиберЛенинка.

[377] Ниг.: Зеленский В.Д., Меретуков Г.М. Криминалистика: учебник. – СПб: «Юридический центр», 2015. – 704 с. // https://cyberleninka.ru/article/n/takticheskie-osobennosti-proizvodstva-doprosa-obvinyaemyh-po-delam-o-grabezhah-i-razboynyh-napadeniyah.

[378] Ниг.: Дымбрылов Э.Б., Попова Е.И. Тактика допроса обвиняемого по делам о дорожно-транспортных преступлениях // Научные высказывания. – 2023. – № 22 (46). – С. 147-151 // URL: https://nvjournal.ru/article/Taktika_doprosa_obvinjaemogo_po_delam_o_dorozhno-ransportnyh_prestuplenijah.

тактикии исботшуда буда, муфаттишро водор месозад, ки низомнокии пурсишро риоя намояд. Аз ин рӯ, вазифаҳои асосии тактикӣ ҳангоми пурсиши айбдоршаванда инҳо мебошанд: 1) Барқарор намудан ва нигоҳ доштани робитаи психологӣ; 2) Таҳлили нишондодҳо барои муқаррар намудани пуррагӣ ва саҳеҳияти онҳо; 3) Расонидани кӯмак ба пурсишшаванда то ин ки ӯ иттилоотро ба хотир оварад ва ба таври дахлдор ифода намояд; 4) Таъсиррасонӣ ба пурсишшаванда барои тағйир додани муносибати манфии ӯ.

Ҷиҳати ҳаллӣ вазифҳое, ки дар мавриди пурсиши айбдоршавандаи ҷиноятҳо марбут ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт гузошта мешавад, муфатиш бояд омодагии ҷиддӣ вобаста ба гузоштани саволҳои алоқаманд ба ҳолати корро дошта бошад.

Таҳлили адабиётҳои назариявӣ ва амалияи тафтиши ҷиноятҳо марбут ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт собит месозад, ки ҳангоми пурсиши айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноятҳои мазкур аз саволҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

1. Кай ва дар куҷо ҳодисаи роҳу нақлиёт рух додааст?
2. Дар ҳодисаи роҳу нақлиёт кӣ иштирок дошт (аз ҷумла рақамҳои автомобил ва маълумоти дигари иштирокчиён)?
3. Шумо суръати ҳаракати худро дар лаҳзаи садама чӣ гуна тавсиф мекунед?
4. Оё суръати ҳаракати шумо ба маҳдудият мутобиқи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва шароити фарши роҳ мутобиқат мекард?
5. Ҳолати биноӣ (аёнӣ) ва шароити боду ҳаво дар лаҳзаи ҳодисаи роҳу нақлиёт чӣ гуна буд?
6. Оё шумо қаблан вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ё садама доштед?
7. Кадом амалҳоро шумо дарҳол пас аз ҳодисаи роҳу нақлиёт андешидед?

1. Пурсишкунанда бояд ҷараёни пурсишро идора намуда, ба дур шудан аз саволҳои асосӣ роҳ надиҳад. Агар айбдоршаванда аз мавзуъ канораҷӯӣ кунад ё ба саволҳо ҷавоб надиҳад, бояд мавзуъ мушаххас ва саволҳо такрор карда шаванд.

2. Ҳолати техникии воситаи нақлиёт муайян карда мешавад: оё пеш аз сафар аз нуқсонҳои техникӣ бартараф шуда буданд, агар нуқсонҳои техникӣ ҷой дошта бошанд, пас онҳо чӣ гуна буданд. Ҳангоми пурсиши ронанда бояд ҳамчунин хусусияти ин нуқсонҳо, тарзи зоҳиршавии онҳо муайян ва сабаби аз тарафи ронанда давом додани истифодаи нақлиёти нуқсондор муқаррар карда шавад.

3. Истифодаи далелҳои шайъӣ ва ҳуҷҷатӣ: агар далелҳои шайъӣ ё ҳуҷҷатӣ мавҷуд бошанд, онҳо бояд дар рафти пурсиш истифода бурда шаванд. Ба айбдоршаванда бояд имконияти шинос шудан бо далелҳо ва додани тавзеҳот ва баёнот дар робита ба онҳо дода шавад.

Доираи саволҳои ба ин монанд ҳамчунин ҳангоми пурсиши айбдоршавандагон доир ба бархӯрдҳои мутақобил (рӯ ба рӯ) муайян карда мешаванд. Аммо, бояд дар назар дошт, ки баъзан ронандаи воситаи

нақлиёте, ки дар дохили он мусофир ба ҳалокат расидааст, иброз менамояд, ки бархӯрд дар натиҷаи амали марҳум ба амал омадааст, ки аз ҳаракати автомобили ба самти муқобили онҳо ҳаракаткунанда тарсида, ногаҳон чамбаракро ба тарафи ӯ тоб додааст. Чунин нишондодҳо бояд мавриди таҳлил ва баҳодиҳии дақиқу ҳаматарафа қарор дода шаванд.

Ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои ҳодисаи роҳу нақлиёт вазифаи дастрас намудани иттилооти дақиқ дар бораи ҷараёнҳои гуногун (суръати воситаҳои нақлиёт, суръати ҳаракати пиёдагардон, ҷойгиршавии байниҳамдигарии воситаҳои нақлиёти ҳаракаткунанда), инчунин дар хусуси ҷойгиршавии объектҳои гуногуни ҷойи ҳодиса ба миён меояд. Азбаски сухан дар хусуси нишондиҳандаҳои шуморавие меравад, ки андешаи одамон дар хусуси онҳо натиҷаи баҳодиҳии субъективӣ мебошад, пас вазифаи зикршуда на ҳама вақт дар рафти пурсиш ҳал шуда метавонад.

Баҳодиҳии нишондоди айбдоршаванда бояд дар асоси муқоисаи нишондоди шоҳидон ва маълумоти протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки дар он иттилоот дар бораи дарозии изҳои боздории (тормоздиҳии) автомашина мавҷуд аст, анҷом дода шавад. Агар ҳангоми азназаргузаронӣ изҳои боздорӣ (тормоздиҳӣ) ошкор карда нашаванд, пас бояд барои ҳамин мақсадҳо маълумотҳо аз протоколи пурсиши шоҳидон истифода бурда шаванд. Ба нишондоди айбдоршаванда вобаста ба суръати ҳаракати воситаи нақлиёт бояд қатъӣ ва ҷиддӣ муносибат намуд, зеро ҳангоми мавҷуд набудани изҳои боздорӣ ҳатто ронандаҳои ботаҷриба дар нишондоди худ ба паст нишон додани суръати ҳаракат майл дошта, саҳван чунин мешуморанд, ки ин ҳолат дар хусуси зоҳир шудани эҳтиёткорӣ аз тарафи онҳо шаҳодат медиҳад.

Дар дигар ҳолатҳо ҳангоми пурсиши айбдоршавандагон бояд муқаррар карда шавад, ки кадоме аз пурсишшавандагон нишондоди ростқавлона медиҳад (ё бовиҷдонона ба гумроҳӣ рафтааст). Ба ин чунин ҳолатҳо ишора мекунанд: мувофиқат накардани нишондоди айбдоршаванда ба хусусият ва ҷойгиршавии изҳо дар қисми мошингарди роҳ, воситаҳои нақлиёт ва вазъияти ҷойи ҳодиса; мухолифат дар нишондодҳо дар робита ба ҳолатҳои аниқ муқарраршуда; мавҷуд набудани тавзеҳоти муфассал ва пайдарпай дар хусуси ҳодисаи бавуқуъомада.

Новобаста аз намуди ҳодисаи роҳу нақлиёт ва вазъияти тафтишотии ибтидоӣ иттилоотеро, ки ҳангоми пурсиши айбдоршаванда ба даст оварда мешавад, ба чор гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

- дар бораи шахсияти ронанда ва хусусиятҳои хоси воситаи нақлиёт;
- дар бораи шароит ва вазъияти роҳ;
- дар бораи ҳолатҳои содиршавии ҳодиса;
- дар бораи ҳаракатҳои ронанда пас аз ҳодисаи роҳу нақлиёт.

Ҳангоми омӯзиши шахсияти айбдоршаванда, ғайр аз маълумоти биографӣ, ки дар қисми муқаддимавии протоколи пурсиш пешбинӣ шудааст, муайян намудани саволҳои зерин зарур мебошад: собиқаи корӣ ҳамчун ронанда, дараҷаи тахассуси ӯ, мавҷудияти ҳолати вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар гузашта, ки барои он ӯ ба ҷавобгарии маъмурӣ ё дигар намуди ҷавобгарӣ ҷалб гардидааст, инчунин доғи судӣ

барои ҷиноятҳои содиркарда. Ин иттилоот имкон медиҳад, ки тактикаи пурсиш дуруст интихоб карда шавад, саволҳои мушаххаскунанда омода гарданд ва зарурати гузаронидани дигар ҳаракатҳои мурофиавӣ муайян карда шавад.

Хулоса, воситаи нақлиёт унсури муҳими низоми таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ мебошад. Бинобар ин, ҳангоми тафтиши ҳодисаи роҳу нақлиёт иттилоот дар бораи ҳолати техникии он аҳамияти муҳим дорад. Агар ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса нуқсони техникии воситаи нақлиёт ошкор карда шавад, пас ҳангоми пурсиши айбдоршаванда ҳамчунин муқаррар намудани хусусияти ин нуқсони техникӣ, тарзи мушаххаси зоҳиршавии он ва сабаби аз тарафи ронанда давом ёфтани истифодаи воситаи нақлиёти нуқсондор зарур мебошад. Ҳамзамон шахсоне муқаррар карда мешаванд, ки барои ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт масъул мебошанд.

Иттилоот дар бораи вазъият ва шароити роҳ ба муқаррар намудани саволҳои зерин, ки ба айбдоршаванда дода мешавад, алоқаманд мебошад: биноӣ (айнӣ), яъне имконияти ронанда барои фарқ кардани объекти мушаххас (пиёдагард, воситаи нақлиёт, гардиши роҳ) аз масофаи муайян; равшании қисми мошингарди роҳ дар шароити рушноии табиӣ ё сунъӣ (чароғҳои рушноидиҳандаи кӯча, нурҳои наздик ва дури чароғҳо); профили қисми мошингарди роҳ, навъ ва ҳолати фарши роҳ.

**Адабиёт:**


1. Дымбрылов Э.Б., Попова Е.И. Тактика допроса обвиняемого по делам о дорожно-транспортных преступлениях // Научные высказывания. – 2023. – № 22 (46). – С. 147-151 // URL: https://nvjournal.ru/article/Taktika_doprosa_obvinjaemogo_po_delam_o_dorozhno-transportnyh_prestup-lenijah (санаи муроҷиат: 04.09.2025).
2. Зеленский В.Д., Меретуков Г.М. Криминалистика: учебник – СПб, «Юридический центр», 2015. – 704 с. // https://cyberleninka.ru/article/n/takticheskie-osobennosti-proizvodstva-doprosa-obvinyaemyh-po-delam-o-grabezhah-i-razboynyh-napadeniyah.
3. Кодекси мурофиавии ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон // https://mmk.tj (санаи муроҷиат: 04.09.2025).
4. Криминалистика: учебник / Под ред. Е.П. Ищенко. – М., 2005. – С. 415.
5. Пронин К.В. Тактика допроса в суде: процессуальные и криминалистические аспекты: Учебное пособие для вузов. – М.: «Юстицинформ», 2006. – С. 16.

## ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ

### ТАҚРИЗ

**ба асари илмии тозанашри доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим Ғафор: «Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ». Китоби 1. Нашри дуюм бо тағйиру илова ва таҳрирҳо. – Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – 428 с.**

Як хусусияти хоси давраи навтарини таърихи Тоҷикистон ин аст, ки таъсис ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати соҳибихтиёри миллӣ, ҳаёти ҷамъиятию иқтисодӣ, шуур ва тафаккури ҷамъиятӣ, умуман тамоми соҳаҳои ҳаёти моддию маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистонро аз ҳолати «карахтӣ» наҷот дод ва ба ҳаракат даровард. Таҳаввулоту навгонӣ ба як раванди қонунманди ҳаёти ҷомеа табдил ёфт ва тамоми соҳаҳои онро фаро гирифт. Соҳаи илму маориф низ аз ин раванд берун намонд ва дар ин соҳаи бунёдӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ рушду таҳаввули бесобиқа ба амал омад. Давлати соҳибистиқлоли миллӣ барои эҳёи тафаккури илмию фалсафӣ, рушди илмҳо ва фанҳои ҷамъиятшиносӣ, риёзӣ ва табиӣ шароити мусоиди сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро фароҳам овард. Олимону муҳаққиқони ватанӣ ба коркарду татбиқи амалии назарияҳои илмӣ иқдом намуданд ва дар ин самт пайваста ба ихтирооту кашфиётҳои муҳими илмӣ муваффақ шуда истодаанд.

Яке аз илмҳои ҷамъиятшиносӣ, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бо суръат ва сифати баланд рушд намуда истодааст – ин илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Дар замони собиқ шӯравӣ илми ҳуқуқшиносӣ мисли ҳамаи дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ аз асли худ – фалсафа бегона шуда, ба як илми мустақил, комилан материалистӣ ва «берӯҳ» табдил ёфта буд. Олимони ҳуқуқшиноси шӯравӣ ҷанбаҳои зоҳирию моддии ҳуқуқро ҳамаҷониба таҳқиқ мекарданд, вале ба ҷанбаҳои ботинӣ, табиати рӯҳонии ҳуқуқ, асрору рамузи фалсафии он таваҷҷуҳ намекарданд. Танҳо дар солҳои охири замони шӯравӣ, дар давраи бо ном «бозсозиҳои горбачёвӣ» илми ҳуқуқшиносӣ аз монополияи мафкураи моддагарои марксистӣ озод шуда, ба фазои озодандешӣ ворид шуд ва иртиботу алоқаи худро бо аслу решаҳои фалсафии худ аз нав барқарор кард. Дар натиҷа, дар шаҷараи илми ҳуқуқшиносии пасошӯравӣ як шохаи нав бо номи «Фалсафаи ҳуқуқ» нашъунамо ёфт, ки предмети омӯзиши он масъалаҳои бунёдии ҳуқуқ ва муносибати он бо ҷомеа мебошад.

Дар доираи фалсафаи ҳуқуқ муайян карда мешавад, ки ҳуқуқ чист, он аз дигар низомҳои меъёрҳо чи фарқ мекунад ва он чи гуна асосҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ дорад. Файласуфи ҳуқуқ будан маънои амиқ омӯхтани масъалаҳои бунёдии ҳуқуқ, омӯзиши моҳият, ҳадафҳо ва робитаҳои он бо дигар соҳаҳо, аз қабили ахлоқ ва сиёсатро дорад. Сухан дар бораи фаҳмидани ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва таҳлили он меравад, ки он чи тавр ба вуҷуд меояд, инкишоф меёбад ва ба ҷамъият чи гуна таъсир мерасонад.

Фалсафаи ҳуқуқ як шохаи фалсафа буда, ҳамзамон як фанни бунёдии ҳуқуқшиносӣ низ мебошад. Аз ҷумлаи саволҳои муҳиме, ки ба объекти

таҳқиқи фалсафаи ҳуқуқ дохил мешаванд, инҳо мебошанд: Ҳуқуқ чист? Муносибати байни «адолат» ва «қонун» чӣ гуна аст? Меъёрҳои ҳуқуқӣ бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, бахусус меъёрҳои ахлоқӣ чӣ гуна робита доранд? Қонун бояд чӣ гуна мазмун ва мундариҷаи моддӣ дошта бошад? Меъёрҳои расмии ҳуқуқӣ чӣ гуна эҷод мешаванд? Сабаби эътибори қонун дар чист? Муносибати байни «ҳисси адолат» ва «қонун» чӣ гуна аст? ва ғ.

Ҳадди ақал баъзе аз ин масъалаҳо, бахусус муносибати байни ҳуқуқ ва ахлоқ, сохтори умумии меъёрҳои ҳуқуқӣ, қувваи ҳатмии меъёрҳои ҳуқуқӣ на танҳо аз ҷониби фалсафаи ҳуқуқ, балки аз ҷониби назарияи ҳуқуқ, ки аз миёнаҳои асри XIX дар Ғарб бо номи «ҳуқуқшиносии таҳлилӣ» ҳамчун як фанни мустақил аз фалсафаи ҳуқуқ ташаккул ёфтааст, инчунин дар доираи назарияи ҳуқуқи шӯравӣ низ ҳаллу фасл шудаанд. Бо вуҷуди ин, ба қисми аз ҳама зиёди саволҳои калидии марбут ба олами ақлонию рӯҳии ҳуқуқ танҳо фалсафаи ҳуқуқ ҷавоби нисбатан дақиқ ва қонеъкунанда дода метавонад.

Дар Тоҷикистон, чӣ тавре қаблан зикр карда шуд, илми фалсафаи ҳуқуқ дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор дошта, олимону муҳаққиқони ватанӣ дар доираи ин илм ба пажӯҳиши масъалаҳои бунёдии ҳуқуқӣ ҳар чӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда истодаанд. Яке аз дастовардҳои муҳими илми тозабунёди фалсафаи ҳуқуқи тоҷик асари тозанашри олими маъруф, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим Ғафор бо номи «Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ» мебошад. Устод Холиқзода Абдураҳим Ғафор бидуни муболиға аз зумраи нахустин олимони ҳуқуқшиноси фазои пасошӯравӣ мебошад, ки ҷодаи душвору заҳматталаби илмҳои ҳуқуқшиносиро сабурона тай намуда, ба дарку маърифати асрори ҳуқуқ ноил гардидааст ва ҳамчун файласуфи ҳуқуқ ба пажӯҳиши масъалаҳои бунёдии ҳуқуқ ва давлати милии тоҷикон иқдом намудааст.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки дар асари тақризшаванда модел, яъне тамсилаи давлати миллии демократӣ аз дидгоҳи фалсафаи ҳуқуқ бо дар назардошти манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ таҳия гардида, ба қазовати аҳли илму хирад пешниҳод шудааст. Моделсозии давлати миллӣ ба раванди эҷод ё ташаккули ҳувияти миллӣ ва сохтори давлатӣ дахл дорад. Ин мафҳум аз ташаккули оддии миллат васеътар буда, як қатор тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки онҳоро давлат барои муттаҳид намудани одамони муқими ҳудуди муайян дар атрофи ниҳодҳо бо мақсадҳои умумии сиёсӣ меандешад ва дар амал татбиқ менамояд. Ҷанбаҳои асосии моделсозии давлати миллӣ тибқи назарияҳои муосири ҳуқуқ ва давлат инҳо мебошанд:

- Ташаккули ҳувияти миллӣ: эҷоди ҳисси мансубият ба миллат, забон, фарҳанг, таърих ва арзишҳои муштарак;

- Рушди институтҳои сиёсӣ: таъсис ва таҳкими ниҳодҳои давлатӣ, аз қабили парламент, низоми судӣ, маориф ва ғайра;

- Таъмини ягонагӣ: муқаррар намудани меъёрҳои ягонаи ҳуқуқӣ, низомҳои андозбандӣ ва қоидаҳои рафтор барои ҳамаи шаҳрвандон;

- Рушди иқтисодӣ: фароҳам овардани шароит барои инкишоф ва пешравии иқтисодиёти миллӣ, ки ба мустаҳкам шудани давлати миллии демократӣ мусоидат мекунад;

- Ҳифзи соҳибихтиёрӣ: таъмини истиқлолият ва амнияти давлат аз таҳдидҳои беруна;

- Рушди маорифи миллӣ: ҷорӣ намудани таълими ҳатмӣ бо забони давлатӣ, эҷоди китобҳои дарсӣ оид ба таърихи фарҳанги миллат;

- Рамзгузории давлати миллӣ: таҳияи рамзҳои давлатӣ, аз қабили Парчами давлатӣ, Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ, ки ҳувияти миллиро инъикос мекунанд;

- Идҳои давлатӣ: таъсиси идҳо бахшида ба рӯйдодҳои муҳими таърихи миллат, ки ба ташаккули ҳувият ва ваҳдати миллии ҷомеа мусоидат мекунанд;

- Ислоҳоти сиёсӣ: ҷорӣ намудани институтҳои демократӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки эътимодро ба давлат мустаҳкам мекунанд.

Умуман, моделсозии давлати миллӣ як раванди мураккаб ва вақтталаб мебошад, ки кӯшишу захираҳои зиёдро талаб мекунад. Ин раванд аз бисёр омилҳо, аз ҷумла хусусиятҳои таърихӣ, гуногунии фарҳангӣ ва суботи сиёсӣ вобаста аст. Бархе аз пажӯҳишгарон бар ин назаранд, ки раванди бунёди давлати миллӣ бояд ҳатман дар чаҳорчӯби принсипҳои демократӣ сурат бигирад, дар акси ҳол он метавонад боиси пайдоиши низомҳои худкома шавад.

Ҳамаи ҷанбаҳои моделсозии давлати миллӣ, ки дар адабиёти муосири илмӣ-ҳуқуқӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ вуҷуд доранд ва пайваста амалӣ мешаванд.

Арзиши илмию амалии асари тақризшавандаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим Ғафор «Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ» маҳз дар он ифода меёбад, ки дар он модели амалкунандаи давлати миллии демократии Тоҷикистон аз лиҳози назариявӣ боз ҳам мукаммал карда шуда, ҳаллу фасли масъалаҳои назариявии дар асар ба миён гузоштташуда барои рушду тараққиёти устувор ва ҳамаҷонибаи Тоҷикистон ҳамчун давлати миллии демократӣ мусоидат хоҳад кард.

Асари мазкур аз муқаддима, се фасл, шаш боб ва хотима иборат буда, чуноне ки муаллиф дар пешгуфтори худ таъкид мекунад, китоби якуми асарҳои сегонаи ба мавзуи давлатдории миллӣ ва ҳуқуқи миллӣ бахшидашуда мебошад. Дар он фикру андешаҳои дар зарфи 20 соли таҷрибаи илмию таҳқиқотӣ ташаккулёфтаи муаллиф доир ба масъалаҳои бунёдии сохтмони давлати миллии демократӣ ва танзими ҳуқуқи миллӣ дарҷ гардидаанд.

Дар оғози муқаддима сабабҳо ва манобеи илҳомбахше шарҳ дода шудаанд, ки боиси иқдом намудани муаллиф ба навиштани чунин як китоби пурмазмун ва басо арзишманди фалсафӣ-ҳуқуқӣ гардидаанд. Ҷуръати фикрронӣ, илҳоми сухан гуфтан ва назари худро нисбат ба

мушкилот ва дурнамои давлат ва ҷомеаи миллӣ баён кардан, ҳисси масъулиятшиносӣ дар назди миллат ва давлати озоду соҳибистиқлоли миллӣ, қарзи шаҳрвандӣ, дастуру ҳидоятҳои мунтазами Роҳбари хирадманди давлат ба кормандони мақомоти давлатӣ ва олимону муҳаққиқон ҷиҳати беҳтар кардани вазъи мафкураи миллӣ, ифтихор аз таърихи ғании миллат, абармардони илму фан, заҳматҳои ҷонфидоёнаи Роҳбари давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон, аз ҷумлаи чунин сабабҳо ва манобеи илҳомбахши муаллифи асари мазкур ба шумор меравранд.

Методологияи дар таҳқиқи мавзуъ истифодабурдаи муаллифи асари тақризшаванда хеле ғанӣ буда, ҳам усулҳои фалсафӣ-умумиилмии маърифати ақлонӣ (индуксия, дедуксия, анализ, синтез ва ғ.), ҳам усулҳои омӯзиши илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва ҳам усулҳои маърифати ирфониро дар бар мегиранд. Мақсади асосии таҳқиқоти анҷомдодаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим Ғафор – аз тариқи таҳлили муқоисавии назарияҳои классикӣ ва муосири давлат ва ҳуқуқ тарроҳӣ намудани чунин як модели назариявии давлат ва ҳуқуқи идеалие мебошад, ки инсон «дар чаҳорчӯб ва ҳудуди он бо эҳсоси масъулият худро назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда вазифадор дониста, рисолати таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шуморида, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда...», дар бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва таъмини хушбахтии мардум фаъолона иштирок варзад. Дар натиҷаи таҳқиқи сатҳу сифати пажӯҳиши ин мавзуи басо фароху серҷанба, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки шаклҳо ва навъҳои шинохташудаи давлат ба талаботи ормонҳои миллии мардуми шарифу мутамаддин ва фарҳангсолори тоҷик на ҳамеша мувофиқат мекунанд. Демократия, давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ бо он тарзу усуле, ки дар назарияҳои ғарбии давлат ва ҳуқуқ муаррифӣ шудаанд, интиқоли ҳуқуқу озодии инсон дар он шакле, ки тарғибгарони ғарбӣ пешниҳод мекунанд, дар сарҳадҳои муайян муносибати арзишҳо, манфиатҳои миллӣ ва истиқлолияти давлатии моро аз мадди назар берун мегузоранд. Ҳамзамон бо дарки амиқи ин мушкилоти назариявии мавзуи давлат ва ҳуқуқи миллӣ, муаллифи асар ба таълифи модели давлати миллии демократӣ иқдом намудааст.

Фасли якуми асари тақризшаванда «Ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои миллӣ» ном дорад ва аз ду боб иборат аст. Дар боби якуми фасли якум – таҳти унвони «Донишмандон таърихро идора мекунанд» андешаҳои муаллиф роҷеъ ба мушкилоту дурнамои имрӯзуояндаи давлати миллии демократӣ; мафҳум, сарҳад ва намудҳои ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба манфиатҳои миллӣ; таносуби арзишҳои миллӣ ва демократияи либералӣ дар паҳнои идораи давлати миллӣ; ҷустуҷӯи роҳҳои муваффақи идораи таърихи халқ аз тариқи таҳлили интиқодию муқоисавии назарияҳои миллатгароии классикӣ, конфессионалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ; мушкилоти танзим ва идоракунии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ баён гардидаанд. Дар боби дуюми фасли якум таҳдидҳои таърихӣ ва муосир ба давлатдории миллии демократӣ, аз қабили сиёсисозии дин, ифротгароӣ,

терроризми динӣ, миллатгароии фароватанӣ ва посуху муқовимат ба онҳо; роҳҳои бартараф кардани таҳдидҳои таърихӣ; таҳдидҳои муосири раванди ҷаҳонишавӣ, аз қабили неоколониализм ё эҳёи нуфузи тамаддуни ғарбӣ бар тамаддуни шарқӣ; таъсири ҳалокатбори ҷаҳонишавии идоранашаванда ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, адолати умумибашарӣ ва иҷтимоӣ ва роҳҳои наҷоти миллат ва давлати миллӣ аз ин таҳдиду хатарҳо муфассал баён гардидаанд. Фасли дуввуми асари тақризшаванда «Соҳибихтиёрии давлатӣ ва андешаи давлати миллии демократӣ» ном дорад ва аз ду боб иборат аст. Дар боби якуми фасли дуввум масъалаҳои марбут ба рушди худшиносии миллӣ ва аҳамияти он дар суботу рушди устувори давлати миллии демократӣ мавриди андешарониҳои амиқи муаллиф қарор гирифтаанд. Махсусан фикру андешаҳои муаллиф роҷеъ ба фарҳанги миллии русҳо ва ҷопониҳо ва муқоисаи одобу рафтори ҷопониҳову тоҷикон хеле амиқ ва ибратомӯзанд. Дар боби дувуми фасли дуввум таҳти унвони «Озодӣ, ватандӯстӣ ва давлати миллии демократӣ» муаллиф озодиро ҳамчун як рукни муҳими ислоҳи камбудиҳо ва мушкилиҳои иҷтимоии давлати миллии демократӣ шарҳу тавзеҳ дода, сипас роҷеъ ба масъалаи тарбияи кадрҳо, тарбияи ватандӯстӣ, омилҳои маънавӣ ва рамзии ташаккул ва рушди ваҳдати миллӣ, нақши зиёиён дар бунёди андешаи миллӣ ва муносибати давлати миллӣ ба забон, ҳуқуқ ва дин фикру андешаҳои худро баён кардааст. Фасли сеюми асари тақризшаванда «Озодӣ ва соҳибихтиёрӣ дар давлати миллӣ» ном дошта, он низ аз ду боб иборат аст. Дар боби якуми фасли сеюм вазъ ва мақоми ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ дар давлати миллии демократӣ ва дар боби дуввуми ин фасл масъалаҳои бунёдии суботи давлати миллии демократӣ – тавозуни соҳибихтиёрӣ бо адл ва қонунияти конститутсионӣ; мunоқиша ва созиши соҳибихтиёрии халқӣ ва давлатӣ; принсипи ихтиёрии қабули арзишҳои динӣ ва дунявӣ; озодиҳои ботинӣ ва зоҳирии давлат; ҳифзи арзишҳои миллӣ ҳамчун шарти бақои давлати миллии демократӣ муфассал баррасӣ шудаанд. Дар хотимаи асар муаллиф бо нақл дар бораи як донишҷӯдухтари нобинои факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (соли таҳсили 2006-2007), натиҷаҳои таҳқиқи мавзуи давлати миллии демократиро мухтасар ҷамъбаст кардааст. Хулоса, асари «Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ» фарогири як қисмати андешаҳои илмии донишманди маъруфи тоҷик, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аълочии фахрии маорифи Тоҷикистон Холиқзода Абдураҳим Ғафор мебошад, ки дар партави тавлиди ғояи давлат ва ҳуқуқи демократии табиати миллиро касб карда, эҷод шудааст. Муаллиф дар ҷустуҷӯӣ шакли қобили қабули идораи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки тавониста бошад ба миллати решабатаърихи бостонии тоҷик хизмат намояд, ба умқи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи ҳуқуқ ва таҷрибаи давлатдории кишварҳои бузург диққат андӯхта, аз таҷрибаи таърихии халқ сабақ бардошта, ба ногузирии эътирофи ғояи давлати миллии демократӣ расидааст. Муаллифи китоб дар васати муборизаи ҷаҳонишавии манфиатҳо аз назари ҳуқуқӣ ҳаққи таърихии халқро ба бунёди давлати мустақили миллӣ ҳифз намуда,

дар пайравӣ аз андешаҳои созанда ва фидокориҳои бунёдии Пешвои миллат ҳуқуқи худмуайянкунии сиёсӣ ва соҳибихтиёрии миллати тоҷикро илман масъалагузорӣ намудааст. Диди муаллиф нисбат ба истилоҳоти калидӣ, ба мисли «миллат», «давлати миллӣ» ва «давлати демократӣ» бо эҳтироми дидгоҳи мухталифи илмӣ ба хосияти конструктивӣ бештар тамоюл дошта, онҳо дар доираи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқ масъалагузорӣ шудаанд.

Аз ин нуқтаи назар, асари мазкури тозанашр ҳамчун як сарчашмаи нодири илмӣ-назариявӣ хазинаи илми фалсафаи ҳуқуқи тоҷикро ғановат мебахшад. Истифодаи хулосаву натиҷаҳо, тавсия ва пешниҳодҳои дар он матраҳшуда дар такмили асосҳои илмию назариявии модели давлати миллии демократии Тоҷикистон хеле муфид ва судманд хоҳад буд. Мутолиаи ин асари арзишманд барои ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон, файласуфон, ҷомеашиносон, аъзоёни ҲХДТ ва дигар ҳизбҳои сиёсии кишвар, устодону донишҷӯёни фанҳои ҳуқуқшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ ва ҳамаи онҳое, ки дар роҳи худшиносии миллӣ қадам бардоштаанд, муфид буда, ҳисси масъулиятшиносӣ, ватандӯстӣ, муносибати таҳаммулмеҳварона ва эҳтиромонаи онҳоро ба арзишҳои давлати миллии демократӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон тақвият хоҳад дод.

**Муқарризон:**
**доктори илмҳои фалсафа, дотсент Абдухалилзода К.А.,**
**номзади илмҳои фалсафа Шоев З.Ҷ.,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Шоев Ф.М.**

# ТАҶАССУМЁБИИ АРЗИШҲОИ МИЛЛИИ ҲУҚУҚӢ ДАР БАЪЗЕ АЗ ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(бардоште аз китоби тозанашри доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода А.Ғ. «Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ». Дар 2 китоб. – Душанбе: «Эр-граф», 2025)**

Боиси хурсандиовар аст, ки аз ҷониби олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ҷиҳати боз ҳам ғанӣ гардонидани ганҷинаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ кӯшишу харҷҳое зиёде сарфа мешаванд. Аз ҷумла, дар рӯзҳои наздик асари тозанашри устоди гиромии мо, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим Ғафор зери унвони «Давлати миллии демократӣ: андешаҳо доир ба табиати давлати миллии демократӣ» дар 2 китоб аз чоп баромад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки муаллиф дорои қалами ҳамешасабз буда, ҳамасола чандин мақолаю китобҳоро дар мавзуҳои мубрами ҳаёти ҳуқуқии кишвар, аз ҷумла оид ба масъалаҳои ҳуқуқии давлат ва фалсафаи ҳуқуқ нашр намуда, хонандагонро ҷиҳати андеша намудан оид ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқшиносӣ, таърих ва фалсафа водор намуда, пешниҳоду бинишҳои худро ҷиҳати масъалаҳои гуногун дарҷ мекунанд. Ин аст, ки дар китоби нави худ низ муаллиф вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқии давлати миллии демократӣ дар шароити шиддат гирифтани ҷаҳонишавии манфиатҳо, аз ҷумла оид ба масъалаҳои мубрами давлат ҳам аз нигоҳи таърих, ҳам аз нигоҳи фалсафаи ҳуқуқ ва ҳам аз нигоҳи назарияи ҳуқуқ дар қолаби манфиатҳои миллӣ бо арҷгузорӣ ба арзишҳои демократӣ, ақидаҳои дар ҳақиқат ҷолиби илмиро рӯйи қалам овардаанд.

Дар китоби мавриди назар оид ба таносуби масъалаҳои мубрами давлати миллӣ, манфиатҳои миллӣ бо арзишҳои демократию башарӣ фикрҳои ҷолиби илмӣ бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва илми давлатшиносӣ ироа шудаанд. Муаллиф оид ба масъалаҳои мубрами таъсири ҷаҳонишавӣ ба ташаккули манфиатҳои миллӣ, андешаҳои созандаю бунёдии давлати миллии демократӣ, озодӣ ва соҳибихтиёрӣ дар давлати миллӣ ва худшиносии миллӣ, заминаи маънавии ташаккули давлати миллии демократӣ, нақши инсон ва илм дар ташаккули давлати миллӣ, ташаккули зиёии муосир, холигиҳо ва дастовардҳои бунёди давлат ва ҳуқуқи миллӣ дар тамаддуни шарқӣ ва ғарбӣ бо истифода аз сарчашмаҳои гуногун андеша ва назарҳои тоза ва сабақомӯз пешниҳод намудаанд. Эҳсос мешавад, ки мавзуҳои баррасишавандаи китоб натиҷаи ҷамъбасти мобайнии таҳлилу омӯзиши масъалаҳои илмие мебошанд, ки муаллиф дар фаъолияти илмиашон дар самти таърих, назария ва фалсафаи ҳуқуқ ва давлат тайи чанд соли охир таълиф кардаанд, мебошанд. Хотимаи умедбахши китоби дуюм шаҳодат бар он дорад, ки силсилаи таҳқиқоти илмии муаллиф дар самти омӯзиши масъалаҳои давлат ва ҳуқуқи миллӣ идома доранд.

Яке аз масъалаҳое, ки муаллиф дар китоб дарҷ менамоянд, ин саҳми илми ҳуқуқ дар раванди эъмори давлати миллии демократӣ ва таҳкими

рушди минбаъдаи он, инчунин вазифаҳои зиёии муосир дар ин равандҳо мебошанд.

Дар ҷараёни ошноӣ бо китоб дарк карда мешавад, ки муаллиф масъалаи бисёр ҳам мубрам – чӣ гуна давлати миллӣ бояд дар ин ҷаҳони пуртаззоду гуногунравиш манфиатҳои миллии худро ҳимоя намояду дар баробари ин дар раванди ҷаҳонишавӣ эҳёи арзишҳои миллии худро боз ҳам рушд намояд, чун мавзуи асосии баррасӣ қарор додаанд.

Масъалаи мазкур дар ҳақиқат ҳам масъалаи мубрами на танҳо илмҳои сиёсатшиносӣ ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, балки илмҳои ҳуқуқшиносӣ низ мебошад. Зеро, ноил шудан ба ҳадафҳои давлат маҳз дар замина ва кӯмаки ҳуқуқ ва меъёрҳои он, чӣ низоми ҳуқуқи миллӣ ва чӣ низоми ҳуқуқи байналмилалӣ, сурат гирифта, давлатҳо ҳамеша манфиатҳои миллии хешро рӯйи саҳнаи муносибатҳо мегузоранд. Пас, дар ин равандҳои гуногун, ки аз як тараф давлатҳо рӯй ба ҷаҳонишавӣ ва рушди технология доранду, аз тарафи дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии гуногун эътироф карда шудаанд, чӣ гуна метавон арзишу манфиатҳои миллии худро ҳимоя намуд? Бо ибораи дигар, чӣ гуна метавон ҳам аз рушди ҷомеаи муосир қафо намонду ҳам арзишҳои миллии худ, аз ҷумла арзишҳои миллии ҳуқуқии худро, ки маҳаки асли соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрии давлатиро неру мебахшанд, эҳё, ҳифз ва паҳн намуд? Фикр мекунем, ки ҷиҳати ноил шудан ба мақсади рушди эҳёи арзишҳои миллӣ дар раванди инкишофи ҷомеаи муосир пеш аз ҳама мо бояд арзишҳои миллӣ, аз он ҷумла арзишҳои миллии ҳуқуқии худро ба хубӣ донему дарк намоему онҳоро ҳимоя намоем.

Дар ин ҷо, мо зери арзишҳои миллӣ, инчунин арзишҳои миллии ҳуқуқӣ тамоми он ақидаҳо, ғояҳо ва принсипҳое, ки аз шиори «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» бармеоянд, мефаҳмем. Аз як нуқтаи назар, моҳияти шиори «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» то андозае ба ҳамагон маълум мебошад, аммо ошноӣ ва дарки фалсафаи амиқи он имкон медиҳад, ки онро инчунин ҳамчун принсипи асосӣ ва бунёдии низоми ҳуқуқии муосир эътироф намоем.

Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки худ таркиби мафҳуми «арзишҳои миллии ҳуқуқӣ» дарбаргирандаи се мафҳумҳои гуногун, аз қабили «арзиш», «миллӣ» ва «ҳуқуқӣ» мебошанд. Дар алоҳидагӣ, ин мафҳумҳо дорои хусусиятҳои худ буда, вобаста аз моҳияти масъала тобишҳои дахлдорро соҳиб мегарданд. Аммо, дар ҳамҷоягӣ вақте сухан дар бораи арзишҳои миллии ҳуқуқӣ меравад, пас дар ин асно сухан дар бораи он ақидаҳо, ғояҳо ва принсипҳое, ки дар тӯли таърих аз ҷониби ин ё он миллат истифода шуда, таҷассуми худро дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ва одатӣ дарёфт намудаанд, бояд равад. Пас, арзишҳои миллии ҳуқуқӣ худ ба сифати он ақидаҳо, ғояҳо ва принсипҳое, ки миллати мушаххас дар тӯли рушди худ соҳиб гардида, такмил ва татбиқ намуда, онҳоро ҳамеша муаррифӣ мекунад, бояд пазируфта шаванд. Дар ин асно, арзишҳои миллии ҳуқуқӣ заминаи меъёрҳои ҳуқуқиро дар худ таҷассум намуда, моҳият ва фалсафаи тамоми унсурҳои низоми ҳуқуқиро бунёдгузорӣ мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки арзишҳои миллии ҳуқуқӣ ва арзишҳои миллии давлат байни худ робитаи ногусастанӣ дошта, вақте сухан дар бораи

арзишҳои миллии давлат меравад, ин аз он ҷумла арзишҳое мебошанд, ки ба сифати арзишҳои миллии ҳуқуқӣ эътироф гардида, дар муқарраротӣ меъёрҳои гуногуни он (ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам одатӣ) таҷассум ва дарҷ карда мешаванд.

Бо ин назардошт, мехостем оид ба дарки моҳияти шиори «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек»-ро аз диди баъзе аз принсипҳои асосии қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 3 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ) дарҷ карда шудаанд, баррасӣ намоем.

Умуман, вақте сухан оид ба ҳуқуқи маданӣ дар маҷмуъ ва принсипҳои асосии қонунгузории маданӣ меравад, мо ҳамеша аз он бармеоем, ки ҳуқуқи мадании муосир дар бештари қисми худ дастоварди ҳуқуқи Рими қадим буда, институтҳои асосии ҳуқуқи мадании муосир маҳз аз ҷониби ҳуқуқшиносони Рими қадим коркард шудаанд. Ин, албатта, бешакку шубҳа мебошад, зеро дастовардҳои илми ҳуқуқшиносии Рими қадим, ки худ ҳуқуқи римиро чун «ақли навишташуда» («ratio scripta») меномиданд, дар рушди минбаъдаи ҳуқуқи мадании муосир ва қонунгузории маданӣ заминаи мустаҳкамро гузоштааст. Зеро, асосан ретсепсияи Рими қадим дар асрҳои XII дар донишгоҳҳои Аврупо тариқи омӯзиши китоби ҳуқуқшиноси машҳури Рими қадим Гай бо номи «Институтсияҳо» ва Кодификатсияи Юстиниан («Corpus Juris Civilis») ба роҳ монда шуда, дар ин асно институтҳои ҳуқуқии Рими қадим эҳё карда шуда, ба талаботи ҷомеаи ҳамонвақта бо кӯшишу ғайрати мактаби глоссаторҳо ва баъдиглоссаторҳо (постглоссаторҳо) мутобиқат гардонида шуданд. Дар ин раванд, принсипҳои асосии ҳуқуқи римӣ аз гуфтаи ҳуқуқшиноси дигари машҳури Рими қадим Селс (Цельс) «ҳуқуқ санъати некӣ ва адолат мебошад» («Jus est ars boni et aequi») бармеояд ва фарогирӣ ду ҷанба – некӣ ва адолат мебошанд. Фикр мекунем, ки ин гуфта фалсафаи шиори «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек»-ро то андозае таҷассум карда, бар замми ин дуюмин мазмуни фаррохтар ва густурдатарро доро мебошад.

Дар шиори «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» сухан пеш аз ҳама дар бораи пиндори нек, баъдан гуфтори нек ва сипас рафтори нек меравад. Заминаи гуфтори нек ва рафтори нек ин пиндори нек буда, маҳз ба ҳамин хотир дар зинаи тарбияи комил ва илми педагогика тарбияро аз роҳи маърифат ва омӯзиш дар зинаи тафаккур сар мекунанд. Сипас онро тавассути забон такмил дода, бо амалия васл менамоянд. Дар ҳуқуқ низ мо ин алоқамандии таъсиррасонии тарбиявиро дар меъёрҳои соҳаҳои мухталиф эҳсос мекунем. Масалан, эътирофи (презумпсияи) оқилона, одилона ва бовиҷдонаи амалҳои иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ (қ. 5 м. 9 КМ) дарбаргирандаи пиндори нек буда, тибқи ин меъёр қонунгузор ҳамеша аз он бармеояд, ки иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар амалҳои худ оқилӣ, одилӣ ва бовиҷдониро пеша мекунанд.

Дарк кардан мехоҳем, ки ҳадафи баррасии масъалаи мазкур дар он аст, ки мехоҳем ба хонандаи гиромӣ нишон диҳем, ки меъёрҳои ҳуқуқи муосир, аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ ва принсипҳои асосии қонунгузории маданӣ таҷассумгарӣ фалсафаи шиори «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек»

мебошанд. Ин аст, фикр мекунем, як усули дарёфт ва эҳёи арзишҳои миллии ҳуқуқӣ.

Яке аз принсипҳои асосии қонунгузории маданӣ ин зарурияти бемонеа амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ буда, моҳияташ дар он аст, ки амалишавию татбиқи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ дар асоси фалсафа ва табиати ҳуқуқии ин ҳуқуқҳо бояд ба роҳ монда шаванд. Зеро, тамоми ҳуқуқҳои субъективии маданӣ маҳз ҷиҳати қонеъ намудани манфиати қонунии соҳибҳуқуқ равона карда шуда, амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъективии маданӣ бар зарари субъектони дигар ҳамчун суйистеъмол аз ҳуқуқҳои субъективии маданӣ эътироф карда шуда, ҳимояи онҳо аз ҷониби суд таъмин карда намешавад (м. 9 КМ). Пас, дар ин принсип ҳам пиндори нек ва ҳам рафтори нек таҷассуми худро ёфтаанд, зеро ҳуқуқҳои субъективии маданӣ маҳз ҷиҳати амалӣ намудани кирдори нек равона карда шуда, дар ҳолати содир намудани дигар кирдор (рафтори бад) бо истифода аз ин ҳуқуқҳо, пас ин вайрон намудани моҳияти ҳуқуқҳои субъективии маданӣ эътироф мешавад, ки инро қонун иҷозат намедиҳад ва то андозае субъекти содиркардаи чунин рафтори бадро ба оқибатҳои ногувор дар шакли ҳимоя накардани ҳуқуқи субъективии маданӣ руй ба руй мекунад.

Дигар принсипи асосии қонунгузории маданӣ ин озодии шартнома мебошад, ки моҳиятан барои бастани шартномаҳои гуногуни маданӣ-ҳуқуқӣ, ҳам дар қонунгузорӣ пешбинишуда ва ҳам дар қонунгузорӣ пешбининашуда, муқаррар намудани мазмуни онҳо ва дигар муносибатҳои шартномавӣ, инчунин озодона ва бо назардошти манфиатҳои худ мушаххас намудани шартҳои он аз ҷониби тарафҳои шартнома шароит фароҳам меоварад (м. 483 КМ). Аммо, ҷиҳати ба таври дахлдор ба роҳ мондани муносибатҳои шартномавии байни тарафҳо, инчунин ҳимояи манфиати субъектони дахлдор, қонунгузор дар раванди амалӣ намудани принсипи озодии шартнома як қатор меъёрҳои императивиро низ муқаррар намудааст, ки ба назар гирифтани онҳо аз ҷониби тарафҳои шартнома ҳатмӣ мебошанд. Аз ин ҷо, аз як нуқтаи назар худи принсипи озодии шартнома бо назардошти рафтори нек муқаррар карда шуда, қонунгузор аз он бармеояд, ки ҳангоми бастани шартнома тарафҳо бо назардошти қонеъ намудани манфиатҳои қонунии худ мазмуни шартномаро муқаррар ва онҳоро иҷро менамоянд. Пас, қонунгузор бо муқаррар намудани принсипи мазкур дар маҷмуъ аз нек будани ҳам пиндору ҳам рафтори тарафҳои шартнома баромада, ҷиҳати пешгирӣ намудан ва роҳ надодан ба ҳолатҳои вайрон шудани ин арзишҳои ҳуқуқӣ меъёрҳои императивиро муқаррар менамояд ва дар ҳолати ба назар нагирифтани ин меъёрҳо, шартномаи ба расмият даровардашуда оқибатҳои беэътибориро ба миён хоҳад овард (моддаҳои 181 ва 182 КМ).

Принсипи дигари асосии қонунгузории маданӣ ин дахлнопазирии моликият мебошад, ки он аз муқаррароти меъёри конститутсионӣ оид ба ҳуқуқи ҳар кас ба моликият (моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) сарчашма мегирад. Қобили зикр аст, ки муқаррароти моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба моликиятро дарҷ намуда, аз муқаррароти маданӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи

моликият васеъ мебошад. Зеро, объектҳои ҳуқуқ ба моликият дар маънои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ (тибқи моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) тамоми молу мулк, аз ҷумла тамоми ашёҳо, ҳуқуқҳои молу мулкӣ, ки субъект дорад, эътироф шуда, объектҳои ин ҳуқуқ дар маънои маданӣ-ҳуқуқӣ бошанд ашёҳое, ки ба субъект дар ҳуқуқи моликият тааллуқ доранд, баромад менамоянд. Аз ин лиҳоз, принсипи дахлнопазирии моликият чун принсипи қонунгузории маданӣ маҳз дахлнопазирии моликият – ашёро дар бар гирифта, масалан нисбати ҳуқуқҳои молумулкӣ моҳиятан татбиқ шуда наметавонад.

Принсипи мазкур аз як нуқтаи назар танҳо фарогири объекти ҳуқуқ – моликият (ашё) буда, аммо дар ҳақиқат сухан дар бораи ҳуқуқи моликият, яъне дахлнопазирии ҳуқуқи моликият меравад. Зеро бо вайрон карда шудани дахлнопазирии моликият (ашё), ҳуқуқ ба он поймол карда шуда, ваколатҳои субъект оид ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ кардани ашё (м. 279 КМ) то андозае халалдор карда мешаванд. Бо ин назардошт, тамоми субъектон уҳдадор карда мешаванд, ки моликияти дигар субъектро халалдор ва вайрон накунанд.

Аз ин бармеояд, ки дар заминаи ин принсип низ фалсафаи шиори «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» таҷассум ёфта, моҳият ва мазмуни ҳам принсипи дарҷгардида ва ҳам табиати ҳуқуқии ҳуқуқи моликият, аз ҷумла уҳдадории дигар субъектон оид ба эҳтиром ва вайрон накардани ҳуқуқи моликияти дигар субъект, тақозо менамояд. Зеро маҳз амалӣ намудани ҳуқуқи моликият аз ҷониби худи соҳибмулк танҳо ҷиҳати қонеъ намудани манфиати худ ва бе расонидани зарар ба манфиати дигар субъектон, инчунин уҳдадории тамоми дигар субъектон оид ба худдорӣ намудан аз вайрон намудани дахлнопазирии моликияти соҳибҳуқуқ, ки муҳтавои принсипи мазкурро ташкил медиҳад, заминаи асосии худро аз рафтори нек мегирад.

Дар маҷмуъ, маълум мегардад, ки дар принсипҳои асосии дарҷгардидаи қонунгузории маданӣ ва умуман дигар принсипҳои асосии қонунгузории маданӣ моҳият, табиати ҳуқуқӣ ва фалсафаи шиори «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» таҷассум ёфта, тамоми принсипҳои асосии қонунгузории маданӣ дар шаклу тобишҳои гуногун моҳият ва мазмуни онро таҷассум менамоянд.

Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки агар принсипҳои асосии қонунгузории мадании муосир, ки сарчашмаи худро аз дигар қонунгузории давлатҳои пешрафта ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мегиранд, моҳиятан ва мазмунан шиори «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек»-ро таҷассум намоянд, пас заминаи ин қонунгузориҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ арзиши миллии ҳуқуқӣ – «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» баромад менамояд, ки боиси ифтихор мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сулаймонов Ф.С.**

# ТАЛАБОТ БА МАҚОЛАҲОЕ, КИ БАРОИ НАШР ДАР МАҶАЛЛАИ «ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН» ПЕШНИҲОД МЕШАВАНД

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, Times New Roman Tj, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);
4) ихтисоси илмӣ (рамз) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
5) насаб, ном ва номи падари роҳбари илмии муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
6) тақриз;
7) насаб, ном ва номи муқарризи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
8) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);
9) калидвожаҳо (даҳ-дувоздаҳ калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
10) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд, масалан*:* Ҳамчуноне ки аз ҷониби Ф.М. Шоев ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Ҳаққи қалам барои чопи мақола пардохт намешавад. Аспирантон барои чопи ройгони мақола ҳуқуқ доранд. Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

• таҷдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҷдид ва нашр);
• паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад. Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйиротҳои вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

## ТРЕБОВАНИЯ, ПРЕДЪЯВЛЯЕМЫЕ К СТАТЬЯМ ДЛЯ ОПУБЛИКОВАНИЯ В ЖУРНАЛЕ «ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА»

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) название статьи на таджикском, русском и английском языках;
2) фамилия, имя, отчество автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
3) контактные данные (мобильный телефон и электронный адрес автора);
4) научная специальность (шрифт) на таджикском, русском и английском языках;
5) фамилия, имя, отчество научного руководителя автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
6) рецензия;
7) фамилия, имя, отчество рецензента статьи на таджикском, русском и английском языках;
8) аннотации на таджикском, русском и английском языках (каждая до 500 знаков, включая пробелы, точки и запятые);
9) ключевые слова (десять-двенадцать основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на таджикском, русском и английском языках;
10) Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: Как указано Ф.М. Шоевым, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

• воспроизведение статьи (право на воспроизведение);

• распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

Ба матбаа 26.09.2025 супорида шуд.
Ба чопаш 02.10.2025 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60х84 1/8. Ҷузъи чопӣ 35,25.
Супориши № 3. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Буни Ҳисорак бинои 14.